# АХТАРОНИ АДАБ

36

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ
50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН
АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Шамсиддин Орумбекзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Гулназар*
*Сахидод Раҳматуллозода*
*Гурез Сафар*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Абдураҳмон Абдуманнон*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Аламхон Кӯчаров*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

ТОЛИБИ ОМУЛӢ
КАЛИМИ КОШОНӢ
ШАВКАТИ БУХОРОӢ
ҒАНИИ КАШМИРӢ

# ЧАҲОРБОҒИ ҒАЗАЛ

Душанбе
«Адиб»
2018

ББК 84 Тоҷик 7-5
Т-38

Таҳияву тадвини матн
бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти
*Алии Муҳаммадии Ҳуросонӣ*

Муҳаррир *Муҳтарам Ҳотам*

Т-38 **Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ,**
**Шавкати Бухорой, Ғании Кашмирӣ.**
**Чаҳорбоғи ғазал.** –Душанбе, «Адиб», 2018. – 480 саҳ.

ISBN 978-99947-2-543-4

© Нашриёти «Адиб», 2018

# АЗ ҒАЗАЛИЁТИ ТОЛИБИ ОМУЛӢ

## БУЛБУЛИ ОМУЛ

Муҳаммад Толиби Омулӣ аз суханварони хушбаёни охирҳои асри XVI ва нимаи аввали асри XVII форсии тоҷикӣ будa, дар ҳудуди соли 996 ҳиҷрӣ, баробар ба соли 1580 мелодӣ, дар Омули музофоти Мозандарони Эрон по ба арсаи ҳаёт гузоштааст. Вай дар ашъораш аз зодгоҳи худ ёд карда мегӯяд:

*Навои булбули Шероз бар гӯшам гарон омад,*
*Ки дар гулшан чу Толиб андалеби Омулӣ дорам.*

Номаш Муҳаммад ва мутахаллис ба Ошӯбу Булбули Омул мебошад. Даврони тифлӣ ва мактабхонии ӯ дар оғӯши волидайни меҳрбон ва зодгоҳи ҷаннатмакон гузаштааст. Толиб фарогири илмҳои замон, монанди ҳандаса, мантиқ, ҳайат, ҳикмат ва зиёда аз ҳама хушнависӣ гардида, аз кӯдакӣ илми бадеъро бо нозукиҳояш азбар менамояд ва табъи худодод мавсуфро ба гуфтани шеър ва суханварӣ во медорад. Азбар намудани забони арабӣ барояш аз машғулиятҳои ҳамешагӣ буд. «Бо бештари улум ва фунуни замон ороста буд», – менависад тазкиранигор Ҳусайнкулихони Азимободӣ.

Шароити хонаводагӣ, камбағалӣ ва тангдастӣ сабаб мешаванд, ки Толиби Омулӣ ҷилои ватан намояд. Вай рӯзгоре чанд дар Кошон, Исфаҳон, Марв ва Хуросон ба сар мебарад ва бо ду қасидаи мадҳия ба Аббоси I (1587-1624) муроҷиат менамояду вориди Исфаҳон, ки пойтахти шоҳи мазкур буд,

мегардад. Аббоси Сафавӣ бошад ба ӯ ва қасидаҳояш таваҷҷуҳи андаке ҳам зоҳир наменамояд. Шоир аз Исфаҳон ба Машҳад ва аз он ҷо баъд аз муддате ба Марв рафта, ба дарбори ҳокими он ҷо Бектошхон роҳ меёбад ва соҳиби эҳтиром мегардад. Бо вуҷуди ин Толиб дар замири дили худ ҳамеша орзуи дидани Ҳиндустонро мепарварид. Зеро вай монанди бисёр шоирони аҳди Сафавия Ҳиндустонро маҳалли нашъу намои ҳунармандон ва суханварон мешуморид. Шоир баъди ду сол бо баҳонаи он ки ба зодгоҳаш Омул бармегардад, бо маснавии «Сӯзу гудоз» ба ҳокими Марв муроҷиат намуда, аз ӯ иҷозати ба ватан баргаштанро мепурсад ва ҷавоби мусбат ҳам мегирад. Тибқи маълумоти мавҷуда Толиб ба Омул нарафта, сафари худро ба ҷониби Ҳиндустон идома медиҳад ва дар андак муддат аз шаҳрҳои Деҳлӣ, Лоҳур, Синд, Мултони Ҳиндустон дидан карда, сипас ба Қандаҳор меояд. Ҳокими ин шаҳр Мирзо Ғозибеки Тархон, ки худ аз аҳли илму фарҳанг ва, гузашта аз ин, шоирпеша буд, Толиби Омулиро хуш қабул менамояд ва барояш шароити мувофиқи эҷодӣ муҳайё месозад. Шуҳрати Толиби Омулӣ рӯз аз рӯз боло ва овозааш то ба дарбори Ҷаҳонгиршоҳ (замони ҳукмрониаш солҳои 4005-1628 мелодӣ) мерасад. Вай бо дастгириву мадади садри аъзам ва падарзани Ҷаҳонгир Эътимодуддавла ба дарбор роҳ ёфта, дар Деҳлӣ то ба мансаби баланди Маликушшуаройӣ сазовор мегардад. Толиб чун бо ранҷу заҳмати рӯзгор ва сухангустарии устувор ба орзуи худ расида буд, «ҳамвора хушҳол ва мавоҷиби ҳаракоту саканоти худ буд»:

*Толиб зи шавқи базми Ҷаҳонгирподшоҳ*
*Фарсангҳо ба дида навардида омадам.*

Толиб дар мадҳи Ҷаҳонгиршоҳ ва Эътимодуддавла қасоиди зиёде дорад, ки дар куллиёташ забту сабт гардидаанд.

Охири умри Толиби Омулӣ дар Фотеҳпур – Сукрии Кашмир мегузараду вай соли 1036 ҳ.қ., баробар ба соли 1624 мелодӣ, дар он ҷо чашм аз олам мепӯшад ва ҷисмашро ҳамон ҷо ба хок месупоранд. Таърихи фавти ӯро муаллифи китоби «Дувист суханвар» ё «Тазкирату-ш-шуарои манзум ва мансур» Назмии Табрезӣ ин тавр рақам зада:

*Шеъри шевои Толиби Омул*
*Мекашад ақлро ба ҳайронӣ.*
*Он ки дар гӯши аҳли маънӣ буд*
*Нойи ӯро навои рӯҳонӣ.*
*Кас нашуд дар қасида монандаш,*
*Кас нашуд дар ғазал бад-ӯ сонӣ.*
*Ёфт дар мулки нуктапардозӣ*
*Рутбаи сарварию султонӣ.*
*Дигареро нашуд маҷоли сухан,*
*Ҳар гаҳ ӯ кард хомаҷунбонӣ.*
*Дар фазилат мақоми Толибро*
*Натавон ёфтан ба осонӣ.*
*Ай дареғо, ки дар ҷавонӣ рафт,*
*Аз ҷаҳони сипанҷию фонӣ.*
*Муншии табъи нуктапардозам*
*Кард чун азми гавҳарафшонӣ,*
*Гуфт таърихи он биҳиштмакон:*
*– Ай, ба Толиб биҳишт арзонӣ!*

Ҳаким Рукно, маъруф ба Масеҳи Кошонӣ, дар сӯги ӯ ин рубоиро сурудааст:

*Фарзанди азизу Толиби хешам рафт,*
*З-ин воқеа то чӣ бо дили решам рафт,*
*Ман будаму он азиз дар олами хок,*
*Хокам бар сар, ки он ҳам аз пешам рафт!*

Толиби Омулӣ, хеле барвақт, дар 48-солагӣ, аз олам гузашта бошад ҳам, бо табъи ғарро ва забони гӯё ба мо – баъдинагони ҳамзабонаш ва ҳатто ба ҳамаи дилбохтани назми ҷаҳонгири форситаборон осори зиёди гаронмояи манзум ба мерос гузоштааст. Аҳли таҳқиқ мероси адабии шоирро беш аз 22950 байт баршумурдаанд, ки аз ин адад 13828 байт ғазал (1869 адад), 814 байт қитъа (51 адад), 593 байт таркиббанд (8 адад), маснавиҳои «Сӯзу соз», «Ҷаҳонгирнома» ва «Қазову қадар» 728 байт ва муттабоқӣ қасоиду рубоӣ ва чанд абёти пароканда.

Тавре дида мешавад, дар эҷодиёти Толиби Омулӣ ғазал мавқеи вижа дорад ва ин жанри ғиноии адабиётамон дар сурудаҳои шоир муҳтаво аз ҳаёт гирифта, чун ойинаи муҷалло аксандозӣ менамояд. Ва ин аксандозӣ барои мухлисони асили шеъри шоир аз дида ба дилҳо менишинаду ақлҳоро барои андеша такон медиҳад ва дар замири худ ишқ, мардӣ, олиҳимматӣ, одоб, хулқу атвори писандидаи ҷомеа, дӯстию рафоқат ва ғайраро талқин месозад. Дар ин ойина дар баробари покизагиву иффатро дарёфтану аз он пайгирӣ кардан, боз пастфитратӣ, бадахлоқӣ, ҳамоқату разолати баъзе афроди ҷомеа рӯ мезанад, ки суханвари асил онҳоро маҳкум менамояд.

Шикоят аз замон ва нобасомониҳои он аз ҷанбаҳои дигари муҳтавои ғазалиёти шоир аст, ки дар ин раванд ӯ ҳамоно худро давомдиҳандаи ғазалсароёни пешин муаррифӣ мекунад ва ошуфтаҳолона мегӯяд:

*Дар ҷаҳоне зодаам, к-он ҷо зи шодӣ ном нест,*
*Қосидони айшро сӯйи диле пайғом нест.*

Дар ҳамин замина абёте чанд, ки дар зер иқтибос мегардад, ҳоҷат ба шарҳ надоранд:

*Поктинат агар аз хок ба афлок расад.*
*Равиш аз каф надиҳад, вазъ дигаргун накунад.*

* * *

*Бозуи ислом рӯзе буд боқувват, кунун*
*Такяи мӯре ба девори мусулмонӣ мабод.*

* * *

*Худфурӯшон ҳама дар гармии бозори худанд,*
*Кори динро ҳама бигзошта, дар кори худанд.*

* * *

*Дило, чу кор гузашт аз даво, ба дард бисоз*
*Ки набзи мурда ба дасти табиб натвон дод.*

Ва Толиби Омулӣ инсони поксириштро сутуда мегӯяд:

*Куфр аст дар тариқати мо кина доштан,*
*Ойини мост сина чун ойина доштан.*

Шоири аз зулматистони Эрони замони худ, ки сифлапарвар буд, берун шуда, нашъаи озодию осудагиро дар сарзамини Ҳинд дарёфта, шукрона мегӯяд:

*Шукр, к-аз зулмати андеша наҷотам доданд,*
*Синаи софтар аз Оби Ҳаётам доданд.*

Тавре аз таърихи адабиётамон ва раванди он маълум аст, Толиби Омулӣ вобаста ба тақозои давру замон ва вазъи сиёсиву иҷтимоии он, аз ватан дил кандаву бо саргардониҳо то ба Ҳиндустон расида, ҳамеша кӯшида, ки озодандеш ва вораста аз ҳар гуна таааллуқот бошад. Дар ҳамон давра ин шароит дар зери ливои давлати Темуриёни Ҳинд дар Ҳиндустон равнақ ёфта, дар ин замина дар шеъри форсизабонони Ҳинд сабки Ҳиндӣ нубуғ намуд, ки Толиби Омулӣ яке аз намояндагони шинохтаи он ба шумор меравад. Дар ин ҷодаи душворписанд вай шогирди Соиби Табрезӣ будааст.

Дар ғазалиёти Толиби Омулӣ, вобаста ба сахту муҳтаво ва сабки тозаэҷоди шеърӣ истифодаи забон, услуби баён, корбурди санъатҳои лафзию маънавӣ, симоофариҳои шоирона, зарбулмасалу мақолаҳои халқӣ тавъан ба ҳам омадаанд, ки рангинии эҷодиёти шоирро таъмин карда тавонистаанд.

Ин ҷо барои хонандагони гиромӣ ба умеди баҳраҳои судманд бардоштан аз ғазалиёти Толиби Омулӣ мунтахабан пешкаш мегардад, ки дар заминаи нусахи қаламии дар Маркази мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфузбуда таҳия гардидааст.

* * *

Баски бар бистар гарон шуд ҷисми ғампарварди мо,
Баъди марг аз хок маъшуқона хезад гарди мо.

Мо ба анвори нафас бо субҳ тавъамзодаем,
Базми дилро шамъи кофурист оҳи сарди мо.

Даст бар домони хуршедест моро, к-аз сафар
Нест фориғ лаҳзае чун сайти олам гарди мо.

Он ки бар дебои роҳат по ба истиғно занад,
Кай кунад бистар хасу хори балогустарди мо?!

Сабр домангир шуд в-арна ба андак фурсате,
Турраи ғам дода буд аз каф дили номарди мо.

Ай, ки зеби ҷабҳаи ҳиндунажодон медиҳӣ,
Рӯйи чин дорӣ уруқ бистар зи рӯйи зарди мо.

Мо дари дил бар рухи анфоси Исӣ бастаем,
Барги резони даво кам дида боғи дарди мо.

Бо тани хокӣ зи бас оташмиҷоз афтодаем,
Шуъла бигдозад, агар паҳлу занад бар гарди мо.

Ҳаминони Толиб аз мисри балоғат мерасем,
В-ин ғазал баҳри азизон аст роҳоварди мо.

* * *

Худоё, бар сари ноз ор бо мо каҷкулоҳонро,
Ба сеҳри ғамза бар мо фитна кун ҷодунигоронро.

Биёбони муҳаббат сар кун, ай дил, к-андар ин водӣ
Далели Хизр бинӣ лолаи гумкардадомонро.

Ману шӯхе, ки истиллои ҳуснаш дар сафи маҳшар
Шикоят шукр созад бар забонҳо додхоҳонро.

Сипаҳдори ғамаш бар синаам з-он турктоз орад,
Ки тасхири билод ойин бувад лашкарпаноҳонро.

Ҷигархӯрдан бувад, гар пойи рашке дар миён бошад,
Мулоқоти қависармоягон бедастгоҳонро.

Назокат бо ҳарорат ҷамъ дар хуни шаҳон бингар,
Мураккаб з-оташу гул дон мизоҷи подшоҳонро.

Ману ишқи ту шоху барги як нахлем дар маънӣ,
Бале, хешӣ бувад бо ғамфизоён айшкоҳонро.

Ба гирди шамъ ҷӯши лашкари парвона дидастӣ?
Ба гирди теғи ӯ бингар ҳуҷуми бегуноҳонро

Ба сар чун зарра мерав дар рикоби сарварӣ, Толиб,
Ки як тан бишканад хуршедваш чатри Сипоҳонро.

* * *

Баски вуболи халқ шуд нолаи дардноки мо,
Аксари дӯстон кунанд орзуи ҳалоки мо.

Нест таваҷҷуҳаш ба кас, то чӣ адои зишт шуд,
Боиси саргаронӣ шуд шӯхи карашманоки мо.

Боғи баҳори хешро то ба май об додаем,
Кист хазон, ки тар кунад панҷа зи хуни токи мо.

Чун хасу хори сӯхта дуд бароядаш зи сар,
Оташ агар ба бар кунад пераҳане зи хоки мо.

Монеъи васли мову ғам чанд бувад шукуфтагӣ,
Мо ҳамагӣ ҳалоки ғам, ғам ҳамагӣ ҳалоки мо.

Толиби комҷӯ куҷо навбати хоки мо кунад,
Нест насиби булҳавас рутбаи ишқи поки мо!

* * *

Аз бода барфурӯз рухи шоҳидонаро,
Юсуфнигор кун дару девори хонаро.
Арбоби ваъда гирди рикобат гирифтаанд,
Оташинон масоз саманди баҳонаро.
Мутриб, навои сода кам аз ҳеч навҳа нест,
Марғуларез кун сари зулфи таронаро.
Ошуфтагӣ зиёрати дил мекунад магар?
Бо сунбули ту қурби ҷуворист шонаро!
Он турки маст кист дар омоҷгоҳи ҳусн,
К-аз тири ғамза кард мушаббак нишонаро?!
Гирад нишони саҷдаи рӯҳулқудус лабам,
Чун бӯса бар ҷабин занам он остонаро.
Ҳиммат зи нек ношуданам дар бадӣ фиканд,
Тан дарнадод то бигузинам миёнаро.
Нокарда сайри ғамкада, ё Раб, чӣ гуна сохт
Булбул ба тарҳи хомаи ман ошёнаро?
Мо ҷумла соҳибони забонем, лек ҳаст
Фарқ аз калиди хона калиди хизонаро.
Аз бодпойи саъйи ман, ай дил, бидор даст,
К-ин тавсанест душмани ҷон тозиёнаро.
Бо маҳрамони зулфи туам сина соф нест,
То қатл ҳамраҳам, чӣ насиму чӣ шонаро!
Толиб ҳазор поя ба афтодагӣ фузуд
В-аз каф надод хирагии шоиронаро.

* * *

Хор дар ҷайби гулистон фиканад гулхани мо,
Даста бар нағмаи Довуд занад шевани мо.

Мо, маломатзадагон, офати маҳсули худем,
Хӯшачин барқ ба доман барад аз хирмани мо.

Таъзиятхонаи мо миннати нуре накашад,
Фориғ аз партави хуршед бувад равзани мо.

Дафъи як мӯ аламӣ пайкари мо мумкин нест,
Монеъи тезнигоҳе набувад ҷавшани мо.

Касрати заъф ба ҳаддест, ки натвон фаҳмид,
Тани моро зи яке риштаи пероҳани мо.

Ишқ дар пайкари мо қуввати оҳе нагузошт,
Гӯ, сабук соз дили хеш кунун душмани мо.

Толиб, аз равзани хуршед маҷӯ ҷилваи нур,
Назар андоз ба дагоҳи дили равшани мо.

* * *

Хизр ҳиммат талабад аз дили овораи мо,
Меҳр дарюза кунад нур зи сайёраи мо.

Мо, сабӯҳиталабон сӯфии софинафасем,
Ҷуръа бар субҳ фишонад лаби майхораи мо.

Лонаи мо ба гулӯ хӯшаи Парвин дорад,
Саъйи деҳқон набувад беҳуда дар бораи мо.

Чӣ аҷаб, гар сари ангушт ба бозича занад,
Бар лаби пурхирадаш кӯдаки гаҳвораи мо?

Дида аз шавқ равад чанд қадам ҳамраҳи нур,
Ба гулистони ҷамолаш гаҳи назораи мо.

Шаби мо гуна ба дил кард ҳамоно, к-овард
Қадам аз қир бурун кавкаби сайёраи мо.

Об дар дидаи мо кисвати оташ пӯшад,
Араҳи шуъла занад ҷӯш зи фаввораи мо.

Риштаи муддати умри Хизиру аҳди Масеҳ
Сарфи як бахя шавад дар ҷигари пораи мо.

Кор аз ин турктабибон накушояд Толиб,
Рав, Масеҳе биталаб, то ки кунад чораи мо.

* * *

Шӯри булбул медиҳад ёд аз қадаҳнӯшӣ маро,
Накҳати гул мекунад таклифи беҳушӣ маро.

Ҳар замон бар лаб яке дарёи оташ мениҳам,
Аз қазо имрӯз меояд қадаҳпӯшӣ маро.

Нолаи мурғи чамангумкарда сероҳанг нест,
Вогузоред, ай навосанҷон, ба хомӯшӣ маро.

Чун пару боли самандар хокрӯби оташам,
Нанг меояд ба бӯйи гул ҳамоғӯшӣ маро.

Хорбунро бар гули шамшод ҳадди ҷилва нест,
Аз адаб дур аст бо нахли ту ҳамдӯшӣ маро.

Ҷомаи фатҳ аст бар тан кисвати доғи дилам,
Вожгунбахтам, шугун дорад сияҳпӯшӣ маро.

Номи Толиб бар забонам нагзарад, к-аз бахти бад
Бар фаромӯшӣ наяфзояд фаромӯшӣ маро.

* * *

Ба нигоҳе чу бисӯзанд бутон пайкари мо,
Сурмаи ноз фурӯшанд зи хокистари мо.

Мо мусибатзада мурғони қафасмуштоқем,
Гарди парвона бишӯед зи болу пари мо.

Кавкаби толеъи моро набувад иқболе,
Ҳама бар рӯйи замин сайр кунад ахтари мо.

Дар шабитсони ғамат гар мижжае гарм кунем,
Синаи ханҷари алмос бувад бистари мо.

Таъни мо аҳли ҳавасро мутаассир накунад,
Ғам шавад дар раги ин сангдилон наштари мо.

Толиб, он ғамза агар соқии маҷлис гардад,
Ханда бар соғари хуршед занад соғари мо!

* * *

Шефта шав, дило, яке орази дилфурӯзро,
Рашки ҳаёти Хизр кун зиндагии дурӯзро.

Лаъли карашмасозро чошнии итоб деҳ,
Чини ғазаб зиёда кун абруйи кинатӯзро.

Шуъламиҷоз мутрибо, сахт фусурдахотирам,
Оташи нағма тез кун, соз тамом сӯзро.

Тавсани ҷилваро инон ҷониби бедилон фикан,
Машъали роҳи ваъда кун барқи баҳонасӯзро.

Сина ба шоми бедилон соф намекунад саҳар,
Бо шаби мо адовате ҳаст ҳамеша рӯзро.

Дар дили хеш мехалам ҳар нафасе, ки бо ҷигар
Ҳаст карашмагунае новаки синадӯзро.

Ман ба карам сазо наям, лек ту шахси ҳимматӣ,
Рутбаи офтоб деҳ кирмаки шабфурӯзро.

Ишқ куҷо, ҳавас куҷо, Толиб, аз ин ғалат гузар,
Тафриқа кун яке зи ҳам шаъни палангу юзро.

* * *

Гирад, ки зи гуфтор забони талаби мо,
Қуфле занад андешаи хоҳиш ба лаби мо.

Дар анҷумани лутфу карам фахр намоянд,
Ҳиммат ба тунукрӯйии шахси талаби мо.

Мо, хона зи барқи нафас афрӯхтагонем,
Дар бар накунад хилъати маҳтоб шаби мо.

Он заҳрсириштем, ки дар ғамкадаи ком
Май талх нагардад магар аз ёди лаби мо.

Симои асолат бувад аз носия зоҳир,
Аз ҷабҳаи мо пурс ҳадиси насаби мо.

Гӯ, чарх ба авзои хасон даст маёлой,
Кофист мар ин беадабонро адаби мо.

Ай тухмати чин, баста ба зулфи шаби андӯҳ
Якбора бибин ҷабҳаи субҳи тараби мо.

Толиб, нафасе тоза кун он гоҳ ба оҳанг,
Байте ду бихон з-ин ғазали мунтахаби мо.

* * *

Бигзашт зи мо хандазанон сарвқади мо,
Ку абр, ки дар гиря намояд мадади мо.

Андешаи он ҷилваи мастона фузун сохт,
Бар сояи дунболаравии ӯ ҷасади мо.

Мо, гулханиён сунбулу насрин нашиносем,
Оташ бувад, оташ гули рӯйи сабади мо.

Дар сар ҳаваси афсари Ҷамшед надорем,
Арзонии мо бод кулоҳи намади мо.

Мо-тоифаро аз дузабонӣ хабаре нест,
Дар арзи таманно чӣ яки мо чӣ сади мо!

Саргарм ба меҳри ту зи бас дар таҳи хокем,
Оташкада ояд ба тавофи лаҳади мо.

Тавфи ҳарам аз даст шуд, ай кош, намедошт
Бӯйи санами барҳаманӣ аз самади мо.

Не сарви чаманзоду на шамшоди биҳиштем,
Андешаи ҳамдӯшии ӯ нест ҳади мо.

Ташрифи шаҳодат зи дами теғи ту дорем,
Фарз аст бар арвоҳ тавофи ҷасади мо.

Толиб, дили мо дар гарави ҳуру парӣ нест,
Дӯшизаи маънӣ шуда то номзади мо.

*   *   *

Ай ишқ, гурез аз дили мо
В-ай ғам, гузаре ба манзили мо.

Ай ҳаҷр, мурувват аст, мурдем,
То чанд шиканҷаи дили мо?

Мо қулзуми мавҷхези яъсем,
Киштӣ нарасад ба соҳили мо.

Хирмансӯзони боддастем,
Домони тиҳист ҳосили мо.

Аз шабнами гиря сабз гардад,
Нокошта дона дар гили мо.

Шаҳд аст такаллуми лаби дӯст,
Захм аст табассуми дили мо.

Булбул кунад орзу, ки бошад
Парвонаи шамъи маҳфили мо.

Аз ҳавдаҷи мо зимоми ҳиммат,
Бартофта мири манзили мо.

Дониста магар, ки барнатобад,
Ҳар ноқа шукӯҳи маҳмили мо.

Толиб, раҳи дил ба сар набурдем,
Фарёд зи саъйи коҳили мо.

* * *

Ба тан бӯё кунад гулҳои тасвири ниҳолиро,
Ба по дар ҷунбиш орад хуфтагони нақши қолиро.

Ману андешаи бӯсу канори ӯ, муҳол аст ин,
Магар бинам ба хоб ин орзуҳои хаёлиро.

Туро бояд зи хеш омӯхтан илми вафодорӣ,
Чӣ ҳоҷат бо муаллим соҳибони дарки олиро?

Ҳанӯз андак шууре дорам, ай соқӣ, зи ман магзар,
Ба чашми масти худ таклиф кун ин ҷоми холиро.

Ҳиҷобам ғунчасон дар пардаи номус ғам дорад,
Дареғо, кош мечидам гули беинфиолиро.

Гаҳе абри тару гоҳе тарашшуҳ гунаи борон,
Биё, дар чашми ман бингар ҳавои баршуголиро.

Фалак оҷизписанд афтод, ман ҳам дар мамошоташ,
Татаббуъ мекунам бо шертабъиҳо шиколиро.

Фарангишоҳидонат соқии базманд, ҳон, ай дил,
Санам мегӯву мекаш бодаҳои партуголиро.

Зи мижгони ғизолон хомаҳо сар кардаӣ, Толиб,
Рақам зан бар баёзи дида ин ашъори олиро.

* * *

Ошиқи дардем, пас баред даворо,
Талх месозед коми рағбати моро.
Ай сафи аҳли ҳавас, низоъ надорад,
Оташи моро, гули биҳишти шуморо.
Чашм напӯшад чӣ сон аз ин дили бешарм,
Он ки рухаш офарида ранги ҳиноро?!
Дар ҳарами зулфи ӯ даромада густох,
Силсила бар по ниҳед боди саборо.
Бар сари кӯйи асар зи шуълаи оҳам,
Бол бисӯзад кабӯтарони дуоро.
Гар кафи хоке-ст ҳаст, бар сари мо рез,
Бо гулу насрин чӣ кор аҳли азоро!
Каъбаравон, поятон зи роҳ фурӯ монд,
Қисмат бар дил кунед обилаҳоро.
Ҳоҷати арзи матои меҳру вафо нест,
Нек шиносем мо турову ту моро.
Чошнии заҳри дардмандии ишқат,
Шарбати бемор сохта хуни шифоро.
Ҷоми май аз каф ниҳодаӣ, аҷаб аз ту,
Ранги шафақро бибину рӯйи ҳаворо.
Бар сари хоки гузаштагон гузаре кун,
Маҳшари ҷон соз турбати шуҳадоро.
Нури хаёлат зи дил ба дида фикандем,
Душмани ҳам сохтем ойинаҳоро.
То ба кафи пойи ӯ ниҳода рух аз рашк,
Ранг наёрам ба чеҳра дид ҳиноро.
Ҷавр макун дар либоси раҳм, ки Толиб
Нек шиносад итобу лутфи шуморо.

*   *   *

Хӯ карда ба афғон дили беҳавсалаи мо,
Номуси вафо бурда забони гилаи мо.

Саршоркуни ҷоми тағофул гунаҳат нест,
Огаҳ наӣ аз нозукии ҳавсалаи мо.

Ҳон, аҳли назар вақти видоъи дилу дин аст,
Юсуф ба харид омада дар қофилаи мо.

Дарде, ки насиме зи гулистони вафо нест,
Бо шӯхпарешони ҳавас деҳ далаи мо!

Мо – фавҷи асирон, сафи ошуфтадилонем,
Ҳо, силсилаи зулфи ту, ҳо, силсилаи мо.

Раҳ бехасу хор аст, мабодо ба кафи по
Носуфта бимонад гуҳари обилаи мо.

Толиб, ғазале сар зада, уммед, ки хубон
Бар ишва нависанд бароти силаи мо.

*  *  *

Мастӣ зи кӯйи ишқ бурун мекашад маро,
Сарпобараҳна сӯйи ҷунун мекашад моро.

Ман худ намеравам зи пайи орзу, вале
Таклифи ин табиати дун мекашад маро.

Ай кош, ҷазби шавқи ту бурқаъ барафканад,
То халқ бингаранд, ки чун мекашад моро.

Ҳар дам мусалласи алами бахти вожгун
Бар лавҳи сина баҳри шугун мекашад маро.

Ман зулфи ёр мекашаму дасти рӯзгор
Мӯйи ҷабин гирифта ба хун мекашад маро.

Ай ишқ, фикри силсилае кун, ки анқариб
Сарриштаи хирад ба ҷунун мекашад маро.

З-он сӯ ҳавас ба сояи ман медиҳад либос,
З-ин сӯ фано зи пӯст бурун мекашад маро.

Толиб, чӣ ҳикмат аст, ки хотир ба рангу бӯй
Ҳаргиз намекашид, кунун мекашад маро.

* * *

То чанд биковам дили ғампешаи худро,
Ништаркада созам раги андешаи худро.
Фарҳодаму андешаи Ширин ба сар, аммо
Олуда ба ҷуз дил накунам тешаи худро.
Мастам зи шаробе, ки агар ҷӯш барорад
Фавvораи симоб кунад шишаи худро.
Он шӯхниҳолам, ки гарам барканӣ аз ҷой
Бар сатҳи ҳаво сабз кунам решаи худро.
Толиб, зи ту кас навбари осеб накарда-ст,
Барқӣ ҳама тан, лек хасӣ бешаи худро.

* * *

Бо чу ман шефтае кинаи афлок чаро?
Хасмиву хирмани оташ ба кафи хок чаро?
Синаамро буни ҳар мӯй ҳилолистонест,
Бар чунин сина шабохун задани чок чаро?
Мо, ки хурсанд ба побӯси рикобе бошем,
Ай инонтофабахт, ин ҳама имсок чаро?
Гар қафо хӯрдаӣ аз шуъла чу гул чандон нест,
Захм бардоштан аз силии хошок чаро?
Ман, ки сар бар кафи таслим ниҳам чун хуршед,
Дигар аз зарравуҷудони ҷаҳон бок чаро?
Толиб, аз нуқси туаш рафъи гумоне ғараз аст,
Рамз ноёфтанат бо ҳама идрок чаро?

* * *

Беҳ, ки имшаб посбони дида созам хобро,
Нағма гардам, нохуне бар дил занам аҳбобро.

Нури маҳро чеҳра гардолуд мебинам, куҷост
Партави рӯйе, ки ороиш кунам маҳтобро?

Чашмзахме хӯрд бар бетобиям, ҳайф, арна ман
Изтироби набз меомӯхтам симобро.

Фарши роҳат хасмие бо паҳлуи решам надошт,
Бесабаб дар хун нишондам бистари санҷобро.

Хок бар бистар, намак бар захми паҳлу рехтам,
Баҳри осоиш муҳайё сохтам асбобро.

Хӯйи гарми шуъла сардӣ барнатобад зинҳор,
Рух нашӯйӣ, то ба сад оташ нашӯйӣ обро.

То ба ҳадде ишқбози нағмаам, к-аз баъди марг
Мезанам мастона бар тори кафан мизробро.

Толиб, ин беэътидолӣ лозими табъи ман аст,
Бесабаб бадном месозам шароби нобро.

* * *

Ғуборе мерасад з-он раҳгузар, ай дида, ҷо бикшо,
Бурун кун сурмаро аз хона, ҷойи тӯтиё бикшо.

Ту натвонӣ кушуд, ай шона, густохона зулфи ӯ,
Биё, боре ба бӯйи зулфи ӯ зулфи сабо бикшо.

Зи кори некбахтон, ай фалак, сад уқда бикшудӣ,
Саду як бош, гӯ, як уқда ҳам аз кори мо бикшо.

Занад лофи сафоӣ сина то кай, субҳдам то кай?
Ҷаҳон дар чашми ошиқ тира шуд, банди қабо бикшо!

Шикори афъии зулфи туям, ай анбаринкокул,
Наҳанги теғ бар мо гӯ, даҳан чун аждаҳо бикшо.

Ба нохун ҳасратам сад чашма хун аз дил кушуд, ай рам
Ту ҳам гар ғайрате дорӣ, биё, бикшо, биё, бикшо!

Ҷаҳон аз ашку оҳам боғи ризвон гашта, ай ҳамдам,
Агар хоҳӣ кушудан, дил дар ин обу ҳаво бикшо.

Дари файзи саҳар боз аст, маншин беталаб, ай дил,
Гулафшони аҷобат бину домони дуо бикшо.

На дар гулшан гуле пажмурдаву не булбуле мурда,
Кӣ гуфт: – Ин шохи сунбулмӯй чун аҳли азо бикшо!

Надидӣ гар муҳите дар либоси қатрае, Толиб,
Назар бар шахси диниш орифулисломи мо бикшо!

* * *

Хуш дархур аст вақти саволу ҷавобҳо,
Аз ёр лутфҳову зи мо изтиробҳо.

Бо он ки дину дил зи кафам бурд беҳисоб,
Дорад ҳанӯз ишқи ту бо ман ҳисобҳо.

Ай хуррам он касон, ки ба роҳи ту мехуранд
Шаб гардҳои ғурбату рӯз офтобҳо.

Аз ман кунед нусхаи девонагӣ талаб,
К-аз дафтари ҷунун задаам интихобҳо.

Ай ёди он ки шаб, ҳама шаб, масти иштиёқ
Медид дидаам ба хаёли ту хобҳо.

Бар пераҳан фишон арақи дил, ки беҳтар аст
Бӯйи гулоби ғунча зи дигар гулобҳо.

Дорад табассуми ту даҳонҳои хунчакон,
Он миннате, ки дошт намак бар кабобҳо.

Толиб, зи илми меҳру вафо дам мазан, ки мо
Тасниф кардаем дар ин фан китобҳо.

* * *

Ай ба сӯят ақлро андозҳо,
Дар ҳавоят ҳушро парвозҳо.
Оташам дар пардаи дил зан, ки ҳаст
Сӯзҳоро нисбате бо созҳо.
Тавфи аҳли Каъба дидӣ, ҳон бибин
Гирди чашмонаш тавофи нозҳо.
Бурдаам дар кишвари зулфе ба сар,
Мӯ ба мӯям дида дастандозҳо.
Гарчи не болест маро, не паре,
Мекунемаш гирди сар парвозҳо.
Мутрибу булбул ҳамешон нисбат аст,
Созҳо хешанд бо овозҳо.
Гарди ғам саъди фиғонам шуд, бале,
Сурмаро ҷанг аст бо овозҳо.
Парда чун масте барандозад зи дил,
Бар забонҳо бехуд ояд розҳо.
То ҳаво гирад суйи мо он тазарв,
Шоҳбозони назар, парвозҳо!
Дар назокатхонаи чашмони ёр,
Нозҳо доранд бар ҳам нозҳо.
Толиб аз чашму лаби он фитна гашт
Сеҳрҳо ҳамсоя бо эъҷозҳо.

*  *  *

Сайри гулзори ҳавас ҳабси нафас бошад маро,
З-он ки боғи дилкушои ман қафас бошад маро.

Бо вуҷуди ишқ дар чашмам ҳавасро бор нест,
То бувад гул, кай назар бо хору хас бошад маро.

Ҳарчи меояд, ба тороҷи таваккул медиҳам,
Нестам он кас, ки фикри пешу пас бошад маро.

Як сафар гар иттифоқ афтад маро дар баҳри ишқ,
Он қадар гавҳар ба даст орам, ки бас бошад маро,

Бар тан аз заъфам наяфтад партави хуршед, агар
Соябоне бар сар аз боли магас бошад маро.

Он арақ гардад зи шарм ин об дар арзи ниёз,
Гар забону дил зи оҳан чун ҷарас бошад маро.

Домани ҳоҷат бари хуршед накшоям зи ор,
Гар ба чизе ҷуз гиребон дастрас бошад маро.

Чун дами дӯзах дами гармам саропо шуъла аст,
Кош ниме отashу ниме нафас бошад маро

Комрас гар нест Толиб, навбарам, маъзур дор,
Рағбате бо меваҳои нимрас бошад маро.

* * *

Ку парешон булбуле, то ҳамнафас бошад маро,
Гаҳ анис дому гаҳ ёри қафас бошад маро.

Пойбӯси ноқа ҳам нуқлест аз хуни висол,
Кош бо маҳмилнишин қурби ҷарас бошад маро.

Булбулам, не зоғ, гулбонги маро ошиқ басест,
Бо чунин фарёд бас фарёдрас бошад маро.

Нестам фориғ чу шамъ аз сӯхтан то зиндаам,
Аввалин ором то охирнафас бошад маро.

Норасобахтам в-агарна ҳимматам кӯтоҳ нест,
Авҷи анқо гирам, ар боли магас бошад маро.

Ман чароғам, куштанамро ҳоҷати шамшер нест,
Метавон афшонд домоне, ки бас бошад маро.

Нимшаь меоям аз гулшан ғазалхон сӯйи шаҳр,
Булбули мастам, чӣ парвои магас бошад маро!

Дарди ӯ, Толиб, аҷаб иоро мувофиқ машраб аст,
То нафас бошад, илоҳӣ, ҳамнафас бошад маро.

* * *

Ай оби рух аз нахли қадат ҷилвагариро,
Парвоз ба болу пари ҳусни ту париро.
Он ҷо, ки тазарви ту ба рафтор дарояд,
Аз шарм замингир кунад кабки дариро.
Бо ҷозибаи шавқи ту монеъ натавон сохт,
Аз тавфи сари кӯйи ту беболупариро.
Аз дур чу бинанд сарон тарҳи кулоҳат,
Бӯсанду ба пойи ту гузоранд сариро.
Аз доруи беҳушии бӯят аҷабе нест,
Гар дил ба қиёмат барад ин бехабариро.
Ҷуз новаки маъшуқ набинам суйи ошиқ,
Мурғе, ки сазовор бувад номабариро.
Ёқутлабон қимати ашкам нашиносанд,
Хуноба шуморанд ақиқи ҷигариро.
Бо нисбати нӯшинлаби лаъли ту расад боз
Бар бодаи ангур шароби шакариро.
Хоки мани дилсӯхта хокистари гарм аст,
Тарсам қадам озурда кунад раҳгузареро.
Бегонаи завқ аст дар он силсила Маҷнун,
Ман донаму ман лаззати беповусариро.
Дил меравад аз хеш, табу тобаш аз он аст,
Оре, набувад хотири ҷамъе сафариро.
Дар ҳалқаи зулфаш хабар аз шона нагӯед,
Ошуфта масозед насими саҳариро.
Ё Раб, майи хоҳиш ҳама дар соғари ӯ бод,
То чарх сазовор бувад шишагариро.
Толиб ба ғазал чошнии мадҳ даромез,
То чарх бувад қиблаи соҳибназариро.

* * *

Аз лаб нарафт мояи талхӣ фурӯ маро,
Чун устухон бимонда гираҳ дар гулӯ маро.

Комам рухи ту дидану дар хун тапидан аст,
Дар дил, мабод, бишканӣ ин орзу маро.

Сайди латофатам чу мизоҷи гулу насим,
Гар гул шавам, аҷаб, ки намоянд бӯ маро.

Шодӣ чу анкабут накардам, танида тор,
Ай вой, гар ғами ту гузорад ба ӯ маро.

Ай шона, қисмате ба ту додем, дарпазир,
Кокул туро, абир саборову ӯ маро.

Сайд ар манам, ба дому каманд эҳтиёҷ нест,
Битвон асир кард ба як тори мӯ маро!

Ман сурхрӯ барояму ӯ ҳам, чӣ ҳикмат аст?
Бо теғи ӯ аҷал чу кунад рӯ ба рӯ маро.

Ай заҳри ғам, хуш омадаӣ дар мазоқи ман,
Ҳошо, ки бе ту об равад дар гулӯ маро.

Хокам хамирмояи меҳру муҳаббат аст,
Ҳой, ай сабо, бибар ба сари кӯйи ӯ маро.

Хӯкардаи ғамам, маталаб Толибам ба айш,
Куфр аст тарки тоату тағйири хӯ маро.

* * *

Дил ба завқи «Нағмаи Довуд» менолад маро,
Тори пероҳан чу тори уд менолад маро.

Удро менолад аз дарди дарун боре зи бас,
Дарди ман бингар, ки тору пур менолад маро.

Бо вуҷуди он ки дар андӯҳ кӯҳи тоқатам,
Дил зи бас нозук бувад, аз руд менолад маро.

З-он нигаҳ сӯроххо дар устухон дорам чу най,
З-он сабаб аъзои дардорлуд менолад маро.

Толиб, имшаб вой бар ҳамсоя, к-аз дарди фироқ
Мӯ ба мӯ ин ҷисми ғамфарсуд менолад маро.

* * *

Мастона раҳи майкада тай мекунам имшаб,
Парвоз ба болу пари май мекунам имшаб.
Ҳар чашм задан дар пайи он гавҳари ноёб
Сад баҳр ба пойи мижа тай мекунам имшаб.
То номаи булбул набарад ҷониби гулзор,
Гар пайки насим аст, ки пай мекунам имшаб.
Дар мадди назар ҳам гулу ҳам чеҳраи соқист,
Гаҳ рӯ ба гулу гоҳ ба вай мекунам имшаб.
Махмураму паймонаи сад умри адабро
Табдил ба як соғари май мекунам имшаб.
Ӯ масти шакархобу ман аз нолаи ҷонсӯз,
Майҳо ҳама дар нохуни най мекунам имшаб.
Май мешавад аз ёди лаби рӯҳмизоҷат
В-он гоҳ суроғи рагу пай мекунам имшаб.
Бо ин нафаси сард чу менолам аз айём,
Гар фасли баҳор аст, ки дай мекунам имшаб.
Пирони ҷаҳонро чу асо бодаи ноб аст,
Ман низ яке такя ба най мекунам шаб.
Хобе, ки ба субҳи азалам гашта фаромӯш,
Таъбир бигӯям, ба ту кай мекунам имшаб?!
Ҳарфе ба лаби ҷуди ту меорам аз рашк
Хун дар ҷигари Ҳотами Тай мекунам имшаб.
Аз хоки раҳи хони ҷавонбахт чу Толиб
Сар номзади афсари Кай мекунам имшаб!

* * *

Дар оғӯшам гуле дӯшина ҷо дошт,
Ки ҳар баргаш баҳоре рӯнамо дошт.

Ба шамъе ҳамнишин будам шаби дӯш,
Ки чун хуршеду маҳ парвонаҳо дошт.

Нигоре, к-аз ғубори домани зулф
Абири фитна дар ҷайби сабо дошт.

Парешон сунбуле, к-аз тори ҳар мӯй
Ҳазор оҳуи чинро хунбаҳо дошт.

Ба дасте дастаи гул дошт чун субҳ,
Ба дасте домани зулфи дуто дошт.

Ба неъматхонаи васлаш, ки хуршед
Дар ӯ коми ҳаловат ошно дошт.

Забонам сер буд аз гуфтугӯ, лек
Лабам дар бӯса хӯрдан иштиҳо дошт.

Булӯрин соиде, к-аз хуни уммед
Кафаш бӯйи гулу ранги ҳино дошт.

Ҳарифаш бар тан аз оби назокат
Чу хоро сар ба сар мавҷу сафо дошт.

Рухаш, к-аз боғи шӯхӣ навгуле буд,
Ниқоб аз пардаи чашми ҳаё дошт.

Ба теғи ғамза аз хайли шаҳидон
Ба ҳар сӯ Карбало дар Карбало дошт.

Зи чини тура бар соқи нигорин
Чу бахтам анбарин халхолҳо дошт.

На бар ойини хубон, чашми бад дур,
Гули аҳдаш насиме аз вафо дошт.

Ҳазорон шеваи бегонагисӯз
Ниҳон дар ҳар нигоҳи ошно дошт.

Зи ҷайбаш нур мезад шуъла, гӯйӣ,
Тани ойина дар зери қабо дошт.

Ба наргис шеваҳои ишратафрӯз
Бар абрӯ укдаҳои дилкушо дошт.

Зи гирди доманаш то домани субҳ,
Назар доду ситад бо тӯтиё дошт.

Ба рӯяш мавҷ мезад ҳусн, гӯйӣ,
Гулаш бар чашмаи хуршед ҷо дошт.

Сухан кӯтаҳ, зи боғи шева ҳар гул,
Ки бар каф дошт, хотирхоҳи мо дошт.

Ба чашми Толиб он оташ саропой,
Чу оби рӯйи гул мавҷи сафо дошт.

* * *

Манам, ки тоири шавқам баландпарвоз аст,
Дари дилам чу дари файз муттасил боз аст.

Баёни нолаи ман мебарад, зиҳӣ тавфиқ,
Ба ҳар чаман, ки яке булбули хушовоз аст.

Садафшикасти худам чун садаф зи бими сипеҳр
В-агарна гавҳарам аз офтоб мумтоз аст.

Забон ба таънаи кӯтаҳкамандиям макшой,
Ки сайди лангари аршам каминаандоз аст.

Хазинадори гуҳарҳои рози худ мебош,
Ки соя ҳам ба забони бурида ғаммоз аст.

Чӣ фитнаҳо, ки ба ҳар гӯша нест дар таку тоз,
Ба наргиси ту, ки майдони ишваву ноз аст!

Ба зери нохуни ғам хунчакон дилест маро,
Тамом нола чу абрешиме, ки дар соз аст.

Чу кабк ханда ба лаб дораму зи доғ маро
Даруни сина чу беруни синаам боз аст.

Раҳини хомушии Урфиям, зиҳӣ инсоф,
Ки дар замони манаш муҳр бар лаби роз аст.

Бале, чу Булбули Омул шавад таронасарой,
Чӣ ҷойи замзамаи андалеби Шероз аст?!

*   *   *

Ошиқонро бар ҳарири ноз хуфтан расм нест,
Май задан ойини нав, гул-гул шукуфтан расм нест.

Мо, сафи мушкилписандонро ба чашми эътибор
Гавҳаре ҷуз гавҳари андӯҳ суфтан расм нест.

То бувад паҳлуталаб хоре ба дашти изтироб,
Ҳамчу гул бар бистари ором хуфтан расм нест.

Лахти дил зинҳор аз мижгон марӯб, ай остин,
К-аз рухи фарши чаман гулбарг руфтан расм нест.

Мезанад ҳар зарра дастоне, ки меҳри офтоб
Ғолибан рози муҳаббатро нуҳуфтан расм нест.

Рух матоб аз шоҳиди май, шарм дор аз навбаҳор,
Дар чунин мавсим талоқи айш гуфтан расм нест.

Ғунча чун болу пар афшонад, ки дар гулзори мо
Ғунчаи минқори булбулро шукуфтан расм нест.

Хушдилеро азл кун, Толиб, ки дар девони ишқ,
Ҳашв гуфтан тарз не, ҳазён шукуфтан расм нест.

* * *

Зулфат чу пайи итоб бишкаст,
Дар чашми ситеза хоб бишкаст.

Ҳусни ту намуд зӯри бозу,
Сарпанҷаи офтоб бишкаст.

Чашми ту пиёлаҳои мастӣ
Як-як ба сари шароб бишкаст.

Фарёд, ки чеҳраи маро ранг
Дар майкадаи ҳиҷоб бишкаст.

Ойинаи дил чунон тунук шуд,
К-аз партави офтоб бишкаст.

Соқӣ, зи карашма дод натвон
Ҷоме, ки тунукшароб бишкаст.

Толиб, дили мо зи дурии ҷом
Чун бар сари май ҳубоб бишкаст.

* * *

Ҳар насимеро, ки дар дил ёд зулфи ӯ гузашт,
Тухми сунбул гашт, то як ҳафта аз ҳар сӯ гузашт.
Сурма бе дунболакаш бар наргиси дунболадор,
Гӯшаи чашме, ки он аз гӯшаи абрӯ гузашт.
Баски ҳар рухсораи ӯ дошт тире дар камол,
Маҳ зираҳ пӯшида аз наздикии он кӯ гузашт.
Ҳар киро ангушт бар бодоми чашми мо расид,
Ранги уннобаш зи соид, балки аз бозу гузашт.
Раҳм кун, савдои мо бечорагон барҳам мазан,
Метавон охир ба ҷоне аз сари як мӯ гузашт.
Бошад аз паҳлӯи ӯ мумкин гузори бедилон,
Шуъларо гар пунба мебитвонад аз паҳлӯ гузашт.
Ҷӯйи заҳре, к-аз лаби ин ташна гардад шуъланок,
Бод натвонад ба тамкин аз лаби он ҷӯ гузашт.
Дасти ҳуснаш чун ба по андохт зулфи анбарин,
Домани зулф омаду аз домани гесӯ гузашт.
Бахяе аз захми дил бикшуд то огаҳ шудам,
Ҳамнишинро оби шамшер аз сари зону гузашт.
Дархури назми ту, Толиб, нақди ҷон афшондааст,
Кори таҳсин аз адои гӯшаи абрӯ гузашт.
Меҷаҳад фаввораи мушк аз шикофи хомаат,
То чӣ боди анбарин бар нофи ин оҳу гузашт!

* * *

Бе ту базми шароб бенамак аст,
Намаки хӯрду хоб бенамак аст.

Бе шакархандаи туам ба мазоқ
Байзаи офтоб бенамак аст.

Бе ту баръакси хоҳишам майи ноб
Намакину кабоб бенамак аст.

Шӯхтабъони риндро ба мазоқ
Дасти бахти ҳиҷоб бенамак аст.

Хомушӣ нест холӣ аз намаке,
Лек вақти ҷавоб бенамак аст.

Намакин аст майпарастӣ, лек
Ҷуз ба аҳди шубоб бенамак аст.

Бетакаллуф шаби фироқи ту марг
Намакин асту хоб бенамак аст.

Базм рангин кун аз ҷавоҳири илм,
Маҷлиси бекитоб бенамак аст.

Набзи симоб нестӣ, Толиб,
Бесабаб изтироб бенамак аст.

* * *

Баҳор омад, ки гардад ҷисму ҷон маст,
Шавад дил маст, чун булбул забон маст.

Баҳор омад, ки аз бӯйи гулу май
Замин беҳуш гардад, осмон маст.

Чаро мастона меғалтад ба ҳар сӯй,
Ба ҷадвал нест гар оби равон маст?

Аз он паймона, к-омад аввалин давр,
Зи камзарфӣ шудам аз бӯйи он маст.

Нашуд тағйир дар кайфиятам ҳеч,
Ҳамон мастам, ҳамон мастам, ҳамон маст.

Чу бар мастон набошад ҳеч таклиф,
Чаро Толиб набошад ҷовидон маст?

Шавам бориғ зи пурсиш, гар малоик
Ба он олам барандам з-ин ҷаҳон маст,

Чу май дар гардиш орад соқии мо,
Кунад кавнайнро дар як замон маст.

Замони мастии булбул баҳор аст,
Ту чун Толиб шудӣ фасли хазон маст!

* * *

Ба ҷонам ҳасрати ҷонон фитода-ст,
Сипандам, оташам дар ҷон фитодаа-ст.
На табхола-ст, к-аз афсуни қатлам,
Бар он лаб сояи дандон фитода-ст.
Зи хун гар пераҳан пӯшад, аҷаб нест,
Диламро кор бо мижгон фитода-ст.
Суханро қимате гар нест, саҳл аст,
Гуҳар дар аҳди мо арзон фитода-ст.
Надорад чора аз таҳрики он зулф,
Сабоpo даст мушкафшон фитода-ст.
Ба бозори рухат аз кисаи чашм,
Диламро маблағе нуқсон фитода-ст.
Туро то гашта кокул бодпаймой,
Сари сад зулф аз сомон фитода-ст.
Гуҳар ёқут гашта ё бар он лаб
Зи хуни ғунча ранги ҷон фитода-ст.
Миёни хат лабаш занбӯри шаҳдест,
Ки дар ҳангомаи мӯрон фитода-ст.
Нашуд маҷрӯҳ дил дар чини он зулф,
Ҳамоно шонаро дандон фитода-ст.
Ҳумоӣ, магзар аз кошонаи ҷуғд,
Чу роҳат бар деҳи вайрон фитода-ст.
Маяфшон ашк, Толиб, к-ин гули тар,
Зи чашми булбули Эрон фитода-ст.

* * *

Дар ҷаҳоне зодаам, к-он ҷо зи шодӣ ном нест,
Қосидони айшро сӯйи диле пайғом нест.

Ҳуш дор, ай мурғи озодӣ, ки дар саҳрои ишқ
Донае, к-ӯро набошад решае, дар дом нест.

Меваи дил сояпарвард аст, з-ӯ ғофил мабош,
Менамояд хом дар чашми ту, аммо хом нест.

Ҳамчу он моҳӣ, ки дар оташ фитад ногаҳ зи об,
Метапам дар хок он соат, ки май дар ҷом нест.

Бо дилам розе ба саргӯшӣ намегӯяд, магар
Нешро дар аҳди он мижгон забон дар ком нест?

Чун диҳем аз равғани бодом тартиби димоғ,
К-андарин кишвар зи шарми чашми ӯ бодом нест!

Некномӣ худ намебошад ба олам, ай рафиқ,
Бас бувад гумноми даҳр он кас, ки ӯ бадном нест.

Он ҳилоли анбарин гар чошт бинмояд тулӯъ,
Рӯзҳо дидор бикшо, эҳтиёҷи шом нест.

Назми рангомези Толибро хирад чун дид, гуфт:
– Нақшбанди ин сухан бе нашъаи илҳом нест.

* * *

Зиндагонии ишқи ӯро тан якеву ҷон сад аст,
Ним дил дар сина, аммо дидаи ҳайрон сад аст.

Ай, ки бемори дилӣ, бишкан қадам дар кӯйи дӯст,
К-андар он дорушшифо як дардро дармон сад аст.

Маргро ҳамсанг бо ҳиҷрон мадон, ай дил, ки ман
Борҳо санҷидаам, мурдан яке, ҳиҷрон сад аст.

Сад нишон аз дил тарошидам ба нохун, чун кунам
Тири бесӯфори мижгони туро пайкон сад аст.

Мояи сад баҳр дар дил дорам аз хуноби талх,
Як танӯр аст ин дили гарму дар ӯ тӯфон сад аст.

Сад шикан дар зулфи ӯ омодаву як дил марост,
Чун кунам, ай дӯстон, Юсуф яке, зиндон сад аст!

З-он хами абрӯ агар сандал ба хун ғалтад, равост,
Ҷойи ҳайрат нест гар як идро қурбон сад аст.

Мезанад мавҷ аз қадамфарсудагон саҳрои ишқ,
Як биёбон асту дар ҳар гӯша саргадон сад аст.

Ғам ба рӯйи ғам нишинад бар дили Толиб мудом,
Кулбаи вайрони ӯро ҳар тараф меҳмон сад аст.

* * *

Гар бисоти ғам фурӯ чинам, дили ношод кист?
В-ар дам аз меҳнат занам, Маҷнун кию Фарҳод кист?

Бикри ишрат бе насиб аз ҷуфт меояд ба чашм,
Кас намедонад арӯси айшро домод кист?

Гӯши дил бар рахнаи девори гулшан неҳ, бибин,
К-аз гурӯҳи булбулон хомуш кӣ, дар фарёд кист?

Ҳар киро бинӣ, дам аз омӯзгорӣ мезанад,
Чун ҳарифон ҷумла шогирданд, пас устод кист?

Парниёни мо палос ояд ба чашми рӯзгор,
Даҳр агар биност, нобинои модарзод кист?

Андалебон лаҳзае, гӯё, замоне хомушанд,
Ҷуз дили ошиқ ба афюни фиғон муътод кист?

Хомии номаҳрамонам муҳр бар лаб мезананд
В-арна мегуфтам дар ин дайри хароб обод кист?

Бори сад гардан ба имое зи дӯши тан фиканд,
Назри дасташ бӯсае дорам, бигӯ, ҷаллод кист?

Чанд гӯйӣ нест Толиб мустаиди тарбият,
Мустаид гар нест, Толиб, соҳибистеъдод кист?

* * *

Туро то кор бо теғозмоист,
Сару танро зи ҳам шавқи ҷудоист.
Надорад тоқати таннозии ишқ,
Чӣ созад ақли мискин, рустоист!
Хумори наргиси нозофаринат
Ниҳон аз халқ дар машқи ҷудоист.
Зиҳӣ толеъ, к-аз он пойи нигорин
Саросар сафҳаи хокам ҳиноист.
Маро дил тира шуд з-он ошнорӯй,
Кӣ гуфта-ст ошно бе рӯшноист?
Шикан гирад, дурустӣ низ бахшад,
Сухан парвардаи нозукадоист.
Диле дорам даруни синаи танг,
Ки ниме муму ниме мӯмиёист.
Ба корам гӯшаи чашме наёмад,
Сияҳбахтам, ки корам сурмасоист.
Хамӯшӣ доди мазлумони ишқ аст,
Навои мурғи бисмил бенавоист.
Ба зулфаш то сабо гардида густох,
Маро чун соя кор ангуштхоист.
Рафиқони мусофир бош, Толиб,
Ки роҳашро ба мақсад ошноист.

* * *

Аз он ба майкадаам лаҳза-лаҳза оҳанг аст,
Ки андалебаму рухсори бода гулранг аст.

Ба ҳайратам, ки шаби тори мо сияҳбахтон
Паланг нест, гар бо ситора дар ҷанг аст?

Ниқоби кавкаби мо абри зулмат аст, бале,
Ғилофи ойинаи бахти ошиқон занг аст.

Шудам, ки дар дили ӯ бигзарам, ба Каъба маро
Фитода раҳ, чӣ кунам, ҳар ду хона ар санг аст?

Сукут лозими шарм аст, то гумон набарӣ,
Ки дастгоҳи сухан тӯтии туро танг аст.

Тариқи нағма чунон рав, ки раҳ ғалат накунӣ,
Агар касе зи ту пурсад, ки ин чӣ оҳанг аст?

Чӣ гуна чок занам ҷайби орзу, ки маро
Зи даст то ба гиребон ҳазор фарсанг аст?!

Чу Толиб аз пайи шуҳрат марав, ки дар маънӣ,
Талош номи асирони ишқро нанг аст.

* * *

Ҳар кучо ашкест, саргардони домони ман аст,
Ҳар кучо чокест, дар сайри гиребони ман аст.

Бо ду олам бениёзӣ зери бори андуҳам,
Миннати ғамҳои олам ҷумла бар ҷони ман аст.

Ғам зи ҳар кас рӯйгардон шуд, ба ман овард рӯй,
Каъбаи андӯҳ, гӯйӣ, байтулэҳзони ман аст.

Бо висоли меҳнат аз роҳат фаромуш кардаам,
Шишаи осудагӣ дар тоқи нисёни ман аст.

Дар либоси осмонӣ осмони меҳнатам,
Дуди дил абри сиёҳу гиря борони ман аст.

Хору зорам, бенасиб аз ҷилваи гулбарги тар,
Лахти дилро гӯшаи чашме ба мижгони ман аст.

Сар ба зери пар кашад андӯҳ дар кошонаам,
Ошёни тоири меҳнат шабистони ман аст.

Ҳусн дарбозад ҷаҳон, чун ман шавам сомонпазир,
Зулфи ин маъшуқ аҳволи парешони ман аст.

Толиби ҳиҷроннасибам, орзуманди висол,
Боғи дил рангин зи ҳасратҳои алвони ман аст.

* * *

Дар води мо бахт мададгор кӣ дида-ст?
Ёрон шакару шир ба ҳам ёр кӣ дида-ст?

Дар кишвари мо – тоифа, к-ошуфтадилонем,
Улфат ба миёни сару дастор кӣ дида-ст?

Бар зулфи ту печида дили обиладорам,
Ҳамсуҳбатии сабҳаву зуннор кӣ дида-ст?

Бар дида зи як мил занад ғайрати ӯ теғ,
Харшеди маро сояи девор кӣ дида-ст?

Дар ҳуққа кӣ дида-ст фалакро гуҳари меҳр,
Дандони садаф дар даҳани мор кӣ дида-ст?

Озурдадилонро ҳазар аз офати он чашм,
Хунхора ба ин мартаба бемор кӣ дида-ст?

Бардӯз даҳони дили озурда, ки имрӯз
Дар шаҳр мунодист, ки ҳушёр кӣ дида-ст?

Толиб, натавон шоириву зуҳд ба ҳам дӯхт,
Ин силсила ҷуз ринди қадаҳхор кӣ дида-ст?

* * *

Ҷунун ба сафшиканӣ, ақл дар сафорист,
Дили канораталаб дар миён тамошоист.
Ба кӯйи ӯ шуҳадо зиндагони хомӯшанд,
Намезананд даму корашон масеҳоист.
Ман аз табассуми ӯ дар намакчаши шакарам,
Сипеҳри бемазаро навбати ҷигархоист.
Фурӯғи чеҳра вуболи дил аст дар хами зулф,
Ки дуздро шаби маҳтоб кор расвоист.
Ду пилки ойина бар ҳам намехӯрад ҳаргиз,
Ба аҳди ҷилваи ӯ дидаам тамошоист.
Ниҳоли ҳусни туро шоху баргу меваву гул
Тариву тозагиву хуррамиву раъноист.
Кунун, ки доғи маро муми равған аст алмос,
Ба бахти ман дару девор дар намаксоист.
Ҳамин манам, ки ба дарё фикандаам дили хеш,
Дигар маломатиёнро сафина дарёист.
Канораҷӯй зи халқам, чунонки дар назарам,
Назар ба кунҷи лаби ёр кунҷи танҳоист.
Ба базми ишқ мабар номи дӯст, ай маҳрам,
Мабод ранги диле бишканад, ки расвоист.
Ба чарх нисбати мо нест ғайр аз ин, Толиб,
Ки мо пиёлакашонему чарх миноист.

* * *

Бозам рух аз пиёла чаман дар чаман шукуфт,
Ҳар мӯйи ман гуле шуду бар рӯйи ман шукуфт.

Бар ҳар замин, ки сарвқади ман қадам ниҳод,
З-он хок даста-даста гулу ёсуман шукуфт.

Бар зулфу оразаш назар азбаски дӯхтам,
Сунбул зи дидаам бидамиду суман шукуфт.

Дар оташам зи ишқи ту хандону тозарӯй,
Ҳамчун гули чароғ, ки дар сӯхтан шукуфт.

Зери лаб аз табассуми ӯ рафт нуктае,
Ногаҳ маро чу ғунча забон дар даҳан шукуфт.

Субҳ аз насими кӯйи ту ҳар мӯй бар танам
Ҳамчун дили ғариб зи бӯйи ватан шукуфт.

Чун тухми лолае, ки бирӯяд ба ҳар баҳор,
Бас доғи тозае, ки зи доғи куҳан шукуфт.

Фарқе миёни бӯйи туву бӯйи ғунча нест,
Гӯйӣ, ки ғунча бо ту ба як пераҳан шукуфт.

Гулро чаман мақоми шукуфтан бувад, бале
Рухсори ӯ гул аст, ки дар анҷуман шукуфт.

Дар навбаҳори адли Ҷаҳонгир подшоҳ
Гулзори табъи Толиби рангинсухан шукуфт.

* * *

Субҳам ба ғаму шом ба кулфат гузарон аст,
Алқисса мадорам ба маломат гузарон аст.

Шояд ба ниҳоят расад ин кулфату андӯҳ,
Навмед наям шукр, ки меҳнат гузарон аст.

Ман оби гилолуд наям ҷӯйи ҷаҳонро,
Ё Раб, ба чӣ умрам ба кудурат гузарон аст?

Ман ҷуз аламу меҳнату андӯҳ надидам,
Хуш умри ҳарифе, ки ба ишрат гузарон аст.

Мушкил, ки занам даст ба домони муроде,
Ман бехабару умр ба ғафлат гузарон аст.

Зоеъ накунам умр ба ҳангомаи авқот,
Он аст ғанимат, ки ба ғафлат гузарон аст.

Толиб, зи дил осуд ғаме бар мани ранҷур,
Ҳар лаҳза чу сад рӯзи қиёмат гузарон аст.

* * *

Дар даври чарх ҷоми ҳарифон тиҳӣ чарост?
Гӯед бо сипеҳр, ки ин кӯтаҳӣ чарост?

Гар давр худ накарда такаллуф ба чашми ёр,
Дар фасли гул пиёлаи наргис тиҳӣ чарост?

Марди тамизи мартабаи хору гул наӣ,
Ай рӯзгор, ин ҳама ноогаҳӣ чарост?

Ай бахт, пур малоф, ки ман шери шарзаам,
Ай шери шарза, бо манат ин рӯбаҳӣ чарост?

Моро ба ними раҳ магузор, ай рафиқи бахт,
Бо ҳамраҳонат ин ҳама ноҳамраҳӣ чарост?

Ай шохи шуъла, гар на зи шамшод рустаӣ,
Ҳайрони ҷилваҳои ту сарви сиҳӣ чарост?

Гар дил зи ёди зулфи ту марҳампазир нест,
Захми синони он мижа рӯ дар беҳӣ чарост?

Чун ибтидои ишқ хушу интиҳо-ш низ,
Беҳуда баҳси мубтадиву мунтаҳӣ чарост?

Толиб, қабули расм намудӣ ба аблаҳӣ,
Паҳлӯ тиҳӣ намуданат аз аблаҳӣ чарост?

* * *

Чун насим аз дари гулзор гузаштему гузашт,
Доманафшон зи гулу хор гузаштему гузашт.

Оҳи мо ҳамдами мо буд дар ин дашти самум,
Ҳама раҳ бар даҳани мор гузаштему гузашт.

Чун дар ифшои рамузе, ки шунидем зи ғайб,
Бими ҷон буд, зи изҳор гузаштему гузашт.

Ҳеч кас ҷурми хамӯшӣ ба лаби мо нагирифт,
Умрҳо шуд, ки зи гуфтор гузаштему гузашт.

Нақди ҳар гавҳари ноёб ба даст овардем
В-он гаҳ аз ҷумла ба як бор гузаштему гузашт.

Дори Мансур пайи ибрати мо буд магар,
Ки чу дидем, зи асрор гузаштему гузашт.

Бигзарад таънаи шайхону муғон аз мо низ,
Мо, ки аз субҳаву зуннор гузаштему гузашт.

Ҳасрати хеч матое ба дили мо нахалид,
Чашм пӯшида зи бозор гузаштему гузашт.

Бигзарад бемазагиҳои сукун бар мо низ,
Мо, ки аз лаззати дидор гузаштему гузашт.

Бар пули тавба намонем муаттал, Толиб,
К-ин сароест, ки сад бор гузаштему гузашт.

* * *

Навгуле дорам, ки сад ойинарӯ ҳайрони ӯст,
Сунбуле дорам, ки сад гул бандаву қурбони ӯст.

Чашми наргис гарчи бар рӯйи суман гардид боз,
Ҳамчу ман ҳайрони пайванди гулу райҳони ӯст.

Чун дилам илми парешонӣ надонад баркамол,
Оқибат шогирди зулфи бесару сомони ӯст.

Аз бурун парвона сӯзад в-аз дарун булбул, бале,
Ҳар киро дардест дар дил, сӯхтан дармони ӯст.

Оламе рӯзихури хуни диланд аз хони ишқ,
Қоф то Қофи ҷаҳон шармандаи эҳсони ӯст.

Дар назарҳо гарчи бевазн аст минои сипеҳр,
Бо дили ошиқ масанҷедаш, ки касри шони ӯст.

Нақши гардунро бисозам маҳв, к-ин холи кабуд
Дар ҳақиқат ёдгори сӯзани мижгони ӯст.

Касби ҳамворӣ кунад гар табъи Толиб, дур нест,
Чун дуруштиҳои хӯйи осмон сӯҳони ӯст.

* * *

Гӯшаи чашми ту нозам, ки ҷаҳон дарҳам аз ӯст,
Фитнае ҳаст агар дар ҳама олам, ҳам аз ӯст.

Олам аз холи кабуди ту сияҳ кард либос,
Ин чӣ нил аст, ки дилҳо ҳама дар мотам аз ӯст?!

Баҳри ислоҳи ҷароҳат накашам нози табиб,
Ҳар чӣ бар синаи ман захм аз ӯ, марҳам аз ӯст.

Миннат аз ақл надорам, ки аламро сабаб аст,
Ҳама тан шукри ҷунунам, ки дилам беғам аз ӯст.

Баъди сад захм, ки бар дил расад аз дӯст маро,
Роҳате гар ба ҷароҳот расад, он ҳам аз ӯст.

Боғи гул тозагӣ аз ашк пазирад, Толиб,
Шодам аз гиря, ки гулзори маро шабнам аз ӯст.

* * *

Офият бор дар ин синаи ранҷур наёфт,
Хушдилӣ ҳалқа дар ин дар заду дастур наёфт.

Ғам саросема басе гашт ба ҳар ҷониб, лек
Роҳи беруншуд аз ин кулбаи бенур наёфт.

Ҷигар аз ковиши он ғамза панохе меҷуст,
Ҳеч ҷо амнтар аз хонаи занбӯр наёфт.

Каъба ҳарчанд зи наздикии дилҳо дам зад,
Рухсати тавфи сари кӯйи ту аз дур наёфт.

Дил пайи касби ҳаво манзарае металабид,
Солҳо гашту равоқе чу дили мӯр наёфт.

Ишқ шамъе ба зиёратгаҳи ҳар болин бурд,
Ҳеч сар комравотар зи сари гӯр наёфт.

Каъба бигзошт дилам, роҳи харобот гирифт,
Чӣ кунад, файзе аз он манзили маъмур наёфт.

Роҳате, к-аз дами теғи ту маро ҳосил гашт,
Захм дар умри худ аз марҳами кофур наёфт.

Ба макидан ҳама худ ком гирифт аз лаби хеш,
Ҳеч тӯтӣ мазае аз шакари шӯр наёфт.

Ҳамчу Толиб хами ҳар нашъаву мастӣ нагирифт,
Ҳар кӣ коми дил аз он наргиси махмур наёфт!

* * *

Чу гулро парда аз рухсор бархост,
Садои бӯса аз гулзор бархост.

Сабо зад оташе бар ҷони булбул,
Ки дуди талхаш аз минқор бархост.

Сабо чун дид, аз дидан фурӯ монд,
Зи ҳар сӯ муждаи дидор бархост.

Сабо дуди дилам сӯйи чаман бурд,
Зи гулшан абри оташбор бархост.

На хор асту на хас, к-аз рашк он рӯй
Ҳама мӯ бар тани гулзор бархост.

Сабук бо дарди ӯ ҳар дил, ки биншаст,
Гарон чун нолаи бемор бархост.

Шабистон чун набошад сард, Толиб,
Ки биншаст офтобу ёр бархост.

* * *

Боз аз табассуме ҷигарам хун намуду рафт,
Теғи карашмаро ба дилам озмуду рафт.

Гуфтам, ки роҳи гиря бибандам, маро зи лутф
Сад чашма хун зи ҳар буни мӯям кушуду рафт.

Наздики ӯ зи хоҳиши марҳам шудам зи дур,
Бар захми ҳасратам намаке чанд суду рафт.

Гуфтам: – Кабоби сӯхтагонро намакчашӣ?
Лахти диле, ки буд, зи дастам рабуду рафт!

Овехтанд сарву гулаш бар нишони ноз,
Нанҳод шоҳидони чаманро вуҷуду рафт.

Гуфтам: – Даме барам бинишин, вақти рафтан аст,
Биншаст ҳамчу оташу бархост зуду рафт.

Бар зориям зи раҳм замоне надод гӯш,
Оҳанги нолае, ки намудам, шунуду рафт.

Толиб, даме чу гул ба канорам нишасту боз
Бархост ҳамчу шуълаву сӯзам фузуду рафт.

* * *

Бозӣ махур, ки оби ҷаҳон ҷуз сароб нест,
Заҳрест дар таровиш аз ин чашма, об нест!

Хубони даҳр мояи ошӯби оламанд,
Ку дилбаре, ки оламе аз вай хароб нест?

Худро ба хоб бурда, гумон, халқ ғофиланд,
К-ин бехудӣ бародари хоб асту хоб нест.

Гомест то ба манзили амни ту, ай рафиқ,
Хоҳӣ расид, ҳоҷати чандин шитоб нест.

Бе лаъли ёр анҷумани айши рӯзгор
Чун базми ишратест, ки дар вай шароб нест.

Селоби ғам, ки силсилаи коинотро
Аз сар гузашта, рахши маро то рикоб нест.

Чун бор дода ҳамчу манеро ба базми ёр,
Гар соя маҳрами ҳарами офтоб нест.

Назми ту ҳаст зевари дурҷи сипеҳру бас,
Гавҳар басест, лек бад-ин обутоб нест.

Толиб, чакидани қаламат ҷумла дилрабост,
Шеъри хуши ту дар гарави интихоб нест.

*  *  *

Зи чашмам то гули ҳасрат ба ҷӯш аст,
Харидори матоам гулфурӯш аст.

Зи бас лахти ҷигар пайваста бар ҳам,
Ту пиндорӣ, ки ҷисмам хирқапӯш аст.

Даме бе гуфтугӯ магзор лабро,
Лаби бегуфтугӯ лаб нест, гӯш аст.

Забон шамъест дар маънӣ сухансӯз,
Забони бесухан шамъи хамӯш аст.

Гуворо соз бар худ талхии дард,
Ки чун гардад гуворо, заҳр нӯш аст.

Нагардад ишқ ҳаргиз дӯст бо ақл,
Бале, беҳушдору хасми ҳуш аст.

Хурӯшон бошу ҷӯшон бош, Толиб,
Ки ошиқро ҳунар ҷӯшу хурӯш аст.

* * *

Ай даври фалак, қисмати шодиву ғам аз туст,
Ман тоби ғами ҳаҷр надорам, карам аз туст!

Ай дил, зи ту дорам гила, аз ғайр чӣ нолам?
Бар ҷони ман ин ҷавру ҷафову ситам аз туст!

Ай бахт, ба рӯям дари шодӣ ту кушодӣ,
Гӯ, чарх ҳамин дар бикушояд, на кам аз туст!

Ай дил, ту далели раҳи бедоди сипеҳрӣ,
Ҷавре, ки ба ман мерасад аз чарх, ҳам аз туст!

Ай ишқ, ту сармояи зулмӣ, дигаре нест,
Айём ба ҷавру ба ҷафо муттаҳам аз туст!

Ай ишқ, ба ҳар сӯ, ки равӣ, рав, ба ту дорем,
Яъне, сари таслим зи мову қадам аз туст!

Безори вуҷуд аз ту шудам, ай дили хунхор,
Рав-рав, ки маро рӯй ба сӯйи адам аз туст!

Ё Раб, ба тақозои қазо сокини Дайрем,
Моро чӣ гунаҳ қисмати Дайру Ҳарам аз туст!

Ай котиби аъмоли амалномаи Толиб,
Ҳар навъ, ки хоҳӣ, рақаме кун, қалам аз туст!

* * *

Чист гуфтӣ ба дилам, ғайри таманнои ту чист?
Ҷуз ҳавои ту чӣ, ҷуз оташи сaводи ту чист?

Чашми бечора ба ҳайронии худ машғул аст,
Дил шиносад, ки ба ҷон завқи таманнои ту чист?

Хокро майл ба боло набувад, ҳайронам,
Ки маро ин ҳама дил моили болои ту чист?

Чӣ бувад кини ту, ай чарх, ки меҳрат ин аст,
Софи минои ту ин, дурии саҳбои ту чист?

Он, ки хоид сарангушти надомат ҳама умр,
Кай шиносад мазаи ҳусни саропои ту чист?

Файзи ҷон, доруи ғамҳои ту ман ёфтаам,
Ту чӣ донӣ, ки ба ҷон лаззати ғамҳои ту чист?

Кош ғамҳои ту аз рух бикушоянд ниқоб,
То шавад фош, ки ҳоли дили шайдои ту чист?

Ҷуз ҳунар нест гуноҳе, фалако, Толибро,
Охир аз вай сабаби ранҷиши беҷои ту чист?

* * *

Дард аст сазовори дили зору дигар ҳеч,
Ишқ аст ба девони амал кору дигар ҳеч.
Имрӯз маро дарди талаб сӯхт, ки дар ишқ,
Ман будаму дил буду ғами ёру дигар ҳеч.
Гуфтам, ки вуҷуд аз чӣ шуморост? Хирад гуфт:
– Боғест, дар ӯ як гули бехору дигар ҳеч.
Гаҳ пур кунаму гоҳ тиҳӣ дида чу дӯлоб,
Ин аст шаби ҳаҷри туам кору дигар ҳеч.
Гуфтам, ки ба савдои ту, ай ишқ, чӣ суд аст?
Бигрист ба афсӯси харидору дигар ҳеч.
Гуфтам: – Дами назъ, ай дили бемор, чӣ хоҳӣ?
Гуфто: – Қадаҳе шарбати дидору дигар ҳеч.
Домон зи кафи хор кашидам, суманам гуфт:
– Ин аст насиби ту зи гулзору дигар ҳеч.
Гуфтам: – Чӣ гунаҳ боиси безории ёр аст?
Озурдадиле гуфт, ки озору дигар ҳеч.
Аз хӯрдани хун манъ макун чашми сияҳро,
Парҳез бувад офати бемору дигар ҳеч.
Гоҳе, ки кашам гӯшаи дил сӯйи китобат,
Маҷмӯаи нисён ба миён ору дигар ҳеч.
Мо дар ҳараму дайр намонд он чӣ надидем,
Зоҳид ту чӣ дидӣ? Дару девору дигар ҳеч.
Ҳифзи тани худ мекунад аз оташи дӯзах,
Зоҳид ҳама худрост парастору дигар ҳеч.
Мову хати сабзи ту, ки захми дили моро
Ислоҳ кунад марҳами зангору дига ҳеч.
Толиб, зи матои ду ҷаҳон ҳасрати ёр аст,
Ҷинсе, ки тавон бурд ба бозору дигар ҳеч.

* * *

Нишот ҳечу тараб ҳечу ҷому соғар ҳеч,
Зи ҳарчи ҳосили даҳр аст ишқу дигар ҳеч.

Бигир домани озодае, ки ҳамчу насим
Зи боғи даҳр гузашту набаст дил бар ҳеч.

Ба ғайри хотири ҷамъе, ки кас надид бо хоб
Дигар чӣ ҳаст дар ин олами мукаррар, ҳеч!

Ба боғи даҳр ниҳоли самарфишон ишқ аст,
Дигар чӣ баҳра аз ин нахлҳои бебар, ҳеч?!

Набуд лоиқи он зарб ҷуз алоиқи даҳр,
Даме, ки зарб намуданд ҳечро бар ҳеч.

Ба роздонии афлок накди умр мабоз,
Ки кас наёфта ин нуҳ кулоҳро сар ҳеч.

Ба рӯзгор зи худ камтаре гумон набарам,
Чаро ки ҳечаму аз ҳеч нест камтар ҳеч.

Ба даст гавҳари нокомӣ оварам, Толиб,
Зи комҳои ҷаҳон нест чун муяссар ҳеч!

* * *

Ай хуш он дил, ки ҳамоғӯши ҷароҳат бошад,
Дӯстдори аламу душмани лаззат бошад.
Соя бар тораки арбоби муҳаббат фиканад,
Ҳар ниҳоле, ки баровардаи ҳасрат бошад.
Ҳар шаробе, ки дар ӯ талхии дурдӣ набувад,
Ақлро нашъаи он мастии ғафлат бошад.
Мардро вақти фуруд омадани теғ ба фарқ
Чин фикандан ба ҷабин нанги шаҳодат бошад.
Ба дурустӣ наям аз шишаи гардун эмин,
Ки агар бишканамаш, бими ҷароҳат бошад.
Метавон сӯхт ба як нола ҷаҳоне, Толиб,
Лек дар мазҳаби мо нанги мурувват бошад.

* * *

Ғамҳои мо ба савту наво кам намешавад,
Аз оби нағма оташи мо кам намешавад.
Ин шукр чун кунем, ки бо бедилони шавқ,
Ҷаври ту ҳамчу лутфи Худо кам намешавад.
Гар чашмаи синони аҷал хушклаб фитад,
Як ҷуръа заҳр аз он мижаҳо кам намешавад.
Шуд устухони сӯхтаам хоку ҳамчунон
Аз машҳадам ҳуҷуми ҳумо кам намешавад.
Гӯ, бедиле, даме зи чаман коми хеш гир,
Ҳусни баҳору файзи ҳаво кам намешавад.
Толиб, зи сӯзи ишқ чи нуқсон дили туро,
Ёқутро зи шуъла сафо кам намешавад!

* * *

Навбаҳор асту гул аз ҷайби ҳаво мечӯшад,
Дили булбул зи сари зулфи сабо мечӯшад.

Навбаҳор аст ба завқи лаби мастони хумор,
Хуни май дар ҷигари майкадаҳо мечӯшад,

Ҷилваи пардагии замзама дар меърочест,
К-аз лаби ғунчаи тасвир наво мечӯшад.

Шӯхии номаи ом аст чунон, к-аз дили санг
Сад гулистони асар ҷилванамо мечӯшад.

Раҳравонро ба чунин фасл гуле серобест,
Оташин обилае, к-аз кафи по мечӯшад.

Файз бар файз фишонда-ст ҳаво то ҷойе,
К-аз пару боли магас фарри ҳумо мечӯшад,

Толиб, аз синаи ҷон занги кудурат бурдӣ,
Ки баҳор асту зи ойина сафо мечӯшад.

* * *

Дард ку, то ҳашаре бар сари дармон орад,
Ноларо аз асари нола ба афғон орад!
Ҳон, хирад, нофеъи туғёни ҷунун бош, мабод
Лашкари чок шабехун ба гиребон орад.
Бурдаам ному надонад, ки кадомам, оре,
Зикри ошиқ аҷабе нест, ки исён орад.
Шавқи наззораи исёни ту аз пардаи дил
Ашкро рақскунон бар сари мижгон орад.
Ҳар насиме, ки вазад аз сари зулфи саҳарам,
Атре аз анҷумани шоми ғарибон орад.
Манам он каъбарави хаста, ки дарди талабам
Ашки хун бар мижаи хори муғелон орад.
Ҷилваи тифли хаёлат ба дил аз ғояти меҳр
Модари чашми маро шир ба пистон орад.
Доғам аз марҳамии шона, ки ҳар дам густох
Панҷа бар панҷаи он зулфи парешон орад.
Ҷазби ишқ аст, ки ҳар дам санами мисриро
Аз Ҳарам мӯйканон то дари зиндон орад.
Ку ҷунуне, ки ба рағбат зи гиребони дилам
Чокро даст бигирад, суйи домон орад.
Оҳро гар бувад ашке ба қафо, нест аҷаб,
Бодро хосият он аст, ки борон орад.
Толиб аз нашъаи файзе, ки ба Ҳиндустон ёфт,
Шарм бодаш, ки дигар ёд зи Эрон орад!

* * *

Гоҳе, ки лабат чошнии роз фурӯшад,
Оби намаки сеҳр ба эъҷоз фурӯшад.
Ман куштаи чашме, ки ду олам дилу динро
Ҳар дам ба адое хараду боз фурӯшад.
Парсӯхта мурғе, ки расад аз чамани ишқ,
Дар ҷилва ба товуси ҳарам ноз фурӯшад.
Ҳар нағмаи айше, ки занад аз дили мо ҷӯш,
Шеван ба лаби замзамапардоз фурӯшад.
Фарёд, ки дар роҳи талаб мақсади мо нест,
Он роҳ, ки анҷом ба оғоз фурӯшад.
Ҷуз дидаи ҳасраткаши ошиқ натавон ёфт,
Мурғе, ки ба болу мижа парвоз фурӯшад.
Толиб, раҳи мо бо ду ҷаҳон завқи хамӯшӣ
Овоза ба мурғони хушовоз фурӯшад.

* * *

Баҳор омад, кунун айш аз ғами дерина меҷӯшад,
Гули шодоби меҳр аз хорзори сина меҷӯшад.
Баҳор омад, кунун баҳри нисори шоҳиду соқӣ,
Гуҳар чун қатраи хун аз лаби ганҷина меҷӯшад.
Ба ёди ашк ҳар дам дидаҳо аз дида мерӯяд,
Ба завқи доғ ҳар дам синае аз сина меҷӯшад.
Дил аз дил метаворад, то намудӣ акси дидоре,
Ба ҷазби партаве ойина аз ойина меҷӯшад.
На кирми пиллаӣ, то кай дар абрешим ниҳон бошӣ,
Муҷаррад шав, ки завқ аз хирқаи пашмина меҷӯшад.
Мабин дар дидаи хуршед, бингар дар дили Толиб,
Ки нури зоҳиру ботин аз ин ойина меҷӯшад.

* * *

Вах̣, чӣ бахт аст ин ки офат низ аз ман мерамад,
Шуълаам аз хору хас, барқам зи хирман мерамад.

Гар саропо чун яди байзо шавам гетифурӯз,
Бахт мабрусам тасаввур карда аз ман мерамад.

Қатраи ашк аз гиребон боз мегардад ба чашм,
Тифл ҳам дар аҳди бахти мо зи доман мерамад.

Мерамад аз сояи бахтам сипеҳри бадлигом,
Оре, оре, аз палоси тира тавсан мерамад.

Шеваи сайди дилам рам кардан аз сайёд нест,
Мерамад аз ваҳшӣ, аммо аз рамидан мерамад.

Ман азоимхон наям, бахти мусоид дев нест,
Ҳайрате дорам, ки чун аз сояи ман мерамад?

Хашму нози шуълаву гул гар накоҳад анқариб,
Толиб аз оташситон, булбул зи гулшан мерамад.

* * *

Дидам гули рӯйе, нигаҳам ранг баровард,
Дил бар мижаам нола ба оҳанг баровард.

Гардун ба миёнаш камари шердилон баст,
Мӯре, ки ба озурдани мо чанг баровард

Даврон дами обе, ки насиби лаби мо кард,
Моно, ки ба нохун зи дили санг баровард.

Ойинаи теғат рухи зангор набинод,
К-он покгуҳар номи ман аз нанг баровард.

Ҳар гаҳ ба турунҷи зақанаш дида кушудам,
Дар сина дилам гунаи норанг баровард.

Бе сунбули зулфе суманафшонии ашкам,
Аз хок гулу лола ба сад ранг баровард.

Дерест, ки иқлими баёне нагирифтам,
Шамшери забонам ба даҳон занг баровард.

Гулҳо ҳама з-осеби асар гӯш гирифтанд,
Толиб чу фиғоне зи дили танг баровард.

* * *

Субҳ аз рухи ӯ туҳфа ба гулзор фиристод,
Шом аз хати ӯ нофа ба Тотор фиристод.

Ҳар дил, ки ғубори хати мушкин ба рухаш дид,
Ойина ба дарюзаи зангор фиристод.

Моро фалаки сифла пайи гавҳари мақсуд
Дар коми наҳангу даҳани мор фиристод.

Роҳат талабидам зи ҷаҳон, дида бипӯшид,
Ғам хостам аз даҳр, ба хирвор фиристод.

Дар ҳайратам аз ҷаннати гардун, ки чӣ сон дил
Додаш, ки ба мо меҳнати бисёр фиристод?

Бар чеҳраи зардам рақам аз хуни ҷигар зад,
Он кас, ки туро гунаи гулнор фиристод.

Бар таври таманно лаб аз ибром набастем,
То дӯст ба мо муждаи дидор фиристод.

Ман ҷинси бурун доданӣ аз даст набудам,
Бахтам ба ғалат ҷониби бозор фиристод.

Камқадр аз онам, ки фурӯшандаи қисмат
Бе гуфту шунидам ба харидор фиристод.

Толиб зи раҳи Каъба чу бар Дайр гузар кард,
Аз субҳа саломе суйи зуннор фиристод.

* * *

Рафтончунон ки гарди рикобаш касе надид
В-аз ҳамраҳон ба ғайри шитобаш касе надид.

Дардо, ки шуд насиби лаби ҷуръанӯши мо
Хунобае, ки дуди кабобаш касе надид.

Ай аҳли дард, мужда, ки айш аз миёни мо
Ғоиб шуд, ончунон ки ба хобаш касе надид.

Чашмам чаман-чаман гули наззора чид дӯш
Аз чеҳрае, ки ғайри ниқобаш касе надид.

То соя аз хати ту назад ғӯта дар шароб,
Мижгон ба гирди чашми ҳубобаш касе надид.

Гулзори айш вақфи сабо гашт ҳосилаш,
Ранги гулу насими гулобаш касе надид.

Диданд аҳли дил ҳамаро масти хоби ноз,
Хоби ман аст он ки ба хобаш касе надид.

Хомӯшиям зи ғояти хомӣ-ст в-арна ишқ
Фориғ зи нола мурғи кабобаш касе надид.

* * *

Пеш аз замони мову ту меҳру вафо набуд,
Дил бо дилу нигаҳ ба нигаҳ ошно набуд.

Гул буд лола дар чамани ҳусни ишқ, лек
Шабнам ниқоби ғунчаи шарму ҳаё набуд.

Ғафлат фишонд доманат, ар не ба хосият
Ин гарди озмуда кам аз тӯтиё набуд.

Дӯш аз ҳуҷуми шамъниҳолон дар анҷуман
Парвонаро ба ҳошияи базм ҷо набуд.

Як шева ҳосилам зи ту нозукадо нашуд,
Гӯё дили шаҳиди маро хунбаҳо набуд.

Амсоки юз, рахнаи девору дар чаро?
Гирам, калиди боғ ба дасти сабо набуд!

Не лаълаш оташину на ёқуташ обдор,
Ҳаргиз арӯси гиря чунин бесафо набуд.

Толиб чаро ба хастагии ҳаҷр ҷон надод?
Чун ӯ мариз қобили файзи шифо набуд!

* * *

Охир ба ишвае дили мо метавон харид,
Гулдастае ба нархи гиё метавон харид.
Дар байъи ман замона як имрӯз сабр кун,
Фардо маро ба ним баҳо метавон харид.
Ҷон дар баҳои бӯйи ту дорам, зи аблаҳӣ
Пиндоштам зи боди сабо метавон харид.
Не зар диҳад мурод ба савдои дил на зӯр,
Ин ҷинсро ба нақди ризо метавон харид.
Гар бигзарӣ ба қимати як ишва, балки ним,
Чун ман ҳазор бесару по метавон харид.
Ҷазби каҳет нест зи девори кӯйи дӯст,
Ин хосият зи коҳрабо метавон харид.
Гар нақди ғам ба киса бувад, умри рафта боз
Чун рӯзаву намози қазо метавон харид.
Дар уқдаи нигор дил афтад зи рӯзгор,
З-он нӯшханд уқдакушо метавон харид.
Пойи ту бенигору ба бозори чашми мо,
Хуни ҷигар ба нархи ҳино метавон харид.
Гар муштарӣ ту бошӣ дар байъгоҳи ҳашр,
Сад хун ба бозӣ аз шуҳадо метавон харид.
Толиб, ҳазор ишва харидӣ зи рӯзгор,
Як ишва ҳам ба хотири мо метавон харид.

* * *

Чун ба чаман ҷилваи мастона кард,
Шабнаму гулро маю паймона кард.

Гӯшаи бурқаъ чу ба саҳро кушуд,
Бодияро рашки парихона кард.

Чеҳра чу аз оташи май барафрӯхт,
Шамъ ниқоб аз пари парвона кард.

Наргиси масташ чу гарон шуд зи хоб,
Муъҷизаро бар лаби афсона кард.

Лаъли кӣ олудаи май шуд, ки боз
Бӯса ғулӯ бар лаби паймона кард?

Бе рухаш азбаски тиҳӣ шуд зи рӯз,
Шабпара дар дидаи ман хона кард.

Завқи парешонии зулфаш чу дид,
Мӯйи миёнаш ҳаваси шона кард.

Гавҳари маънӣ ба лабам хӯша баст,
Чун назараш тарбияти дона кард.

Толиб аз ин даст сухан пеши дӯст,
Ҳар чӣ адо кард, бузургона кард!

* * *

Ман парешонам, туро дарди парешонӣ мабод,
Сунбулатро накҳати ошуфтасомонӣ мабод.

Хоки ашколуди мо атри ҷабин чун сандал аст,
Ин абири тар гиребониву домонӣ мабод.

Уқдаи мушкилкушо ороиши мӯясту бас,
Сад гираҳ бодат ба зулф, аммо ба пешонӣ мабод.

Захми шамшери надомат қобили ислоҳ нест,
Ҳеч оқил захмии теғи пушаймонӣ мабод,

Сад хатар пеш аст дар ҳар қатра аз ҷайҳуни ҳусн,
Киштии кофур дар ин ғарқоб тӯфонӣ мабод.

Шохи ҳасратро гуле гар бишканад, девонагист,
Дидаю дилро сару коре ба ҳайронӣ мабод.

Бозуи ислом рӯзе буд боқувват, кунун
Такяи мӯре ба девори мусулмонӣ мабод!

Назми Толиб мекунад нисбат ба Ҳоқонӣ дуруст,
Гӯ, хитобаш аз фалак Хоқонии сонӣ мабод!

* * *

Чун ғазаб ранги гулаш бар ёсамин меафканад,
Шуълаи чашм аз хиҷолат бар замин меафканад.

Чун нигорин соидаш аз доғ мепӯшад либос,
Дасти гулчинро зи чашми остин меафканад.

Фарши гул меафканад боди баҳори ранг-ранг,
Соя ҳар ҷо сунбули ӯ бар замин меафканад.

Он гунаҳкорам, ки сабти дафтари аъмоли ман,
Раъша бар дасти киромулкотибин меафканад.

Чархро даъвои симу зар ба маъдан баҳри чист?
Гӯ, бағал бикшо, ки лаъли оташин меафканад.

Табъи мо гар мушти симе аз лаиме карда вом,
Инак-инак дар иваз дури самин меафканад.

Ҷайбу доман, ай фалак, бикшо, ки дасти муфлисам,
Ганҷҳо аз ҳар шиканҷи остин меафканад.

Тундбоди ҳимматам сад хирмани ошуфтаро
Мекунад ҷамъу ба ҷайби хӯшачин меафканад.

Чархи рӯбаҳбозро озори Толиб сарфа нест,
Хешро гурге абас дар пӯстин меафканад.

* * *

Ҳар узви танат содатар аз узви дигар буд,
Мӯйе, ки ба андоми ту дидем, камар буд.

Аз дарди ҷудоӣ мижа барҳам назадам дӯш,
Бо он ки саропойи ту дар мадди назар буд.

Зад бахти бадам нағмаи ҳиҷрони ту бар гӯш,
Ин зоғи сияҳрӯ чӣ бало шумхабар буд?

Дар кӯйи ту дӯш аз асари тезии хӯят
Пойи мижаро бар дами шамшер гузар буд.

То субҳдам аз нола наёсуд, ҳамоно
Мурғи дилам аз қофиясанҷони саҳар буд.

Тӯтӣ нахурад хуни дил, аммо чӣ тавон кард,
Дар Ҳинд ба бахти бади мо қаҳти шакар буд.

Шуд коми дил аз ёд, зиҳӣ сустии толеъ,
Имшаб, ки дуо даст дар оғӯши асар буд.

Гуфтанд: – Чӣ будат ба ҷаҳон раҳзани иқбол?
Нолидаму гуфтам, ки ҳунар буд, ҳунар буд!

Толиб, чӣ аҷаб, гар дилу дин дод ба тороҷ,
Ӯ навсафару бодия пурхавфу хатар буд.

* * *

Зи мо эмин нишин, к-аз оташи мо гул намесӯзад
В-агар дӯзах шавем, аз мо пари булбул намесӯзад.

Зи оҳи мо зиёне зулфи ӯро нест, ё дар гул
Шарори ҳеч оташ хирмани сунбул намесӯзад.

Инон, ай барқ, бартоб аз хасу хошоки селобе,
Макун оташ талаф, к-ин хори тар дар гул намесӯзад.

Бувад вайронаи мо дар амон аз барқи ҳусн, оре,
Шарори оташи гул хонаи булбул намесӯзад.

Зи ҳусни рӯйи ӯ дар ҳайратам, к-ин шуълаи саркаш
Чу бадхӯ мешавад, чун бар сараш кокул намесӯзад?

Ба дорулмарз шаҳре дар амон аз оҳи Толиб не,
Ба Сорӣ ҳам саре дорад, ҳамин Омул намесӯзад.

* * *

Онӣ ту, ки субҳи талабат шом надорад,
Оғози таманнои ту анҷом надорад.

Дар раҳгузари муҳтасиб афтода аҷаб нест,
Гар наргиси ин боғ ба каф ҷом надорад.

Бебаҳраам аз касби ҳаво з-он ки сароям
Чун хонаи мурғони чаман бом надорад.

Ҳусне, ки надорад хабар аз қоидаи ноз,
Ҳамчун хати софест, ки андом надорад.

Мардум талаби гумшуда аз ном намоянд,
Фарёд, ки гумгаштаи мо ном надорад,

То кай талаби матлаби ноёб тавон кард,
Хомӯш, дило, ин ҳама ибром надорад!

Ҳар тан, ки дар ӯ нест нишон аз дили гарме,
Афсурда чу шаҳрест, ки ҳаммом надорад.

Бурқаъ бикушо, боз раҳон аз ҳарами рӯҳ,
К-ин мурғи ҳаво дар қафас ором надорад.

Аз вусъати машраб ҳама ҷо тобеи куфр аст,
Мискин чӣ кунад, ғайрати ислом надорад!

*   *   *

Сурмаи чашми сабо хоки сари кӯйи ту бод,
Рӯйи дилҳо ҳама чун қибланамо сӯйи ту бод.

Кам мабод омаду рафт аз сари кӯйи ту, вале
Рафтани ҳуши ману омадани бӯйи ту бод.

Бодаи куҳна намакпарвари кунҷи лаби туст,
Моҳи нав тӯшакаши гӯшаи абрӯйи ту бод.

Гарчи гулҳои бутон дар арақ аз тоби май аст,
Май дар обу арақ аз тоби гули рӯйи ту бод.

Кори хуршед, ки фарроши бисоти фалак аст,
Остонрӯбии оташкадаи хӯйи ту бод.

То бувад силсила дар силсила аз ишқ ба пой,
Сари ҳар силсила дар силсилаи мӯйи ту бод.

Чун ба мизони хирад гавҳари Толиб санҷӣ,
Мардуми чашми садаф санги тарозуйи ту бод.

* * *

Худфурӯшон зи пайи гармии бозори худанд,
Кори динро ҳама бигзошта, дар кори худанд.

Маънии қайд бувад банди шариат, эшон
На гирифтори шариат, ки гирифтори худанд.

Хонаи шаръ хароб аст, ки арбоби салоҳ,
Ба иморатгарии гунбади дастори худанд.

Шона дар ришу дил андар пайи ҷамъияти мол,
Субҳа дар дасту дар андешаи зуннори худанд.

Аблаҳӣ карда чу иблис ба таррории ҷуфт,
Аблаҳ андар назари мардуму таррори худанд.

З-он ба савдои зиёноварашон суде нест,
Ки фурӯшандаи динанду харидори худанд.

Ҳамаро нақши забон ҳарфи парасторӣ, лек
На парастори Худо, балки парастори худанд.

Парда пӯшанд ба рух гаҳ зи ридо, гоҳ зи риш,
Баски шарманда зи авзову зи атвори худанд.

Менамоянд ҳаме гунбади дастор сафед,
Лек ғофил зи дарунҳои сияҳкори худанд.

Мункири ин сафи кӯтаҳхиради ришдароз
Бош, Толиб, ки худ он низ дар инкори худанд!

* * *

Дил бе ту ба гулшан зи гулу бед гурезад,
Бе рӯйи ту чун мотамӣ аз ид гурезад.

Аз рӯйи ту дил дар шикани зулфи ту бигрехт,
Чун шабпара, к-аз партави хуршед гурезад.

Таҳдиди ту наздиктар орад зи ҳалокам,
Ошиқ набувад он ки зи таҳдид гурезад.

Бигрехт ҳавас, ояти ишқи ту чу бишнид,
Оре, чӣ аҷаб, дев зи таъвид гурезад.

Бо лаззати таъсири навоҳои ту Толиб,
Гӯш аз асари нағмаи Ноҳид гурезад.

* * *

Ҳар чӣ дидам, ҷуз лаби ширини ҷонон, талх буд,
Умр талху айш талху коми даврон талх буд.

Шаккари умед ҳанзал, шаҳди ҷамъият шаранг,
Ангубини умр заҳру шираи ҷон талх буд.

Сӯйи наргис дӯш мекардам ба чашми ӯ нигоҳ,
Гарчи коми рағбатам з-он шӯхчашмон талх буд.

Ҳарчи аз талхӣ бувад ғунҷойиши он дар хаёл,
Айши мо дур аз висоли ӯ дучандон талх буд,

Шаб, ки дар бустон набуд он норпистон дар барам,
Ҳамчу ҳанзал дар мазоқам нори бустон талх буд.

Дар мазоқам дур аз он лаб меваҳои боғи ҳусн,
То турунҷи ғабғабу себи занахдон талх буд.

Бе лаби ту маҷлиси май ранги ширинӣ надошт,
Аз даҳони соқиён, гӯ, нуқли мастон талх буд.

Нисбати лаъли ту ширин сохташ дар ҷоми Хизр
В-арна чун коми Сикандар Оби Ҳайвон талх буд.

Гар бағал гарм аз баҳори тозае кардам, равост,
Хоби беҳамхоба дар фасли зимистон талх буд.

Бетакаллуф дӯш, Толиб, дур аз он занҷири зулф,
Даҳр бар ман чун яке ториксиндон талх буд.

* * *

Нест як дам, ки фалак қимати афзун накунад,
Нафасе бе маю мутриб ҷигаре хун накунад.

Поктинат агар аз хок ба афлок расад,
Равиш аз каф надиҳад, вазъ дигаргун накунад.

Ғунчасон баски шаби ҳаҷри ту дилтанг шавам,
Бар гиребон кунам он зулм, ки Маҷнун накунад.

Нест тифле, ки чу бар вай бивазад боди ҷаҳон,
Марази ишқ аз ӯ обила берун накунад.

Нахурӣ қатраи обе, ки ҳамон лаҳза сипеҳр
Ашк носохта аз чашми ту берун накунад.

Заҳри чашме нанамоӣ, ки ба коми ҳавасам
Шаҳдро талхтар аз шираи афюн накунад.

Ҷисм рафтӣ ба хуму рӯҳ баровардӣ сар,
Он чи кардӣ ту, майи ноби Фалотун накунад.

Чашми масти ту, ки бемори масеҳонафас аст,
Нест вақте ки маро заҳр ба маъҷун накунад.

Бо чунин теғ, ки мижгони ту бар каф дорад,
Ҳар замон беҳуда сад хун накунад, чун накунад?

Ҳафтаи умр ба шодӣ гузаронад Толиб,
Нафасе нест, ки хун дар дили гардун накунад.

* * *

Ту чун маҷлис фирӯзӣ, моҳи нав узалатгузин гардад,
Гузорад шамъи базмафрӯзию хилватнишин гардад.
Бад-ин сомони хубӣ чун намойӣ арзи маҳбубӣ?
Ба гирди хирманат сад хирмани маҳ хӯшачин гардад!
Чу ҷойи хеш дар кунҷи даҳонат гармтар бинад,
Раво, бошад, ки ширинӣ ҷудо аз ангубин гардад.
Малолам гар барад сӯйи чаман пайғоми дилтангӣ,
Шиканҷи ханда бар рухсори гул чини ҷабин гардад.
Шикасти зулф доим дида он бадхӯ, шикасти дил
Агар бинад, пушаймон аз шикасти остин гардад.
Маро боғест номаш хотири ғамгин, ки гар шодӣ
Гуле з-он бӯстон бар сар занад, андӯҳгин гардад.
Ба обу ранг назми Толиб он шоистагӣ дорад,
Ки лаъли нуктапардози туро нақши нигин гардад.

* * *

Офият ҷӯяд дилам, андешаи кораш кунед,
Заъфарон бар чеҳрааш молида бемораш кунед.
Ҳар киро бинед коми орзу ширин зи айш,
Талх гӯед он қадар, к-аз умр безораш кунед.
Пир шуд бахтам, дареғ азбас ба як паҳлу бихуфт,
Гарчи хуш дар хоби ширин аст, бедораш кунед.
Дил зи бӯйи зулфи ӯ афтод чун мастон хароб,
Доруи беҳушияш пур буда, ҳушёраш кунед.
Осмонро дар гулӯ резед заҳре аз фироқ,
Он чи ӯ дар кори ман карда-ст, дар кораш кунед.
Дилбарон, бе қайди зулфе нест Толибро қарор,
Қадри озодӣ намедонад, гирифтораш кунед.

* * *

Пас аз умре, ки он номеҳрбон бо ман даромезад,
На чун ширу шакар, чун об дар равған даромезад.

Ҳавасро гирди сар гардам, магар гардад ба ман якдил,
Тараброро дасту по бӯсам, магар бо ман даромезад.

Зи бас бо тирабахтиҳо рафиқам то дами мурдан,
Аҷаб, гар соғари ман бо майи равшан даромезад.

Ба таклифи ҷунун гоҳе равам сӯйи чаман, аммо
На аз роҳе, ки таъбъам бо гулу савсан даромезад.

Чӣ сон бо сурма омезиш кунад чашм аз сари рағбат?
Танам з-он гуна бо хокистари гулхан даромезад.

Набошад меҳри оламтобро бо соя омезиш,
Аҷаб, к-ин даст бо он гӯшаи доман даромезад.

Чи гулҳо бишкуфад Яъқубро аз боғи бетобӣ,
Чу бӯйи шавқи ӯ бо бӯйи пероҳан даромезад.

Бад-он берағбатӣ роҳат намояд бо ман омезиш,
Ки ҳангоми зарурат дӯст бо душман даромезад.

Чунин, к-аз ишқ бинам назми ҳар омӯзише, Толиб,
Аҷаб дорам, ки ҷон бе ҳукми ӯ бо тан даромезад.

* * *

Ҳусне, ки зи пай сад дили девона надорад,
Афсурда чароғест, ки парвона надорад.
Шоистаи ҳамсуҳбатии дурдкашон нест,
Он кас, ки саре бо маю майхона надорад.
Кас нест дар ин гӯшаи майхона, ки дар дил
Ошӯб аз он наргиси мастона надорад.
Ҳар дам ба дилам мекунад аз булҳавасӣ ҷой,
Гӯё ғами ҳарҷоии ӯ хона надорад.
Дӣ маҳви ту дар ҷоми назар шираи ҷон дошт,
Имрӯз ба ҷуз бодия паймона надорад.
Толиб, дари ороиши маънӣ зи чӣ бастӣ?
Бикшой, ки гесӯйи сухан шона надорад.

* * *

Шукр, к-аз зулмати андеша наҷотам доданд,
Синае софтар аз Оби Ҳаётам доданд.
Шарбате, к-аз ҳавасаш Хизру Сикандар ҷон дод,
З-оби лаб нӯш ба вақти шакаробам доданд.
Солҳо ҳалқаи ибром задам бар дари чашм,
То зи дил қатраи хуне ба закотам доданд.
Сад раҳам ҷон ба лаб аз шавқ расонданд бутон,
К-аз лаби хеш яке бӯса баротам доданд.
Сад раҳам нӯшлабон ҳукми шаҳодат доданд,
Чун шудам кушта, дигар бор ҳаётам доданд.
Бас ба хун ғӯта задам рақскунон, к-охири кор
Раҳ ба он шоҳиди ширинҳаракотам доданд.
Холмонанд ба рух гарчи сипандам, Толиб,
Бар сари оташи сӯзанда саботам доданд.

* * *

Зи ҳасрат соғари ишрат ба дастам зор мегиряд,
Зи нокомӣ гулам бар гӯшаи дастор мегиряд.

На сел аст ин ки мерезад ба саҳни хона аз бомам,
Ки бар ҳоли хароби ман дару девор мегиряд,

Зи наргис шарм кун, ай абри тар, ҳар дам чӣ меборӣ?
Бувад душман касе, к-ӯ бар сари бемор мегиряд!

Ба болин ёру ман дар хоби марг аз ғафлати бахтам,
Ба хоби ман ҳазорон дидаи бедор мегиряд.

Зи бас хӯ карда бо резиш саҳоби чашми гирёнам,
Чу тифле, к-ӯ зи модар зод, беозор мегиряд.

Ба ҳасрат рӯзу шаб мегиряд аз ҳиҷрони ӯ чашмам,
Бад-он талхӣ, ки гӯйӣ, аз даҳони мор мегиряд.

Ба хосият дам аз тифлони бадхӯ мезанад чашмам,
Ки аз камбоисӣ мегиряду бисёр мегиряд.

Лаби талхикашам бар чашми гирён рашкҳо дорад,
Ки мегиряд, вале аз лаззати дидор мегиряд.

* * *

Шаби гузашта маро шамъи бахт равшан буд,
Ки гулизор дар оғӯшу гул ба доман буд.

Набуд дӯш ҳамоно зи ҷинси шаб в-ар буд,
Ба фаррухӣ шаби меъроҷи толеи ман буд.

Фузуд сӯзи ҳарифон зи бода, пиндорӣ,
Пиёла об бар оташ намуду равған буд.

Зи баски дида бар он чеҳра дошт сайри ҷамол,
Ба хотир он чӣ намегашт, сайри гулшан буд!

Нишаста моҳи ману ман баробар истода,
Ба хилвате, ки зи шамъи ҷамол равшан буд.

Зи рашки он ки бибинад гаҳе рухаш, чашмам
Ба рӯйи дилбару гоҳе ба чашми равзан буд.

Ба даст дӯхтаме захми теғи ёр, ба дил,
Ҳазор риштаи ашкам ба чашми сӯзан буд.

Гузашт дӯш ба дидори дӯст Толибро,
Шабе, ки кӯрии чашми ҳазор душман буд.

* * *

Хору гул ҳар ду азизанд, ки аз як чамананд,
Тани як пераҳану шоҳиди як анҷуманананд.

Фарқ дар гавҳарашон нест на дар обу на ранг,
Ду лаби ӯ ду ақиқанд, ки аз як Ямананд.

Мижаву ғамзаи ӯ сар ба сар оварда ба меҳр,
Ду забонанд, ки пайваста ба ҳам дар суханананд.

Улфати ғам ба дили ишқи ту имрӯзӣ нест,
Ин ду муштоқ ҳам аз ҳамнафасони куҳананд.

З-ин ду Юсуф, ки яке ҳусн бувад дигар ноз,
Чашми бад дур, ки парвардаи як пераҳананд.

На дил аз сина кунад ёду на ором зи дил,
Ин ду ғурбатзада умрест, ки дур аз ватананд.

Ҳар дуро беҳ, ки ҳамоғӯш супорем ба хок,
Ҳасрату дил ду шаҳиданд, ки дар як кафананд.

Бар ғаму дард мапечед, азизон, зинҳор,
Даст аз ин ҳар ду бидоред, ки ёрони ҳаманд.

Заҳри хубон шакарест аз лаби нӯшин, Толиб,
Талх гӯянд, вале шукр, ки шириндаҳананд!

* * *

Зиндонии савдоят бар сарви чаман хандад,
Ғурбатзадаи ишқат бар завқи ватан хандад.
Ҳар дил, ки назар бошад, бо хору хаси кӯяш,
Лаб ғунча кунад в-он гаҳ бар сарву суман хандад.
Ҳар кас ба яке кисват хуррам буваду хандон,
Маъшуқ ба пероҳан, ошиқ ба кафан хандад.
Хун кардаву хӯ карда аз рамз чу боз ойӣ,
Бар ҳоли шаҳидонат ҷон гиряду тан хандад.
Моро набувад хотир доми тарабу шодӣ,
Кабки дили мо қаҳқаҳ бар ханда задан хандад.
Рангест бар он ораз, к-аз баъди шикастан ҳам,
Хоки Хутан аз аксаш бар хуни Яман хандад.
Чун чарх ба каф гирад нопухта сафоламро,
Гӯям мафикан, ранҷад, гӯям машикан, хандад.
Бо гиря даромезам девонагии амдо,
То ҳар кӣ лабе дорад, бар гиряи ман хандад.
Онро, ки лабу чашме додӣ, бидеҳаш фурсат,
То як-ду нафас гиряд, то як-ду даҳан хандад.
Чун чеҳраи худ бинад дар ойинаи теғаш,
Захми навам аз шодӣ бар захми куҳан хандад.
Ҳам таъна занад бар гул рангин сухани Толиб,
Ҳам ғолияи килкаш бар мушки Хутан хандад.

* * *

Дар ин раҳ ҳар кӣ бинӣ, бо дили пурдад меояд,
Ба ҳар ойина, к-андози назар, пургард меояд.

Ману дил ҳар ду бадномем дар шӯру фиғон в-арна
Лаби ҳар кас, ки бӯйӣ, бӯйи оҳи сард меояд,

Рафиқи дардбинам гарчи дорад панҷа аз марҳам,
Ба ҳар ҷо мениҳад оҳиста дасте, дард меояд.

Аҷалро дар ба рух ҳаргиз набастӣ хастаи ҳиҷрон,
Агар огаҳ шудӣ, гӯ, бо чӣ роҳовард меояд?

Назар бар боли шавқам ҳар киро афтод, медонад,
Ки қатъи роҳи меҳнат з-ин биёбонгард меояд.

Чӣ хоки ҷуръатангез аст майдони муҳаббатро,
Ки гар худ меравад номард, он ҷо мард меояд.

Намеҷунбид аз сад нолаам бар шохи гул барге,
Кунун аз ёди оҳам осиё дар гард меояд.

Сапедӣ нест субҳи бахти моро бар ҷабин, Толиб,
Зи Машриқ офтоби толеъи мо зард меояд.

* * *

Тифли ишқам, гарму сӯзон чун шарорам зодаанд,
Нестам симоб, аммо беқарорам зодаанд.

Чун кунам оғӯши дил бозигаҳи атфоли айш,
Ман, ки ғамҳои ҷаҳонро дар канорам зодаанд.

Машраби базмам сароб аз хушкии зуҳҳод нест,
Оташам, аммо чу гавҳар обдорам зодаанд.

Ҳеч бар гирди дили тангам намегардад нишот,
Ғолибан дар домани хоки мазорам зодаанд.

Аз ҳуҷуми ғам дар аснои нумӯ гардам забун,
То бад-он ғоят, ки пиндорӣ дуборам зодаанд.

Ҳамчу Толиб ҳар нафас меоядам сад кор пеш,
Лек ҳайронам, ки аз баҳри чӣ корам зодаанд?

* * *

Вой, агар пири муғон раҳм ба ҳолам накунад,
Нафиристад қадаҳе, рафъи малолам накунад.

Чашми он ғафлатам аз бодаи хун гарм набуд,
Ки дар ин тангдилӣ ёди сафолам накунад.

Оҳанам баски сафо ёфта аз сайқали Ҳинд,
Тӯтие нест, ки ойина хаёлам накунад.

Зери лаб дарди диле ҳаст ба дилдор маро,
Даҳшати ишқ умед аст, ки лолам накунад.

То бувад қатраи хуне ба таҳи шишаи дил,
Лаби хушк орзуи оби зулолам накунад.

Ман, ки бо нӯшлабон аз буни дандонам дӯст,
Халали ишқ чаро ҳамчу хилолам накунад?

Гунаҳи тавбаи худ фош назосам, ки агар
Бишнавад модари раз, шир ҳалолам накунад!

Ҳаст парвози баланде ба сарам чун Толиб,
Сустии толеъ агар бепару болам накунад.

* * *

Наменолам гар имшаб кор бар сад изтироб афтад,
Ки метарсам хуморолуди ман аз завқи хоб афтад.

На ман эҷоди ин мушти заифон кардаам, то кай
Нафас ҳар гаҳ барорам, аз ҳаво мурғи кабоб афтад?

Ба сад узр аз лаби худ боз мегардонам афғонро,
Ки як дил гар бисӯзад, беҳ, ки сад ҷон дар азоб афтад.

Чӣ бад бо толеъи худ кардаам, ё Раб, ки аз хасмӣ
Намехоҳад, ки бар вайронаи ман офтоб афтад.

Дуои хайри ман ин аст, к-аз тоқи дили мастон
Наяфтад ҳеч кас в-ар з-он ки афтад, дар шароб афтад.

Намегӯям машав гарми итобам, гӯям аз гармӣ
Маяфрӯз ончунон ораз, ки оташ дар ниқоб афтад.

Арақнок омадӣ, аз оҳи гармам чеҳра пинҳон кун,
Мабод он барги гулро бӯйи дуде дар гулоб афтад.

* * *

Дарё кашам, ба қатра лабам тар намешавад,
Дардам сабук ба шишаву соғар намешавад.
Маҷнуншаве ба кор бувад шуғли ишқро,
Бе музди кор кор муяссар намешавад.
Ҳар қанд рафта-рафта мукаррар шавад ба чашм
Қандест он даҳон, ки мукаррар намешавад.
Танро равон ба кор бувад, базмро чароғ,
Дил равшан аз фатилаи анбар намешавад.
Бар оҳ банд нома, ки дур аст кӯйи дӯст,
Ин роҳ тай ба боли кабӯтар намешавад.
Дил бори тан намедиҳад, ай ғам, ба теғи сабр,
Як бор шуд шаҳиди ту, дигар намешавад.
Хӯкардаи насими гиребони дӯстро
Аз бӯйи гул димоғ муаттар намешавад.
Ҳайронам аз вуҷуд, ки ин дафтари куҳан,
Шероза бод додаву абтар намешавад.
Ақли заифи ишқ наградад ба моҳу сол,
Моҳӣ ба рӯзгор Самандар намешавад.
Ҳар риштаро сарест ба ҷойе зи рӯйи қадр,
Афсор мешавад расан, афсар намешавад.
Ай зулфи ёр, нест замоне, ки нофаро
Мӯ бар бадан зи рашки ту наштар намешавад.
Толиб, ба боли шавқ раҳи кӯйи дӯст гир,
К-ин дашт тай ба қуввати шаҳпар намешавад.

* * *

Маро ба ваъдаи ҷаннат фиреб натвон дод,
Ки ташнаам, ба саробам шикеб натвон дод.

Зи нахли ӯ самари ҷилва чидаам ҳама умр,
Ба меваҳои биҳиштам фиреб натвон дод.

Дило, чу кор гузашт аз даво, ба дард бисоз,
Ки набзи мурда ба дасти табиб натвон дод!

Ҳадиси гӯшаи майхона бас дилам хун кард,
Ватан ҳамеша ба ёди ғариб натвон дод.

Касе, ки хастаи бӯстони ғабғаби ёр аст,
Тасаллии дилаш аз нору себ натвон дод.

Ту бӯйи гул нигар, аз захми хор дида бипӯш,
Ки тарки ёр зи ҷаври рақиб натвон дод!

Ба лафз ҷониби маънӣ мадеҳ зи каф Толиб,
Ки ҳусн агар набувад, дил ба зеб натвон дод!

* * *

Ба рақс он нозанин ҳар гаҳ қадам аз ноз бардорад,
Дилам дар сина чун халхоли ӯ овоз бардорад.

Гузорад он гул аз ширинии афсонаам ҳар дам,
Сарири ишва бар болини нозу боз бардорад.

Ба афсун гоҳ роҳи наргиси ғаммози худ мезан,
Мабодо сеҳри чашмат пардаи эъҷоз бардорад.

Дилам бетобӣ аз ҳад мебарад дар навҳапардозӣ,
Надорад сабр чандоне, ки мутриб соз бардорад.

Аҷаб набвад, ки бо ин изтироби шавқ ҳар узвам
Раҳи кӯяш чу мурғони сабукпарвоз бардорад.

Зи бас бо бахт кардам созгорӣ, талх шуд умрам,
Касе то чанд нози толеъи носоз бардорад?

Нагӯям рози ӯ бо дил, ки тарсам шаҳнаи ғайрат
Кашад шамшеру аз гардан сари ғаммоз бардорад,

Дило, ту дардмандӣ саъй дар забти нафс мекун,
Мабодо роз оҳи пардаат аз роз бардорад.

Ғарибе, к-аз ҷафо дар кӯйи ӯ мирад ба сад хорӣ,
Шукӯҳи ишқ тобуташ ба сад эҷоз бардорад.

Яке баркандаишқе, з-ошён афтодаам, Толиб,
Магар аз хоки Аҷзам чангули шаҳбоз бардорад.

* * *

Сунбули ҷаннату мӯйи ту зи як силсилаанд,
Офтобу гули рӯйи ту зи як силсилаанд.

Мешавам зинда ба таҳрики сари зулфи насим,
З-он ки бӯйи гулу бӯйи ту зи як силсилаанд.

Ҳаст моро ба ту рабте зи азал, ай зоҳид,
Кӯзаи мову сабӯйи ту зи як силсилаанд.

Нола бар нолаи ман тоб деҳ, ай орифи маст,
З-он ки ҳойи ману ҳӯйӣ ту зи як силсилаанд.

Хас наям, лек кашам хорӣ аз оташ ночор,
Чӣ кунам, оташу хӯйи ту зи як силсилаанд!

Бӯйи меҳре зи ғизолони Ҳарам мешунавам,
Ғолибан Каъбаву кӯйи ту зи як силсилаанд.

Бо камоли худӣ нуқси ту бибинам, Толиб,
З-он ки баҳри ману ҷӯйи ту зи як силсилаанд.

* * *

Ёр ғофил зи кафам гавҳари имон заду бурд,
Гуфтамаш: – Ҳон, набарӣ, бар дари ирфон заду бурд.

Нақди дилро, ки ба сад саъй ба чанг овардам,
Музди он даст, ки бар кӯчаи ирфон заду бурд.

Мижаҳоро манамо ғорати дилҳо таълим,
Кас наёмӯхта дар гала ба гургон заду бурд.

Хат ба ҷодусифатӣ муҳраи лаълат бирабуд,
Ҳамчу он дев, ки хотам зи Сулаймон заду бурд.

Шавқ боқӣ ҷаве аз хирмани умрам нагузошт,
Ҳамчу он бод, ки бар ҳосили деҳқон заду бурд.

Сад раҳ ин гӯйи дил аз арса бурун овардам,
Зулфи шайтони туаш боз ба чавгон заду бурд.

Килки Толиб, ки алам гашта ба ширинрақамӣ,
Тӯтие буд, ки бар сад шакаристон заду бурд.

* * *

Боз товусхироме суйи мо меояд,
Бандаи омаданаш, ваҳ, зи куҷо меояд?

Мегузорад қадам аз нозу чу мегардад боз,
Аз нишони қадамаш бӯйи ҳино меояд.

Ин хироманда ба зуннор мапурсед, ки кист,
Ошноест, ки бегонанамо меояд?!

Рӯйи ҷаннат нанамоед ба ман, к-ин гулзор
Бӯйи бедардияш аз обу ҳаво меояд.

Кай кунад рағбати ҳамроҳии арбоби ниёз,
Он ки сад қофила нозаш зи қафо меояд.

Чун наёяд зи дилам хун, ки зи дилдор ҷудост,
Чӣ аҷаб, хун агар аз узв ҷудо меояд.

Ба фусуне, ки кунад ғорати сад қофила ҳуш,
Ин фиребандагӣ аз боди сабо меояд.

Ғам фиристодаи ишқ аст, азизаш доред,
Ки ғариб асту зи иқлими вафо меояд.

Толиб, аз чеҳраи дилдор бибин сурати ҳол,
Ки чу ойина ба сад нуру сафо меояд.

* * *

Ҳар киро дил гашт раҳбар, дар ҷаҳон овора монд,
Синарешу пероҳанчоку гиребонпора монд.
Рӯсиёҳӣ бин, ки чун борони раҳмат ронд сел,
Ҷурми ҳар кас маҳв шуд, ҷурми мани бечора монд.
Дӯш дар бар чашмаи Оби Ҳаёте доштам,
Рафт в-аз ҳаҷраш ба чашмам ҷӯшиши фавора монд.
Соиду соқаш чунон дар бар фушурдам, к-аз фишор
Бар тани ман нақши халхолу нишони ёра монд.
Мову гардун ҳар ду бо дилҳои сангин омадем,
Они ман чун мум шуд, они фалак чун хора монд.
Ман, ки мискин будам, аз ҳамвориям меҳнат расид,
Ӯ, ки саркаш буд, оҳанпорааш ангора монд.
Он ки дар домони ишқ овехт, марди кор шуд
В-он ки паҳлӯ кард холӣ, ҳамчу ман бекора монд.
Баски шуд маҳви ҷамолаш, пири панҷаҳсоларо
Дар даҳон ангушт ҳамчун кӯдаки гавҳора монд.
Кай шикебад оташ андар об, маҳви ҳайратам,
К-аз чӣ дар чашми тарам он оташи рухсора монд?
Як назар ҳар кас ҷамолаш дид, чун мӯрон шаҳид,
Ҳар сари мӯяш ҷудо дар лаззати наззора монд.
Ошиқон бечора гардиданду дурӣ даргузашт,
Толиби мискин дар ин раҳ ҳамчунон овора монд.

* * *

Боз мехоҳад гулобе бар рухи олам занад,
Резабороне, ки бо гулҳо дам аз шабнам занад.

Қатра кам-кам мечаконад абри тар бар лавҳи хок,
Рост чун бозандаи нарде, ки нақши кам занад,

Ҳар касе ҳангомае созад тамошорову чарх
То тамошое кунад, ҳангомаҳо барҳам занад.

Захми мо муҳтоҷи марҳам нест, оре, захми ёр
Мезанад захме, ки дар роҳат дам аз марҳам занад.

Чун ту дар гулшан ҳиҷоб аз рух барандозӣ, зи шарм
Ғунча барбандад ниқоби худ, гираҳ муҳкам занад.

Ишқ ҳам одамфиреб афтода, Толиб, ҳуш дор,
Нест шайтон, лек чун шайтон раҳи Одам занад.

* * *

Шароби айши мо аз рӯйи хубон соф кай гардад?
Фалак бо бедилон перомуни инсоф кай гардад?

Куҷо санҷад ғуборам осмон бе файзи бинойӣ,
Набошад ҳар киро нури назар, сарроф кай гардад?

Зи ошӯби замон озодагонро нест ташвише,
Майи софӣ зи барҳамхӯрдагон нософ кай гардад?

Машав парвонаи лоф, ай, ки шамъафрӯзи инсофӣ,
Касе, к-ӯ марди инсоф аст, гирди лоф кай гардад?

Надорад ғам зи чандин харҷи гавҳар чашми файёзам,
Бале, табъи каримозурдаро сарроф кай гардад?

Риёзат пеша кун, гар соф хоҳӣ бодаи маънӣ,
Сухан бе бодаполои риёзат соф кай гардад?

Зи сад хотир яке аттор шояд атри маъниро,
Зи бӯйи нофа хуш ҳар оҳуеро ноф кай гардад?

Надорӣ табъи нозук, бигзар аз шуғли сухан, Толиб,
Ки марди бурёбофе бирешимбоф кай гардад?

* * *

На ҳар тӯтӣ чу ман ширинкалому хушсухан гардад,
Зи сад булбул яке дар тозагӯйӣ мисли ман гардад.

Нафас гарм аст, з-он рӯ нуктаро дер оварам бар лаб,
Ки гар лахте муаттал дорам, об андар даҳан гардад.

Зи дарди нуктасанҷӣ ҳар кӣ огоҳ аст, медонад,
Ки маънӣ дар дил аввал хун шавад, он гаҳ сухан гардад.

Сипеҳр аз сардмеҳрӣ дорадам дилмурда то ҷойе,
Ки гар пероҳани Исо кунам дар бар, кафан гардад.

Асар бар гирди оҳам сахт муштоқона мегардад,
Магар парвона з-ин сон гирди шамъи анҷуман гардад.

Чунин, к-аз бӯйи ӯ пероҳанам шуд гулфишон, Толиб,
Ба гулхан гар фишонам домане, гулхан чаман гардад.

*   *   *

Чу ишқ ояд, куҷо осори ақли зуфунун монад,
Бале, селоб чун зӯр оварад, хошок чун монад?
Зи хӯяш оқилон парвоз гиранд аз сари кӯяш,
Ҳамин ман монаму пероҳанам, лахте ҷунун монад.
Дари дил боз дорам рӯзу шаб чун дидаи ҳасрат,
Ки тарсам чун бибандам, ногаҳон дарде бурун ояд.
Чӣ сон пай гум кунам, к-аз гиря ҳар ҷо лаҳзае монам,
Зи дил парголае он ҷо зи ман дар хоку хун монад?!
Бад-ин ашки дамодам чун зиям, дар ҳайратам, Толиб,
Чароғеро, ки равған об бошад, зинда чун монад?

*   *   *

Лаб шӯру нукта шӯру даҳан шӯру ханда шӯр,
Ин аст фитнае, ки ба олам фиканда шӯр.
Рӯйи замину зери замин пурнамак зи туст,
Яъне ба мурда шӯр фикандӣ ба зинда шӯр.
Носеҳ хамӯш, заҳрфишонӣ зи ҳад гузашт,
Нешат бурида бод, макун ин газанда шӯр.
Аз лаб намак фишону зи сар то ба по шакар,
Ширин хуш аст ҷумла адоҳову ханда шӯр.
Толиб, зи нӯки хома шакаррез шав, ки боз
Ширин кунанд коми ҷаҳоневу банда шӯр.

* * *

Шаб аз дил сӯйи гардун нолае кардам равон охир,
Ба торикӣ фикандам тире, омад бар нишон охир.

Ба савдое, ки дар сар доштам, з-ӯ шодмон будам,
Ғами суду зиёнам кард расвои ҷаҳон охир.

Зи дуди чарб олам тира шуд, он маҳ нагашт огаҳ,
Ки мағз аст ин ки месӯзад ғамаш бо устухон охир.

Муҳаббатро, ки чун хуршед мешуд худ ба худ зоҳир,
Ниҳон кардан набуд аз оқилӣ, кардам аён охир.

Адабро баски бар кӯяш ҷабин бар хоки раҳ дидам,
Ба ёди бӯсае қонеъ шудам з-он остон охир.

Чу аз ҳар шохсорам риштаи уммед кӯтаҳ шуд,
Шудам бар шохи навмедӣ, гирифтам ошён охир.

Ба чашми тарбият сӯям нигоҳе охир, ай гардун,
Зиёд ар нестам, кам нестам аз ину он охир.

Ба ҳар зарбат, ки аз теғи нигоҳаш сӯхтам доғе,
Ки гар рӯзе намонад захми ӯ, монад нишон охир.

Зи як соғар зи бас бадмастию девонагӣ кардам,
Чу Толиб, мунфаил гаштам зи рӯйи майкашон охир.

* * *

Шӯхчашмо, назар аз наргиси масташ бардор,
Шонаи зулф наӣ, даст зи дасташ бардор.
Ай булӯринқадаҳ, аз рашк дилам хун гардид,
Зудтар лаб зи лаби бодпарасташ бардор.
Ай сари зулфи санам, гар ба дилам ёбӣ даст,
Ҷасадаш пеши саг андозу шикасташ бардор.
Марди бебаргу наворо сабук аз ҷой магир,
Кӯза бедаста чу бинӣ, ба ду дасташ бардор.
Шоирӣ дархури Толиб набувад, ай гардун,
Дасти ҳиммат шаву з-ин пояи пасташ бардор.

* * *

Ҳаво хуш асту насими гул аз ҳаво хуштар,
Баҳор хуш, рухи муфлисфурӯзи мо хуштар.
Яке зи ёр хабар медиҳад, яке зи баҳор,
Навои мурғ хушу ҷилваи сабо хуштар.
Хуш аст, хуш сухан аз сӯзи дил баён кардан
В-аз ӯ майи куҳану пири босафо хуштар.
Ба ошноии тан лофи қурби дӯст мазан,
Ба дил гарой, ки дил бо дил ошно хуштар.
Сафои дил ба каф овар, ки дар ғилофи вуҷуд,
Дил аст ойина, ойина босафо хуштар.
Бигӯ, ки бар чӣ адои хуши ту дил бандем,
Ки ҳар адои ту бошад зи ҳар адо хуштар.
Бидор бар дари майхона гӯш, то лаби ҷом,
Бигӯядат, ки зи мулки ҷаҳон куҷо хуштар.
Махон чу Толибам аз ноз сӯйи худ, ки маро
Маё хуш ояд аз он лаб, вале биё хуштар!

* * *

Маҳест дилбари ман, з-офтоб равшантар,
Хате ба гирди изораш зи об равшантар.

Кунад ниқобу рухаш чашми ақл хира, ки ҳаст
Ниқобаш аз руху рух аз ниқоб равшантар.

Шароб кам шавад андар фурӯғи лаъли лабаш,
Ки ҳаст хӯрдани хунаш зи об равшантар.

Магар кушуда зи рух парда моҳи ман, к-имшаб
Намояд аз ҳама шаб моҳтоб равшантар.

Ҳисоби ҷаври ту бар халқ равшан аст, вале
Шавад ба рӯзи ҳисоб ин ҳисоб равшантар.

Ба хомушӣ зи дилам рози ишқ равшан буд,
Суол равшану аз вай ҷавоб равшантар.

Зи сурма хок ба лаб кун ҷамоли наргиси ёр,
Ки ҳаст бар ҳама аз офтоб равшантар.

Ҷавоби қурси маҳ он рӯй доду алҳақ буд,
Ҷамоли равшанаш аз моҳтоб равшантар.

Ба май мапӯш маҳи ман шикастарангии ишқ,
Ки ҳаст бар ҳама аз офтоб равшантар.

Нишон ба нуқтае мекун каломи Толибро,
Ки ҳаст ин рақами интихоб равшантар.

* * *

Файзи пиёла бахшад обу ҳавои Кашмир,
Аз хишти хум ниҳоданд, гӯйӣ, бинои Кашмир.
Чун хоки ишқбозон ҳар лаҳза бар машомам
Бӯйи муҳаббат ояд аз кӯчаҳои Кашмир.
Кашмир меситонам аз Ҳақ ба ҷойи ҷаннат,
Аммо намеситонам ҷаннат ба ҷои Кашмир.
Машшотаи латофат аз баҳри равнақи кор
Беруннамо нагардад бурқаъкушои Кашмир.
Ҷон бурд дӯст, гирам, монанди узрхоҳон
В-он гоҳ барфишонам, к-ин рӯнамои Кашмир.
Шоҳаншаҳи Ҷаҳонгир чанд аз ҳавои ӯ гул,
Хуш мустаҷоб гардид охир дуои Кашмир.
Гарде зи нур бинмуд ҳамранги нур, гуфтам,
К-ин сурмаи биҳишт аст ё тӯтиёи Кашмир.
Ҷаннат куҷо тавонад бо ӯ баробарӣ кард?
Чун лутфи подшаҳ гашт равнақфизои Кашмир.
Васфи биҳишти ҷовид аз ошиқони ӯ пурс,
Моро забон нагардад ҷуз дар санои Кашмир.
Ҳар субҳ дар машомам аз роҳи ошноӣ,
Пайғоми ҷаннат орад боди сабои Кашмир.
Ҳар кас пайи тамошо карданд хуш фазое,
Ризвон фазои ҷаннат, Толиб, фазои Кашмир.

* * *

Чӣ метозӣ шитобон умр, бепарво наӣ охир!
Чӣ аз мо мегурезӣ, давлати дунё наӣ охир!
Биҳил ваҳшат, замоне роми мо улфатгиребон шав,
Рамидан чист охир, оҳуи саҳро наӣ охир!
Чу коми бенасибон аз чӣ databaseдур мегардӣ?
Чаро н-ойӣ ба каф, домони истиғно наӣ охир!
Мадор андеша аз санги ҳаводис, амн бош, ай дил,
Чӣ дар бими шикастӣ, муттасил мино наӣ охир!
Чу оташ то ба кай дар сар ҳавое, мефикан гоҳе
Ба пастӣ сояе, аз олами боло наӣ охир!
Ба торикӣ чӣ тан дардодаӣ чун шоми маҳҷурон.
Чароғе баркун, ай дил, чашми нобино наӣ охир!
Яке худро ба мо меҳнаткашон бинмой, ай роҳат,
Нишони хеш то кай гум кунӣ, анқо наӣ охир!
Зи санги мо сабӯи кас нагардад ранҷа, ай зоҳид,
Чӣ паҳлу меканӣ аз мо, тиҳимино наӣ охир!
Дило, дасти ҳавас чанде ба домони тааллуқ зан,
Муҷаррад чанд гардӣ дар ҷаҳон, Исо наӣ охир!
Шабистон тира шуд, ай моҳи ҷамъият, фурӯзон шав,
Чаро торик месӯзӣ, чароғи мо наӣ охир!
Ба хилват музди суҳбат боз бо дарёдиле, Толиб,
Чӣ танҳо менишинӣ, гавҳари якто наӣ охир?!

* * *

Шаҳди лабаш, ки ҳаст зи ҷон бештар лазиз,
Шаккар магӯ, ки нест шаккар ин қадар лазиз.

Азбас назар ба лаъли лаби ёр кардаам,
Чашми тарам шуда-ст чу бодоми тар лазиз.

Баъд аз фано ба коми ҳумо устухони ман
Бошад ба ёди лаъли ту чун найшакар лазиз.

Мо борҳо зи соғари Ҷамшеду ҷоми Ҷам
Май хӯрдаем, нест чу хуни ҷигар лазиз.

Сахтӣ кунад ба халқ гуворо туро, ки об
То мехӯрад ба санг, шавад бештар лазиз.

Толиб, муҳити ташналабиро садаф манам,
Набвад зи талхкомиам оби гуҳар лазиз.

* * *

Роҳат ояд ба диёри дилу баргардад боз,
Ғам кунад кӯчу пушаймон зи сафар гардад боз.

Рӯзгорест, ки ғам рафта ба тасхири дилам,
Вақти он шуд, ки ба фатҳу ба зафар гардад боз.

Остине чу лаб аз хуни ҷигар дорам хушк,
Имшаб ин гиря умед аст, ки тар гардад боз.

Нома бинвисаму худ аз пайи қосид биравам,
Он қадар сабр надорам, ки хабар гардад боз.

Рӯзгорест, ки дил аз назари дӯст фитод,
Бошад он рӯз, ки манзури назар гардад боз?

Кист дил, к-ӯ ба фироқат бувад оромпазир,
Гар ба по рафта зи кӯйи ту ба сар гардад боз.

Тарфи абрӯи ту чун даст ба меҳр афшонад,
Умри бигрехта чун нури басар гардад боз.

Шакаре, к-ӯ шавад аз нисбати лаъли ту шароб,
Чун барад номи даҳони ту, шакар гардад боз.

Дил, ки дар оташи ҳиҷрони ту шуд, боз омад,
Кӣ гумон дошт, ки ин сӯхта баргардад боз?

Толиб, аз неку бади халқ макун шикваву шукр,
К-ин ҳаводис ба қазову ба қадар гардад боз.

* * *

Дар суханчинӣ чу тифлон табъро бадхӯ масоз,
Гӯшро ҷосуси рози ҳар парешонгӯ масоз.
Ҳар кӣ гӯяд нуктаи сарбастае ғаммозвор,
Хешро борик дар фаҳмиданаш чун мӯ масоз.
Зарфро дарё кун аз вусъат чу орифмашрабон,
Гӯ, ба рӯ оранд сад айби ниҳонат, рӯ масоз.
Созгарӣ пеша кун, шояд бисозад бо ту чарх
В-ар насозад бо ту, аз носозгарӣ, гӯ, масоз.
То набинӣ з-ӯ вафое, дил ба меҳри кас мабанд,
Ҳарза ҷони хешро таъвизи ҳар бозу масоз.
Як ҷаҳон бас нест фурсатро, маёло дасти хеш,
Чун ту сад дарёи сафрой, ба як лиму масоз.
Ё бибин дар ҳар чи пеш ояд ҷамоли кори хеш,
Ё ҷабинро сайқали ойинаи зону масоз.
Чун мараз ишқ аст, ҳон, ай дил, бикаш даст аз илоҷ,
Ин гиромидардро олудаи дору масоз.
Ишқро дар сина пинҳон дор чун дар нофа мушк,
Хешро расво ба бӯйи хеш чун оҳу масоз.
Резаи уди қуморӣ дар даҳон чун гул магир,
Ҷуз ба номи дӯст коми хешро хушбӯ масоз.
Баҳр нопаймуда маъзурӣ ба истизҳор ҷӯй,
Чун канори баҳр дидӣ, бо лаби ҳар ҷӯ масоз.
Чун сабӯи май фурӯ бар ҷумла талхиҳои май,
Лек, Толиб, хешро ҳаргиз турушабрӯ масоз.

* * *

Ба як дил оламе ғам дораму ғамгин наям ҳаргиз,
Чу субҳам хандару̅, бо ҷабҳаи пурчин наям ҳаргиз.
Чӣ ғам, гар талхкомам субҳу шом аз заҳри нокомӣ,
Ба коми талх бе ёди лаби ширин наям ҳаргиз.
Сари болоравам чун шуъла пастӣ барнаметобад,
Бад-ин сар зери бори миннати болин наям ҳаргиз.
Самумам, лек бар гулҳои доғи худ гузар дорам,
Вуболи ёсамину лолаву насрин наям ҳаргиз.
Фақеҳам, номуқайяд аз чӣ мехонад, чу мебинад,
Ки ман фориғ зи қайди турраи мушкин наям ҳаргиз.
Дамодам бо майи дерина меҳрам тоза мегардад,
Зи ёрони куҳан бе бодаи дерин наям ҳаргиз.
Нагардам ром бо ором, Толиб, ман, ки чун оташ
Ҳалоки изтиробам, моили таскин наям ҳаргиз.

* * *

З-он ғофилӣ, ки ишқ наварзидаӣ ҳану̅з,
Меҳнат надида, дард нафаҳмидаӣ ҳану̅з.
Пурсӣ зи ман, ки нори ту норинҷ аз чӣ шуд?
Гу̅ё турунҷи ишқ набу̅йидаӣ ҳану̅з!
Гар беҳунар чу арз намояд ҳунар зи хеш,
Дар хоку хун чу ашк нағалтидаӣ ҳану̅з.
Наншастаӣ зи рашк бар оташ ба сони уд,
Чун зулфи худ ба хеш напечидаӣ ҳану̅з.
Огаҳ зи беқарории Толиб наӣ, бале,
Бар хуни худ сипеҳр нагардидаӣ ҳану̅з.

* * *

Чӣ дорӣ бо дилам, ай шаб, намо рӯз!
Дурангӣ бартараф, шаб бош ё рӯз!
На бар ман рӯзро раҳме, на шаброст,
Ҷудо шаб мехурад хунам, ҷудо рӯз.
Рамад з-ин шоми зулматошно субҳ,
Гурезад з-ин шаби чун аждаҳо рӯз.
Куҷо Маҷнун ба нокомӣ, куҷо ман,
Куҷо шаб дар сияҳбахтӣ, куҷо рӯз!
Ба рӯз аз ваъдаи васли ту ёбам,
Кунам шабро ба иброи дуо рӯз.
Ту нурӣ, қадри зулмат кай ниносӣ!
Ки шабро шаб шиносад, рӯзро рӯз!
Зи бас дар зулматам з-ин бахти шабранг,
Намеояд ба чашмам ошно рӯз.
Шабам хуш бод дар айёми он зулф,
Ки хаффошам, намесозад маро рӯз.
Гарам шаб рӯ диҳад васлат, хушо шаб
В-агар рӯзам шавад рӯзӣ, хушо рӯз!
Чу чархи пурғизоли ғайратандеш
Сари шаб мекунам фарёд то рӯз.
Ту харбоию ман хаффош, Толиб,
Туро шаб зинда медорад, маро рӯз!

*   *   *

Бирез гул ба гиребону май бинӯш имрӯз,
Ки рӯз бодафурӯш асту гулфурӯш имрӯз.

Ҳаво бибину қадаҳ гиру сӯйи дашт хиром,
На рӯзи гӯшанишин асту хирқапӯш имрӯз.

Хуш аст хотири доно чунон ки навҳаи зоғ,
Навои фохта меоядам ба гӯш имрӯз.

Чаро нарақсад оҳу, чаро нахандад кабк,
Нишот мезанад аз кӯҳу дашт ҷӯш имрӯз.

Чунонки аз асари айш ҳамчу мурғи ҳаво,
Зи дил ба сӯйи замон меравад хурӯш имрӯз.

Чунон ки мурғ кунад қасди обу дона зи шох,
Зи чарх майли замин мекунад сурӯш имрӯз.

Гунаҳ ба гардани ман зоҳид ар нагирад ҷом,
Ба зӯри хеш бирезед дар гулӯш имрӯз.

Чу рӯзи айшу нишот аст, нӯш кун, Толиб,
Қадаҳ ба ҳукми шаҳаншоҳи ҷуръанӯш имрӯз.

* * *

Он қадар беҳуда гардидам, ки гардун гуфт: – Бас
В-он қадар девонагӣ кардам, ки Маҷнун гуфт: – Бас!

Бо вуҷуди васл дӯш аз гиря оромам набуд,
Он қадар хун аз дил афшондам, ки Ҷайҳун гуфт: – Бас!

Аз даруни парда менолад дил аз ҳиҷрони май,
Соқиё, бовар макун, гар лаб зи берун гуфт: – Бас!

Риштаи тасбеҳи ашкам ногаҳон бигсаст дӯш,
Он қадар дурдона афшондам, ки Сайҳун гуфт: – Бас!

Соҳиби ҳоли дарун қоли бурунро барнаёфт,
Баҳси ҳикмат чун мукаррар шуд, Фалотун гуфт: – Бас!

Вожгун фаҳмида соқӣ муддао в-арна лабам
Дар шитоби даври соғар сад раҳ афзун гуфт: – Бас!

Ҳирсро чашм аз нисори гиряам гардид сер,
Сими ашк он қадр афшондам, ки Қорун гуфт: – Бас!

Баски Толиб бар тару хушки ҷаҳон нолид зор,
Баҳр гӯш аз нолааш бигрифту ҳомун гуфт: – Бас!

* * *

Чу баргирад ба ноз он нозанин рақс,
Кунад дар зери пойи ӯ замин рақс.
Кадомин дил ба ҷо монад, чу бинад
Чунон раққосро дар инчунин рақс.
Кӣ мерақсад, шавам қурбони раққос,
Чӣ рақс аст ин, балогардони ин рақс.
Дил аз шавқи лабаш мерақсад, оре,
Магас дорад ба ёди ангубин рақс.
Фалак бедаступо гардад, чу гирад
Нигорин тавсанаш дар зери зин рақс.
Туро гул дар гиребон менамояд,
Чу ҷони ошиқон дар остин рақс.
Май аз дасти кӣ нӯшидӣ, ки дорад
Туро бар остин бори ҷабин рақс?
Ба зулфи кофурат нозам, ки дорад
Ба куфрободи ӯ дил рақсу дин рақс.
Тазарвони чаман помол гаштанд,
Сарат гардам, ҳамин бошад, ҳамин рақс.
Зи тамкин дар азобам ёди рӯзе,
Ки мекардам ба дасту остин рақс.
Чӣ ишрат рӯ ба олам карда, Толиб,
Ки дорад осмон рақсу замин рақс?

* * *

Биншин нафасе ҳамдами дил, маҳрами ҷон бош,
Лахте на бар ойини ҷаҳони гузарон бош.
Даври фалак аст ин, ба як оҳанг нарақсад,
Гӯ, рӯзи дувӣ ҳам ба муроди дигарон бош.
Ай, ёфта завқи тарабу чошнии айш,
Домони май аз даст мадеҳ, гӯ, рамазон бош.
Бе ҳасрати дидор тамошо гули бебӯст,
Асбоби нигаҳ ҷамъ кун, он гаҳ нигарон бош.
Ороиши маънӣ чӣ бувад? Нозукии лафз,
Дар нутқ сабукрӯҳтар аз ҷавҳари ҷон бош.
Хомуш манишин, шамъи саҳар нестӣ, ай дил,
Дар зулмати шаб шуълабарафрӯзи ҷаҳон бош.
Дур аст дил озурдан аз ойини мурувват,
Гӯ, теғи забонро асари теғи миён бош.
То чанд кунӣ саркашӣ аз тавсани уммед,
Дастат ба ҳино нест, гулӯгири инон бош.
Сад ранги гул овезаи домони хамӯшист,
Каффораи гуфтор гаҳе қуфли забон бош.
Зӣ он ки чароғи дилат афсурдагӣ омӯхт,
Якчанд ба хокистари парвоз тапон бош.
Пирӣ гули кайфияти маҳрумии ишқ аст,
Маъҷуни муҳаббат хуру ҷовид ҷавон бош.
Толиб, раҳи мастон ба ҳақиқат раҳи пастист,
Гар бохабарӣ, дар қадами бехаборон бош!

* * *

Зи ғам сад неш дорам, дар ҷигар беш,
Ба як сар мекашам сад дарди сар беш.
Мудомам бод дар мушт аст, ҳарчанд,
Ба ҳар ангушт дорам сад ҳунар беш.
На ҳурихислатам, хаффоштабъам,
Аз он майлам ба шом аст аз саҳар беш.
Фалак дарёмисол афтода, з-он рӯй
Чу дарё нафъ кам дорад, зарар беш.
Лабаш заҳру шакар дорад дар оғӯш,
Валекин заҳр кам дорад, шакар беш.
Чу парвона ба рӯзи шавқ дорам,
Ба поси худ гумон аз болу пар беш.
Ҳазарҳо ҷумла дар қурб аст, оре,
Канори баҳр медорад хатар беш.
Тафовут раҳ мадеҳ дар ризқи Толиб,
Агар кам мерасад рӯзӣ, агар беш.

* * *

Май ҳалол аст дар ин фасл, далерона бинӯш,
Гар нанӯшӣ ба сари кӯча, ба кошона бинӯш.
Мо, ки риндем, қадаҳ бар сари бозор кашем,
Ту, ки дар пардаи зуҳдӣ, ба ниҳонхона бинӯш.
Ба ду ҷомат сару дастору хирад рафт ба бод,
Кӣ туро гуфт, ки май бо мани девона бинӯш.
Бо гулу шамъ чӣ ҷӯшӣ, кӣ туро фармон дод,
Ки бирав хуни дили булбулу парвона бинӯш?!
Нашунидӣ масали майзадаро, май, Толиб
Чанд махмур нишинӣ, ду-се паймона бинӯш!

* * *

Мечамад он сарв, гулзор аз қафо меоядаш,
Бӯйи фатҳи ғунча аз банди қабо меоядаш.

Чун ба рафтан пай кунад гум, к-он тазарви хушхиром,
Меравад в-аз нақши по бӯйи ҳино меоядаш.

То куҷо май хӯрдаву дар сар чӣ дорад он савор,
К-аз даҳони теғ бӯйи хуни мо меоядаш?!

Меҳр меҷӯяд ба хосият дилам з-абнои даҳр,
З-он ки мардум дар назар мардумгиё меоядаш.

Турки ман худро зи дилҷӯйӣ наёрад боздошт,
Чун кунад имрӯз, ойини вафо меоядаш.

Дил зи бас хӯ карда дар ишқи ту бо пайғоми яъс,
Ҳар чи мегӯянд, бар гӯш ин садо меоядаш.

Кай фуруд орад зи истиғно ба мо тарфи кулоҳ,
Он ки бӯйи саркашӣ дар нақши по меоядаш.

Зеҳ ба таҳсин аз камон бар гӯши гардун мерасад,
Бар нишон чун новаки кокулрабо меоядаш.

Ғунча дар пеши дилам забти табассум мекунад,
К-аз рухи гулҳои доғи ӯ ҳаё меоядаш.

Шуд дилам, Толиб, заиф он сон, ки дар борони меҳр
Бар сар аз ҳар қатра санги осиё меоядаш.

* * *

На он мор аст зулфи ӯ, ки густохона гирандаш,
Магар афсунгарони дил ба сад афсона гирандаш.

Дилам мурғест пурнақшу нигор аз дуди дил, аммо
На мурғе, к-аз ҳаво тифлон ба дому дона гирандаш.

Нагардад сайди дому дона шаҳбози дилам, шояд
Каманди шуълаи чин карда чун парвона гирандаш.

Ту, ай зоҳид, битарс аз субҳа, к-ин дил нест он мурғе,
Ки то аз симтан дому булӯрин дона гирандаш.

Мадеҳ доман ба дасти бод зулфи анбарафшонро,
Мабодо мӯшикофон бар забони шона гирандаш.

Суроғи Толиб аз майхона ҷӯ, к-он ринди беғамро,
Ба ҳар ҷо гум намоянд, аз дари майхона гирандаш.

* * *

Худ муштарии хешаму худ нархгари хеш,
Ман донаму ман қадри гиромӣ гуҳари хеш.

З-он ҳеч касам нест дар ин ришта харидор,
К-аз аблаҳиям худ шуда даллоли хари хеш.

Шарт аст, соҳибназарон айб нагиранд,
Гар беҳунаре арз намояд ҳунари хеш.

Гар бори дилам бар китифи кӯҳ гузоранд,
Кӯҳ аз асари дард бидаррад камари хеш.

То дастаи дандон ба ҷигар дашна нишондам,
Дандон кӣ ниҳода-ст чунон бар ҷигари хеш?!

Оростани болу пар асбоби гурез аст,
Гар мурғи асирӣ, бишикан болу пари хеш.

Гар хом бувад, пухта шавад з-оташи савдо
Хиште, ки мани хаста ниҳам зери пари хеш.

Толиб, машав озурда, гар обат надиҳад чарх,
Дарсоз ба серобии ашъори тари хеш.

* * *

Меравад мастона, гӯё буда пур паймонааш,
Кабк хун мегиряд аз рафтори товусонааш,
Мехиромад бо абирафшонии боди баҳор,
Ҳушҳо масту харобаш, ақлҳо девонааш.
Ҷинси ин майхона кайфият намебахшад маро,
Ай дареғ, он май, ки чашми ӯ бувад майхонааш.
Мешавад сандал зи таъсири шамими ӯ насим,
Вақти ороиш, ки аз шамшод бошад шонааш.
Бо ду рух шамъ асту гул он шуълахӯ, Толиб, ки боз
Ҳам дили ман булбулу ҳам ҷони ман парвонааш.

* * *

Карашма нозуку лаб нозуку сухан нозук,
Зи фарқ то ба қадам ҳамчу табъи ман нозук.
Касе, ки дида баногӯши ӯ шабе дар хоб,
Наёядаш ба назар барги ёсуман нозук.
Ба аҳди нозукии лолазори орази ӯ
Гумон мабар, ки гуле рӯяд аз чаман нозук.
Ҳазор сӯзани рашкам фузуд бар мижгон,
Касе, ки бар тани ӯ дӯхт пераҳан нозук.
Фиғон, ки аз гулу оби санам намеҷӯшад,
Карашмае, ки шавад табъи барҳаман нозук.
Магар зи ғамзае Ширин ба теша дод алмос,
Ки лавҳи фитна тарошида Кӯҳкан нозук
Чунон гудохта ҷӯши хаёл Толибро,
Ки мӯ ба мӯ шуда чун фикри хештан нозук.

* * *

Чӣ ғофил хуфтаӣ, бархез, субҳ инак, шароб инак!
В-агар бовар надорӣ, дида бикшо, офтоб инак!

Маро ранг аз рухи чун офтобаш моҳтобӣ шуд,
Дило, гар мункирӣ, ранги ман инак, моҳтоб инак!

Ба ғорат бурда ҳусни оразат сомони гулшанҳо,
В-агар бовар надорӣ, сад гулистони хароб инак!

Шитобе кун, дило, шояд гиребонаш ба чанг орӣ,
Ки хуш масту хиромон меравад аҳди шубоб инак!

Зи ғайрат, ай ки мӯйе бар бадан дорӣ, биё, бингар,
Ки ёди зулфи ӯ чун дорадам дар печу тоб инак!

Хуш он толеъ, ки гӯяд шоҳиди мақсуд, к-ин мискин
Ба дасти орзу бикшо гираҳбанди ниқоб инак!

Дило, гар душманӣ бо роҳат, инак завқи бедорӣ
В-агар бар бистари нозат сару кор аст, хоб инак!

Яке бар оташи дилҳо фишон бар ҷӯйи ғам обе,
Ки халқеро ба зери теғ дорад изтироб инак!

Дили бирёну ашки лолагун пеш ораму гӯям:
– Чаро афсудаӣ, Толиб, шароб инак, шароб инак!

* * *

Ай пеши чеҳраи ту арақнок рӯи гул,
Хӯи ту хӯи оташу бӯи ту бӯи гул.
З-он чеҳра оташе ба чаман бар, к-аз инфиол,
Минбаъд булбуле накунад орзуи гул.
Дар оби заҳр ғӯта диҳам нури дидаро,
Гар бе ту ногаҳам назар афтад ба сӯи гул.
Рафтӣ ба сӯи гулшану ҳангоми бозгашт
Кардӣ ҳазор гиря гираҳ дар гулӯи гул.
Он хор нест бар тани гулбун, ки гаштааст
Аз ғайрати ту теғ бар андоми мӯи гул.
Аз шарми наргиси ту ба таклифи сад баҳор,
Ранге, ки рафта буд, наёмад ба рӯи гул.
Гум кардаам турову ба бӯйи ту бар танам,
Ҳар мӯ ба сад чароғ кунад ҷустуҷӯи гул.
Дар пойи гулбун аз сари ҳасрат нишастаам,
Чашме ба сӯи булбулу чашме ба сӯи гул.
Гулшан дар ин баҳор басе бетароват аст,
Гӯӣ, нарафта қатраи обе ба ҷӯи гул.
Бебаргии чаман ба хазон андалеброн
Дар шишаи гулоб дарорад ба бӯи гул.
Аз иттиҳоди ошиқу маъшуқ, дур нест,
Гар оҳи андалеб харошад гулӯи гул.
Шуд боз оби дидаи Толиб чаманшинос,
З-ин пас ҳаром гашта ба шабнам вузӯи гул.

* * *

Риштаи меҳру муҳаббат нагсилам з-он дилгусил,
То маро аз зулфи ӯ боқӣ бувад бӯйе зи дил.

Гӯшаи чашме ба гулҳои баҳорӣ доштам,
Чун баҳори рӯйи ӯ дидам, хиҷил гаштам, хиҷил,

Роҳи ишқ аст ин, матарс аз ташнагӣ, мардона бош,
К-андар ин раҳ даҷлаҳо бинӣ зи хунҳои биҳил.

Ашки берангам гувоҳӣ бар дили пурхун надод,
Мунфиал гаштам зи изҳори муҳаббат, мунфаил.

Пойи дил аз гил бурун оварда будам мардвор,
Боз то ойинаи зону фурӯ рафтам ба гил.

Мастро ҳушёр набвад дилнишин, маъзур дор,
Бехудам гардон, ки дар базми ту нанмоям хиҷил.

Гар туро рӯ содаи бадхӯ, маро дил сода аст,
Ту ба ҳусни рӯй менозиву ман бар ҳусни дил.

Шуълае будам бағоят саркашу беэътидол,
Сардмеҳриҳои даҳрам кард з-ин сон муътадил.

Чандам аз дӯзах диҳӣ таҳдид, воиз нестӣ,
Лол шав, Толиб, маро лахте ба ҳоли худ биҳил.

* * *

В-агар по дар салосил дорам аз ғам,
Саре бар зонуи дил дорам аз ғам.
Ба қасри дил ниҳон аз чашми ғаммоз,
Яке худро шамоил дорам аз ғам.
Ҷарасҷунбони ишқам аз дили хеш,
Ба ҳар мӯ сад ҷалоҷил дорам аз ғам.
Чаро лабташнаам чун шишаи дил,
Пур аз заҳри ҳалоҳил дорам аз ғам.
Тапиданҳои набзи дил гувоҳ аст,
Ки ҳоли мурғи бисмил дорам аз ғам.
Аз он бар шуъла чун парвона ҷӯшам,
Ки шамъе дар муқобил дорам аз ғам.
На Маҷнунам, вале бар ноқаи дил
Яке зебанда маҳмил дорам аз ғам.
Чу деҳқонам, ки дар тухмафкани дил,
Гиёҳи барқ ҳосил дорам аз ғам.
Паризодони айшам камфиребанд,
Ки таъвизе ҳамоил дорам аз ғам.
Маро зебад хироми гулшани айш,
Ки то по арш дар гил дорам аз ғам.
Нагирям бесабаб ҳар дам чу Толиб,
Ба каф зулфи расоил дорам аз ғам.

* * *

Як субҳдам аз айш суроғе нагирифтем,
Бо тозагуле гӯшаи боғе нагирифтем.

Ёрон ҳама асбоби тараб ҷамъ намуданд,
Моем, ки сомони фароғе нагирифтем.

Бо навҳа ба як парда навое насурудем,
Бо субҳа ба як даст аёғе нагирифтем.

Сад рӯзи мусибат гузарондем, ки як шом
Бо шамърухе пойи чароғе нагирифтем.

Мурдем ба захми дилу з-ин шуълафурӯшон
Як раҳ ба ғалат пунбаи доғе нагирифтем.

В-аз обу ҳавои чамани Ҳинд чу Толиб
Файзи асар аз нағмаи зоғе нагирифтем.

* * *

Сари осудагон ошуфтасомон аз ту мебинам,
Ҳазорон турраи ҳастӣ парешон аз ту мебинам.

Самои барги гул бар тарфи домон аз ту медидам,
Кунун рақси ҷигар бар нӯки мижгон аз ту мебинам.

Ба тифли ғунча дар як пераҳан нолидаӣ умре,
Таровишҳои доғи андалебон аз ту мебинам.

Насими ҳайрати ҳусн аз ту дорад дасти хокангез,
Бутонро ғунчаҳои ҷалб хандон аз ту мебинам.

Фитод аз домани хӯйи ту то гулбарги бебокӣ,
Сабо гар шӯх тозад бар гулистон, аз ту мебинам!

Супурдам хешро бо маҳрамонат пос дор, ай ғам,
Гар аз айшам расад гарде ба домон, аз ту мебинам!

Забони нағмаи шукри ту чун кӯтаҳ кунам, Толиб,
Ки ҳар файзе, ки бинад ҷисм аз ҷон, аз ту мебинам!

* * *

Мастам дигар он сон, ки сар аз по нашиносам,
Соғар зи лабу бода зи мино нашиносам.

Нашнохтани дӯст бувад шоҳиди мастӣ,
Мастӣ на ҳамин аст, ки худро нашиносам.

Ман гесуи ошуфта надонам чӣ гиёҳест,
Аз мӯй ба ҷуз зулфи чалипо нашиносам.

Ку нашъаи завқе, ки тани Юсуфи дилро
Гар хор бувад ҳулла, зи хоро нашиносам!

Дорам диле, аммо зи сияҳкории савдо,
Ҳар қатраи хунаш зи сувайдо нашиносам.

Ё қуфл задан бар мижа, ё сел кушудан,
Ман воситаи ин ду сифатро нашиносам.

Файзи нафаси дӯст муродам бувад, ар не
Он нест, ки ман қадри Масеҳо нашиносам.

Дил мекунадам шонагии турраи Юсуф,
Ошуфтаи гесӯи Зулайхо нашиносам.

Толиб, талаби ваъдаи васле кунам имрӯз,
Ман чошнии суҳбати фардо нашиносам.

* * *

Шуд умру гуле аз чамани айш начидем,
Бар гӯшаи дастори касе низ надидем.

Дар обу ҳавое, ки гул аз шуъла дамонад,
Бо сабзвашон аз лаби ҷӯйе надамидем

Бо он ки ба гулзори ҷаҳон тоири атрем,
Ҳаргиз ба пару боли насиҷе напаридем.

Шуд гӯш пур аз замзамаи тоири андӯҳ
В-аз мурғи тараб низ навое нашунидем.

Ҳаргиз ба ҳавас тарфи лабе ғайри лаби хеш
В-он низ ба таклифи таассуф нагазидем.

Нагзашт ба дил ёди ту, к-аз шавқ нагаштем,
Як қатраи хун в-аз сари мижгон начакидем.

Чун меваи сармозада дар нашъаи хомӣ
Пажмурда шудему ба расидан нарасидем.

Бо ин ҳама шодем, ки аз шоҳиди айём
Сад ноз чу Толиб ба ниёзе нахаридем.

* * *

З-он чеҳра гул ба домани андеша мекунам,
Хуршед мефишораму дар шиша мекунам.

То кай ҷарида қатъ тавон кард, роҳи шавқ
Якчанд ҳаминонии дил пеша мекунам.

Хунам махур ба туҳмати олудагӣ, ки ман
Заҳр аст, ин на бода, ки дар шиша мекунам.

Меоядам гаҳе гилае бар забон, вале
Аз нозукии хӯйи ту андеша мекунам.

Тухми муҳаббатам, ки ба ҳар шӯразори дил
Қисмат ҳавола мекунадам, реша мекунам.

Ҷинсе муносиби ту намеоядам ба ҷанг,
Ҳарчанд кунҷковии андеша мекунам.

Толиб, ба ёди он лаби ширин чу Кӯҳкан
Бар Бесутуни дил мижаро теша мекунам.

* * *

Баландӣ нанги ҳиммат буда, ман бовар намекардам,
В-агарна шеваи ҳимматбаландон сар намекардам.

Тамошои гулам бар бод дод, ай кош, дар гулшан
Саре чун ғунча аз чоки гиребон бар намекардам.

Гули парвоз мечидам, дареғо гар чу мурғи дил,
Шикасти зулфи ӯ дар кору бори пар намекардам.

Муҳаббат шуълаи хаспӯш хоҳад, кошки ман ҳам
Саре аз ҷайби хокистарнишинон барнамекардам.

Агар кайфияти беҷавҳарӣ мегашт маълумам,
Чу теғи ёр ҳаргиз такя бар ҷавҳар намекардам.

Дар ин бӯстони қисмат меваи талхи муҳаббатро
Ба ҳасрат кошки мемурдаму навбар намекардам.

Насими уди шавқам, изтиробам мекашад в-арна
Саре берун зи оташхонаи миҷмар намекардам.

Ба марги Хизр шодам, ёди айёме, ки дар водӣ
Лаби хушке намедидам, ки чашме тар намекардам.

Таманнои шаҳодат Хизри раҳ шуд в-арна чун Толиб
Зи оби теғи ӯ ҳаргиз гулӯе тар намекардам.

* * *

Мо машрабиёни майпарстем,
Ороиши тавба чун шикастем?
Бо иллати кӯтаҳостинӣ
Бар соғари май дароздастем.
Сад шиша шикастаем дар рақс,
Бо он ки ҳанӯз ниммастем.
Инкор ба кеши мо ҳаром аст,
Фирдавсу ҷаҳим ҳар ду ҳастем.
Дасти ҳама кас ба мо дароз аст,
Мо шеваи шохсори пастем.
Кай тораки фаршиён бисудем?
Кай синаи аршиён бихастем?
Кай абрӯи ӯ ишора фармуд,
К-аз кунгури ломакон нахастем?
Бо неъмати ӯ зи серчашмӣ
Бар хони сипеҳр нангаристем.
То панҷаи мо ба домани ӯст,
Бар ҷайби фалак дароздастем.
То домани давлаташ гирифтем,
Бар маснади офият нишастем.
То қиблаи худ насохтемаш,
Аз ишваи осмон нарастем.
Дам даркаш аз ин ҳадис, Толиб,
Мо шишаи фориғ аз шикастем.

* * *

Мо бо гули баҳор чу булбул нишастаем,
З-он рӯ шукуфтаем, ки бо гул нишастаем.

Боди саҳаргаҳем, ба ошуфтагӣ масал,
Гоҳе ба зулфу гоҳ ба кокул нишастаем.

Бар қалби баҳр аҳли таваккул заданду мо
Аз бетаваккулӣ ба сари пул нишастаем.

То чанд интизори шаҳодат, кунун бас аст,
Умре ба зери теғи тағофул нишастаем.

Шустанд халқ з-оби тараққӣ ҷабини мо,
То сина дар ғубори таназзул нишастаем.

Як сӯ ниҳода бар сари ҳиммат кулоҳи факр,
Чун хисравон ба тахти таваккул нишастаем.

Хокистарест бар тани мо ҷома, з-он ки мо
Дар мотами баҳор чу булбул нишастаем.

Бар хор фарши мо мафикан, з-он ки шабнамем,
Яъне ҳамеша бар гулу сунбул нишастаем.

Толиб, зи сабзгулшани Аҷмир чун насим
Бигзар, хаёл кун, ки ба Омул нишастаем.

* * *

Гули рухсори ту рангаш ба қарор аст мудом,
Чамани ҳусни туро ҷӯши баҳор аст мудом.

Дар хами ҳалқаи зулфи ту, ки чашмаш марасод,
Пойи мӯри нигаҳам бар дами мор аст мудом.

Насаби сина ба танбӯр расад ошиқро,
З-он ки бо нолаи зораш сару кор аст мудом.

Гар дилам сурати мақсуд нанамояд, чӣ аҷаб?
З-он ки ин ойина дар зери ғубор аст мудом!

Ҳар куҷо равзанае ҳаст, кунад навбари нур,
Равзани ғамкадаи мост, ки тор аст мудом.

Чун ба сар хок наафшонам аз ин ғабн, ки умр
Нест бӯйи гулу бар бод савор аст мудом.

Дар шабистони ғам аз ёди рухе Толибро,
Гули хуршед дар оғӯшу канор аст мудом.

* * *

Ман, ки дар хун дасту пойи сайди бисмил мезанам,
Бо лаби ҷон бӯса бар шамшери қотил мезанам.

Чун ба саъям домани Лайлӣ намеояд ба ҷанг,
Дасти дил ночор бар домони маҳмил мезанам.

Хок гардад санг, бовар кун, ки умраш пеш аз ин
Бар сарам буд хок ин санге, ки бар дил мезанам.

Гар занад чархам лагад бар сар, намегардам забун,
Бӯсае бар пош ман ҳам дар муқобил мезанам.

То нагардам монда, худро ланг месозам зи ҷаҳл
Тешае, бар по чу муздурони коҳил мезанам.

Лангарам бигсаста, з-онам дар вуҷуд ором нест,
Киштии девонаам, худро ба соҳил мезанам.

Чун магас, к-андар фироқи шаҳд нолад зор-зор,
Машқи шеван дур аз он ширишамоил мезанам.

То намонад хотири ёрони мушфиқ, чокро
Бар гиребон менамоям, лек бар дил мезанам.

Ростонро сарфаи тадбир гоҳе дар каҷист,
З-он ба дасти рост шамшери ҳамоил мезанам.

Гарчи хомӯшам, зи ман ғофил машав, Толиб, ки ман
Шаст ногаҳ мекушоям, тир ғофил мезанам!

* * *

Диле аз қайди ин вайронсаро вораста мехоҳам,
Пайи озодӣ он дар бозу ин дар баста мехоҳам.

Басе озурдадил з-ин нешгуфтории иғроқам,
Яке марҳамтабиат ҳамдами оҳиста мехоҳам.

Сипеҳрам байзаи рангини дил бишкасту мегирям,
Ки тифлам, баҳри бозӣ байзаи нашкаста мехоҳам.

Биҳишт аз боғи лутфаш барги сабзеву ман аз ҳиммат
Ба барги сабз розӣ нестам, гулдаста мехоҳам.

Гаҳе бо ин дили вораста дорам гӯшаи чашме,
Вале он абрӯи пайвастаро пайваста мехоҳам.

Димоғи интихобам нест дар бозори неку бад,
Асал бо мум меҷӯям, рутаб бо хаста мехоҳам.

Намедонам нишасту хост алҳақ, то биёмӯзам,
Замин бархоста аз ҷо, фалак биншаста мехоҳам.

Ба ҳар мавзунтабиат сар намеорам фурӯ, Толиб,
Басе мушкилписандам, шоири барҷаста мехоҳам!

*   *   *

Мо душманӣ ба мардуми олам накардаем,
Мӯйе чӣ бошад, аз сари кас кам накардаем.

Бар мо ҳар он қадар, ки ғами ишқ карда зӯр,
Пушти камони ҳавсаларо хам накардаем.

Розе, ки пардаи дили мо карда ихтиёр,
Он розро забонзади маҳрам накардаем.

Буда-ст резачинии алмос кори мо,
Захмем, лек такя ба марҳам накардаем.

Лабташна сабзаем, вале дӯши худ зи ор
Дар зери бори миннати шабнам накардаем.

Айби бузург шиша тиҳӣ будан аст, аз он
Дар умри хеш дил тиҳӣ аз ғам накардаем.

Ваҳшиғизоли айш ба мо – дӯстони ғам
Ҳаргиз нагашта ром, ки мо рам накардаем.

Накшудаем бар рухи ёре дари нишот,
Кори калиди майкадае ҳам накардаем.

*   *   *

Чӣ хуш болидаӣ, ай нахл, бар болиданат нозам,
Ба гул чидан саре дорӣ, сари гул чиданат нозам.

Иноятро ба лутф омезише пайдост пинҳонӣ,
Забон дар ҷангу дил дар оштӣ, ранҷиданат нозам.

Гумон дорам, ки дар ойинаи мо дидаӣ худро,
Аз он бар хеш менозӣ, ба худ нозиданат нозам.

Қабо якнима то пӯшида, товусони ҷаннатро
Зи ғайрат сохта урён, қабо пӯшиданат нозам.

Ман аз тарзи иборат ҳолҳо маълум медорам,
Ту аз басту кушоди лаб, адо фаҳмиданат нозам.

Зи ҳуснат нест афсӯсе, вале пайваста лаб хойӣ,
Мазоқи тӯтиён дорӣ, шакар хоиданат нозам.

Иёри дониши Толиб ба назму наср санҷидӣ,
Ҳамин бошад сухансанҷӣ, сухан санҷиданат нозам.

* * *

Мо дар канори сабзаву сунбул нишастаем,
Шабнам наему бар вараќи гул нишастаем.
Бархез, гӯ, ба арбада сад фавҷи ғам, ки мо
Омодаи ҳазор таназзул нишастаем.
Зоғ аз кучову нағма куҷо, шарми мо бидор,
Бас нест ин ки паҳлуи булбул нишастаем.
Ҳар мӯйи мо ба дасти ғаме дар шиканҷа аст,
Ошуфтатар зи буттаи сунбул нишастаем.
Дар сояи васила гурезанд халқу мо
Осуда дар паноҳи таваккул нишастаем.
Овози сел мешунавему зи алабҳӣ,
Бо пойи дар ҳино ба таҳи пул нишастаем.
Ай лутфи ёр, гӯшаи чашме, ки умрҳо
Ларзон ба зери теғи тағофул нишастаем.
Мушкилғубори домани чинем, к-аз шараф
Гоҳе ба зулфу гоҳ ба кокул нишастаем.
Гӯ, ишқ дасти зилзила аз остин барор,
Мо низ мустаъиди тазалзул нишастаем.
Афтодаем аз намаки изтироби хеш,
То дар ҷавори сабру таҳаммул нишастаем.
Толиб, гумон мабар, ки ба сумбулситони Ҳинд
Фориғ зи ёди гулшани Омул нишастаем.

* * *

Ёди суҳбатҳо, ки бо ёрони якдил доштем,
Ханда бар гул мезадем, ар пой дар гил доштем.
Ғам намегаштӣ ба гирди табъи мо девонавор,
Гарчи зулфи ӯ саропо дар салосил доштем.
Сурати сад айш моро дар назар чун моҳ буд,
Гарчи чун гул дар хазон ойина дар гил доштем,
Аз сафои синаи мо дар муқобил буд ёр,
Гарчи чандин оҳанин девори ҳоил доштем.
Теғ мехӯрдему абрӯ хам намекардем ҳеч,
Кушта мегаштему миннатҳо ба қотил доштем.
Ӯ ҳамоил дошт бар дӯши тағофул теғи ноз,
Мо ба гардан ҳасрати теғаш ҳамоил доштем.
Нақши пойи ноқа медидему мерафтем шод,
Гарчи сад хунхори водӣ то ба манзил доштем.
Дар миёни варта аз тӯфон намекардем хавф,
Тан ба киштӣ, дил ба дарё, рӯ ба соҳил доштем.
Гарчи хори раҳ зи шамшери маломат тез буд,
Мо қадам з-ӯ тезтар дар қатъи манзил доштем.
Зери теғ аз хуни худ бикшуда чун товус бол,
Даъвии парвоз бо мурғони бисмил доштем.
Хорҳо дар ҳар қадам бо мо синонҳо карда тез,
Мо ба водии ҷунун дунболи маҳмил доштем.
Мешуд осон бар дили мо аз кароматҳои ишқ,
Гар ба ҷойи мӯй бар андом мушкил доштем.
Талхии заҳри сафар, Толиб, намекардем фаҳм,
Баски бар сар шӯри он шириншамоил доштем.

* * *

Дар ҳар саре чу нашъаи савдо нишастаем,
Дар ҳар диле чу доғи таманно нишастаем.

Дар дил нишаста он ки бувад дилнишини табъ,
Мо дилнишин наему ба дилҳо нишастаем.

Гӯ, пойи ҳарфу роҳи нигаҳ дар миён мабош,
Ай айш, баски бо ту ба як ҷо нишастаем.

Чун лаъли оташину чу ёқути обдор,
Дар хуни дил нишаста ба як ҷо нишастаем.

Миност чарху софии ӯ рӯҳи поки мост,
Мо таҳнишин, ки дар таҳи мино нишастаем.

Ӯ арзи ҷилва мекунаду мо ба сад ниёз
Дар кунҷи чашми худ ба тамошо нишастаем.

Толиб, чу софи ишқ кашӣ, ҷуръае фишон
Бар мо, ки дар кудурати дунё нишастаем.

* * *

Чу шер ошуфтаам, бо чархи рӯбаҳбоз мекӯшам,
Басе кӯшидаам бо ин фусунгар, боз мекӯшам.

Ба ҳусни табъ нозам мерасад бо ҷумла маҳбубон,
Муқаррар шуд бинозад баъд аз ину боз мекӯшам.

Диле бемор дорам, тоби фарёдам намеорад,
Ба ҳангоми фиғон дар пастии овоз мекӯшам.

Ғамат розест дар дил, ҳамчу ҷон медорамаш пинҳон,
Даме то ҳаст дар пӯшидани ин роз мекӯшам.

Ба мазлумӣ гулӯгоҳи тазарву синаи кабкам,
Вале аз пурдилӣ бо чангули шаҳбоз мекӯшам.

Зи уду Зуҳра дар авҷи фиғон покам, намеорам,
Ба тори нола бо абрешими ин соз мекӯшам.

Набошад ишқро оғозу анҷоме бад-ин маънӣ,
Дар анҷоми муҳаббат, к-аз сари оғоз мекӯшам.

Зи кӯшиш ногузирам, то бағоят як нафас дорам,
Чӣ созам, з-ин сабаб бо толеи носоз мекӯшам.

Зи шогирдони Саъдӣ мешуморам хешро, аммо
Ба ҷон дар эҳтироми Ҳофизи Шероз мекӯшам.

Наям муъҷизнамо, астағфуриллаҳ, соҳирам, Толиб,
Вале з-ин сеҳр бо ҳар мункири эъҷоз мекӯшам.

* * *

Аз ғам чу захмхурда паланге нишастаем,
Чун теғи кӯҳ бар сари санге нишастаем.
Нисбат ба тири чарх расонем з-ин сабаб
Бар синаи фалак чу ҳаданге нишастаем.
Биншаста дар нишемани даҳрем в-аз изтироб
Гӯйӣ, магар ба коми наҳанге нишастаем.
Чун шиша тан ба ҳодиса дардода аз сипеҳр
Омодаи навозиши санге нишастаем.
Майдони даҳр аз дили танге зиёда нест,
Мо ҳамчу роз дар дили танге нишастаем.
Дорем шӯришеву итобе ба зери лаб,
Бо хеш боз бар сари ҷанге нишастаем.
Ёрон чу барқи тавсани тавфиқ тохтанд,
Мо дар халоб чун хари ланге нишастаем.
Гардун пайи зудудани мо сайқал асту мо
Бар теғи рӯзгор чу занге нишастаем.
З-ин коргоҳи бӯқаламун гарчи якдилем,
Ҳар дам чу рӯзгор ба ранге нишастаем.
Ҷоме ба каф ба гӯшаи майхонаи вуҷуд
Фориғ зи қайди номею нанге нишастаем.
Доим чу Толибем гурезон зи рӯзгор,
Гӯйӣ, магар ба қайди фаранге нишастаем.

* * *

Ҳаргиз рухи ниёз ба сӯе накардаеам
В-аз ҳеч гул таваққуи бӯе накардаем.
Гар чархи тезмағз ба нармӣ накарда хӯ,
Мо низ хӯ ба тундии хӯе накардаем.
Машраб васеъ сохта, бар ҳеч мазҳабе
Чун аблаҳон ба ҷаҳл ғулӯе накардаем.
Чун умр будаем шабу рӯз дар гузар,
Як дам қарор дар сари кӯе накардаем.
Қонеъ ба дафъи ташнагие буда аз муҳит,
Як раҳ захира оби вузӯе накардаем.
Ҷон додаем хастадилу захми хешро
Мамнуни бахяеву руфӯе накардаем.
Сад раҳ гузаштаем зи майхона в-аз ғурур
Рӯйи ҳавас ба ҷому сабӯе накардаем.
Аз Даҷла кардаем гузар бо даҳони хушк,
Ҳарчанд карда тоза гулӯе накардаем.
Доим чу об марди сафар буда, ҳеч гоҳ
Манзил чу сабза бар сари ҷӯе накардаем.
Бар хатти устувои фано буда сайри мо,
З-он ҷода инҳироф ба мӯе накардаем.
Толиб, накардаем чу риндон шабе ба рӯз,
То фикри бодаву бари рӯе накардаем!

* * *

Баски дар савдои ӯ худро парешон ёфтам,
Сӯйи домон даст агар бурдам, гиребон ёфтам.
Ҳуққаи марҳам ҳамеҷустам пайи ислоҳи захм,
Номусоид буд бахти бад, намакдон ёфтам.
Бо ҳама бедастгоҳӣ гарм будам дар газоф,
Чун натозам рахши лоф инак, ки майдон ёфтам?!
Обурӯйи рафтаро бисёр кардам ҷустуҷӯ,
Оқибат дар пардаҳои чашми гирён ёфтам.
Дар шиносоӣ макун таъҷил, Толиб, з-он ки ман
Ҳар киро кофир гумон бурдам, мусулмон ёфтам.

* * *

Мо, булбулон, лаб аз талаби ком бастаем,
Чашми ҳавас зи гулшани айём бастаем.
Ҳар укдае, ки дар шикани доми зулфи мост,
Пайванди улфатист, ки бо дом бастаем.
Симоб маҳви чошнии изтироби мост,
Бар худ ба ҳарза туҳмату ором бастаем.
Хуш Каъбаест кӯйи ту, к-аз лаззати тавоф
Мо раҳравон ба ҳар қадам эҳром бастаем.
Бо сад ҳазор дарди ниҳонӣ ба рӯйи халқ
Чун субҳдам кушода, на чун шом бастаем.
Толиб, ба ҳарфи ёва маёло забон, ки мо
Қулфи хумор бар даҳани ҷом бастаем.

* * *

Мефурӯзӣ базми мо, ай ёр кам,
Менамоӣ чун парӣ дидор кам.
Чун пазирад назми ин олам низом,
Кор бисёр асту музди кор кам.
Бо сари ошуфта аз савдои ишқ
По намеорам зи зулфи ёр кам.
Ғам бикоҳад, чун шавӣ тоиб ба ишқ,
Ҷурмҳо гардад зи истиғфор кам.
Барги ғам, Толиб, бувад бешам зи пеш,
Мояи шодӣ каму бисёр кам!

* * *

Гоҳ-гоҳе, к-аз ҳуҷуми айш ёди ғам кунам,
Гиряро шодоб созам, хандаро дарҳам кунам.
Дар гулистоне, ки ман оҳе кашам, то рӯзи ҳашр,
Ғунчаро ҳасратфурӯши ҷилваи шабнам кунам.
Захми дил дар изтиробу ман дар ин ҳасрат, ки боз
Ҷазби алмос аз кадомин ҷилваи марҳам кунам?
Лаззати хуноби ҳиммат бод бар завқам ҳаром,
Гар ба ин лабташнагӣ андешаи Замзам кунам.
Дар ғамистоне, ки ишратро наёбӣ хандарӯй,
Ман ба сад ҷӯши табассум гиряи мотам кунам.
Дар дилам ҳар шуълае, Толиб, забони нотиқ аст,
Оҳ, гар бо ин забонҳо шикваи олам кунам.

* * *

Рӯзгоре шуд, ки аз ҷому сабӯ бебаҳраем
В-аз лаби кишту канора оби ҷӯ бебаҳраем.
Аз ҳилоли ҷом моро дил намеёбад фурӯғ,
К-аз висоли соқии хуршедрӯ бебаҳраем.
Оташи гулбӯст ишқ, аз шуъла мехоҳад димоғ,
Мо бад-ин афсурдамағз аз бӯйи ӯ бебаҳраем.
Рангу бӯ аз мо маҷӯ, ай шоҳиди ишрат, ки мо
Чун гули уммеди хеш аз рангу бӯ бебаҳраем.
Коми дунё дар хаёли мо намегардад, ки нест
Орзуе пеши мо, аз оразу бебаҳраем.
Коми мо, Толиб, муяссар мешавад бе ҷустуҷӯ,
З-он ки медонад, ки мо аз ҷустуҷӯ бебаҳраем!

* * *

Куфр аст дар тариқати мо кина доштан,
Ойини мост сина чу ойина доштан.
Парвоз дар қафас нашунида-ст ҳеч кас,
Дилро зи чист ин ҳама дар сина доштан?
Накди сиришк сарф кун, ай дил, захира чист?
Пур баднамост шеваи ганҷина доштан!
Саҳл аст тарки айш дар айёми нестӣ,
Чун поси тавба дар шаби одина доштан.
Толиб, либос нест ба завқи либоси фақр,
Шоҳаншаҳист хирқаи пашмина доштан.

*  *  *

Чу баҳори ҷилва резӣ ба чаман зи пои рангин,
Зи саросари гулистон бидамад ҳинои рангин.

Ба ниёзи булбул оям ба дари дукони ҳуснат,
Ки ба гулфурӯш монӣ зи карашмаҳои рангин.

Гули ёсумин фиристад ба чаман зи паҳлуи дил,
Мижаам гадост, аммо чӣ бало гадои рангин?

Ба фиреби нақш ғофил машав аз газанди гетӣ,
Ки ба кори даст н-ояд дами аждаҳои рангин.

Сари пурумед ҳаргиз ба дари ту рӯ наёрам,
Ки зи силии надомат набарам қафои рангин.

Чу пари тазарв алвон зи чӣ набвад обу хокаш,
Ки зи файзи гиря дорад чаманам ҳавои рангин.

Ба ҳавои қумриёнам, сари булбулон надорам,
Ману як навои сода, туву нағмаҳои рангин.

Зи чӣ сад равиш бирақсам, ки зи сад шароб мастам,
Маза мухталиф пазирад даҳан аз ғизои рангин.

Ба саводи шеъри Толиб назарам фитод, дидам,
Ҳама фикрҳои нозук, ҳама қасдҳои рангин.

* * *

Ай шуълазори оразн ту гулситони ҳусн,
Ҳал карда ноз бар суманат арғувони ҳусн.
Хуршеди чарх бо ҳама сармояҳои ноз
Дуздад матоъ, чун ту кушоӣ дукони ҳусн.
Дар ҷони меҳру моҳ фитад ков-кови ишқ,
Чун дар хаёли хеш кунӣ имтиҳони ҳусн.
Ҳар ғунчае, ки аз чамани ноз бишкуфад,
Орад ба тухфа сӯйи дарат боғбони ҳусн.
Толиб, хаёли рӯйи ту дар сина нақш баст,
То файзҳо барад зи гули бӯстони ҳусн.

* * *

Шукуфтагӣ накунад навбар анҷуман бе ту,
Чароғи гул надиҳад нур дар чаман бе ту.
Маро хасак ба гиребон гул аст бо ту, вале
Чу мор мегазадам тори пераҳан бе ту.
Аз он ба боли сафар мепарам чу мурғи насим,
Ки ғурбат аст ба чашми дилам ватан бе ту.
Чу зулфи сунбулу ҷаъди суман диле дорам,
Зи дастбурди ҳаводис шикан-шикан бе ту.
Чӣ нашъаӣ ту, надонам дар ин сарои вуҷуд,
Ки тан ба ҷон набувад рому ҷон ба тан бе ту?!
Пиёла бе маю гул бе шамиму дил бе ишқ
Чунон зи хеш набошад хиҷил, ки ман бе ту.
Чӣ гуна лаб гуҳарафшон кунам, ки чун Толиб
Забон намекунадам рағбати сухан бе ту?!

* * *

То кай халад аз ғам ба дилам хори шикаста,
Умрам гузарад дар таҳи девори шикаста.

Боре чу фалак дода шикастам, ту маёзор,
Берун зи мурувват бувад озори шикаста.

Лашкар чӣ кашӣ баҳри шикасти сафи дилҳо?
Кофӣ бувад аз зулфи ту як тори шикаста!

Хуш бар сари ҳам рехта сад дил зи хадангат,
Пайкони хам овардаву сӯфори шикаста.

Лаълат шиканад гавҳари гуфтори ту аз ноз,
Ман бандаи он шеваи гуфтори шикаста.

То аз кафам он себи зақан рафта ба рухсор,
Хуни ҷигарам рехта чун нори шикаста.

Гармӣ-м зи ҳангома шуду равнақам аз кор,
Чун маҷлиси афсурдаву бозори шикаста.

Шоҳини дили Толиб аз он сайдгаҳи ноз,
Боз омада бо чангулу минқори шикаста.

* * *

Фитнаи сарву офати суманӣ,
Барқи гулзору шуълаи чаманӣ.
Бо табақҳои лаъли шӯрангез
Намаки доғу лолаи чаманӣ.
Бо шиканҳои зулфи атромез
Печиши нофи оҳуи Хутанӣ.
Дӯш аз сабр пераҳан будӣ,
Имшабам пераҳан наӣ, ки танӣ!
Ҳалқадаргӯши туст оламу ту
Ҳалқа дар гӯши зулфи хештанӣ.
Толиб, андар сухан назират нест,
Булаҷаб тӯтии шакаршиканӣ!

* * *

Ай дил, дари фиреб мазан, Аҳриман найӣ,
Талхӣ макун ба халқ, шароби куҳан найӣ!
Чун шаб нафас фурӯ бирав, мурғони субҳро
Аз оҳи худ кабоб макун, бобзан найӣ!
Бар ҳар саре мабош гарон, нестӣ кулоҳ,
Бар ҳар тане матан ба ҳавас, пераҳан найӣ!
Бо ин макун низоъу ба он дармаё ба ҳазл,
Худро бигир, масхараи анҷуман найӣ!
Ман дар вафои дӯст бурун омадам зи пӯст,
Ай дил, ту ҳам зи пӯст баро, кам зи ман найӣ!
То кай малул бошию то кай малоли хеш,
Байтулҳазаннишин наю байтулҳазан найӣ!
Толиб, бикӯшу маънии ҷондор дар каф ор,
Бар лафзҳои мурда чӣ печӣ, кафан найӣ!

* * *

Ту ин аҳде, ки бо ман баста будӣ,
Магар баҳри шикастан баста будӣ?

Басе дер омадӣ, гӯё ба ҳар гом
Ҳино бар пойи тавсан баста будӣ!

Ба хотир ҳеч дорӣ, к-аз сари меҳр
Маро чун ҷома бар тан баста будӣ!

Гиребонам зи каф медодӣ он гоҳ,
Ки домонам ба доман баста будӣ!

Бигӯ, чун меҳалидӣ дар дилам дӯш,
Ба ҳар мӯ чанд сӯзан баста будӣ?

Сари мо дар камандат буд в-арне
Фалакро дасту гардан баста будӣ.

Дило, монеъ чӣ будат аз фиғон дӯш,
Ки боли мурғи шеван баста будӣ.

Кӣ будат шамъи маҷлис дӯш, к-аз рашк
Зи рӯяш чашми равзан баста будӣ!

Чӣ суҳбат доштӣ дӯшина, Толиб,
Ки бар дар қуфли оҳан баста будӣ?

* * *

Завқи мастӣ ку, ки ҳар соат тиҳӣ созам хуме,
Нохуне гардам, ба фарёд оварам абрешиме.

Фитнаи афлоку анҷум кам намегардад, куҷост
Оламе, к-он ҷо на афлоке бувад на анҷуме?!

Борҳо аз ҳам ҷудо кардам ҷаҳонро пуду тор,
Ҳамчу кори худ надидам риштаи сардаргуме.

Ҳон, махон гандумнамои ҷавфурӯшам, з-он ки ман
На ҷаве дорам дар ин деҳқонсаро, на гандуме.

Сулҳу ҷанги халқро ҳаргиз наям ҳангомасоз,
Не занам обе бар оташ, не гузорам ҳезуме.

Нест дар олам диле, к-аз неши оҳам реш нест,
Синаам, гӯйӣ, ба ҳар сӯрох дорад гаждуме.

Ҷуз дили хунобнӯши тангмайдонам кӣ дид
Қатрае, к-аз остинаш сар барорад қулзуме?!

Ношикебоям, дари меҳнат пайи ороми мо
Гар надорӣ бистари хоре, бигустар қоқуме.

Ай, ки аз мулки адам ҷустӣ нишонобод, бод
Кишваре, оромбунёде хушу хуш мардуме!

Ҷуз дили Толиб наёбӣ гавҳари волонажод,
Чор арконро агар то ҳашр ҷӯйӣ беҳаме!

* * *

Лаб лаъл карда, хуни кӣ нӯшидаӣ, бигӯй?
В-аз оташи ниёзи кӣ ҷӯшидаӣ, бигӯй?
Бозат қабои сурх далели сиёсат аст,
Ин ҷомаро ба қатли кӣ пӯшидаӣ, бигӯй?
Сад савти хуш ба гӯш харошида мерасад,
Ай гул, ба мотами кӣ хурӯшидаӣ, бигӯй?
Дилхастаӣ, қадаҳ задаӣ, ҳуш бурдаӣ,
Ин шеваҳои хуш ба чӣ кӯшидаӣ, бигӯй?
Гӯям ба тарзи маъвизае, Толиби малул,
Панде ба умри хеш ниюшидаӣ, бигӯй?

* * *

Субҳ асту ҳавои маю ҳангоми сабӯҳӣ,
Соқӣ ба мани ташна расон ҷоми сабӯҳӣ.
Аз шоми ғарибон батарам дар назар ояд,
Субҳе, ки ба гӯшам нарасад номи сабӯҳӣ.
Гӯ, соқии сархуш ба тағофул гузарон давр,
Субҳ аст расонандаи пайғоми сабӯҳӣ.
Шарманда зи файзи саҳарем оҳ, ки ногоҳ
Шуд субҳу накардем саранҷоми сабӯҳӣ.
Ҷом аз ту нанӯшем дами субҳ, ки ногоҳ
Чун мурғи тараб донахури доми сабӯҳӣ.
Нокоми ҷаҳон кист? Ҳарифе, ки дами субҳ
Нагрифта зи лаъли лаби май коми сабӯҳӣ.
Дар субҳдамон, ай дили савдозада, мебош
Чун лолаву наргис қадаҳу ҷоми сабӯҳӣ.

* * *

Ман он наям, ки шикаст оварам ба кори касе,
Ба хоки раҳ фиканам нақди эътибори касе.
Ба рӯзгор чу корам фитод, донистам,
Ки ғайри ёр наояд касе ба кори касе.
Муруввате тамаъ аз дӯстон бувад в-арна
Надоштааст касе шамъ бар мазори касе.
Шикасти халқ наҷӯям ба ғояте, ки агар
Майи сабӯҳ шавам, нашканам хумори касе.
Каманди меҳри туро диду сайд шуд Толиб
В-агарна ваҳшии мо кай шудӣ шикори касе!

* * *

На рух зи Каъба, на аз Дайр менамоӣ ту,
Ба ҳеч ҷой намеёбамат, куҷоӣ ту?
Ба ҳар кӣ менигарам, аз ту ҳаст бегона,
Ба ман бигӯй, дило, бо кӣ ошноӣ ту?
Ҳамеша дар сафарӣ, ай сипеҳри побарҷо,
Агар ғалат накунам, санги осиёӣ ту!
Гираҳкушо дигар, ай осмон, гираҳ дигар аст,
Бо ман бигӯ: – Гираҳӣ ё гираҳкушоӣ ту?
Намешиносамат, ай шоҳиди булӯрниқоб,
Даро зи парда, ки бегона менамоӣ ту!
Чу мири қофилаи Хизр лол шав, Толиб,
Намерасад, ки занӣ лофи раҳнамоӣ ту!

# АЗ ҒАЗАЛИЁТИ КАЛИМИ КОШОНӢ

## ШОИРИ «ХУШТАРОШ»-У «ХУШСАДО»

Шоири мумтоз ва яке аз поягузорони сабки ҳиндӣ дар адабиёти форсии тоҷикии асри XVII Абӯтолиб Калими Кошонӣ, ки дар маъхазу сарчашмаҳои илмию адабӣ ба унвони «Холиқулмаонии сонӣ» низ ёд шудааст, тақрибан солҳои 1592-1593 мелодӣ дар Ҳамадони Эрон ба дунё омада, саводи ибтидоиро дар зодгоҳаш ва баъдтар дар Кошон фаро гирифтааст. Вай баъди ба камол расидан муддате дар Шероз аз илмҳои замонаш бархурдор мегардад ва ба забону адаби модарӣ дилбастагии хоса пайдо менамояд.

Забеҳуллоҳи Сафо менависад: «Асли ӯро бештар тазкиранависон аз Ҳамадон дониста ва гуфтаанд, ки чун дар Кошон иқомат дошт, ба Кошонӣ маъруф шуд». Қобилияти фитрӣ ва завқи худодод во медоранд, ки ӯ дар баробари омӯхтанҳову андӯхтанҳо худ низ қаламу коғаз ба даст бигираду ҳатталимкон ногуфтаҳои суханварони пешинро гӯяд, бар сухани ноби форсии тоҷикӣ сухани тоза зам намояд. Гӯянд, ки аз оғози ҷавонӣ дар хаёли худ сафари кишвари афсонавию куҳанбунёди Ҳиндустои ҳазордастонро мепарварид. Аз ин рӯ, ӯ баъди мусофират ба якчанд шаҳри Эрон сафари худро ба кишвари Ҳинд идома медиҳад. Ин сафари ӯ дар замони ҳукмронии Ҷаҳонгиршоҳ (солҳои ҳукрониаш 1605-1628) сурат гирифта будааст. «Шоири ҷавон, – менависад адабиётшиноси тоҷик Ш. Нуриддинов, – дар мулозимат ва мусоҳибати яке аз умарои соҳибном ва ҳунарпарвари он диёр – Шоҳнавозхон ба фаъолияти пурсамари эҷодӣ мепардозад.

Ба зудӣ ҳумои хаёлоти дилпазир ва шаҳпари андешаҳои баландпарвози ӯ аҳли адаби он кишварро мусаххар месозад». Вале ин дер намепояд. Мамдӯҳаш Шоҳнавозхон дармегузарад ва барои Калим шахси дигаре чун ӯ мураббии дастгиру мададгор муҳол буд, ки дар он кишвар пайдо шавад. Вобаста ба сафари аввали Калим ба Ҳиндустон Муҳаммадсалоҳ Канбуи Лоҳурӣ оварда, ки чанде дар Дакан саргардон ва овора будааст. Ва дар қитъае, ки вай дар ситоиши Шаҳнавоз гуфта, маълум мешавад, ки чун азми сайри Биҷопур кард, роҳдорон ӯро ба гумони ҷосусӣ дар банд афканданду бозҷӯйӣ карданд. Ӯ дар он қитъа аз Шоҳнавозхон дархост намудааст то ӯ ва ёронашро аз чанги роҳдорон раҳо намояд. Мавсуф дар андак муддат аз сафари худ ба Ҳиндустон пушаймон гардида, соли 1028 қамарӣ, баробар ба соли 1619 мелодӣ, ба ватан бармегардад ва дар Исфаҳон зиндагӣ ба сар мебарад. Ӯ мегӯяд:

*Ҷунун хоҳад биёбон, санги тифлон ҳам ҳавас дорад,*
*Маро, ай бахт, ёрӣ кун, ба майдони Сифоҳон бар!*

Ва Калими Кошонӣ ба худ қавл медиҳад, ки

*Дигар Калим, агар зи лагадкӯби ҳодиса*
*Чун сурма мешавад, зи Сифоҳон намеравад!*

Вале тавре аз як ғазали шоир бармеояд, аз ин рафтан аз Ҳиндустон хушҳол набуд ва мегуфт:

*Зи шавқи Ҳинд з-он сон чашми ҳасрат бар қафо дорам,*
*Ки рӯҳам гар ба роҳ орам, намебинам муқобилро.*
*Асири Ҳиндаму з-ин рафтани беҷо пушаймонам,*
*Куҷо хоҳад расондан парфишонӣ мурғи бисмилро…*
*Ба Эрон меравад нолон Калим аз шавқи ҳамроҳон,*
*Ба пойи дигарон ҳамчун ҷарас тай карда манзилро.*

Ҳамин пушаймонии Калими Кошонӣ аз сафаре, ки дар пеш гирифта буд, боис шуд, ки беш аз дувуним сол дар Исфаҳон намонад ва дубора ба Ҳиндустон бозгардад. Шоир баъди сафари дувуми худ то ба дарбори Шоҳиҷаҳон (1627-1658),

писари Ҷаҳонгиршоҳ, роҳ ёфта, байни солҳои 1646-1647 то ба маликушшуароии дарбор мушарраф гардидааст. Дар ин муддат вай бо суханварони маъруфи ҳамзамону ҳамзабонаш Соиби Табрезӣ, Қудсии Машҳадӣ, Малики Қуммӣ, Мирҷумлаи Шаҳристонӣ, ки аз дӯстону мададгорони ҳамешагияш буд, Мирҷалоли Асир, Мир Маъсум ва дигарон дӯстию робитаи пайвастаи адабиро нигоҳ дошта меомадааст. Ӯ ба ин маънӣ мегӯяд:

*Ба ғайри Соибу Маъсуми нуктасанҷу Калим*
*Дигар кӣ з-аҳли сухан меҳрубони якдигаранд?!*

Дар охири умр Калими Кошонӣ ба дарди по гирифтор гардида, дар қасидае аз шоҳ иҷозати анҷоми фаъолияташро дар рикоби ӯ пурсид. Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ навиштааст, ки «…дар охир кӯфте ба ҳам расонда рахти таватан дар Кашмир ёфт» ишора ба ҳамин беморист. Забеҳуллоҳи Сафо менависад: «Калим ин иҷозаро ҳангоме дарёфт, ки ба ҳамроҳи Шоҳиҷаҳон ба Кашмир рафта ва он сарзаминро барои вопасин ҷойи иқомат баргузида буд». Ин вобастагии моликушшуарои Шоҳиҷаҳон ба даргоҳ бо ин гӯшагирӣ анҷом намеёбад, балки ӯ дар Кашмир муқаррарии солонае аз дарбор дошту баргузидаи шоҳ ва ситоишгари ӯ монда буд. Вай дар он ҷо маснавии «Подшоҳнома» ё «Шоҳиҷаҳонӣ»-ро, ки тақрибан 15000 байт аст менависад ва дар сафари дубораи Шоҳиҷаҳон дар таҳнияти ӯ қасидае суруда соҳиби силии фаровон мегардад.

Бо вуҷуди ин ҳама тану ҷони шоирро ғарибӣ, дур аз ватан бо ёди ватан будан азият медод, муҳаббати ватан дар рагу пайвандаш ҳамеша ҷорӣ буд ва гӯё чашмаш ба сӯйи роҳи ватан то нафасҳои охирини умр намеғунуд, ки маҳзуну дилхаста гуфтааст:

*Майхонанишинем на аз бодапарастист,*
*Аз дил натавон кард бурун ҳубби ватанро.*

Калими Кошонӣ соли 1061ҳ.қ (баробар ба соли 1651м.) дар он диёр фавт мекунад. Тани ӯро дар паҳлуи қабри Салими

Теҳронӣ ва Қудсии Машҳадӣ ба хок месупоранд. Назмии Табрезӣ дар «Тазкирату-ш-шуарои манзум ва мансур»-и худ доир ба соли фавти Калим ин абётро дорад:

*Калим, он нуктапардозе, ки табъам*
*Ба ҳайрат монда дар васфи сифоташ.*
*Сухансанҷе, ки шуд нақди маонӣ*
*Зи давлатхонаи хилқат бароташ.*
*Паямбар буд дар илму фазилат,*
*Ҳам он ашъори дилкаш муъҷизоташ.*
*«Калими Тури шеъру маънӣ» омад*
*Ҳисоби соли таърихи вафоташ.*

Мавсуф марде некӯниҳоду саховатпеша будааст. Мувофиқи нигоштаи Насрободӣ дар тазкирааш шоир ҳар чӣ аз инъомҳо ва силаҳо дармеёфт «сарфи фуқаро ва аҳли камол мекард». Аз суханварон касеро ба ҳарбаи шеър наёзурдаву мазаммат ҳам накарда, танҳо сарфи ҳаррӯзаро қаноат мекардаву ҳоҷати чашм бар моли ағниёро надошта ва кашидани бори миннати эҳсонро бар дӯши ҷон ранҷи гарон мешуморид, ки гуфтааст:

*Ба ғайри дида, ки пӯшидам аз муроди ду кавн*
*Ба қадри ҳиммати худ ҷомае напӯшидам.*

Калими Кошонӣ шоири бисёргӯй буд. Дар «Мазокиру-л-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ доир ба мақоми Калим дар эҷоди бадеӣ чунин омадааст: «… дар шоирӣ доди суханварӣ дода, дар қасидаву ғазалу маснавӣ фариди аҳд ва воҳиди даҳр будааст. Адади абёташ аз сад ҳазор гузаштааст…» Дар ин гуфта муболиға ҷой дорад, зеро маҷмӯаи ашъори ӯро баъдинагон камобеш 24000 байт баршумурдаанд. Аз ин камобеш 9000 байт дар «Куллиёт»-и ӯ ҷамъ омада, 15000 байт маснавии «Зафарномаи Шоҳиҷаҳонӣ» бар он зам гардад, ҳамон 24000 байт мебарояд ва ҳақиқати ҳол ҳам ҳамин аст.

Ин маснавии Калими Кошонӣ дар нусхаҳои гуногуни қаламии он бо номҳои «Подшоҳнома» ва «Шоҳнома»-и Калим ёд ва дар баҳри мутақориби мусаммани мақсур ё маҳзуф гуфта

шудаасту пеш аз ҳама аҳаммияти таърихӣ дорад ва ба номи Шоҳиҷаҳон назм гардида. Муҳтавои он шарҳи зиндагонӣ ва ҷангҳои амир Темур, аҳволоти Мирзо Мироншоҳ, Шоҳрух, Абусаъид ва Бобуршо оғоз гардида бо футуҳоти Шоҳиҷаҳон ҳусни анҷом ёфтааст. Калими Кошонӣ маснавиҳои дигаре низ дорад, монанди «Таърихи қаҳти Дакан» ва «Достони саркӯбӣ ва қатли Ҷазҳар Санкаҳи Бандилоҳӣ бо сардории Аврангзеб», ки аввалӣ аз қаҳтию гуруснагии боре ба сари мардуми шаҳри Дакан омада ва дувумӣ муборизаи Аврангзеб бар зидди яке аз роҷагони Ҳинд, ки бар муқобили давлат исён бардошта буду ниҳоят мағлуб гардид, ҳикоят мекунанд.

Тавре аз «Куллиёт»-и Калим бармеояд. Шоир дар гуфтани маснавӣ, қасида, ташбибу насиб аз тағаззулоти қасида, ки дилкашу равон ва содаву хотирмон гуфта шудаанд, қитъа, тарҷеъбанд, таркиббанд ва рубоӣ дасти тавоно дошта бошад ҳам, маҳорату шуҳрати вай ғазалиёташ аст ва «Калим дар асл шоири ғазалсарост». Дар девони ин ғазалсарои борикназар ва тозагӯйи сабки ҳиндӣ беш аз 580 ғазал ҷой дорад, ки дар гуфтани онҳо на танҳо маъние аз маонии суханварони пешинро вом нагирифтааст, балки ба такрори маъниҳои тозаёфти худ низ истиола мекунад ва мегӯяд:

*Чӣ гуна маънии ғайре барам, ки маънии хеш*
*Дубора бастани фикр аст дар тариқати ман.*

Ғазалиёти шоир тамоми паҳлуҳои зиндагиро дар ҷомаи андешаҳои ишқӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, инсондӯстӣ, ватанпарварӣ ва ғайра бо рӯҳи исёнангезу озодихоҳона, дар қолаби ин навъи шеърӣ, фаро гирифта, ба онҳо забони соддаву гуфтори равон ва сухани ноби тоҷикӣ-форсии устуворро бо мазмунҳои ғолибан тоза, бо маонии бадеъ ва ногуфта ҳамроҳ аст. Ин забони соддаву равони шоир дар ғазалиёт бо вожаҳои баргузида ва муҳкаму «хуштарош»-и ӯ ҳусни маъниро ба маротиб афзудаанд, ки ба андешаи гӯяндаи онҳо офаридаҳои «хушадо»-яшро танҳо шоирони ҳампояи ӯ шинохтаву қадр карда метавонанд. Ин гуфтаҳо моро ба сӯйи сабки ҳиндӣ, ки дар Ҳиндустони даврони Калими Кошонӣ ба таҳаввули баланд расида буд, мебарад. Ва офаридаҳои шоир аз

сарчашмаи ноби ҳамин сабки душворписанд об хӯрдааст, ки мунтахаби дар ин ҷо омада андешаҳои болоро таъйид менамоянд.

Дар бораи ғазали Калими Кошонӣ гуфтаниҳо хеле зиёданд; ҳам дар бораи сохти ин ғазалҳо, ки дар чаҳорчӯбаи анъанаҳои ғазалсароёни пешин устувор нигоҳ дошта шудаанд, ҳам дар бораи маъонии бикри онҳо, ки хоси гӯяндаи онҳост, ҳам корбурди устодони санъатҳои бадеӣ, ҳам дар бораи сабку услуби гуфтор ва ҳусни баёнашон аз ҷониби эҷодкори асил ва ғайра. Ташреҳи ин ҳамаро ба хотири шотири хонандаи гулчини ғазалиёти ӯ супорида, ёдрас мегардем, ки ин мунтахаб дар заминаи нусхаҳои қаламии девони шоир, ки зери рақамҳои 1952 ва 620-и Маркази мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешаванд, нашри Теҳронии «Девон»-и шоир дар соли 1958 ва мунтахаби таҳиянамудаи Ш. Нуриддинов (*Калими Кошонӣ. Гули хуршед (Маҷмӯаи шеърҳо). – Душанбе: Ирфон, 1985,-227с.)* таҳияву тадвин гардид.

* * *

Фасли гулу рӯйи ту ҷавон сохт ҷаҳонро,
Ҳусни ту аз ин боғ бурун кард хазонро,

Бар тоқати мо кор чунин танг магиред,
Ай хушкамарон, танг мабандед миёнро!

Бар сабзаи навхези хатат менигарад зулф,
З-он сон, ки ба ҳасрат нигарад пир ҷавонро.

Мижгони ту ханҷар ба рухи моҳ кашида,
Абрӯ-т зада бар сари хуршед камонро.

Азбаски дар ин бодияам роҳбаре нест,
Хизри раҳи худ мешумарам реги равонро.

Хомӯшии парвона кунад кори худ охир,
Ай шамъ, бияндешу нигаҳ дор забонро.

Чашмони ту тарки дили ошиқ натавонад,
Бо шишагарон кор бувад бодакашонро.

Пеши кӣ барам шиква, Калим, аз ситами дӯст,
Аз маҳ наситонад чу касе доди катонро.

* * *

Дар ин чаман, чу гуле нашнавад фиғони маро,
Куҷост барқ, ки бардорад ошёни маро.

Ҳадиси зулфи ту аз дил ба лаб чу меояд,
Ба сони хома сияҳ мекунад забони маро.

Зи баски монда зи парвозам андар ин гулшан,
Зи нақши по нашиносанд ошёни маро.

Ба зиндагӣ нанишастӣ ба паҳлуям ҳаргиз,
Магар хаданги ту бинвозад устухони маро.

Чу шамъ дар раҳи боди сабо сабукрӯҳам,
Насими васл тавонад рабуд ҷони маро.

Надида кӯчаи захме, ки дил бурун наравад,
Чу бар дилам гузар афтода дилситони маро.

Чу нахли шуъла ба боғи ҷаҳон ба як ҳолам,
На кас баҳори маро дида, на хазони маро.

Зи баски нақши сияҳҷурдагон ба дил ҷо кард,
Ба тан сиёҳ чу раг сохт устухони маро.

Калим вом кун аз хома, ҳамзабонӣ чанд,
Ки як забон накунад шарҳи достони маро?!

* * *

Лаб фурӯ бастам, зиён дорад забондонӣ маро,
Чашм пӯшидам, намезебид урёнӣ маро.

Шонаю зулфи ту ёде медиҳад аз ҷони ман,
Бе ту з-инсон дар миён дорад парешонӣ маро.

Нуктасанҷӣ чист? Айби кас нафаҳмидан бувад,
Мекунад фаҳмидагӣ таълими нодонӣ маро.

Як-ду гоме аз сари кӯяш сафар хоҳам гузид,
Бозпас гар н-оварад ашки пушаймонӣ маро.

Бандагиро дар раҳи хидмат зи бас шоистаам,
Мешавад доғи ғуломӣ хатти пешонӣ маро.

Гарчи хорам, иззатам ин бас, ки дар байъи ниёз
Медиҳӣ худро ба ман, то ин ки бистонӣ маро.

Гар чунин аз бори ғам хоҳам фурӯ рафтан ба худ,
Шамъсон охир кунад доман гиребонӣ маро.

Аз харобӣ кас намегардад ба гирди хонаам,
Посбоне нест мушфиқтар зи вайронӣ маро.

Рӯшиноси абри раҳмат гаштаам аз файзи ӯ,
Оқибат омад ба кор олудадомонӣ маро.

Гарм кардам ҷойи худ дар гӯшаи гулхан, Калим,
Кай дигар аз ҷо барад тахти сулаймонӣ маро!

* * *

Дар оташ ар фиканам тухми меҳрбониро,
Диҳам ба тарбияташ Оби Зиндагониро.

Ба дӯстӣ, ки гарам дастрас ба ҷон бошад,
Ба музди кина диҳам душманони ҷониро.

Ҳинои айши ҷаҳон чун шафақ намемонад,
Дило, зи даст мадеҳ ашки арғувониро.

Таваллуқам ба ҳаёт аст вақти пирӣ беш,
Ки муфт бохтаам мавсими ҷавониро.

Ғаме зи кори фурӯбаста нест, метарсам,
Ки аз бадеҳаи ашкам барад равониро.

Ба он расида, к-аз ойина рӯ бигардонӣ,
Чӣ хуш расондаӣ ойини саргарониро!

Ба ихтиёр ҷаҳон дилнишини кас нашавад,
Чунон ки манзили беоб корвониро.

Ба сарви хонагӣ ар ошно шавад қумрӣ,
Ба бол арра кунад сарви бӯстониро.

Калим, бахти маро рӯзи хуш насиб накард,
Мабод ёд кунам аҳди шодмониро!

* * *

Чашмат ба фусун баста ғазолони Хутанро,
Омӯхта тӯтӣ зи нигоҳи ту суханро.
Пайдост, ки аҳволи шаҳидон-ш чӣ бошад,
Ҷойе, ки ба шамшер бибурранд кафанро.
Маълум шуд аз гиряи абрам, ки дар ин боғ
Ҷуз бода ба каф нест ҳаводори чаманро.
Оби дами теғат чу ба хотир гузаронам,
Хамёза канад боз лаби захми куҳанро.
Ҳар шамъ, ки равшантар аз он нест дар ин базм,
Равшан кунад охир зи вафо чашми лаганро.
Майхонанишинӣ-м на аз бодапарастист,
Аз дил натавон кард бурун хубби ватанро.
Бе синаи равшан рухи маънӣ нанамояд,
Ойина ҳамин аст арӯсони суханро.
Зоҳид набарад номи Калим, ин адабаш бас
Аввал, агар аз бода нашуста-ст даҳанро.

* * *

Зи теғаш чок шуд дил, чун ниҳон созам ғами ӯро?
Гиребон пора шуд гулро, куҷо пинҳон кунад бӯро?
Сипеҳри дун дари файзончунон баста-ст аз олам,
Ки селоби баҳорӣ тар намесозад лаби ҷӯро.
Сухан дар ҳар забон бе заҳмати таълим мегӯяд,
Агар тӯтӣ бибинад як раҳ он чашми сухангӯро.
Ба кунҷи гулханам на бистаре бошад, на болине,
Чу хокистар ба ахгар мениҳам пайваста паҳлӯро.
Зи расвоӣ ба олам айби ман шуд фошу осудам,
Ки дигар дар ҳақи ман ҳеч ҳарфе нест бадгӯро.
Нарӯяд сабза аз ҳар ҷо, намакзорест ҳайронам,
Ки хат чун сабзу хуррам мекунад лаъли лаби ӯро?
Ба зорӣ коми дил ҳосил тавон кардан Калим, аммо
Муқайяд ҳамчу булбул гар шавӣ ёри тунукрӯро!

* * *

Бе ту аз гулшан чӣ ҳосил хотири афсурдаро,
Хандаи гул дарди сар меоварад озурдаро.

Соғаре хоҳам дами охир магар ҳамроҳи ӯ,
Сӯйи тан боз оварам ҷони ба лаб овардаро.

На ҳамин бесӯзи ишқ аст, аз ҳавас ҳам гарм нест,
Сина тобут аст, гӯйӣ, зоҳиди дилмурдаро.

Коғази ғамномаро кардам ҳиноӣ аз сиришк,
То ба ёди ӯ диҳам чашми ба хун парвардаро.

Сурати зоҳир агар дар ҳусн бошад, офтоб
Оварад торикии дил пай ба маънӣ бурдаро.

Дил макан аз дӯст, гар хоҳӣ ба ӯ пайваст боз,
Кас ба гулбун то ба кай бандад гули афсурдаро.

Чун зи хоки хоксорӣ гул дамидан сар кунад,
Сар шавад як дастаи гул хоки бар сар кардаро.

Чашми масти ӯ куҷо парвои дил дорад, Калим,
Ҳеч нисбат нест бо майхӯрда пайконхӯрдаро!

* * *

Дило, бар чашми тар неҳ остинро,
Чӣ мепӯшӣ абас рӯйи заминро?!

Зи меҳроби ду абрӯи ту пайдост,
Ки бо ту карда рӯйи куфру динро.

Зи мӯйи пӯст тахти факр бофанд,
Малоик риштаи ҳуббулматинро.

Ба ғайр аз уҷб аз таҳсин надидам,
Бадал кардам ба нафрин офаринро.

Шикаст айём гавҳарҳои беайб,
Ки созад сурма чашми айббинро.

Зи нуҳ хирман, ки дорад кишти афлок,
Набинӣ баҳравар як хӯшачинро.

Ба ҳаккокӣ чӣ устод аст чашмат,
Канад аз ҷунбиши мижгон нигинро!

Давот аз килки фикрам сар напечад,
Аҷаб рабтест бо даст остинро.

Калим, он май, ки кӯҳи ғам зи дил бурд,
Набурд аз рӯйи ӯ чини ҷабинро!

* * *

Иззате дигар бувад дар домани саҳро маро,
Мегузорад, ҳар куҷо хорост, сар дар по маро.

Гар ба ман хошоки ин дарё занад захми наҳанг,
Аз касе чизе ба дил набвад ҳубобосо маро.

Турраат з-ин пештар болест, бо ман во шавад,
Тирарӯзам, дӯст медорад дили шабҳо маро.

Гоҳ бодам мерабояд, гоҳ абрам мебарад,
Ҳар куҷо шӯридае дидам, барад аз ҷо маро.

Маргро, гар душманам на, зори вай андакест,
Мекунад охир кафанолудаи дунё маро.

Ҳиммате, ай хушкии толеъ, ки занҷири серишк
Дасту поям баставу сар дода дар дарё маро.

Шаб ҳам аз касби камол осуда дар бистар наям,
Медиҳад дарси хамӯшӣ сурати дебо маро.

Ҳеч дарде нест, к-ӯро чорае ҳамроҳ нест,
Бар сари оташ нишонида-ст хори по маро.

Ҳамсафире нест, хомӯшам дар ин гулшан, Калим,
Булбули табъи Зафархон мекунад гӯё маро!

* * *

Ҳеч дилсӯзе надонад чораи кори маро,
Шамъ бигрезад, агар бинад шаби тори маро.
Дасти ҳар касро ба сони субҳа бӯсидам, вале
Ҳеч кас накшуд охир уқдаи кори маро.
Ҳамчу нақши по надорад бому дар вайронаам,
Рӯзгор азбаски кӯтаҳ сохт девори маро.
Монда дар қайди либосам з-он ки гоҳе майфурӯш
Меситонад дар гарав ин кӯҳнадастори маро.
Хурданӣ захм асту ошомиданӣ хуни ҷигар,
Чун кунам, ин созгор афтода бемори маро?!
Гар сияҳрӯзам, вале чун сурма хоҳонам басест,
Равшанӣ аз ман бувад чашми харидори маро.
Назди риндон қавлу феъли ман санад бошад, Калим,
Саҳл бошад, зоҳид ар бад гуфт атвори маро!

* * *

Намебинад сарам чун шамъ шабҳо рӯйи болинро,
Ба чашми дигарон пайваста бинам хоби ширинро.
Кудурат бештар онро, ки ҷавҳар бештар бошад,
Намегирад ғубори занг ҳаргиз теғи чӯбинро.
Наёрад ҳамнишин он ҷо халал дар айши танҳоӣ,
Парастиш метавон кардан аз ин раҳ хонаи зинро.
Ба носеҳ турраи ӯро чаро беҳуда бинмоям,
Ки бо ин сурма рабте нест чашми маслиҳатбинро.
Агар ҳамранги рӯят лолае дар Бесутун рӯяд,
Бияфшонад чу гард аз домани худ нақши Ширинро.
Ду дастам, ҳар ду дар банд аст дар зулфу лаби соқӣ,
Надонам, гар бигирам ҷом, бигзорам кадоминро.
Агар бар болиши пар сар надорам, чашми он дорам,
Ки шабҳо з-ашки ҳасрат нарм созам хишти болинро.
Калим, афшон кун аввал саҳфаи рӯ аз хуйи хиҷлат,
Ки бар ҳар коғазе натвон навиштан шеъри рангинро.

* * *

Дунболи ашк афтодаам, ҷӯям дили озурдаро,
Аз хун тавон бардошт пай нахчири пайконхӯрдаро.

Бо ин рухи афрӯхта ҳар ҷо хиромон бигзарӣ,
Аз боди доман мекунӣ равшан чароғи мурдаро.

Гар турки чашми раҳзанат нашнохт қадри дил, чӣ шуд?
Қимат чӣ донад лашкарӣ ҷинси ба ғорат бурдаро!

Торе зи зулфи он санам дар гардани имон фикан,
Ай шайх, то пайдо кунӣ сарриштаи гумкардаро!

Гар ҷон ба ҷонон наспарам, дилбастаи он нестам,
Натвон ба дасти подшоҳ додан гули пажмурароро.

Зоҳид зи бесармоягӣ карда-ст дар сад ҷо гарав,
Дини ба дунё додаро, имони шайтон бурдаро.

Дар душманӣ бо хештан фурсат ба хасми худ мадеҳ,
Худ барфикан ҳамчун ҳубоб аз рӯйи корат пардаро.

Даврон ба як захми ҷафо кай аз сари мо во шавад,
Сайёд аз пай меравад нахчири новакхӯрдаро.

Охир, ба ҷон омад Калим аз поси хотир доштан,
То кай ба дил вопас барад ҳарфи ба лаб овардаро?!

* * *

Ашки кавокиб нигар чархи ғамандудро,
Гиря фаровон бувад хонаи пурдудро.
Сабр гуворо кунад, ҳар чи туро нохуш аст,
Соате аз каф бинеҳ, оби гилолудро.
Бенамакиҳои даҳр кор ба ҷойе расонд,
К-ахтари толеъ кунам доғи намаксудро.
Даври ҷаволи ту шуд, гӯш ба назора ёфт,
Мушкил, агар бишнавад нағмаи Довудро.
Нест ба гетӣ ду чиз, ҷустаму кам ёфтам,
Ошиқи бешикваро, оташи бедудро.
Тораки идбори мо лоиқи он гул набуд,
Бар сари гардун задем кавкаби масъудро.
Ҳар кӣ ба бӯйи вафо бар сари дунё нишаст,
Дар таҳи доман кашид оташи бедудро.
Нақди ду олам, Калим, ба сари дил рехтанд,
Шӯрии бахтам рабуд доғи намаксудро.

* * *

Аз он теғе, ки оташ шуст ҷурми куштагонашро,
Рабудам дилнишин захме, ки мебӯсам даҳонашро.
Ҷунунам мебарад танҳо ба сайри он биёбоне,
Ки набвад эманӣ аз раҳравон реги равонашро.
Чаман кай гулбуне орад ба обу рангу рухсорат,
Агар молад ба рӯйи лола хуни арғувонашро.
Намуд осон фироқи нахли болояш, надонистам,
Ки ин тир аз ҷудоӣ бишканад пушти камонашро.
Чу гул рафт аз чаман, бо боғбон гуфт аз вафодорӣ,
Ки то булбул ба боғ ояд, нигаҳ дор ошёнашро.
Зи шавқи он камар ҳар кас дилаш чок асту ҳайронам,
Ки чандин шона дар кор аст як мӯйи миёнашро.
Калим, ар нолае дорӣ, бирав беруни гулшан кун,
Ки ин гул барнаметобад нигоҳи боғбонашро.

* * *

Ба ҳар манзил фузун дидам зи ҳиҷрон зории дилро,
Хушо ҳоли ҷарас фаҳмидааст ороми манзилро.

Зи шавқи дӯст з-он сон чашми ҳасрат бар қафо дорам,
Ки рӯ ҳам гар ба роҳ орам, намебинам муқобилро.

Чаманро ғунчаи нашкуфта бисёр аст, метарсам,
Ки дар гулзори Эрон ҳам набинам шодмон дилро.

Асири Ҳиндаму з-ин рафтани беҷо пушаймонам,
Куҷо хоҳад расондан парфишонӣ мурғи бисмилро.

Агарчи Ҳинд гирдоб аст, амон аз вай намехоҳам,
Нагирад дасти истиғнои ман домони соҳилро.

Ба уммеди сабурӣ аз дараш бори сафар бастам,
Хуранд, оре, ба уммеди даво захри ҳалоҳилро,

Ба Эрон меравад нолон Калим аз шавқи ҳамроҳон,
Ба пойи дигарон ҳамчун ҷарас тай карда манзилро.

*  *  *

Гул дар ин гулшан куҷо дорад сари парвои мо,
Хор ҳам аз саркашӣ кай меравад дар пои мо.

Гар ба мастӣ орзуи абру борон мекунам,
Санг меборад зи абри пунба бар минои мо.

Дар шикасти мо фироқат ҳеч тақсире накард,
Пуршикан монанди мактуб аст сар то пои мо.

Дидабиное баҳои хоки роҳат чун диҳад,
З-оби дарёдида камқимат бувад колои мо.

Сарфарозӣ ҳамчу нақши мо намедонем чист?
Хоксорӣ метавон фаҳмид аз симои мо.

Саркашу мағрур аз рустои ғайрат мерасам,
Барнахезад хори домангир аз саҳрои мо.

Доман аз дарё чу барчинем, кай хоҳад расид
Оби ин дарё ба пушти пойи истиғнои мо?!

Пастии мо дар сари кӯйи ту хуш авҷе гирифт,
Нақши поро ор меояд, ки гирад ҷои мо.

Чанд аз ин хорӣ, ту худ хиҷлат намефаҳмӣ, Калим,
Дар замин хоҳад фурӯ шуд соя аз болои мо.

*   *   *

Кӣ харидӣ зи ғами гардиши даврон моро?
Дида гар муфт намедод ба тӯфон моро!
Муфлис ар ҷинси худ арзон нафурӯшад, чӣ кунад?
Камбаҳо кард тиҳидастии даврон моро!
Ашки ин гурсначашмон маза дорад, ҳарчанд
Даҳр бар хони тиҳӣ сохта меҳмон моро.
Дар чаман дида зи наззораи гул мепӯшам,
То нагирад намаки он лаби хандон моро.
Умр охир шуду ангораи одам нашудем,
Гарчи зуд аст қазо ин ҳама сӯҳон моро.
Носеҳон, гар натавонед, ки озод кунед,
Бифурӯшед ба он зулфи парешон моро.
Хасмии зишт ба ойина чӣ нуқсон дорад,
Чӣ ғам аз душманаии мардуми нодон моро?!
Чун гуҳар ғурбати мо беҳ зи ватан хоҳад буд,
Дар ба дар, гӯ, бификан гардиши даврон моро!
Чашми ҷодуи ту ҳарчанд барад дил зи Калим,
Боз дил медиҳад он ишваи пинҳон моро!

*   *   *

Ҳар кас ба қиблае кард рӯйи ниёзи худро,
Ҳинду санам парастад, ман сарви нози худро.
Нагзошт остонаш дар ҷабҳаам суҷуде,
Бе саҷда мегузорам акнун намози худро.
Дар кунҷи номуродӣ то кай зи манъи душман
Дар зери сар гузорам дасти дарози худро.
Аз нақши по ба рашкам гарчи ҳамегузорад,
Бар остони ҷонон рӯйи ниёзи худро.
Парвонасон нагардад ҳар дам ба гирди шамъе,
Хоҳад Калими бедил ошиқгудози худро.

* * *

Турки чашмат мекунад омочгаҳ меҳробро,
Мо тамаъ дорем аз ӯ дилҷӯйии аҳбобро.
Бо ситамкорони гетӣ бад намегардад сипеҳр,
Иди Қурбон аст доим хонаи қассобро.
Манзили наздиктар дорад хатар ҳам бештар
Медиҳад дурии соҳил муждаи ноёбро.
Оқилонро бо хами занҷири зулфат ҳамсарист,
Ёд мегиранд ар девонаҳо одобро.
Бар ситамгар бештар дорад асар теғи ситам,
Умр кӯтоҳ аз тааддӣ мешавад селобро.
Гар саводи зулф чанде дертар равшан шавад,
Мусҳафи рӯят намехоҳад зи хат аъробро.
Захми теғат қиблаи дилҳост, часпонтар хуш аст,
Абрувон пайваста мебояд, бале, меҳробро.
Чун ҳадаф мо як тараф то чанду халқе як тараф,
Кӯҳ аз як теғ менолад, бинозам тобро.
Як сабаб пайдо накард аз баҳри нокомии хеш,
Гарчи барҳам зад Калим ин олами асбобро.

* * *

Дӯш гум кардам зи беҳушӣ раҳи кошонаро,
Ёфтам боз аз навои ҷуғд ин вайронаро.
Ман, ки дар дом омадам, на аз фиреби дона буд,
Ғайратам нагзошт дар доми ту бинам донаро.
Дил дар он кӯ боз ёди синаи ман мекунад,
Кунҷи гулхан беҳтар аз гулшан бувад девонаро.
Толеъи бад бин, ки бар чоки дилам хандиду рафт,
Он ки марҳам мениҳод аз раҳм захми шонаро.
Шӯре аз ман барнамехезад ба базми майкашон,
Доғ дорам дар хамӯшиҳо лаби паймонаро.
То кай, ай сар дар ҳаво, дар осмон ҷӯйи Худо?!
Завқи аз боло нишастан нест соҳибхонаро.

* * *

Шаҳиди он қади раъно васият кард ҳамдамро,
Ки бандад найза боло дар азояш нахли мотамро.

Агар гӯям, ки хотам чун даҳони ӯст, аз шодӣ
Шавад беҳ заҳми носураш, алам созад қади хамро.

Бидонӣ, то ки шаҳди зиндагонӣ нест бе талхӣ,
Худо дар соли умрат дода ҷо моҳи муҳаррамро.

Дуруштанд аҳли олам, хоҳ шаҳрӣ, хоҳ саҳрой,
Қазо нопухта гил карда-ст, гӯйӣ, хоки одамро.

Ту ҳам аз файзи хомӯшӣ чу ғаввосон гуҳар ёбӣ,
Нигаҳ дорӣ, гар аз беҳудагӯйӣ як нафас дамро.

Фалак меоварад моро бурун аз кӯраи меҳнат,
Вале рӯзе, ки худ берун кунад ин рахти мотамро.

Ба нармӣ чораи доғи ҷафои дӯстдорон кун,
Ки дохил гар набошад мум, нафъе нест марҳамро.

Илоҷи дидаи беоб ҷустам аз хирад, гуфто:
– Муқобил дор бо хуршедрӯйе чашми бенамро.

Набинӣ пояи пастӣ, ки кас набвад талабгораш,
Шараф ин орзу дорад, ки ёбад умри шабнамро.

Ба ғайр аз хонавайронсозию рахти саросӯзӣ
Калим, охир, чӣ ҳосил оташин ашки дамодамро!

* * *

Аз он чашме, ки медонад забони безабониро,
Накӯён ёд мегиранд тарзи нуктадониро.

Ба назди он ки бошад тангдил аз дасткӯтоҳӣ,
Дарозӣ айб мебошад қабои зиндагониро.

Намехоҳӣ, ки захматро ба марҳам эҳтиёҷ афтад,
Сипар аз сина кун тири ҷафои осмониро.

Кунун, к-аз раъшаи пирӣ ба ҷомам май намемонад,
Чӣ ҳосил, гар диҳад даврон шароби комрониро!

Ба сони соя гар аз нотавониҳо замингирам,
Зи ҳамроҳон наям вопас, бинозам сахтҷониро.

Зи рӯяш дида маҳрум асту гӯш аз муждаи васлаш,
Ки даврон баста бар дил шоҳроҳи шодмониро.

Дилам симои ҷанг аз чеҳраи сулҳи ту меёбад,
Ба он чашме, ки бинад дар тағофул ҳамзабониро.

Бувад рӯзе, ки май дар пардаи шаб ҷилвагар монад,
Ба зулмат гар нишон доданд Оби Зиндагониро.

Калим, улфат ба хори ин чаман беҳтар бувад аз гул,
Ки домангирияш дорад нишони меҳрбониро.

* * *

Чанд аз шарми ту бошад дар ниқоб,
Рух бипӯшон, то барояд офтоб.
Бар сари ҳар узви ман дардат ниҳод
Нуқтаи доғе, нишони интихоб.
То дар об афтода акси оразат,
Менаёсуда-ст мавҷ аз изтироб.
Бар баёзи дида аз хуни ҷигар
Менависам хатти безории хоб.
Мекунад ҳар шом дар тахтуссаро,
Хок аз рашки ту бар сар офтоб.
Дастаи гул туҳфа меорад насим,
То барад бар синаам бӯйи кабоб.
Шаб Калим аз дида меборад сиришк
Рӯз, аз манзил бурун, мерезад об.

* * *

То хонумони мо ҳама барбод дода об,
Монанди ашк аз назари мо фитода об.
Чизе, ки муттасил бувад имрӯз, ашки мост,
Аҷзои даҳрро ҳама аз ҳам кушода об.
Девору дар фитода чу мастон ба ҳар тараф,
Карда-ст дар ниҳоди ҷаҳон кори бода об.
Ҷуз хонаи ҳубоб дигар манзиле намонд,
То рӯй дар харобии олам ниҳода об.
Чун офтоб сар зада ояд ба хонаҳо,
Монанди фарш дар ҳама манзил фитода об.

* * *

Касе, ки монда ба банди либос, зиндонист,
Буридан аз қафаси нангу ном урёнист.
Ба пухтагии ҷунун кай ба ман расад Маҷнун,
Ҳамин бас аст, ки ман шаҳрӣ, ӯ биёбонист.
Зи чашми гирён беқадр шуд матоъи ҷунун,
Ба ҳар диёр, ки борандагист, арзонист.
Баҳор омада, ё Раб, чӣ раҳни бода кунам?
Маро, ки ҷомаи идӣ қабои урёнист.
Дило, ҳақиқати ин ҳар ду нашъа аз ман пурс,
Ҳаёт гардеву ин марг доманафшонист.
Калим, даъвии дилро ба зулфи ёр бибахш,
Дигар мапеч бар он, олами парешонист!

* * *

Навбаҳор омад, дигар дунё хушу дилҳо хуш аст,
Хона дар раҳни шароб авлост, то саҳро хуш аст.
Дар миёни неку бад з-ин beштар ҳам фарқ нест,
Гул ба сар гар меписандӣ, хор ҳам дар по хуш аст.
Сар ба сар умраш ба талхӣ ҳеч кас чун ман нарафт,
Рӯз бар парвона гар бад бигзарад, шабҳо хуш аст.
Ҳусн мустағнист, аммо ишқ мегӯяд баланд,
Хотири хуршед аз саргармии ҳирбо хуш аст.
Меканад занҷири кору сабзаи оби равон
Ай дил, аз зиндони худ берун наё, он ҷо хуш аст,
Ҳеч манзуре ба базми майкашон чун шиша нест,
Олами об аст ин ҷо, сабзаи мино хуш аст.
Пур тунукзарф аст мино, ҳарзаханд афтода ҷом,
Бад ҳарифонанд эшон, майкашӣ танҳо хуш аст.
Номи худро рухсати сайри ҷаҳон баҳри чӣ дод,
Гар ба кунҷи узлати худ хотири анқо хуш аст.
То аз ин хун гармтар гарданд ғамхорон, Калим,
Гоҳ-гоҳ аз дӯстдорон шикваи беҷо хуш аст.

* * *

На ҳамин савдои абрӯят маро девона сохт,
Барҳаман аз шавқи ӯ меҳроб дар бутхона сохт.

Мастии чашми туро нозам, ки дар даврони ӯ
Субҳаро зоҳид ба май гил карду з-он паймона сохт.

Рахна дар оҳан фитад аз сояи мижгони ту,
Як нафас ойинаро ҳам метавонад шона сохт.

Донаи бисёр даркор аст баҳри сайди халқ,
Ҳақ ба дасти зоҳид, аз он субҳаро саддона сохт.

То ба кай бошам туфайли ҷуғд дар вайронаҳо
Ман, ки аз санги ҳаводис метавонам хона сохт.

Як нафас ҳушёр будан умр зоеъ кардан аст,
Гар надорӣ бода, бояд хешро девона сохт!

Фориғ аз дарюзаи майхонаҳо гардидаам,
Кори ақлу ҳушро он наргиси мастона сохт.

То шавад равшан, ки мискин куштаи бедоди кист,
Гунбад аз фонус бояд бар сари парвона сохт!

Он нигоҳи ошно сармашқи фикрам шуд Калим,
Ошноям бо ҳазорон маънии бегона сохт.

* * *

Он сарви равон, то ба гулистон гузаре дошт,
Парвонасифат гул ҳаваси болу паре дошт.

Дил аз хами зулфи ту бурун рафту нагуфтӣ,
К-ин ҳалқаи мотамзадагон навҳагаре дошт.

Гоме ба ғалат ҳам суйи мақсуд нарафтем,
Гӯйӣ раҳи оворагиям роҳбаре дошт.

Пайваста чу ойина туфайлии нигоҳам,
Ӯ сӯйи ман афганду назар бо дигаре дошт.

То шуд мижа бе ашк, фитод аз назари ман,
Акнун чӣ кунам, ришта, ки гоҳе гуҳаре дошт!

Бе об дар ин бодия як гом нарафтем,
Ҳар нақши қадам дар раҳи ӯ чашми таре дошт.

Ошуфтагии зулфи ту рабт аз суханам бурд,
З-ин бештар ин ришта, ки шӯрида саре дошт.

Парвона касе дар қафас ин шамъ накарда-ст,
Дар пойи ту афшонд, агар болу паре дошт.

Мангар ба Калим аз сари хорӣ, ки дар ин боғ
Ин хорбуни сӯхта ҳам баргу баре дошт.

* * *

Дил пас аз тавфи Ҳарам бар дари майхона нишаст,
Ҳар куҷо шишаи май дид чу паймона нишаст.

Рафтӣ аз дидаву ман душмани чашмам, ки чаро
Ба сафар зуд равад ҳар кӣ дар ин хона нишаст?!

Кас гирифтор ба абрӯи ту чун чашмат нест,
Зери он теғи бало сахт асирона нишаст.

Ҳамнишин, медиҳиям панд, вале маъзурӣ,
Хӯйи девона гирифт, он ки ба девона нишаст.

Бештар аз ҳама мурғи дили моро куштӣ,
Ҷурмаш ин буд, ки дар доми ту бе дона нишаст.

Хоҳам аз пойи худ ин банди вафо бардорам,
Чун нигин чанд тавон бар дари як хона нишаст.

Тарки ин ҳарзаравиҳо натавон кард, Калим,
Намакаш рафт, чу девона ба вайрона нишаст!

* * *

Ҳаргиз дилат нишони гузори вафо надошт,
Санге, ки раҳ фитод, ба рӯ нақши по надошт.

Дил аз ҳуҷуми дарди ту шармандагӣ кашид,
Вайрона, ҳайф, дархури селоб ҷо надошт.

Шамъам зи бод домани фонус мекашад,
Он меҳнате, ки дар раҳи боди сабо надошт.

Аз ҳой-ҳойи гиряи ман то дилаш гирифт,
Дигар чу оби теғ сиришкам садо надошт.

Бар сина хатти захм чу хоно навишта шуд,
Доғ аз чӣ буд, ҳоҷати ин нуктаҳо надошт!

Рӯзе ҳазор бор агар гиря дидаро
Мешуст, бе ту хонаи чашмам сафо надошт.

Ҷуз хоки кӯйи дӯст, ки натвон аз он гузашт,
Аз чоки сина бастани хунам даво надошт.

Гар обу дона дар қафаси мурғи дил набуд,
Сайёдро чу ҷурми қафас ин фазо надошт.

Аз гирям, ки зеби арӯсон гулшан аст,
Пойи гуле набуд, ки ранги ҳино надошт.

* * *

Дар оташи ишқи маҳвашон рафт,
Осон пайи дил наметавон рафт.

Дил аз пайи дарди ӯ равон шуд,
Манзил дунболи корвон рафт.

Ин меҳмони нахондаи оҳ
Шуд хор, зи бас бар осмон рафт.

Тири ту гирифт кишвари дил,
Ин мужда ба хонаи камон рафт.

Роҳи сафарат, дило, на баста-ст,
Гоҳе аз хеш метавон рафт.

Ай гулбуни тоза хори ҷаврат
Аввал дар пойи боғбон рафт.

Бо ҷазбаи дом, бе пару бол
Битвон чу сафир аз ошён рафт.

Ошиқ шамъ асту қадри ӯро
Вақте донанд, ки аз миён рафт.

Оворагии Калим хоҳам,
К-аз Ҳинд тавон ба Исфаҳон рафт.

* * *

Дил зи новакҳои бедоди ту пайконро гирифт,
Ташналаб аз абри раҳмат оби боронро гирифт.

Пурдилӣ коре намесозад зи истилои ишқ,
Шер бигрезад даме, к-оташ найистонро гирифт.

Саҳл бошад мамлакатгирӣ ба имдоди сипоҳ,
Номи ман танҳо тамом иқлими Эронро гирифт.

То нигоҳ афкандаӣ, тасхири шаҳре кардаӣ,
Ҳамчу бӯйи гул, ки то бархост, бустонро гирифт.

Дар канори офтоб афтода доим тираруз,
Дуди оҳи кист, к-он зулфи парешонро гирифт.

Мавҷи абрӯи туро то дида аз ҷо рафтааст,
Дидаи ман гарчи сад раҳ роҳи тӯфонро гирифт.

Чашми мову дидаи занҷирро толеъ якест,
Хоб, агар лашкар кашад, натвонад эшонро гирифт.

Комбахшиҳои гардун нест ҷуз доду ситад,
То лаби ноне ато фармуд, дандонро гирифт.

Гул ба гулшан баски аз ашкам фаровон шуд, Калим,
Булбул аз гул рахнаи девори бустонро гирифт.

* * *

Абрро дидем, чун мо чашми гирёне надошт,
Барқ ҳам каммоя буд, аз шуъла сомоне надошт.

Бо Масеҳо дарди худ гуфтем пур, суде накард,
З-он ки чун бемории чашми ту дармоне надошт.

Синаи мо ҳеч гаҳ бе новаки ҷавре набуд,
Ин мусибатхона кам дидам, ки меҳмоне надошт.

Лаззати рӯ бар қафо рафтан чӣ медонад, ки чист,
Ҳар кӣ дар дил ҳасрати баргаштамижгоне надошт?!

Аз дару девор меборад бало дар роҳи ишқ,
Як саробам пеши раҳ н-омад, ки тӯфоне надошт.

Номаамро мебарӣ қосид, забонӣ ҳам бигӯ:
– Хона шуд фарсудаю ин шиква поёне надошт.

Мояи ҳузн аст ҳар байтам зи сӯзи дил, Калим,
Ҳеч меҳнатдида чун ман байти эҳзоне надошт.

* * *

Дил аз сари кӯйи ту агар пой кашида-ст,
Боз омаданаш зудтар аз ранги парида-ст.

Носеҳ ҳазаён гӯяду моро таби ишқ аст,
Мо бисмилу ӯ метапад, инро кӣ шунида-ст?

Ҳоли дили садпора, ки дар нома навиштам,
Дар ёд асар карда, ки нохонда дарида-ст.

Дар ҷайби тафаккур сари худ карда фаромӯш,
Кас беҳ зи ҷарас сар ба гиребон накашида-ст.

Мурғи дили моро равиши коғази бод аст,
Бе ришта ба по аз кафи тифлон напарида-ст,

Дар пераҳани тоқати гулҳо зада оташ,
Он сабза, ки шабнам зи дури гӯши ту дида-ст.

Хун дар ҷигарам карда рами тоири маънӣ,
То бар сари тири қалами фикр расида-ст.

Донӣ арақи нуқта ба рӯйи сухан аз чист?
Бисёр ба дунболи суханфаҳм давида-ст.

Он тифл кӣ парварда ба домони қаноат?
Гулро чу шакар хӯрдаву аз шир бурида-ст!

Хурсанд ба ҳеч аст Калим, аз чамани ҳусн
Бар сар задааст он гули васле, ки начида-ст.

* * *

Сабрро аз даҳанат ҳавсала танг омадааст,
Нолаҳоро зи дилат тир ба санг омадааст.

Мижаат офати ҷон, турки нигоҳат хунрез,
Баста он ғамза ду шамшеру ба ҷанг омадааст.

Бадгумонии дилам з-он сафи мижгон донад,
Гар ба ислом шикасте зи Фаранг омадааст.

Чӣ қимор аст, ки дар кӯйи бутон мебозанд,
Ҳар кӣ боз омада, дарбохтаранг омадааст.

Айби он зулфи расоест, ки дар домани ту
Ҳар кӣ дасте зада, он тура ба чанг омадааст.

Арра то нахли таманнои маро қатъ кунад,
Ҳама тан по шуда в-аз пушти наҳанг омадааст.

Дари дил бар рухи ҳар кас накушоем, Калим,
Ай басо акс, ки дар ойина занг омадааст.

* * *

Гардун дар оташ аз ҳасади ҷавҳари ман аст,
Парвози ман баландтар аз ахтари ман аст.

Шабнам ба боли ҷазбаи хуршед мепарад,
Касро чӣ ҳадди бастани болу пари ман аст.

Помолу хоксору зи ҳар бод беқарор,
Нақши қадам ба роҳи вафо ҳамсари ман аст.

Саҳлаш мабин, ки сиккаи мардон ҳамин бувад,
Нақши ҳасири фақр, ки бар пайкари ман аст.

Солик ба мақсад аз раҳи таҷрид мерасад,
Дар роҳи ишқ раҳзани ман раҳбари ман аст.

Гар дар ғами ту бигзарад аз сар, чӣ фоида
Хуноби дил, ки сандали дарди сари ман аст?!

Аз оташе, ки дар таҳи поям ниҳода шавқ,
Ашкам ба дида сӯхта чун ахтари ман аст.

Аз соя меҳаросаму аз он намерамам,
Ҳар гаҳ ду кас ба ҳам расад, он маҳшари ман аст.

Бадноми фисқи зоҳиди майхонаам, Калим
В-аз бода рӯзадор лаби соғари ман аст.

* * *

Сардмеҳриҳои давронро талофӣ аз таб аст,
Сӯзани хори маломатҳо зи неши ақраб аст.

На ҳамин мо мегудозем аз ғами бахти сиёҳ,
Ҳар куҷо равшандиле дидем, шамъи ин шаб аст.

Нола ҳар ҷо мерасад, ранги дигар бар мекунад,
Оташи ғамхонаву боди чароғи кавкаб аст.

Бедилон аз як нигоҳи гарм аз ҷо мераванд,
Зарфҳои тоқати моро магар як қолаб аст?

Гуфтугӯйи аҳли олам бар сари дунё ба ҳам,
Ҷумла беасл аст, ҷанги тифлҳои мактаб аст.

Аз Худо коме агар хоҳӣ, беҳ аз ором нест,
Дар ҳақиқат як суол асту дар ӯ сад матлаб аст.

Қатъи роҳи Каъбаю бутхона дар як гом кард,
Тайи арзи ориф аз гоми фарохи машраб аст.

Донаи доми малоик дар замини ҳусни туст,
Кас намедонад дури гӯш аст, ё холи лаб аст.

Аз табибон ҳоли худ пӯшида чун дорам, Калим,
Ҷомаам пероҳани фонус аз тобу таб аст.

* * *

Якрангаму дар кӯйи дурангӣ-м ватан нест,
Селам, ки мадоро ба касе шеваи ман нест.

Афтодани девори куҳан нав шудани ӯст,
Ҷуз марг касе дар пайи ободии ман нест.

Хубон написанданд ҳақи суҳбати дерин,
Наззорафиреб аст матоъе, ки куҳан нест.

Ҷоми тиҳию барги хазон дида намояд,
Рӯзе, ки зи рухсори ту ойина чаман нест.

Ҳамтолеъи ашъори баландем ба гетӣ,
Моро ҳунаре беҳтар аз овора шудан нест.

Мустағниям аз нанги хуриш, з-он ки дар ин базм
Чун шиша маро дасти ҳавас вақфи даҳан нест.

Мавҷам, ки сафар аз ватанам дур насозад,
Оворагиям боиси дурӣ зи ватан нест.

Дахли каҷи ин шеършиносони замона
Гар зулф шавад, лоиқи рухсори сухан нест.

Махсуси Калим аст, сияҳбахтии ҷовид,
Ин абр ба фарқи дигаре сояфикан нест.

* * *

Як шаҳр сангдил агар, як сахтҷон бас аст,
Ҷойе, ки сад ҳаданг бувад, як нишон бас аст.

Зулфат ҳазорҳалқа, камонро чӣ мекунад?
Гар сайди дил мурод бувад, як камон бас аст.

Дил з-они туст, бар сари ҷон гар сухан бувад,
Қисмат кунем бо ту, маро ними ҷон бас аст.

Гумроҳ он ки пайрави арбоби одат аст,
Хизри раҳи ту монд аз ин корвон, бас аст!

Бо даҳр ҷанг шиша ба санг озмудан аст,
Бо рӯзгор сулҳ кун, ин имтиҳон бас аст!

Гар нек бингарем ғубори вуҷуди мо
Аз баҳри чашм бастани ин хокдон бас аст.

Дар пеш сар фикандани наргис ишораест,
Яъне дигар назораи ин бӯстон бас аст.

Банди дигар ба пойи дилат аз ватан манеҳ,
Берун нарафтан аз қафаси ошён бас аст.

Хоҳад гусехт риштаи тоқат зи печу тоб,
Дигар, Калим, орзуи он миён бас аст.

* * *

Дил, ки чун наргиси мастат ба шароб афтода-ст,
Дафтари маърифати мост, дар об афтода-ст.

Мо зи оғозу зи анҷоми ҷаҳон бехабарем,
Аввалу охири ин куҳнакитоб афтода-ст.

Ғамзаат кори дилам сохт ба як чашм задан,
Домане то зади̅, оташ ба кабоб афтода-ст.

Шукри чашми ту кунад, муҳтасиби шаҳр, к-аз ӯ
Ҳар куҷо майкадае ҳаст, хароб афтода-ст…

Аз ҳарифони қимори ту намондаст касе,
Кори сар бохтан акнун ба ҳубоб афтода-ст.

Бар рухи соқии гулранг парешонии зулф
Акси мавҷест, ки бар рӯйи шароб афтода-ст.

Дафтари ҳусни баҳор аст, ки дар аҳди ту шуст,
Барги гул нест, ки аз бод дар об афтода-ст.

Чашмасоре шудааст аз нигаҳи шодобаш
Чашми гирёни Калим, ар ба сароб афтода-ст.

* * *

Ҷилваи печу хам аз мӯйи камар хоҳад рафт,
Тоби ин риштаи борик бадар хоҳад рафт.

Дил зи савдои сари зулфи ту хоҳад восӯхт,
Аз сари миҷмарам ин дуд бадар хоҳад рафт.

Як ҷаҳон бори шикоят зи ҷаҳон хоҳад баст,
Ҳар кӣ аз кишвари ҳастӣ ба сафар хоҳад рафт.

Хор ҳам дар қадами роҳравон дар сафар аст,
Гул сипар гар нашавад, то ба ҷигар хоҳад рафт.

Сафари мулки фано, ай дил, агар хоҳӣ кард,
Вақт шуд, қофилаи шамъи саҳар хоҳад рафт.

Гар чунин шуъла кашад кинаи ёрони ватан,
Чун шарар дар сафарам умр ба сар хоҳад рафт.

Ба камол ар бирасад робитаи розу ниёз,
Дуди шамъ аз пари парвона бадар хоҳад рафт.

Чарх бо софдилон баски баҳонаталаб аст,
Ришта гар пора шавад, оби гуҳар хоҳад рафт.

Гӯш бар гиряам афкан, ки сухан аз тафи дил
Об хоҳад шуду аз дидаи тар хоҳад рафт.

Гар ба шамшер диҳад тобу тафи хуни Калим,
Ҷавҳар аз теғ бурун ҳамчу шарар хоҳад рафт.

* * *

Субҳи шукуфтагӣ зи шафақ камбаҳотар аст,
Хӯ кун ба гиря, ханда зи гул бевафотар аст.

Расми раҳаш зи ҳиммати аҳли ҷаҳон маҳоҳ,
Тифланду дасташон ба даҳан ошнотар аст.

Мо арҷ аз ибодати нокарда мебарем,
Ҳар тоате, ки фавт шавад, бериётар аст.

Дар боғи даҳр аз хунукиҳои рӯзгор,
Ҳар ҷо самум беш вазад, хушҳавотар аст.

Бар сози бахт тор кашида-ст анкабут,
Танбӯри мо зи дасти тиҳӣ бенавотар аст.

Лахти ҷигар ба кӯйи ту нагрифт қадри ашк,
Оташ зи об дар ҳама ҷо камбаҳотар аст.

Дидам, Калим, фахри ғанӣ, кулбаи фақир,
Вайронаи ҷунун зи ҳама дилкушотар аст.

* * *

Пирӣ расиду мавсими табъи ҷавон гузашт,
Заъфи тан аз таҳаммули ратли гарон гузашт.
Борикбиният чу зи паҳлӯи айнак аст,
Бояд зи фикри дилбари лоғармиён гузашт.
Вазъи замона қобили дидан ду бор нест,
Рӯ пас накард, ҳар кӣ аз ин хокдон гузашт.
Дар роҳи ишқ гиря матоъи асар надошт,
Сад бор аз канори ман ин корвон гузашт.
Аз дастбурди ҳусни ту бар лашкари баҳор
Як найза хуни гул, зи сари арғувон гузашт.
Ҳуббулватан нигар, ки зи гул чашм бастаем,
Натвон, вале зи мушти хаси ошён гузашт.
Табъе ба ҳам расон, ки бисозӣ ба оламе,
Ё ҳиммате, ки аз сари олам тавон гузашт.
Мазмуни сарнавишти ду олам ҷуз ин набуд,
Он сар, ки хок шуд ба раҳ, аз осмон гузашт.
Дар кеши мо таҷарруди анқо тамом нест,
Дар қайди ном монд, агар аз нишон гузашт.
Бе дида роҳ гар натавон рафт, пас чаро
Чашм аз ҷаҳон чу бастӣ, аз ӯ метавон гузашт?
Бадномии ҳаёт ду рӯзе набуд беш,
Он ҳам, Калим, бо ту бигӯям, чӣ сон гузашт:
– Як рӯз сарфи бастани дил шуд ба ину он,
Рӯзи дигар ба кандани дил з-ину з-он гузашт!

* * *

Дари сад захми ҷафо з-он мижжа бар дил боз аст,
Ғамза з-он новаки каҷ сахт дурустандоз аст.

Ҳар кӣ худбину худоро, зи ҳунар бехабар аст,
Ҳамчу товус, ки пурзинату кампарвоз аст.

Сирри тавҳид зи занҷир шавад маълумат,
Сад даҳон нағмасаро бошаду як овоз аст.

Дахли беҷо надиҳад ғайри хиҷолат асаре,
Тири каҷ боиси расвоии тирандоз аст.

Тӯтӣ он рӯз, ки минқор ба хун рангин кард,
Гашт равшан, ки чӣ рӯзии суханпардоз аст!

Дида бикшо, ки ҳам имрӯз бувад рӯзи ҷазо,
Занги ойина сазо ёфтани ғаммоз аст.

Дар вафо тоири тасвир тавон гуфт маро,
Бастаи як чаманам доиму болам боз аст.

Чун дили мурда шавад зинда зи таъсири сухан,
Ин гуҳар гарна, Калим, аз садафи эъҷоз аст?!

* * *

Нахли уммед зи бор афтода-ст,
Бо ғам аз чашми баҳор афтода-ст.

Беҳисоб аст, ҳамон дарди дилам,
Нафасам гар башумор афтода-ст.

Гиря з-ин тухм, ки бар сина фишонд,
Нолаҳо обилавор афтода-ст.

Бурд бар саркашиям саркӯбе,
Ҳайфи дастам, ки зи кор афтода-ст.

Дардро дархури тоқат бидиҳанд,
Шуъла дар ҷони шарор афтода-ст.

Дили мо нест, ҳақи раҳгузар аст,
Ҳар чӣ дар роҳгузор афтода-ст.

Дар дуконам зи касодӣ чи ки нест,
Гард бар рӯйи ғубор афтода-ст.

Изтироби нигаҳат аз дили мост,
Боз чашмат ба шикор афтода-ст.

Ҳусни ту бо ҳама бепарвоӣ
Дар пайи хуни баҳор афтода-ст.

Ҳама ҷо пойи Калим аз пайи дӯст,
Гард дунболи савор афтода-ст.

* * *

Рӯзӣ талаб макун, ту чӣ донӣ, ки он куҷост?
Тир аз чӣ афканӣ, чу надонӣ нишон куҷост?
Дар кӯйи дӯст бошу муқайяд ба ҷо машав,
Парвонаро ба боғи ҷаҳон ошён куҷост?
Маснаднишини базми ҷаҳон бетакаллуфест,
К-огаҳ нашуд, ки садр кадом, остон куҷост!
Сад бор дил зи ҳамраҳии зулф то камар
Рафту нишон наёфт, ки мӯйи миён куҷост!
Ҳар кас ба ҳарфу савт гирифт аз ту коми хеш,
Ай рӯзгор, қисмати ин безабон куҷост?
Сайёди орзу ба ҳавои ту пир шуд,
Ай тоири мурод, туро ошён куҷост?
Ҳар кас шинохт қадри маро қиматам шикаст,
Гавҳаршиноси беғаразе дар ҷаҳон куҷост?
Имшаб, ки ёр маст бувад дар барат, Калим,
Лаб бар лабаш гузору бибин он даҳон куҷост?

* * *

З-ин чаман ошиқ зи нахли айш ҳаргиз бар надошт,
Ғайри захми хунчакон ҳаргиз гуле бар сар надошт.
Оқибат мактуби моро сӯйи ӯ парвона бурд,
Тоби сӯзи номаам болу пари дигар надошт.
Беқарорӣ бин, ки баъд аз сӯхтан ҳамчун сипанд,
Як нафас хокистарам ҷо бар сари ахгар надошт.
Шаб, ки аз шамъи ҷамолаш дидаам равшан шавад,
Мардумак дар дидаи ман қадри хокистар надошт.
Ҳаргиз аз даврон Калими хаста осоиш надид,
Дар дилаш сад хор буд, ар хор дар бистар надошт.

* * *

Он ёр гузин, ки хашмгин нест,
Хушбӯст гуле, ки оташин нест.
Ҳамчун қалам аз сиёҳбахтӣ
Ҷуз гиря маро дар остин нест.
Магзар зи қимори бӯсабозӣ,
Он ҷост, ки нақши баднишин нест.
Дил об зи оҳани қафас хӯрд,
Дигар зи биҳишт доначин нест.
Азбаски дилам зи дард шод аст,
Месӯзаму нолаам хазин нест.
Дарди саре аз хумор дорад,
Бо зоҳид агарчи дарди дин нест.
Дар олами хок пой магзор,
Бехор он ҷо гули замин нест.
Қадри дунон зи бас баланд аст,
Дурди хуми бода таҳнишин нест.
Он лаъли лабу нишони бӯса,
Ин нақш ба номи он нигин нест.
То чанд, Калим, шиква аз дил,
Оташкадаест, беш аз ин нест!

* * *

Кӯҳкан таълими хоро суфтан аз устод дошт,
Ҳар чӣ кард аз ковиши мижгони Ширин ёд дошт.
Кӯҳи тоқат будам, аммо то фироқат рӯ намуд,
Ҳар сари мӯям ту гӯйӣ тешаи Фарҳод дошт.
Тухми ашке аз барои дидаи мо вогузор,
Инчунин хоҳӣ диёри дардро обод дошт.
Майл ҳар ҷониб, ки кардам, сели ашкам бурдааст,
Кай Сулаймон инчунин ҳукми равон бар бод дошт.
Гар Калим афтод мақбули дараш, пур дур нест,
Ҳам сари шӯрида будаш, ҳам дили ношод дошт.

* * *

Дилам бо чашми тар якранг аз он аст,
Ки пойи ашки хунин дар миён аст.
Ба оби теғи ӯ нозам, ки дар хок
Ҳамон хунобаи захмаш равон аст.
Чӣ тифл аст ин ки вақти машқи бедод,
Хаташ захм асту лавҳаш усухон аст?
Ҷаҳад аз хоки мо фавораи хун,
Ҳамин шамъи мазори куштагон аст.
Пару болам зи санги сардмеҳрон
Зи ҳам пошидатар аз ошён аст.
Забону дил яке карда-ст дар ишқ,
Ҷарасро нола пуртаъсир аз он аст.
Зи гиря домани мо гарчи дарёст,
Вале олудадомонӣ ҳамон аст.
Дар ин водӣ манам дармонда в-арна
Ба манзил рафта, гар реги равон аст.
Зи бас дар зери бори лахти дил рафт
Нигаҳ, бар дидаам бори гарон аст.
Асири туст дил в-ар хок гардад,
Ғубори турраи анбарфишон аст.
Калим аз Ҳинд дилгирӣ надорад,
Пас аз улфат қафас ҳам ошён аст.

* * *

Манам, ки тангдилӣ боғи дилкушои ман аст,
Ба дастам обила ҷоми ҷаҳоннамои ман аст.
Расид ҳамраҳии бахти вожгун ҷойе,
Ки ҳар кӣ хоки раҳам буд, хори пои ман аст.
Ба дастгирии афлок эҳтиёҷе нест,
Калими вақтаму афтодагӣ асои ман аст.

Ба хоку хун кашадам ҳар куҷо, ки сарвқадест,
Ҳар он ниҳол, ки боло кашад, балои ман аст.
Чунин ки дидаи вазъи замона ҷонкоҳ аст,
Ба дида ҳар чӣ ғубор аст, тӯтиёи ман аст.
Табиб аз араќи шарм нусхаҳоро шуст,
Зи баски мунфаъил аз дарди бедавои ман аст.
Зи баски мавҷи ғамам дар миён гирифт, Калим,
Зи ман канора кунад, ҳар кӣ ошнои ман аст.

* * *

Ба коме хоҳиши мо мубтало нест,
Чу моҳӣ донае дар доми мо нест.
Ба чашмам хоки пойи дӯст ҳайф аст,
Ки коғаз қадрдони тӯтиё нест.
Ба дасти мо наяфтад домани айш,
Кафи шона сазовори ҳино нест.
Дили огоҳ мебояд в-агарна
Гадо як лаҳза бе номи Худо нест.
Ба рӯзи гиря хунро об кардам,
Бирез акнун, ки рангеш аз баҳо нест.
Дар ин меҳнатсарои тангарса
Аз он наншаст нақши мо, ки ҷо нест.
Харидори гаронҷонии мо ҳаст,
Ки оҳан низ бе оҳанрабо нест.
Сари коҳидаам аз бори савдо,
Чу мӯйе коса аз зону ҷудо нест,
Шаби одина гар маҳтоб бошад,
Калим, аз май гузаштан кори мо нест.

* * *

Зулфи ту, ки тифлони ҳавасро шаби ид аст,
Шомест, ки обистани сад субҳи умед аст.
То рафта ба ӯ номаи нанвишта фиристам,
Яъне, ки зи ҳиҷрони туам дида сафед аст.
Оқил сари фармон накашад аз хати соғар,
Пир аст шароби куҳану ақл мурид аст.
Ман маст ба ҳушёрии чашми ту надидам,
Мадҳуш, вале бо ҳама дар гуфтушунид аст.
Азбас танам аз фурқати май дар рамазон кост,
Ангуштнамотар зи ҳилоли шаби ид аст.
Мо ташнаи як қатра, ту селоби муҳитӣ,
Соқӣ қадаҳи нима зи лутфи ту баъид аст.
Саҳл аст, Калим, аз ҳама пайванд буридан,
Чизе, ки бувад мушкил, аз ӯ қатъи умед аст.

* * *

Имшаб гули хуршед ба домони нигоҳ аст,
Ойинаи дил равшан аз он чашми сиёҳ аст.
Зинҳор мукаррар нашавӣ дар назари халқ,
Ангуштнамо монда ҳамин аввали моҳ аст.
Помоли ҳаводис натавонам, ки набошам,
Чун нақши қадам хонаи ман бар сари роҳ аст.
Як чашм задан з-ӯ натавонист ҷудо шуд,
Гӯйӣ, нигаҳаш ошиқи он чашми сиёҳ аст.
Чун шуълаи шамъам нагусаст-аст зи ҳам оҳ,
Бар ростии ин суханам шамъ гувоҳ аст.
Дар чашми тарам лахти ҷигар бор кушуд-аст,
Ҳар ҷо, ки сари чашма бувад, қофилагоҳ аст.
Аз сӯзи ҷигар баҳра надорем, в-агарна
Таъсири қабоест, ки бар қомати оҳ аст.
Гар дида сафед аст, Калим, аз асари ашк
Дар марги асар ҷомаи оҳам чӣ сиёҳ аст!

* * *

То ба номи ман забони хомаат гардидааст,
Аз нигинам меравад берун, зи бас болидааст.

Бар ҳаво меафканад ҳар дам кулоҳе аз ҳубоб
Қатра з-ин шодӣ, ки дарё ҳоли ӯ пурсидааст.

Ман кӣ бошам, к-аз чу ман беқадр ёд овардаӣ?
Нома аз нанги ҳамин маънӣ ба худ печидааст!

То кушоди ҷабҳаи хулқи туро дида-ст субҳ,
Бар ҷаҳону дастгоҳи танги ӯ хандидааст.

Сояамро ор меояд, ки афтад бар замин,
Офтоби илтифотат то ба ман тобидааст.

Аз тафохур ончунон сарро ба гардун бурдаем,
К-осмон бо нохуни моҳи наваш харидааст.

Дидаро, к-аз хоки поят хост гирад тутиё,
Як Сифоҳон сурма килки ҳимматат варзидааст.

То саводи хатти мушкинат ба чашмам ҷо гирифт,
Мардумак чун хатти ботил бар баёзи дида аст.

Кай бувад, ё Раб, ки ёбам давлати побӯси ту,
Ҳамчу номи худ, ки пойи хомаат бӯсидааст.

Дар фироқат ҷони ғамфарсудае дорад Калим,
Гар ба пойи қосидат н-афшонд, адаб варзидааст.

*  *  *

Тавба кардам, мастӣ аз чашми бутон афтодааст,
Токро ҳам аз хазон оташ ба ҷон афтодааст.

Дасти токаш бишканад, гар бар дари айш аст қуфл,
К-аз чунин сарпанҷа чандин паҳлавон афтодааст.

Шиша кай бошад, ки дар пешат диле холӣ кунад,
Шикваҳо дорад, чу соқӣ саргарон афтодааст.

Бӯйи хун ояд аз он роҳе, ки мо сар кардаем,
Нақши по ҳар гом чун барги хазон афтодааст.

Дар забонҳо гуфтугӯ гум карда роҳ аз тирагӣ,
Ҳар куҷо ҳарфе зи бахтам дар миён афтодааст.

Фасли гул рафту сар аз зонуи гулбун барнадошт,
Ғунча, пиндорӣ, ба фикри он даҳон афтодааст.

Коҳиши ғайрат зи мӯ бориктар дорад маро,
Бар забонҳо то ҳадиси он миён афтодааст.

Ҳосили дунё ба чашмам чун дарояд, ҷо куҷост?
Ашк ин ҷо корвон дар корвон афтодааст!

Шуд Калим овозааш аз субҳ оламгиртар,
То чу шамъи субҳгоҳӣ аз забон афтодааст.

* * *

Чу сохт чашми ту корам, нуҳуфта дидан чист?
Бар оташе, ки ба най даргирифт, доман чист?

Агар на субҳи сияҳбахт кори шом кунад,
Сиёҳрӯзии мо з-он баёзи гардан чист?

Дило, ту чашми маро кардаӣ зи гиря сафед,
Зи оҳ сурма кашидан ба чашми равзан чист?

Набошад ар дили сайёд доғдор аз ман,
Бурида чун пару болам қафас зи оҳан чист?

Набурд баҳра бари ҳар кӣ ҷамъ шуд неъмат,
Ки боғбон нашиносад, ки сайри гулшан чист?

Зи марги ин ҳама атфоли орзу, ҳаргиз
Дилам насӯхт, ки донам, тариқи шеван чист?

Чӣ ғам, агар нашиносӣ ҳақи вафои маро,
Ки ҳеч бут нашиносад, ҳақи бараҳман чист?

Ба хирман ар бувадат кори дил, зи кишти умед
Чу умр бод бувад, бодро зи хирман чист?

Шиносад, он кӣ бипӯшад бараҳнапоеро,
Ки нафъи обилаҳои фарохи доман чист?

Дилат, Калим, чӣ дорад, ғубори шиква зи дӯст,
Дигар бар ойинаат занги кини душман чист?

*  *  *

Боғу роғи мани хунинҷигар аст,
Нафасе, к-аз дили ман тангтар аст.

З-он чи он сарв ба худ мепечад,
Печиши турраву тоби камар аст.

Безабон бош, набинӣ, ки қалам
Бозабон асту сараш дар хатар аст.

Об аз ашки ҷигарсӯз хурад
Нахли оҳам, ки саросар самар аст.

Ҳиммати олии мо ҳаст тиҳӣ,
Шоҳбозест, ки беболу пар аст.

Барнагардида ба чашмам то рафт,
Хоб бо ашк магар ҳамсафар аст.

Накҳати гавҳари дилҳо суфта,
Мижжа ҳаккоки ақиқи ҷигар аст.

Бими сар бошад агар дар раҳи ишқ,
Чун сарат пой шавад, бехатар аст.

Остин ҳар кӣ ба дасташ афтод,
Дар пайи куштани шамъи саҳар аст.

Ахтари толеъи воруни Калим,
Назари тарбияташ аз шарар аст.

* * *

Чашми ҳар кас гар ба ёри моҳсимо равшан аст,
З-оташи дил ҳамчу миҷмар, дидаи мо равшан аст.
Ҳар киро айём пеш овард, зудаш пас нишонд,
Ин пушаймонӣ зи ҷазру мадди дарё равшан аст.
Нур бе барге кунад дар хонаҳо кори чароғ,
Умрҳо шуд, к-аз ҳубоб ин нукта бар мо равшан аст.
Ақли девона-ст, ҳар ҷо бӯйи май афсун дамид,
Рӯҳи парвона-ст, ҳар ҷо шамъи мино равшан аст.
Миннати зулфи ту тавқи гарданам бодо, к-аз ӯ
Ҳоли дилҳо бар ту дар шабҳои ялдо равшан аст.
Кори мо гар нест, дилхоҳаш нагирад кор танг,
Аз тағофулҳо, ки дорад, корфармо, равшан аст.
Ин ки ашк аст, ин замон хуни ҷигар хоҳад шудан,
Пеш-пеш имрӯз бар вай ҳоли фардо равшан аст.
Шишаи май айнаки биноият бодо, Калим,
То бидонӣ дидаҳо аз нури саҳбо равшан аст.

* * *

Дигар баҳор чаманро чӣ дилкушо карда-ст,
Шукуфа бар сари сабза нисорҳо карда-ст.
Чаман зи лолаву гул, ончунон ки оби равон
Агар гузашта, аз он рӯй бар қафо карда-ст.
Чунинки чӯби қафас пургула-ст булбулро,
Ғариб сохта сайёдаш, ар раҳо карда-ст.
На аз таронаи булбул шукуфта гул дар боғ,
Ки баҳри касби ҳаво ғунча сина во карда-ст.
Чӣ уқдаҳо, ки зи хотир кушуд ғунчаи гул,
Баҳор бин, ки гиреҳро гиреҳкушо карда-ст.
Чу бе май аст, аз он соғари сафолин беҳ,
Чӣ шуд, ки наргис ҷоми худ аз тило карда-ст.

Ҳар он ниҳол, ки аз барг даст бардорад,
Баҳори гулшани Кашмирро дуо карда-ст.
Ба ҳайратам зи ҳавояш бибин, ки дар як табъ
Ҳазор ранги талаввун чӣ гуна ҷо карда-ст?
Ба ёдгор ҳаворо зи ҳар гуле рангест,
Ба ранги ҳар як аз он ҷилвае ҷудо карда-ст.
Дар ин баҳор, Калим, он ки ҳаст қадршинос,
Барои хор саранҷом рӯнамо карда-ст.

* * *

Дида чашми майпарасте дидааст,
Ашкам аз мастӣ ба сар ғалтидааст.
Дил бари ӯ рафт, ин ҷо ҷо набуд,
Сина тангу орзу болидааст.
Зулф дар гӯши ту шарҳи ҳоли мо
Гуфтааст, аммо ба ҳам печидааст.
Баски мебинад зи мо девонагӣ,
Дидаи доғи ҷунун тарсидааст.
Рӯзгор андар камини бахти мост,
Дузд доим дар пайи хобида аст.
Ғамзааш дар банд дорад хандаро,
З-он лаби ширин шакар дуздидааст.
Хешу қавме нест, то расво шавем,
Айби моро бекасӣ пӯшидааст.
Корам аз ғам равнақе дорад, Калим,
Даст бар сар, остин бар дида аст!

* * *

Имсол навбаҳор қадам пештар гузошт,
Гул низ аз бисоти чаман по ба дар гузошт.

Савсан ба васфи боғ забонро кабуд кард,
Наргис зи шавқ дар қадаҳи лола сар гузошт.

Барги шукуфта руқъаи маъшуқи боғ буд,
З-он бӯса дод наргису бар чашми тар гузошт.

Ширинии табассуми ҳар ғунчаро мапурс,
Дар шири субҳ хандаи гулҳо шакар гузошт.

Гулро ғурури мушти зари хеш бас набуд,
Абри баҳор бар сари он зар гуҳар гузошт.

Нагзошт ёдгор ба ҷуз хирмани гуле,
Бар ҳар гили замин, ки шикам абри тар гузошт.

Меоварад ба сони гули зард сар бурун,
Натвон ба хоки гулшани Кашмир зар гузошт.

Рамзест, ин ки ошиқу маъшуқ якдиланд,
Дар пойи хеш беди муваллаҳ чу сар гузошт.

Кӯтоҳ монд дасти Калим аз гули мурод,
Ҳарчанд орзу ба сари якдигар гузошт.

* * *

Дар тариқи худнамоӣ шеваи дилхоҳ нест,
Ғайри даъвии баланду ҳиммати кӯтоҳ нест.
Кисае бар ваъдаҳои бахт натвон дӯхтан,
Хуфта гар дар хоб ҳарфе гуфт, аз он огоҳ нест.
Аз нифоқи суҳбати мардум зи бас рам кардаем,
Нолаи мо низ бо Хизри асар ҳамроҳ нест.
Хотири ошуфтае дорам, ки ҳар соат нафас
Роҳи лабро мекунад гум, гар чароғи оҳ нест.
Ҳар чӣ таркаш метавон кардан, ба даст оварда гир,
Ғам зи нокомӣ набошад, ҳиммат ар кӯтоҳ нест.
Марг талху зиндагӣ ҳам сар ба сар дарду ғам аст,
Пушту рӯйи кори олам ҳеч гаҳ дилхоҳ нест.
Каъбаи ишқи ту пиндорӣ сари кӯйи фаност,
Метавон рафтан, вале дар бозгаштан роҳ нест.

* * *

Оқил сипари захми забон гӯши гарон ёфт,
Гар ақл бувад, ин сипар аз пунба тавон ёфт.
Шайтон чӣ таматтуъ барад аз аҳли таҷарруд,
Раҳзан чӣ дар ин бодия аз реги равон ёфт?
Дунёталаб аз мӯймиёнон нашуд огоҳ,
Бас дида, ки ӯ ҳусни камар дар ҳамаён ёфт.
Моро ҳадафи наваки бедод навиштанд,
Он рӯз, ки абрӯи бутон шакли камон ёфт.
Нозам ба харобот, ки аз ҳар дари хона,
Обе, ки сиёҳӣ барад, аз бахт тавон ёфт.
Аз фақру фано мебарад олудаи дунё,
Файзе, ки шикамбанда зи моҳи рамазон ёфт.
Саргашта Калим дар пайи онам, ки дар ин роҳ
Ҳар кас ба тариқи дигар аз дӯст нишон ёфт.

* * *

Дачлаи ашк аз баҳори шавқ туғён кардааст,
Розҳои синаро хошоки тӯфон кардааст.

Дил гумон дорад, ки пӯшида-ст рози ишқро,
Шамъро фонус пиндорад, ки пинҳон кардааст.

Зоҳид аз ҳусни чаҳонорои чонон мекунад
Он қадар завқе, ки девори гулистон кардааст.

Миннати борон ба кишти орзуяш мениҳад
Ғамзаат, гар хастаеро тирборон кардааст.

Мешавад аввал ситамгар куштаи бедоди хеш,
Сел доим бар сари худ хона вайрон кардааст.

Дар гулистони вафо булбул ба гул ҳаргиз накард
Он назарбозӣ, ки чашмам бо муғелон кардааст.

Рабти сарҳо монд бо зонуи ғам дигар, сипеҳр
Ҳар кучо дида-ст пайванде, парешон кардааст.

Зулфи ҳиндуи туро аз дилбарӣ хат тавба дод,
Кофиреро кофири дигар мусулмон кардааст.

Фикри парвози гулистон дорад андар сар Калим,
Сози роҳи гулшани Кашмир сомон кардааст.

* * *

Ҳар кас ба ту, дилрабо, нишинад,
Бисёр зи худ ҷудо нишинад.

Ҳамчун ҳадафам сафед шуд чашм,
То новаки ту ба ҷо нишинад.

Азбас танг аст базми васлат,
Ҷо нест, ки нақши по нишинад.

Мурғи улфат парид аз ин боғ,
Шабнам аз гул ҷудо нишинад.

Бошад ба лабат нишони дандон,
Нақше, ки ба муддао нишинад.

Дар домани ман фалак кунад сайр,
Хоре, ки маро ба по нишинад.

Аз кӯйи вафо ҳар он ки бархост,
Дар роҳи ту, бевафо, нишинад.

Аз роҳи висол барнахезад,
Гарде, ки ба рӯйи мо нишинад.

Дар базми ҷаҳон, Калим, шамъест
Месӯзад, ҳар куҷо нишинад.

* * *

Мутрибе ку, ки ба хуршеди рухаш ноз кунад,
Чун кунад гарм даф, аз шуълаи овоз кунад.

Дар тани ной чу ҷон аз лаби ширин бидамад,
Сафари бехудиямро ба даме соз кунад.

Мурғи дил дар қафаси сина бимирад, беҳ аз он
Ки ба боли нафаси сӯхта парвоз кунад.

Як дам аз захм агар дур шавад мижгонат,
Ҳамчу сӯфор баандоза даҳан боз кунад.

Коми дилро, ки ба хашм аз бари нокомон рафт,
Ғулғули шишаи май кай бувад овоз кунад?!

Дили беҳавсаларо бехудии васл наҳишт,
Ки даме гӯш ба он чашми сухансоз кунад.

Хори бедоди гул азбас дили булбул хун кард,
Ишқбозӣ ба гули чангули шаҳбоз кунад.

Укда чун кори ман аз хеш бурун меорад,
Шона ҳарчанд, ки з-он зулф гираҳ боз кунад.

То бидонад, ки ҷафо дархури тоқат бояд,
Як нафас ойина хоҳам, ки ба ӯ ноз кунад.

Марди ишқи ту Калим аст, ки аз дасти ғамат,
Мехурад хуну хаёли майи Шероз кунад.

* * *

Аз ғаме шиква макун, то ғами дигар надиҳанд,
Аз лаби хушк магӯ, то мижаи тар надиҳанд.

Хубрӯён чу нишинанд дар айвони ғурур,
Мансаби ойиандорӣ ба Сикандар надиҳанд.

Дар диёре, ки раҳоӣ зи асирӣ марг аст,
Сайд то лоиқи куштан нашавад, сар надиҳанд.

Хати озодии мо аз ғами даврон кӣ диҳад,
Соқиён бода агар то хати соғар надиҳанд?!

Ҳоҷат аз факр талаб, рӯйи талаб гар дорӣ,
Ки зи як дар диҳадат, он чӣ зи сад дар надиҳанд.

Гарчи худ гашта зани ҳирсу тамаъ мегӯянд
Муфтии шаҳр, ки як зан ба ду шавҳар надиҳанд.

Ҷомаи арзи накӯён чу дарад, натвон дӯхт,
З-он ки пероҳани гулро ба руфӯгар надиҳанд.

Аз сухан ғайри зиён нафъи суханвар набувад,
Ба садаф ҷавҳариён қимати гавҳар надиҳанд.

Дар диёре, ки бувад гардиши он чашм, Калим,
Нисбати фитна ба бадгардии ахтар надиҳанд.

* * *

Абр то барҷост ёрон, бода дар соғар кунед,
Чашми ахтар то намебинад, димоғе тар кунед.

Панҷаи гул бин, ки аз сармо намеояд ба ҳам,
Зери ҳар гулбун зи минои май оташ бар кунед.

То димоғам гарм аз май нест, аз мӯ бар сарам
Гар бигӯям, санг меборад зи ман, бовар кунед.

Номаи аъмол чун аз зулфи соқӣ дар каф аст,
Базмро аз шӯри мастон арсаи маҳшар кунед.

Мо намефаҳмем оҳанге, Худоро, мутрибон,
Ҳар зеҳе наздиктар бошад, ба мастӣ сар кунед!

Такя чун занҷир дар мастӣ ба дӯши ҳам хуш аст,
То ба пойи хум расидан фикри якдигар кунед.

Даф, ки бе сӯзи дил аст, обе ба рӯяш мезананд,
Соате пероҳани фонусро ҳам тар кунед.

Рухсати майхорагӣ пири муғон моро чу дод,
Гуфт: – Бадмастист, гар ғамро зи хотир даркунед.

Аз маю мутриб мукаддар мешавад табъи Калим,
Дӯстон, баҳри димоғаш чораи дигар кунед!

* * *

Халқро дидӣ, дигар хорӣ чаро бояд кашид?
Пой дар домону даст аз муддао бояд кашид!

Бори дарди бедаво бурдан басе осонтар аст,
К-аз табибон миннат аз баҳри даво бояд кашид!

Миннати дарё кашанд, ар қатрае эҳсон кунанд,
Кош миннатро ба миқдори ато бояд кашид!

Давлате беҳтар зи гумномӣ нахоҳӣ ёфтан,
Сар ба ҷайб аз сояи боли ҳумо бояд кашид!

Мениҳӣ сарпанҷаро дар зери санг аз бори ранг,
Дасти ҳимматро зи домони ҳино бояд кашид!

Бо вуҷуди заъфи пирӣ бор бурдан мушкил аст,
По ба доман каш, чу миннат аз асо бояд кашид!

Дар хумори бода дилкӯб аст сайри гулситон,
Дарди сар аз хандаи гулҳо чаро бояд кашид?

Кори меҳнат гар дар ин роҳ инчунин боло равад,
Раҳнавардонро зи зону хори по бояд кашид!

Шамъро бо хомушӣ ҳар гаҳ забон бояд бурид,
Бингар аз беҳудагӯйиҳо чиҳо бояд кашид!

Аз балои ошноӣ он чӣ ман дидам, Калим,
З-ошно худро ба коми аждаҳо бояд кашид!

* * *

Ба ҳоли бад дил аз чашми тар афтод,
Сияҳ гардад чу дар об ахгар афтод.

Ту гар бо ин лаби ширин бихандӣ,
Ба шири субҳ хоҳад шаккар афтод.

Чӣ хорӣ, к-аз вафодорӣ надидам,
Кунам сад шукр, к-аз олам барафтод!

Ҳунар кам варз, гетӣ боғбонест,
Ки хоҳони ниҳоли бебар афтод.

Зи кавкаб ҷуз сияҳрӯзӣ надидам,
Хушо бахте, ки ӯ бе ахтар афтод.

Газидам банд-банди найшакарро,
Сарангушти надомат хуштар афтод.

Ҳадиси ақлу ишқ аз ман чӣ пурсӣ?
Чароғе буд, бо сарсар дарафтод!

Чӣ часпон аст бо дил суҳбати ишқ,
Ба дасти тифл мурғи бепар афтод.

Калим, охир зи бедоди кӣ нолем?
Ба кишти мо гузори лашкар афтод!

*   *   *

Дил на аз ӯст на зи мо, ёр чу beниқоб шуд,
Рафт зи дасти кас бурун ойинае, ки об шуд.

Гар зи ғамат шикаст дил, рози ту фош кай шавад,
Ганҷ нуҳуфтатар шавад, хона агар хароб шуд.

Банди сукут ҳеч гаҳ аз лаби беҳунар маҷӯй,
Қобили муҳр кай шавад шиша, ки бешароб шуд!

Лоиқи ҳусни безавол ойинае надошт ӯ,
Шукр, ки шамъи ҳастиям з-оташи ишқ об шуд.

Маст расид бо рухе чун гули тар зи тоби май,
Чашм зи обу ранги ӯ чашмаи офтоб шуд.

Тоби нигаҳ надоштам, пой кашидам аз дараш,
Тавба бувад сазои ӯ, ҳар кӣ тунукшароб шуд.

Дар чамани ҷамолат, ай гулбуни боғи рангу бӯ,
Шабнами гӯшвораро оби гуҳар гулоб шуд.

Абри баҳори аҳди мо файз накарда омро,
Резиши қатраҳои ӯ нуқтаи интихоб шуд.

Чун гули шамъ бeниқоб омада ҳусни ӯ, Калим,
Аз тарафи ту дидаро гиря чаро ҳиҷоб шуд.

* * *

Даст аз соғари уммед кашидан дорад,
Лаби паймонаи холӣ чӣ макидан дорад?!

То кай аз ғайрати ӯ бар сари оташ бошам,
Ай ҳарифон, пари парвона буридан дорад.

Суханам мешунавад бо ҳама бепарвоӣ,
Ҳарфи берабт зи парвона шунидан дорад.

Пастии бахти баландам зи сипеҳри дун аст,
Зери сақфе, ки нагун аст, хамидан дорад.

Дил ба хун то натапид, ашк қароре нагирифт,
Аз пайи тоири бисмил чӣ давидан дорад?

Оқибат зоҳид сар дар қадаҳи бода ниҳод,
Баски одат ба даҳан об кашидан дорад.

Корам аз заъф чунон шуд, ки зи ҷо мепарадам
Дида, ҳар гоҳ, ки аҳанги паридан дорад.

Пар агар новаки бедод бувад, ория кун,
Дар раҳи ишқ ба парвона расидан дорад.

Ройгон миннати озор ҳам аз чарх макаш,
Намаки захм аз ин сифла харидан дорад.

Мебарад ойина ҳамроҳ ба кӯйи ту, Калим,
Ки чунон меравад аз роҳ, ки дидан дорад.

* * *

Сарфароз он сар, ки фориғ аз ғами сомон шавад,
Бар сарат гул зан, ки аз дастор рӯгардон шавад.

Ҳар кӣ чун сӯзан зи таҷридаш бувад сарриштае,
Сад раҳаш гар ҷома пӯшонӣ, дигар урён шавад.

Ошиқи бечора аз як дида дар поси рақиб
В-аз дигар чашме ба кори хештан ҳайрон шавад.

Ҳеч ҷо баҳри ватан ғайр аз диёри ишқ нест,
Хона дар он мулк аз селоб ободон шавад.

Шавқи захми мо чу созад ҷазбаи хеш ошкор,
Тирҳо дар таркаши ӯ ҷумла чун пайкон шавад.

Дар чаманҳо лола набвад, балки айёми ҳасуд
Мезанад оташ ба боғ, ар ғунчае хандон шавад.

Ҳамчу барқ он офати сад хирмани хушу хирад,
Хешро з-он менамояд, к-аз назар пинҳон шавад.

Дар тамошои парирӯён дар иқлими хаёл
Дида гар барҳам ниҳӣ, чашмат нигористон шавад.

Ғайри ғам, к-аз ҳоли дил ғофил намебошад, Калим,
Кас надидам посбони хонаи вайрон шавад.

* * *

Дил, ки чандин оҳ аз ҷон мекашад,
Нақши он зулфи парешон мекашад,

Дидаам пасту баланди рӯзгор,
Дил ба он чоҳи занахдон мекашад.

Шишаи номусро хуш ҷазбаест,
Сангро аз дасти тифлон мекашад.

То тавонад дар сари ман хок бехт
Бахт, даст аз Оби Ҳайвон мекашад.

Мӯри хат лаъли лабатро хуш гирифт,
Хотам аз дасти Сулаймон мекашад.

Теғи бедоди ту ҳар ҷо шуд алам,
Шуъла ҳам сар аз гиребон мекашад.

Ашк расво кард моро, в-арна дил
Ноларо аз сина пинҳон мекашад.

Кош бигзорад гиребони маро,
Ёр аз дастам чу домон мекашад.

Мазраъи уммеди дил обе нахӯрд,
Интизори тирборон мекашад.

Дар кашокаш то ба кай бошам, Калим,
Дил ба дарду ҷон ба дармон мекашад.

*   *   *

Чанд навмед зи кӯйи ту дили зор ояд,
Чун тиҳидаст, ки аз майкада ҳушёр ояд.
Хори по дар раҳи идбор зи доман рӯяд,
Сари савдозада дар ҷайб ба девор ояд.
Фақр агар захм занад марҳамаш аз узлат нех,
Ки тиҳидаст хурад хун, чу ба бозор ояд.
Ишқ то қобили захми ситамам медонад,
Теғ аз мавҷи нафас бар дили афгор ояд.
Мекунад наргиси бемори ту ғамхории дил,
Ҳамчу масте, ки ба пурсидани бемор ояд.
Кас надидем, ки мардуд равад аз дари ишқ,
Оташ он нест, ки аз хору хасаш ор ояд.
Метавон ёфт сиришке, ки зи дил мехезад,
Бенишон нест, агар тифл зи гулзор ояд.
Шаби одина ба дарюзаи майхонаи шаҳр,
Шайх пинҳон раваду аз раҳи бозор ояд.
Гар матоъи сухан имрӯз касод аст, Калим,
Тоза кун тарз, ки дар чашми харидор ояд.

*   *   *

Гар сарви қадат ҷилва ба бустон нафурӯшад,
Гул ҳам ба касе чоки гиребон нафурӯшад.
Колои дил аз муштарии қадршинос аст,
Барқ оташи худ ҷуз ба найистон нафурӯшад.
Аз арбадаи чашми ту ҳар сӯй мунодист
Дар шаҳр, ки касе бода ба туркон нафурӯшад.
Дар буму бари мулк таҷарруд натавон ёфт
Он мӯр, ки миннат зи Сулаймон нафурӯшад.
Он ҷинси касодам, ки ба ҳеч, ар харадам кас
Мушкил, ки маро боз ба нуқсон нафурӯшад.

Муҳлат маталаб, бӯса ба ҷон гар диҳадат дӯст,
Гар нася диҳад, ҷинси худ арзон нафурӯшад.
Дар суҳбати афсурдадилон шеър нахонам,
Кас марваҳа дар фасли зимистон нафурӯшад.
Афзунталабӣ нест, Калим, аз равиши ақл,
Доно сари худ дар раҳи сомон нафурӯшад.

* * *

Ай дил, чу рози дӯст нахоҳӣ самар шавад,
Номаш чунон мабар, ки забонро хабар шавад.
Сар дорад улфате ба ҳавоят, ки чун ҳубоб
Бо ӯ сафар кунад, агар аз сар барад шавад.
Ҷоҳил, бирав, зи муршиди бемаърифат чӣ файз,
Кӯре куҷо асокаши кӯри дигар шавад!
Занҷири зулфи ӯ дили девонаро шинохт,
Савдо муқаррар аст, ки шаб beштар шавад.
Миннаткаш аз ҳимояти кас нест аҷзи мо,
То нақши сина ҳаст, ки моро сипар шавад.
Дуди сипанди беҳунаре чун шавад баланд,
Оташзани ситораи аҳли ҳунар шавад.
Бар аҳли ақл файзи ҷунун кам зи бода нест,
Бояд касе зи кори ҷаҳон бехабар шавад.
Ҳар кас агар ба қадри ҳунар баҳра ёфтӣ,
Боист оби баҳр насиби гуҳар шавад.
Аз ҳеч як надорад умеди асар Калим,
Гар оҳ шуъла гардаду ашкаш шарар шавад.

* * *

Гар сели фитна хезад, дилро чӣ мушкил афтад,
Ҷуз ашк нест моро боре, ки бар гил афтад.
Оқил ба кори дунё бисёр лоуболест,
Ҳамсояи ҷунун аст ақле, ки комил афтад.
Селоби ашки Маҷнун то даштбони водист,
Кай гард метавонад дунболи маҳмил афтад,
Аз ларзи беқарорӣ акс афтад аз канораш,
Ойина гар ба рӯят рӯзе муқобил афтад.
Як даст теғу шаҳре саргарми сурхрӯйӣ,
Як бахя захм шояд дар дасти сад дил афтад.
Гар рӯзгор хоҳӣ аз ту ҳисоб гирад,
Осон шумор бар худ коре, ки мушкил афтад.
Дарёдилон кариманд дар он чӣ худ нахоҳанд,
То хас бувад кай аз баҳр гавҳар ба соҳил афтад!
Роҳи гурезро ҳам чолокие зарур аст,
Чун мегурезад аз кор табъе, ки коҳил афтад?
Кори Калим бошад он ҷо магаспаронӣ,
Ҳар ҷо, ки дилрабое ширишамоил афтад!

* * *

З-он чашм надидам, ки нигоҳе ба ман афтад,
Бемор, аҷаб нест, агар камсухан афтад.
Наздик ба осеб чунонам, ки пас аз марг
Аз шамъи мазор оташам афтад, кафан афтад.
Дил ранг надорад зи ту чун доғ зи лола,
Доғ аст ҳамон, гар ба ту ҳампераҳан афтад.
Ҳошо, ки дил аз тавба пушаймон шавад, аммо
Ҳар кас дами обе хурад, оташ ба ман афтад.
Ай ҷайбу канори дигаронро гулу бо ман
Носозтар аз хор, ки дар пераҳан афтад.

Юсуф чу зи осеби муҳаббат ба чӣ афтад,
Яъқуб чӣ нолад, ки ба байтулҳазан афтад!
Ғофил нашавӣ аз нигаҳи бозпасинам,
Бемори ғаматро чу забон аз сухан афтад.
Дар дил бадали ҳубби ватан меҳри ғарибист,
Хушбахт Калим, ар ба биҳишти Дакан афтад.

* * *

Нест як шаб, ки сиришкам гули бистар нашавад,
То дари пераҳанам риштаи гавҳар нашавад.
Муддаӣ гар тарафи мо нашавад сарфаи ӯст,
Зишт, он беҳ ки ба ойина баробар нашавад.
Хушкии бахти фурӯмоя тилисме баста-ст,
К-обам аз сар гузарад, лек лабам тар нашавад.
Баски аз гардиши ин чарх ба танг омадаам,
Дар хуморам ҳаваси гардиши соғар нашавад.
Сифла аз қурби бузургон накунад касби шараф,
Ришта пурқимат аз омезиши гавҳар нашавад.
Ситами зоҳири ӯ лутфи ниҳонӣ дорад,
Сайдро мекушад он шӯх, ки лоғар нашавад.
Бо асирони вафо дилбари бадхӯйи Калим
Накунад сулҳ, ки то ҷанг мукаррар нашавад.

* * *

Дил таманнои дарди ӯ дорад,
Хона селоб орзу дорад.
Хеши якдигаранд аҷзу ғурур,
Теғ пайванд бо гулӯ дорад.
Чун кунам шарҳи ҳоли дида рақам,
Хомаам гиря дар гулӯ дорад.
Кӯ ба кӯ, дар ба дар зи бас гардид,
Гиря дар пеши нола рӯ дорад.
Якзабонам ману намегӯям
Суханеро, ки пушту рӯ дорад.
Чашми борикбин, агар бошад,
Қадаҳи офтоб мӯ дорад.
Аксро нест ҷо дар ойинаам,
Ба дилам баски дард рӯ дорад.
Дар сари кӯйи майфурӯшон аст,
Гар касе мағз дар каду дорад.
Пурғубор аст дил зи ғамхорӣ,
Хонаам гарди руфту рӯ дорад.
Аз муридони он дар аст, Калим
Хирқаи доғ орзу дорад.

* * *

Гул агар бо лаби лаъли ту баробар мешуд,
Шабнам аз нисбати дандони ту гавҳар мешуд.
Оби фӯлод ба хуноба бадал мегардид,
Гар ғами ишқ дар ойина мусаввар мешуд.
Дидаам хушктар аз соғари маҳмурон аст,
Ёди он рӯз, ки аз гиря басе тар мешуд.
Сардмеҳрии гули ин чаман афсурд маро,
Қафаси оҳанам, ай кош, ки миҷмар мешуд.

Чашми мастат назаре ҷониби мо гар медошт,
Дар кафи бахти сияҳ обила соғар мешуд.
Меҳри ихвон ҳама кин аст, чӣ мебуд, агар
Дар раҳим нутфаи обо, ҳама духтар мешуд!
Бо вафо хосияте ҳаст, ки гул гар медошт,
Ҳама ҷо қадраш бо хок баробар мешуд.
Ишқ чун тифли падармурда, ки худсар гардад,
Ба таманнои ту ҳар рӯз ба ҳар дар мешуд.
Ҳар замон ҳавсалае дархури ғам натвон сохт,
Кош қадри хуриши ғусса муқаррар мешуд.
Кишти уммед чунин хушк намемонд, Калим,
Агар аз дуди дилам чашми фалак тар мешуд!

* * *

Ба дилам ин ҳама пайкони ситам бор набуд,
Гираҳи ғунча гарон бар дили гулзор набуд.
Дилу ҷон сабру шикеб аз шаби ҳиҷрон чӣ кашад,
Доғи осоиши бахтем, ки бедор набуд?!
Шарҳи ҳиҷрони ту мекард, ба номат чу расид
Хомаро бо ду забон қуввати гуфтор набуд.
Дар азал душмани сомон шуда вайронаи мо,
Дар агар буд дар ин ғамкада, девор набуд.
Ишқ ҷойе, ки саф орост ба хунрезии ман,
Ханда аз бими бало бар лаби суффор набуд.
Кас надонист, ки чашми ту чӣ беморӣ дошт,
Ки давояш ба ҷуз аз мастии саршор набуд.
Бар сарам бахт зи гулзори ҷаҳон, чун гули шамъ
Назди он гул, ки вуболи сару дастор набуд.
Самари нахли вуҷудам ҳама ашк аст, Калим,
Чӣ кунам: – Шуъла ба ғайр аз шарараш бор набуд!

* * *

Дар ин гулшан зи бадхӯйӣ гул аз оби равон ранҷад,
Насиме гар вазад, сарви сиҳӣ аз боғбон ранҷад.
Куҳан шуд ҷурму ранҷиш, тозатар гардид толеъ, бин
Ки баҳри як гуноҳ он бемурувват ҳар замон ранҷад.
Ба сони хандаи сӯфор айшам нест ҷуз номе,
Ҳамонро бозпас гирад замин, гар осмон ранҷад.
Саропойи вуҷудам бас, ки хӯ карда-ст бо дардат,
Нишони новакат гар нест, мағз аз устухон ранҷад.
Зи мижгонаш маранҷ, ай дил, ки дар ин парда мемонӣ,
Кӣ хоҳад дод сулҳаш, дузд агар аз посбон ранҷад?
Ба ғайр аз нолаи маҳмил, ки бефарёдрас бошад,
Чӣ меояд зи дасташ, гар ҷарас аз корвон ранҷад?
Дар он маҳфил, ки меҳмонӣ ту, шамъ озурда бархезад,
Бале, доим туфайлӣ аз сулуки мизбон ранҷад.
Зи шӯхӣ ҳусн азбас ҷилва дар бозор мехоҳад,
Гул аз шавқи дукону гулфурӯш аз гулситон ранҷад.
Калим, аҳволи дил аз ман чӣ мепурсӣ, намедонӣ
Чӣ бошад ҳоли махмуре, к-аз ӯ соқӣ ба ҷон ранҷад.

* * *

Майхона чу ман ринди накӯном надорад,
Аз майкашиям шиква лаби ҷом надорад.
Аз собиту сайёраи гардун ба ҳазар бош,
К-ин мазраъа як донаи бедом надорад!
Ҳар санг, ки хӯрд аз кафи атфол, нигаҳ дошт
Девона, магӯ фикри саранҷом надорад.
Пайвастагии мақсадам аз по нанишонад,
Гар мавҷ ба соҳил расад, ором надорад.
Дар чорсуи даҳр харидори вафо нест,
Бо он ки матоест, ки айём надорад.

Аз ӯ сар агар ранҷа шавад, талх нагӯяд,
Ҳамчун лаби соғар лаби дашном надорад.
Дар зулф дили сӯхтаам баҳри чӣ бандӣ,
Ин мурғи кабоб огаҳӣ аз дом надорад?!
Омад ба сари шукр, Калим, аз паси шиква
Баргашт аз он роҳ, ки анҷом надорад.

* * *

Чанд дил талхии ғамро шакаристон дорад,
Хокро бар сари савдозада сомон дорад.
Гар ҳақи роҳи талабро бишиносад солик,
Дидаро хотами ангушти муғелон лорад.
Ҳар кӣ савдогари колои вафо шуд, бояд,
Ки касодиро аз ороиши дуккон донад.
Ҷоҳил ар худро дониста ба чоҳ андозад,
Аз ҷафои фалаку гардиши даврон донад.
Ҳар киро тангдилӣ айнаки бинoӣ дод,
Субҳро тиратар аз шоми ғарибон донад.
Дил, ки аз чошнии дард хабардор бувад,
Поси ғамҳои туро хидмати меҳмон донад.
Пандгӯ тарки мани ғамзада натвонад кард,
В-аз биҳиште чу ту қатъи назар осон донад.
Марди бедор Калим аст, ки бар тораки хеш,
Сояи теғи туро сунбулу райҳон донад.

* * *

Майошоми ғамат паймонаву соғар намедорад,
Ба ҷуз табхола бар лаб соғари дигар намедорад.
Надонам аз худобаргашта мижгонат чӣ мехоҳад,
Ки сар аз саҷдаи меҳроби абрӯ барнамедорад?!
Ту бепарво даруни дил, вале аз ҳоли ӯ ғофил,
Ки оташ огаҳӣ аз сӯзиши миҷмар намедорад.
Кунам аз ҳар нигоҳат мастии дигар, чӣ базм аст ин,
Касе сад ранг май, ай шӯх, дар соғар намедорад.
Чу нақши по надорад бистарам, болин ба кунҷи ғам,
Ки аз сардаргиребоне тани мо сар намедорад.
Матоъи сабру ором аз дилам ҷустӣ, аҷаб аз ту
Намедонӣ, ки гулхан ғайри хокистар намедорад.
Сарат гардам, магардон инчунин якбора маҳрумам
Ки дорад сояе сарви сиҳӣ, гар бар намедорад.
Мани бекас ҳалоки гармии доғи ҷунун гардам,
Ки то шуд посбонам чашм, аз ман барнамедорад
Калим, ар шеъри рангин нест, байти сода мегӯяд,
Арӯси тангдастон беш аз ин зевар намедорад.

* * *

Захмҳои шона аз зулфат фароҳам мешавад,
Бахт агар ёрӣ намояд мушк марҳам мешавад.
Айш агар ҳам рӯ диҳад, бе талхии андӯҳ нест,
Ҳамчу наврӯзе, ки воқеъ дар муҳаррам мешавад.
Қатли мо ҳар гоҳ бошад метавон, таъҷил чист?
Куштани шамъи ҳаёти мо ба як дам мешавад!
То чӣ орад бар сари боли кабутар номаам,
Хомаам ҳар дам зи бори дарди дил хам мешавад.
Ҳаст бо хуниндилонам улфатӣ, к-аз баъди марг
Хоки ман бар захм агар пошанд, марҳам мешавад.

Баски шодоб аст гулшан аз сиришки андалеб,
Оташ, ар бар рӯйи гул резанд, шабнам мешавад.
Дар диёри мо мусибатдӯстӣ ом аст, ом,
К-аз чароғе мурда дар як шаҳр мотам мешавад.
Ҳамчу маҳҷубе, ки дар шаҳри ғариб омад дарун
Хоб дар чашмам ба мардум ошно кам мешавад.
То Калим аз одамият лоф зад, беғам набуд,
Ғам бувад тухме, ки сабз аз хоки Одам мешавад!

* * *

Айём хушдилӣ ба ситамгор медиҳад,
Гиря ба захму ханда ба сӯфор медиҳад.
На сурати парист ба хилватсарои ту,
Шавқи ту пар ба сурати девор медиҳад.
Беҳосилон зи меҳнати айём фориғанд,
Даврон шикасти нахли гаронбор медиҳад.
Дорам диле, ки бозии тифлони ашкро
Хок аз ғубори хотири афгор медиҳад.
Даврон ба рағми тинати ойинахотирон
Оби бақо ба сабзаи зангор медиҳад.
Фаҳмидааст маънии хатти пиёларо,
Он соқие, ки соғари саршор медиҳад.
Пуште, ки коҳ дода ба девори офият,
Моро хабар зи ҳоли сабукбор медиҳад.
Хайре ба номи гулшани рӯйи ту мекунад,
Ҳар боғбон, ки об ба гулзор медиҳад.
Зоҳирпараст кай ба ҳақиқат расад, Калим,
К-ӯ сар ҳамеша дар раҳи дастор медиҳад.

* * *

Дасти машшота агар зулфи туро тоб диҳад,
Хуни дилҳо гули рухсори туро об диҳад.
Кош бахти сияҳ аз дидаи шаббедорам,
Равшаниро биситонад, ба иваз хоб диҳад.
Хуни дил рӯ ба камӣ карда, зи сӯзи таби ҳаҷр,
Он қадар нест, ки як обиларо об диҳад.
Шакли абрӯи ту хунрез чунон шуд, ки имом
Сӯйи масҷид чу равад, пушт ба меҳроб диҳад.
Монд дил бо ғаму бигрехт сабурӣ, чу касе
К-аз миён дарраваду хона ба селоб диҳад.
Сад замингир ба ҳар сӯй нишонида чу ман,
Хоки кӯйи ту, ки ором ба симоб диҳад.
Нанги сомон накашад хонаи ӯ ҳамчу ҳубоб,
Ҳар киро Эзид ҷамъияти асбоб диҳад.
Боз вақт аст, ки аз тарбияти ашки Калим,
Хори девори сарояш гули сероб диҳад.

* * *

На зи май ҳар ҷо тунукзарфе, ки буд, аз по фитод,
Он ки лофи паҳлавонӣ зад, ҳам аз саҳбо фитод.
Гирдбод аз сайри саҳро пой дар доман кашид,
Навбати ҳомуннавардӣ то ба ашки мо фитод.
Гиря набвад, дидаам гар даҷлаафшонӣ кунад,
К-об дар чашмам зи дуди оташи савдо фитод.
То дами охир бувад сар дар ҳаво монанди шамъ,
Дидаи ҳар кас, ки бар он қомати зебо фитод.
Медиҳад з-ошуфтагӣ дарси сияҳрӯзӣ, зи мо
Зулфи ӯ бо ин парешонӣ чӣ хушиншо фитод.
Андалеби он гулистонам, ки бандад боғбон
Дидаро, ҳар гаҳ ниқоб аз чеҳраи гулҳо фитод.

Ҳар кӣ дар роҳи талаб хӯ кард бо оворагӣ,
Гар ба сони шамъ якҷо шуд, муқим аз по фитод.
Аз камоли иттиҳоди ҳусну ишқ охир Калим,
Ҳар гираҳ, к-аз зулфи ӯ во шуд, ба кори мо фитод.

* * *

Гарам осуда даврон мегузорад,
Кай он зулфи парешон мегузорад!
Ба хуни мо чунон ташна-ст тират,
Ки по дар оби пайкон мегузорад.
Гузорад зоди роҳе раҳзани ишқ,
Агар сар бурд, сомон мегузорад.
Ҳазор осеби дигар дар камин аст,
Ки киштиро ба тӯфон мегузорад.
Сафед аз гиря чашмам гашт, то кай
Дил ин коғаз ба борон мегузорад.
Чунин якбора урёнам насозад,
Ба по хори муғелон мегузорад.
Зи шавқи гӯшаи чашми ту, сурма
Биҳиште чун Сифоҳон мегузорад.
Калим осойиши айши ватанро
Барои аҳли Кошон мегузорад.

* * *

Гар ба таҳрири ситам номаи ҳиҷрон ояд,
Хомаам пештар аз нома ба поён ояд.
Баски дар роҳи талаб сустӣ аз ӯ мебинад,
Ҷарас аз ҳамраҳии нола ба афғон ояд.
Аз баду неки ҷаҳон хурраму ғамгин нашавам,
Хор то зоную гул то ба гиребон ояд.
Панҷааш боз фароҳам нашавад чун шона,
Гар ба дасти касе он зулфи парешон ояд.
Ба қадамгоҳи ман ояд ба зиёрат аввал,
Гар насиме зи сари хори муғелон ояд.
Киштии бода, аҷаб, гар ба саломат монад,
Соқӣ аз тоби май он дам, ки ба тӯфон ояд.
Зинати майкада афзуд, дараш то бастанд,
Гул бимонад чу касе кам ба гулистон ояд.
Аз канорам ба сафар рафта ҷигаргӯшаи ашк,
Чок бояд, ки ба пурсидани домон ояд.
Сипари аҷз бувад садди раҳи ҳодисаш,
Бар сари мӯр, агар хайли Сулаймон ояд.
Гар фалак об диҳад, сарфа кунад дар оташ,
Бода охир шавад он рӯз, ки борон ояд.
Пойи дарюза, Калим, аз дари афлок бикаш,
Сархуш аз як қадаҳи бода ба сомон ояд.

* * *

Ҳадисат номаро таъвизи ҷон шуд,
Қаламро номи ту вирди забон шуд.
Дигар аз худ чӣ гулҳо метавон чид,
Ба роҳат хор мағзи устухон шуд.
Ба нармӣ бо дуруштон метавон сохт,
Забон ҳамхонаи дандон аз он шуд.

Ба ин роҳе, ки дил дар пеш дорад,
Наёрад роҳзан бе корвон шуд.
Ба гетӣ ҳар кӣ номи ӯ сафар кард,
Ғариби олами амну амон шуд.
Бухори пойи ман то дида во кард,
Зи чашми нақши поям хун равон шуд.
Бикун касби камол аз майфурӯшон,
Зи як паймона одам метавон шуд.
Чунон дар тирарӯзиҳо тамомам,
Ки як-як устухонам сурмадон шуд.
Дар ин гулшан Калим аз сайри чашме
Зи гул қонеъ ба хори ошён шуд.

* * *

Баски ҳарфи қоматат вирди дили девона шуд,
Сина аз машқи алиф монанди лавҳи шона шуд.
То хароби ӯ нагардидам, ба ман нанмуд рӯй,
Хона аз хуршед гармӣ дид, чун вайрона шуд.
Айш дар ҷонам ғариб аст, арчи монад солҳо,
Ғам агар як рӯз дар дил монд, соҳибхона шуд.
Баски баҳри сайди дилҳо тухми шед афшондаанд,
Дар кафи арбоби тақво субҳаҳо бедона шуд.
Буд аз дилҳои мо овозаи зулфат баланд,
Аз наво афтод, чун занҷир бе девона шуд.
Саркашон гар оташанд, охир мулоим мешаванд,
Шамъ охир об гашту марҳами парвона шуд.
Кулбаи торики ман, пешам саводи аъзам аст,
Фориғ аз Кошон, Калим, аз гӯшаи кошона шуд.

* * *

Дорад агар сафое, дил аз шароб дорад,
Равшантар аст шиша, гоҳе, ки об дорад.
Тинат, ки пок бошад, аз майкашӣ чӣ нуқсон,
Дарё чӣ шуд, ки бар лаб ҷоми ҳубоб дорад?
Аз дил хато нагардад мижгони каҷниҳодат,
Бо он ки ростра в нест, тире ки тоб дорад.
Ин баҳри бекарона ҳамчун ҳубоб моро,
Гоҳе ба пой дорад, гоҳе хароб дорад.
Дар зоҳидию риндӣ дар дасти дил инон нест,
Ин шиша гоҳ бода, гоҳе гулоб дорад.
Роҳат, ки шуд муқаррар, дилкӯбтар зи ранҷ аст,
Доғ аст моҳӣ, азбас шавқи сароб дорад.
Моро бувад ба доман аз май агар нишоне
Зоҳид ба дил зи ҳасрат доғи шароб дорад.
Дар рӯзгор дидам аз ростӣ нишон нест,
Субҳаш, ки содиқ омад, дар шир об дорад.
Холаш миёни абрӯ, алҳақ, ба ҷо фитода,
Байтулғазал нишоне аз интихоб дорад.
Ҳастам, Калим, навмед аз дастбӯсу побӯс,
Онро инон гирифта, инро рикоб дорад!

* * *

Хаёли гулшани рӯят ба дил гузор накард,
Ки мӯ ба мӯйи танамро чу лолазор накард.
Агарчи шона зи сар то ба пой шуд ангушт,
Ҳисоби ҳалқаи он зулфи тобдор накард.
Пиёда водии девонагӣ ба сар нарасонд
Касе, ки шӯри ҷунунаш ба най савор накард.
Чу кӯҳ дар тахти теғ аст сарбаландии ӯ,
Касе, ки шеваи афтодагӣ шиор накард.

Зи баски гарди кудурат нишаст бар сар ҳам,
Ба дил ҷафои ҳаданги замона кор накард.
Камоли аҷри шаҳодат бар он шаҳид диҳанд,
Ки ғайри шамъ касаш гиря бар мазор накард.
Набурдам аз сухани хеш баҳрае, ки садаф
Ба гӯш аз гуҳари хеш гӯшвор накард.
Калим, бодаи хуни сабили як иқлим
Вафо ба мастии он чашми пурхумор накард.

* * *

Ҷуз ба май ҳеч дил аз банди ғам озод нашуд,
Хати озодии мо ҷуз хати Бағдод нашуд.
Аз сухан ҳоли харобам нашуд ислоҳпазир,
Ҳамчу вайрона, ки аз ганҷи худ обод нашуд,
Гарчи нақши қадаму сояву мо ҳамкорем,
Кас чу ман дар фани афтодагӣ устод нашуд.
Маънии бикртарошӣ чӣ бувад? – Кӯҳканӣ!
Хомаи фикр кам аз тешаи Фарҳод нашуд.
Ҳар замон бар сари фарзанди сухан меларзам,
Дар ҷаҳон кист, ки дилбастаи авлод нашуд?!
Бахт муздури сипеҳр аст, аз ӯ шиква макун,
Ҳар киро шоҳ кушад, душмани ҷаллод нашуд.
Шед ин ҷазба, ки дар сайди халоиқ дорад,
Муҳраи субҳа чаро донаи сайёд нашуд?
Дар қабули назари халқ маҷӯ осоиш,
Банда ҳар гоҳ, ки дилхоҳ шуд, озод нашуд.
Мо ҳамин тангдилем аз ғами худ в-арна, Калим
Дар ҷаҳон нест касе, к-аз ғами ман шод нашуд!

* * *

Вақте ки бори ҳастӣ чизе ба ҷо намонад,
К-аз ту ба раҳ нишоне аз нақши по намонад.
Дунё ба сахтгирӣ ҳаргиз ба кас напояд,
Ҳарчанд бифшурӣ мушт, ранги ҳино намонад.
Дар роҳи бесуботӣ шодию ғам рафиқанд,
Бар сар гуле напояд, хоре ба по намонад.
Сабру хирад ба як дил бо шавқи ӯ нагунҷанд,
Чун сел меҳмон шуд, кас дар саро намонад.
Иксири сайди чашме хоки сияҳ кунад зар,
Ғайрат чу комил афтад, кас бенаво намонад.
Нақши қимори толеъ гар инчунин нишинад,
Ғайр аз нишони дармон дар дасту по намонад.
Он ғамзаи ҷаҳонсӯз парвои кас надорад,
Оташ чӣ бок дорад, гар бӯрё намонад.
Нодории қаноат ҳамсар ба мулки Дорост,
Ин ҷӯйи оби борик аз сел во намонад.
Бошад Калим хомуш пайваста бо дили пур,
Ҷоме, ки гашт лабрез, аз вай садо намонад.

* * *

Дасти ҳуснат панҷаи хуршеди тобон мебарад,
Турки чашмат тахт бар мулки Сулаймон мебарад.
Хушқиморӣ беш аз ин набвад, ки дар иқлими ҳусн,
Ҳар кӣ мебозад диле, он чашми фаттон мебарад.
Ҳар тунукзарфе, ки нақди сабри ӯ кам мешавад,
Бад гумоне пай ба он зулфи парешон мебарад.
Аз мағелон бахт пойандози сомон мекунад,
Ҳар гаҳам шӯри ҷунун сӯйи биёбон мебарад.
Ай, ки оби Хизрро бо май баробар мекунӣ,
Кай ғаме аз хотири худ Оби Ҳайвон мебарад.

Мешуморад дохили ризқаш сипеҳри хурдабин,
Гар кас ангушти надоматро ба дандон мебарад.
Дасти мо аз кор гар афтод, пар бекор нест,
Туҳфаи чоки гиребонро ба домон мебарад.
Солики роҳи фаноро мегудозад рашки шамъ,
К-ӯ ба як шаб роҳи ҳастиро ба поён мебарад.
Барнадорад кас шаҳидонро зи қурбонгоҳи ишқ,
Куштаро селоби хун ин ҷо зи майдон мебарад.
Чун тамаъ ғолиб шавад, аз ҷой бархезад Калим,
Неку бадро ҳирс чун селоб яксон мебарад.

* * *

Риёзи мулкро дигар баҳори дилкушо омад,
Ба фарқи дӯст аз нав сояи боли ҳумо омад.
Ба рӯйи таркиши иқбол тири рафта баргашта,
Дуои мустаҷоб аз осмон ҳоҷатраво омад.
Зи гарди мавкиби иқбол чашми бахт равшан шуд,
Ба боғи хотири афсурдагон Оби Бақо омад.
Баҳои сурма бо хоки сияҳ хоҳад баробар шуд,
Чунин к-аз гарди роҳат корвони тӯтиё омад.
Аз ин кӯҳлулҷавоҳир қисмати ман бештар бояд,
Ки андар роҳи ӯ чашми умедам чорто омад.
Муборакриҷъати мусталзими сад гуна ишрат шуд,
Бибин то омадӣ Наврӯзи фирӯз аз қафо омад.
Калим, аз боғи уммедат гули шодӣ ба доман кун,
Ниҳоли хушдилиро мавсими нашъу намо омад.

* * *

Дилам ба мулки қаноат нишон намедонад,
Фиғон, ки ин саги нафс устухон намедонад.
Шитоби умр диламро ба шиква оварда,
Ҷарас ба ҷуз гилаи корвон намедонад.
Якест анҷумани хилватам зи шӯри ҷунун,
Ки гирдбод канору миён намедонад.
Ба сони шуъла забонам ба аҷз роҳ набурд,
Лабам чу ҷоми лаболаб фиғон намедонад.
Чӣ барги шодӣ аз ин рӯзгор мехоҳӣ?
Ки расми ханда гули заъфарон намедонад.
Саре, ки қатъи тааллуқ накард аз тани хеш,
Тариқи саҷдаи он остон намедонад.
Ҳавои зулфи ту дорад дилам чу он муфлис,
Ки ғайри Ҳинд ба олам макон намедонад.
Ҳарифи бохта бесарфароз мебошад,
Зи ҳар кӣ дил бибарӣ, қадри ҷон намедонад.
Хаданги нолаи мо ҳамчу шуълаи шамъ аст,
Мусофир асту зи мақсад нишон намедонад.
Ба арзи ҳоли дил он чашми маст вонарасад,
Зи турк нест аҷб, гар забон намедонад.
Дар ин замона зи ҳам ҳусну ишқ бехабаранд,
Чаман гар об хурад, боғбон намедонад.
Калим, нолаи ман сар ба роҳи нуҳ фалак аст,
Вале зи дил раҳи кому забон намедонад.

* * *

Диле дорам, к-аз ӯ дилҳо бисӯзад,
Тару хушки тааллуқро бисӯзад
Чу ахтар бар сипеҳри хоксорӣ,
Бимирад рӯзҳо, шабҳо бисӯзад.
Миёни хоксорон сӯзам аз ғам,
Чу он киштӣ, ки дар дарё бисӯзад.
Зи дудаш ашки ахтарҳо бирезад,
Чу хошоки вуҷуди мо бисӯзад.
Ҳунар моро чунин ноком дорад,
Чароғи хонаи дунё бисӯзад!
Зи дудаш сарв бандад бар ҳаво нақш,
Чу дил аз шавқ он боло бисӯзад.
Фалак аз сардмеҳрӣ сӯхт моро,
Чу он нахле, ки аз сармо бисӯзад.
Куҷо дорад Калим он пешбинӣ,
Ки имрӯз аз ғами фардо бисӯзад.

* * *

Кай он сайёди бепарво пайи нахчир мегардад,
Ки доим дар раҳаш сад сайд аз ҷон сер мегардад!
Сабурӣ чун зи ҳад бигзашт, коре рӯ намеорад,
Ки дору куҳна чун гардид, бетаъсир мегардад.
Хати сабзат инони ихтиёр аз дасту дил бурда,
Баҳор асту дигар девона бе занҷир мегардад.
Саропойи вуҷудам бода шуд аз ҳирси майхорӣ,
Вале ҳамчу ҳубобам чашму дил кай сер мегардад!
Шароби куҳна менӯшам ба базми ӯ чу биншинам,
Ба ман то навбат ояд, духтари раз пир мегардад.
Калим, он гардиши чашму нигоҳи дам ба дам кам шуд,
Чу соқӣ саргарон афтод, соғар дер мегардад.

* * *

Кай бувад саргаштагиҳоро дил аз сар во кунад,
Хешро девонаи як шаҳру як саҳро кунад.
По, агар фарсуд, шояд дастгири тан шавад,
Ҳамчу нақши бӯса дар як остон маъво кунад.
Суди савдои намак моро суйи Кашмир бурд,
Эътиборе бахти шӯр он ҷо магар пайдо кунад.
Дӯстон нозукмизоҷу мо басе нозукдимоғ,
Чун касе авқот сарфи поси хотирҳо кунад.
Дар диле гар раҳ надорем, он ҳам аз тақсири мост,
Кас ба ин саргаштагӣ дар хотире чун ҷо кунад?
Дар қадам гулзор дорад раҳнаварди роҳи шавқ,
Мезанад бар сар агар хоре бурун, аз по кунад.
Селро дар раҳ мақом аз ихтиёри хеш нест,
Муҳлате бояд, ки садди роҳро саҳро кунад.
Гар ба базмат дер меояд, Калим, аз сабр нест,
Мавсиме бояд, ки кас оҳанги ин дарё кунад!

* * *

Агарчи нахли ҳунарро самар намебошад,
Зи санги бадгуҳарон бехатар намебошад.
Зи оҳи халқ бипарҳез, к-ойина-ст гувоҳ,
Ки дар замона дами беасар намебошад.
Дар ин муҳит гар аз суд чашм мепӯшӣ,
Сафинаро зи шикастан хатар намебошад.
Ба ҳар кӣ синаи садчокро намудам, гуфт:
– Бирав, ки марҳами захми сипар намебошад!
Сипеҳр то падарӣ мекунад, намебинам
Писар, ки ташнаи хуни падар намебошад.
Дил он бувад, ки наҷӯяд зи теғи ҷавр паноҳ,
Даме, ки сина сипар шуд, ҷигар намебошад.

Зи теғ ҳат ба мазори шаҳиди хеш кашад,
Ситезаҷӯйӣ аз ин бештар намебошад.
Ба назди пояшиносон баландпарвозӣ
Ба ғайри рехтани болу пар намебошад.
Зи ҳуш рафта дили мо, ба худ наёяд боз,
Ба ин дарозии умри сафар намебошад.
Сарам зи пунбаи мино сабуктар аст, Калим,
Ки мағз дар сарам аз дарди сар намебошад.

* * *

Он раҳравон, ки дар паси зону сафар кунанд,
Пӯшида дидаву раҳи нодида сар кунанд.
Ҳар ҷо ғубори кӯйи ту бошад, абир чист?
Хокест он ки атрфурӯшон басар кунанд!
Аҳли карам, ки иззати меҳмон шинохтанд,
Хиҷлат кашанд, гар ғаме аз дил бадар кунанд.
Якбора айбҳои ҷавонӣ видоъ кард,
Ҳангоми кӯч қофиларо ҳам хабар кунанд.
Даврон бароти ризқи азизон навиштааст,
Бар киштае, ки сабз зи оби гуҳар кунанд.
Нозам ба тӯтиёи қаноат, ки медиҳад
Биноие, ки аз ҳама қатъи назар кунанд.
Ҳарфи таби фироқи туро ошиқон чу шамъ
Гар шом сар кунанд, саҳар мухтасар кунанд.
Тобу тавони курсии зону чӣ кам шавад,
Бояд хаёли беҳуда аз сар бадар кунанд.
Фарзанди мост шеъру бад-он фахр мекунем,
З-он аблаҳон наем, ки фахр аз падар кунанд.
Аз лаззати табассуми ширинлабон, Калим,
Арбоби завқ ҷумла намак дар шакар кунанд.

* * *

Бути паймоншикан дам аз вафо зад,
Асар нақше ба оби гиряҳо зад.
Хушо осоиши дарде, ки моро
Чунон гирад, ки натвон дасту по зад.
Зи дарди рашки ҳамкорон кабобем,
Ба маҷлис ашки шамъ оташ ба мо зад.
Зи бахти тираӯз ҳар гаҳ, ки шаб шуд,
Ба ҷойи шамъ оташ дар саро зад.
Чаро Оби Бақо набвад сияҳрӯз,
Ки роҳи роҳатободи фано зад.
Қимори покбозӣ хушнишин шуд,
Ду шаш фақрам зи нақши бурё зад.
Шакарханди гули соғар садо дошт,
Ҳарифони сабӯҳиро сало зад.
Хаданги оҳ чун тири ҳавоист,
К-аз ӯ натвон шикори муддао зад.
Самуми ишқ рахти ҳастиям сӯхт,
Дар он водӣ, ки Маҷнунро ҳаво зад.
Калим аз матлаби ноёб бигзашт,
Бадастовардаро ҳам пушти по зад.

* * *

Шуълаи оташи ҳусни ту чу боло гирад,
Фалак ангушт ба дандони Сурайё гирад.
Коҳиши ишқ зи бас ҷисми низорам бигудохт,
Ранг дар чеҳраи ман парда ба симо гирад.
Хилвати васли туро маҳрами маҳрум дил аст,
Чанд аз базми ту берун раваду ҷо гирад!
Худ агар гӯшнанишин, ном ҷаҳонгир, хуш аст,
Тарз бояд, ки касе ёд зи анқо гирад.

Бӯйи май марҳами носур бувад, кош касе
Пунбаи доғи маро аз сари мино гирад.
Ашк то ҳаст ба хунобі ҷигар парварда-ст,
Ин на тифлест, ки аз шир касаш во гирад.
Ба тапидан пару боле натавонанд шикаст,
Дили мурғони қафас зуд зи саҳро гирад.
Баски паст аст, ба меъроҷи ту, гӯйӣ, рафта,
Бахти ман обилае гар ба таҳти по гирад.
Бо чунин толеи ворун чӣ тавон кард, Калим?
Заҳр то чанд кас аз дасти Масеҳо гирад!

* * *

На дар ин гулшан гуле аз ошноӣ бӯ диҳад,
На насиме ғунчаи гулҳои моро рӯ диҳад.
Бими он бошад, ки шодимарг гардам чун ҳубоб,
Гар дар ин обу ҳавоям ханда гоҳе рӯ диҳад.
Чарх дигаргун нахоҳад шуд ба дилтангии соз,
Пастии ин сақф сарро такя бар зону диҳад.
Дар паноҳи оразат хат мулки хубиро гирифт,
Душмани худро чаро кас ин қадар паҳлӯ диҳад?
Нолае бишнав зи булбул, чун ба гулшан омадӣ,
Ин қадар биншин, ки гул захме зи зулфат бӯ диҳад!
Гардиши чашмат чу паймояд ба ҳар кас даври хеш,
Сурмаро битвон ба хурди ҳар насиҳатгӯ диҳад.
Дар илоҷи дарди дил соқӣ табибат бас, Калим,
Бӯса фармояд ғизо в-аз бодаат дору диҳад.

* * *

Мурғи дилам, ки равшан аз ӯ чашми дом буд,
Куштӣ ба ин гуноҳ, ки бедона ром буд.
Дидам зи беқарории худ дар раҳи талаб,
Осоише, ки қофиларо аз мақом буд.
Бигзар зи ному нанг, ки расвоӣ оварад,
Пайваста рӯсиёҳ нигин баҳри ном буд.
Дар ҳинди тирабахтии воруна аст кор,
З-он шаҳди лаб ҳамеша дилам талхком буд.
Ҳаргиз нагашт қобили захми ту муддаӣ,
Пайваста оби теғи ту бар вай ҳаром буд.
То дил назар ба хоки ту афканд, шуд асир,
Мискин хабар надошт, ки ин дона дом буд.
З-оби сабили теғи ту қисмат наёфтам,
К-аз ташнагон бар он лаби ҷӯ издиҳом буд.
Уммеди бӯсаат чӣ намак дошт, эй Калим,
З-он лаб, ки мунфаил зи ҷавоби салом буд?!

* * *

Ай хуш он дам, ки дилат аз сари кин бархезад,
Бинишинию зи абрӯи ту чин бархезад.
То ба кунҷи дили ман ҷой набинад аввал,
Нест мумкин, ки ғуборе зи замин бархезад.
Ҳар кӣ, сайёд, ту он вақт ба домаш ойӣ,
Ки зи пирӣ натавонад зи камин бархезад.
Кори мижгони сияҳмасти ту шуд каҷравишӣ,
Ҳар кӣ бархост зи майхона, чунин бархезад.
Самар аз зонуи андӯҳ ҷудо хоҳад шуд,
Сарнавиштам агар аз лавҳи ҷабин бархезад.
Охир, ай шӯхи ҷаҳонсӯз, саворӣ то чанд?
То ба кай оташ аз ин хонаи зин бархезад!

То ту рафтӣ зи канорам, ба назарҳо хорам,
Бишканад қимати хотам, чу нигин бархезад.
Ин замон рониям аз базму надонӣ, ки Калим
Ояд он рӯз, ки гӯйӣ: – Бинишин, бархезад!

* * *

Кай таманнои ту аз хотири ношод равад,
Доғи ишқи ту гуле нест, ки барбод равад.
Наравад ҳасрати он чоҳи занахдон аз дил,
Ташнаро об муҳол аст, ки аз ёд равад.
Гар ба шустан биравад нақши алиф аз шона,
Фикри болои ту ҳам аз дили ношод равад.
Натавон аз сари ӯ бурд ҳавои Ширин,
Лашкари Хусрав, агар бар сари Фарҳод равад.
Дар раҳи ишқи ҷаҳонсӯз чӣ шоҳу чӣ гадо,
Ҳукми селоб ба вайронаву обод равад.
Мекашад ҳар чӣ ба дарё расад аз чашми тарам,
Нози шогирди хирадманд ба устод равад.
Агар ойина наёбад зи қабулат назаре,
Зулфи ҷавҳар ҳама аз чеҳраи фӯлод равад.
Ашк суде накунад ошиқи дилбохтаро,
Чӣ кунад дона, чу дом аз кафи сайёд равад.
Кош чун шамъ шавад сар ҳама аъзои Калим,
То саросар ба раҳи ишқи ту барбод равад.

* * *

Хуш он замон, ки итобат баҳонасоз набуд,
Забони теғи ҷафо ин қадар дароз набуд…
Баланду пасти ҷаҳон бо ҳам аст, пас зи чӣ рӯ
Нишеби бахти маро толеъ аз фароз набуд?
Нишастаем ба хоки сияҳ зи табъи баланд,
Сазои он, ки табиат замонасоз набуд.
Гуҳар хазаф бувад он ҷо, ки гавҳарӣ набвад,
Ҳунар ғариб шуд он ҷо, ки имтиёз набуд.
Магир саҳл, агар дарди ишқ як рӯз аст,
Кадом рӯз таби шамъ ҷонгудоз набуд?
Даме, ки тахтаи машқи ҷароҳаташ будам,
Ҳанӯз он мижаи шӯхи теғ боз набуд.
Шикояте, ки дил аз зулфи тобдори ту дошт,
Кам аз шикояти шамъ аз шаби дароз набуд.
Калим, нисбати шамъ ар ба шуъла части шуд,
Ба тангдарзии рабти ниёзу ноз набуд.

* * *

Кашиши ӯст, ки моро ба сари кор барад,
Булбул аз накҳати гул роҳ ба бозор барад.
Бар дари майкада масте ба тараннум мегуфт:
– Бода обест, ки аз ойина зангор барад.
Суди ин доду ситад чист, ки дар хилвати қурб
Фурсати ҳарф диҳад, қуввати гуфтор барад!
Устухонам нашавад пеши ҳаданги ту сафед,
Гарна захми гаравам ханда зи сӯфор барад.
Як чаман об хурад аз араќи хиҷлати гул,
Накҳатит зулфи ту гар бод ба гулзор барад.
Мижаро дод зи каф чашми ту дар охири ҳусн,
Турк муфлис чу шавад, теғ ба бозор барад.

Шӯрбахтему шаҳиди лаби ӯ, кош касе
Устухонҳои маро сӯйи намакзор барад.
Тоби бедод, Калим, ин ҳама чун меорад,
Гарна дил медиҳадаш, он ки дил аз кор барад!

* * *

Даврон зи кори баста агар укда во кунад,
Дасти шикастаро ба буридан даво кунад.
Бисёр кафши обилаҳо пора мешавад,
То кас суроғи он гуҳари бебаҳо кунад.
Зоҳид зи бас ба мактаби таълим кавдан аст,
Устод хоҳад, ар ҳама касби ҳаво кунад.
То чанд даст бар сару поям ба гил бувад,
Айш он бувад, ки ошиқи бедасту по кунад.
Ҳар ҷо, ки мустамеъ ба сухан дер мерасад,
Бигзор то забони хамӯшӣ адо кунад.
Бар рӯйи шоҳиди сухан абрӯи дилкашест,
Ороише, ки нохуни дахли баҷо кунад.
Лабташна то ба чоҳ наяфтад, наёбад об,
Мироби рӯзгор чу ҳоҷат раво кунад.
Носеҳ наметавон ба фусун дил аз ӯ бурид,
Кас чун сипанди сӯхта з-оташ ҷудо кунад?
Афтодаам зи дидаи равшандилон, Калим,
Аз дидани ман ойина рӯ бар қафо кунад!

* * *

Иқлими дил ба зӯр мусаххар намешавад,
Ин фатҳ бе шикаст муяссар намешавад.
Аз гиря сарнавишт чӣ шӯям, ки ин рақам
Зоил ба об чун хати соғар намешавад.
Равшандилон хушомади шоҳон нагуфтаанд,
Ойина айбпӯши Сикандар намешавад.
Ҷон медиҳам нуҳуфта, ки дил пай намебарад,
Хун мехӯрам, чунонки лабам тар намешавад.
Кай мениҳад далер қадам дар муҳити ишқ,
То кас дар оби дида шиновар намешавад.
Хок аз ғуборгоҳ баландиталаб бувад,
Бо мо ба хоксорие ҳамсар намешавад.
Пайдост, то куҷост тараққии мо, ки мӯр
Гар бол ёфт, соҳиби шаҳпар намешавад.
Бар фарқ рехт хок, ки дар ҳеч маърака
Аз нокасе сиёҳии лашкар намешавад.
Осудахотирем зи радду қабули халқ,
Фарсудаи маҳак зари ахтар намешавад.
Гар тӯтиё кунанд гуҳарро, чу бишкананд,
Бо хории шикаст баробар намешавад.
Худро дигар зи гармравон нашмарӣ, Калим,
Дар зери поят обила ахгар намешавад.

* * *

Зи тозашохи гуле хонаам гулистон буд,
Гули баҳори умедам ба ҷайбу домон буд.
Ба ҷом оташи ҳасрат зи дуди май наншаст,
Ба хонаи хасу хошок барқ меҳмон буд.
Зи чоки пераҳанаш сайри гулситон кардам,
Ҳазор ранги гули бӯса дар гиребон буд.

Ба каф пиёла, ба сар бода, ҳарфи бӯса ба лаб,
Зи рӯзгор басе кори мо басомон буд.
Дароздастии мо оқибат чӣ гулҳо чид
Зи гулшане, ки гулаш шабнами гурезон буд.
Ҳазор қофилаи орзуи лабташна
Мақом карда ба даври чаҳи занахдон буд.
Ҳалоки он шаби қадрам, ки чашми бахт он ҷо
Маҷоли хоб намеёфт, баски ҳайрон буд.
Калими ташна, ки лабро зи гиря тар мекард,
Зи бахтмандии мироби Оби Ҳайвон буд.

* * *

Нагӯямат, ки дил аз ҳосили ҷаҳон бардор,
Ба ҳар чӣ дастрасат нест, дил аз он бардор.
Агар насими риёзи ватан ҳавас дорӣ,
Ба нола домани хиргоҳи осмон бардор.
Ба андалеб шунидам, ки боғбон мегуфт:
– Зи гулбуне, ки бувад саркаш, ошён бардор.
Ба роҳи ишқ, ки зорию аҷз металабанд,
Зи созу барги сафар чун ҷарас фиғон бардор
Пиёла гар ба каф ояд, ба пандгӯ мангар,
Чу гул бувад, назар аз рӯйи боғбон бардор.
Агарчи сарфа писандида нест аз мастон,
Чу шиша ҷилва кунад, шамъ аз миён бардор.
Ба роҳи Каъба агар меравем, гӯяд ақл,
Ки аз барои раги нафс устухон бардор.
Замона ҳарчи диҳад дар баҳои умр, магир
Зи бадмуомила гулхан ба гулситон бардор.
Ватан тамом хасу хори бекас аст, Калим,
Бирав, саводи ватанро аз ошён бардор.

* * *

Чашми ҷодуи ту дар дилҷӯйии аҳли ниёз
Ҳеч кутоҳӣ надорад, умри мижгонаш дароз!
Риштаи ҷону раги дил дар хами мижгони ӯст,
Ҳеч кас дидӣ ба як мизроб бинвозад ду соз?
Ҳар касе созе ба завқи хештан сар мекунад,
Дил миёни мутрибон хуш карда ёри дилнавоз.
Ҷомаи девонагӣ бар қадди ҳар кас рост нест,
Аз дусад девона як тан нест урёни тироз.
Дар қимори ишқбозӣ бо ту нақшам хуш нишаст,
Чун набошад, инчунин ту покбар, ман покбоз.
Аз нишони хуни ноҳаққуштагон ӯро чӣ бок,
Боли гунҷишк аст фарши ошёни шоҳбоз.
То набуд ин тоҷи заррин бар сараш, осуда буд,
Шамъ афтод аз ҳавои сарфарозӣ дар гудоз.
Шеър агар ваҳй аст, муҳтоҷи суханфаҳмон бувад,
Чун мумаййиз дар миён набвад, чӣ суд аз имтиёз.
Бештар моро, Калим, офат расад з-абнои ҷинс,
Шиша аз санг асту аз вай беш дорад эҳтироз.

* * *

Ниҳоли ишқ, ки баргаш ғам асту бор афсӯс,
Агар зи гиря нашуд сабз, сад ҳазор афсӯс.
Наёмадию сиёҳӣ зи доғҳо афтод,
Сафед шуд ба раҳат чашми интизор, афсӯс.
Миёни гарди кудурат падид нест дилам,
Чӣ созам ойина гум гашт дар ғубор, афсӯс.
Ба оҳу нола муяссар намешавад васлат,
Насим ранг надорад зи навбаҳор, афсӯс.
Ба ашкрезӣ ромам нашуд, чӣ чора кунам?
Ҳамеша мерамад аз донаам шикор, афсӯс.

Ба ин ду дида зи ҳуснат чӣ метавон дидан,
Ҳазор чашм надорем, сад ҳазор афсӯс.
Ба бӯсабозии ӯ ҳар чӣ дошт, бохт Калим,
Наменишинад нақшаш дар ин қимор, афсӯс!

* * *

Чун ашки парешон сафареро чӣ кунад кас?!
Сармояи ҳар шӯру шареро чӣ кунад касс?!
Дуккон ба чӣ кор ояд, агар моя набошад,
Бе Даҷлаи хун чашми тареро чӣ кунад кас?!
Ашк омаду биноиям аз дида бурун шуд,
Ҳамхонагии пардадареро чӣ кунад кас?!
Аз равшании шавқи висоли ту гузаштем,
Худ гӯ, ки фурӯғи шарареро чӣ кунад кас?!
Ойина ғудор аз нафаси мо напазирад,
З-ин гуна дами беасареро чӣ кунад кас?!
Ҳар дам дили девонаи мо дар хами зулфест,
Савдозадаи дарбадареро чӣ кунад кас?!
Ояд чу хаёлат, кунам аз сина бурун дил,
Дар базми тараб навҳагариро чӣ кунад кас?!
Ёрӣ, зи хату хол чӣ хоҳӣ пайи қатлам,
Дар куштани мӯре ҳашареро чӣ кунад кас?!
Накди ду ҷаҳон мавсими гул қимати май нест,
Чун ғунча ҳамин мушти зареро чӣ кунад кас?!
Ёр ин дили садпора, Калим, аз ту нагирад,
Вайронаи бебому дареро чӣ кунад кас?!

* * *

Дидаро кардӣ сафед, аз интизори мо мапурс,
Субҳи моро дидӣ, аз шабҳои тори мо мапурс.
Он чӣ меафтад ба доми мо, ба ғайр аз рахна нест,
Толеъи рамкарда бингар, аз шикори мо мапурс.
Дину дунёбозу оламсӯзу сомондушманем,
Зуҳраро мебозӣ, аз васли қимори мо мапурс!
Хортар аз шишаи холӣ ба базми бодаем,
Иззате гар буд, рафт, аз эътибори мо мапурс.
Мо намегӯем, к-аз ҳар кас чиҳо бардоштем,
Бурдбориҳо бибин, аммо зи бори мо мапурс.
Мо на аз рустои ақлему на аз шаҳри ҷунун,
Беватан чун гирдбодем, аз диёри мо мапурс.
Медиҳад туғёни ашки мо хабар аз шӯри ишқ,
Гул ба доман бингару аз хор-хори мо мапурс.
Бо вуҷуди хоки пояш тӯтиё дидан надошт,
Аз арақрезии чашми шармсори мо мапурс.
Бо гулаш гар зинати ранг аст, аз бӯ муфлис аст,
Ай Калим, аз баргу сомони баҳори мо мапурс!

* * *

Кӣ дил бар ҷо тавонад дошт пеши чашми шаҳлояш?
Кашад з-ойина берун аксро мижгони гирояш.
Раҳи ишқ ар ба сар ояд надорад роҳи беруншуд,
Ба соҳил гар расад киштӣ, ҳамон дарё бувад ҷояш.
Ба қатлам ғамзаи хунрезро ҳамдасти мижгон кун,
Чӣ суд аз теғи танҳо, гар набошад корфармояш!
Ҳама рангинии ашкам, ҳама раънoии оҳам
Зи акси он гули рӯ дону ёди нахли болояш.
Кунад қумрӣ хаёли сарву бар хок ошён бандад,
Ба ҳар ҷо соя афтад бар замин аз қадди раънояш.

Сияҳрӯзе ба ин хуштолеъӣ ҳаргиз намебошад.
Ба коми дил чӣ хуш печида зулфаш бар саропояш.
Калим андар раҳи ишқаш ба ғорат дод сармоя,
Намонад ҳеч бо ӯ ғайри хоре чанд дар пояш!

* * *

Набвад аҷаб, ки бошад саргашта сад ҳазораш,
Он шохи гул, ки гардад бар гирди сар баҳораш.
Ғалтад бар он баногӯш аз мавҷи зулф, дигар
Дар оби ораз афтад, чун акси гӯшвораш.
Бар қомати шаҳидон хайёти ишқ дӯзад
Пероҳане, ки бошад аз захм пуду тораш.
Бо он ки новаки ӯ дар сайд пар барорад,
Аз дарди интизораш лоғар шавад шикораш.
Домони исмати ӯ аз бода тар набошад,
К-аз барқи ҳусн шуд об ойина дар канораш.
Бар лавҳи турбати мо, ай ҳамнишин, рақам кун:
– Ин аст он ки шамъе нагрист бар мазораш.
Ҳар шохи гул, ки бошад ораш зи булбули худ,
Хораш зи по бурун кун в-аз сина хор-хораш.
Аз комбахшии даҳр миннат макаш, ки надҳад
Коми диле, ки арзад, васлаш ба интизораш.
Хушку тари замона занги бақо надорад,
Маълум метавон кард, аз шабнаму шарораш.
Оқил аз он зи дунё гирад канора, к-ин баҳр
Ҳар гавҳаре, ки дорад, афтода бар канораш.
Дигар Калим зардӣ аз ҳеч рӯ набинад,
Рӯйе, ки сурх дорад, силии рӯзгораш.

* * *

Ба хона чанд нишинӣ, саре ба бустон каш,
Чу чашми хеш даме бода дар гулистон каш.
Зи кунҷковии дилҳо ғубор мегирад,
Зи лутф гоҳе дасте ба теғи мижгон каш.
Маро ба гӯшаи мактуби ғайр ёд макун,
Ҷудо ба номи ман, ай дӯст, хатти нисён каш.
Замонаест, ки мастӣ зи булбулон айб аст,
Ба сони ғунча дар ин боғ бода пинҳон каш.
Агар қабул надорӣ, ки куштаи лаби туст,
Биё ба гулшану аз захми ғунча пайкон каш.
Чунон ки об зи гил мешавад кудуратнок,
Агар ту софдилӣ, бори зердастон каш.
Зи беқарорӣ, ки манъам наметавон кардан,
Касе ба шуъла нагӯяд, ки по ба домон каш.
Ба тоқи гунбади фонус ин рақам дидам,
Ки сар ба бод равад, зуд дар гиребон каш!
Ба сони шишаи холӣ димоғи мо хушк аст,
Калим, рахт ба бозори майфурӯшон каш!

* * *

Бӯйи кин ҳаргиз касе нашнида аз обу гилам,
Гар ба хас оташ фитад, аз меҳр месӯзад дилам.
Чун қалам дорам сари таслимро дар зери теғ,
Ҳар касам сар мезанад, гӯйӣ, ки хатти ботилам.
Нашъаи огоҳиям, лекин дар ин нахчиргоҳ
Бар сари тири ҳама монанди сайди ғофилам.
Аз дару девор мегирам суроғи маргро,
Раҳнаварди мондаам, дар орзуи манзилам.
Шамъро монам, ки аз сайри сулукам ноумед,
Ҳар куҷо ҳастам зи ашки хештан андар гилам.

Лолаворам, дил зи ғам садчок шуд дар бекасӣ,
Ҳеч кас нанҳод ғайр аз доғ дасте бар дилам.
Орзӯи як дил аз ман дар ҷаҳон ҳосил нашуд,
Мояи навмедиям, гӯйӣ, ҷавоби соилам.
Бесамар нахлам, маро ёре ба ғайри соя нест,
Соя худ бо хок яксон аст, бингар ҳосилам.
То қиёмат хори ғам дар ҷон намемонад, Калим,
Гар зи дил берун намеояд, барояд аз гилам.

* * *

Дурам аз фитна, ки дар сояи мижгони туам,
Хотирам аз ҳама ҷамъ аст, парешони туам.
Нола ҳарчанд ғубори танам аз ҷо бардошт,
Толеъи дун нарасонид ба домони туам.
З-анҷуман пештар аз шамъ бурун хоҳам рафт,
Инчунин гар бигудозад, таби ҳиҷрони туам.
Миннати дида дигар бахри тамошо накашам,
Бастаам чашм зи наззораю ҳайрони туам.
Гар сари риштаи нисбат ду бувад, тоб якест,
Мӯ ба мӯ дарҳами чун турраи печони туам.
Устухонам ҳамагӣ шона шавад баъд аз марг,
Баски дар орзуи зулфи парешони туам.
На ба ман сарв саре дораду на гул назаре,
Ин самар дод ҳаводории бустони туам.
Гарми онам, ки ниҳам доғ ба фарқи ту, Калим,
Дигар имрӯз ба фикри сару сомони туам.

* * *

Ҳар оҳи ҳасрате, ки ба танҳо кашидаам,
Дар бар ба ёди он қади раъно кашидаам.
Аз раъшаи хумор чу каф субҳагир нест,
Беҳуда дасти хеш зи саҳбо кашидаам.
Арбоби ақл маҳрами аҳли ҷунун наянд,
Аз мӯйи сар ниқоб ба симо кашидаам.
Ҳамчун ниҳоли дастнишон баҳри тарбият,
Бурдам ба дида хор, ки аз по кашидаам.
Дар ҷустуҷӯи васли ту чун мори сарзада
Сарро ба ҷо гузоштаю по кашидаам.
Беш аз ду дасти шахс ба хоҳиш дароз нест,
Ман ин ду дастро зи ду дунё кашидаам.
Аз баҳри армуғонии атфол чун Калим,
Доим ба шаҳр санг зи саҳро кашидаам.

* * *

Ашк ғаммоз аст, хун дар гиря дохил кардаам,
Акс то зоҳир наградад, обро гил кардаам.
Рафтам аз кӯйи ту чун шахсе, ки селобаш барад,
Тарки ҷонро бештар аз таййи манзил кардаам.
Ончунон к-аз иштиёқи дона мурғ ояд ба дом,
Ман зи шавқи нола худро дар салосил крдаам.
Ҳарфи бедодаш ба нохун меканам бар чеҳра, лек
Чашм, то барҳам занам, аз гиря ботил кардаам.
Чун гулӯи мурғи бисмил хун равад аз номаам,
Оре, оре, шарҳи хунполоии дил кардаам.
Ё Раб, ин раҳ кай ба поён мерасад, чун заъфи ман
Ҳамчу нақши пой дар гоме ду манзил кардаам.
То касе бар лаб наёрад даъвии хуни Калим,
Хуни фарзандони худро вақфи қотил кардам.

* * *

Ба даври хеш зи мино ҳисор мехоҳам,
Дар он миёна туро дар канор мехоҳам.
Ба тавба нома намешӯям аз гунаҳ, ки ба ҳашр
Ба каф мусаввадаи зулфи ёр мехоҳам.
Чу чашми ҳасратам афтад ба теғи абрӯи дӯст,
Якест умру шаҳодат ду бор мехоҳам.
Ба рӯйи кори ҷаҳон ранги дигарам ҳавас аст,
Дар ин чаман на хазон, на баҳор мехоҳам.
Ситам бувад, ки гули захм мушкбӯ нашавад,
Зи тори зулфи ту як бахявор мехоҳам.
Ғубори ахгари дилро ба об натвон бурд,
Насиме аз сари зулфи нигор мехоҳам.
Ба сели ашк супурдам сарои ҳастии хеш,
Зи худ сафар чӣ кунам, хона дор мехоҳам.
Ғубори хотир аз он медиҳам бо шиква бурун,
Ки хок бар сари ин рӯзгор мехоҳам.
Ба бодия набарам гар Калимро, чӣ кунам?
Барои маҷнуни шамъи мазор мехоҳам!

* * *

Оташи деги ҳавас аз дили сӯзон гирам,
Оби лабташнагӣ аз оҳани пайкон гирам.
Хобам ин аст, ки дар диданат аз ҳуш равам,
Хӯрданам ин, ки сарангушт ба дандон гирам.
Араќи хиҷлати ман сели вуҷудам гардад,
Факрро гар диҳаму мулки Сулаймон гирам.
Ваҷҳи май гар набувад, ман ки ба бӯйе мастам
Ҷо ба ҳамсоягии бодафурӯшон гирам.
Равиши сӯхтани доғ зи дом омӯзам
В-аз қафас қоидаи чоки гиребон гирам.

Аз тафи оташи он таб, ки танамро бигудохт,
Аз гули доғ гулоб аз пайи дармон гирам.
Додаи хештан айём чу мегирад боз,
Ҳайф бошад, ки ба ҷуз панд зи даврон гирам.
Дорам он ҳавсалаву сабр, ки ғам ҳам нахурам,
Аз тиҳидастӣ агар рӯзаи ҳирмон гирам.
Натавон буд, Калим, ин ҳама дар банди либос,
Баҳри атфол сиришке, ки ба доман гирам.

* * *

Дасту дил тангу ҷаҳон танг, Худоё, чӣ кунам?
Ману як ҳавсалаи танг, ба инҳо чӣ кунам?
Санг бар сина занам, шишаи дил мешиканад,
Назанам, шавқ чунин карда тақозо, чӣ кунам?
Дар раҳи ишқ агар бори алоиқ ҳамаро
Бифканам, бо гуҳари обилаи по чӣ кунам?
Мотами болу пари рехтаам бас бошад,
Хешро тангдил аз дидани саҳро чӣ кунам?
Дарди бедардие чун боз даво металабад,
Дардҳои куҳани хеш мудавво чӣ кунам?
Ман ки чун гард ба ҳар ҷо, ки нишинам хорам,
Ҷанг бо садрнишинон ба сари ҷо чӣ кунам?
Гила аз чарх бувад тир фикандан ба сипеҳр,
Чун ба ҷойе нарасад, шикваи беҷо чӣ кунам?
Хори бегулшуда ҳар ҷо гули бехоре буд,
Гар набандам зи ҷаҳон чашм, тамошо чӣ кунам?
Кунҷи танҳоиям аз гӯр дараш бастатар аст,
Узлатам гар надиҳад, шуҳрати анқо чӣ кунам?
Сару барги ҷадалам нест чу бо халқ, Калим
Накунам гар ба баду нек мадоро, чӣ кунам?

*   *   *

Бечавҳарему даст зи шамшер мебарем,
Мӯрему панчаи ҳунар аз шер мебарем.
Дорем тухфаи ту дили пора-порае,
Савдо бибин, ки лола ба Кашмир мебарем.
То оқилон ба маъмани тадбир мерасанд,
Мо рахти худ ба хонаи занчир мебарем.
Хоҳем хӯ гирифт ба рӯзи сиёҳи хеш,
Мо тирагӣ зи бахт ба тадбир мебарем.
Бори мучаррадони тариқат сабук хуш аст,
Аз нолаҳо гаронии таъсир мебарем.
Бо он ки эҳтиёч надоранд, механд
Чандон, ки мо хичолати тақсир мебарем.
Дар интихоби водии оворагист, бахт
З-он дарди сар зи хоки дарат дер мебарем.
Пинҳон намекунем зи душман матоъи хеш,
Мушти паре, ки ҳаст, бари тир мебарем.
Моро, Калим, гармии таб обу оташ аст,
Кай ташнагӣ зи дил ба табошир мебарем.

*   *   *

Дӯш дар хоб чу он турраи печон дидам,
Субҳ дар бистари худ сунбулу райҳон дидам.
Аз ҳаводории он зулф чунонам, ки агар
Бурд хоби ачалам, хоби парешон дидам.
Ай хуш он дам, ки зи ҳайрат назанам дида ба ҳам,
То задам чашм ба ҳам, офати тӯфон дидам.
Он чӣ аз лашкари тотор надида-ст касе,
Ман зи як тор аз он зулфи парешон дидам.
Гарди роҳи талабам сурмаи биноӣ шуд,
Чамане дар дили ҳар хори муғелон дидам.

Аз сари сидқ чу дастор ба гардаш гаштам,
Гар саре холӣ аз андешаи сомон дидам.
Ҳар кӣ з-абнои ҷаҳон аст, ба ман ҳақ дорад,
З-он ки аз чини ҷабини ҳама сӯҳон дидам.
Дорад ар манфиате суҳбати ин чарх, чаро
Хизрро муътақиди сайри биёбон дидам?
Рост гӯянд: – Бувад тавба пушаймон будан,
Ҳар киро дидаам, аз тавба пушаймон дидам.
Даҳр бар акси тавaққуъ чу кунад кори Калим,
Ҳар чӣ душвор шумурдам, ба худ осон дидам!

* * *

Ман ки дур аз ватанам, айш таманно накунам,
Ба қафас то нарасам, болу паре во накунам.
Натавон дарди сар аз гиряи ҳар шамъ кашид,
Бесабаб хӯй ба торикии шабҳо накунам.
Ку димоғе, ки ба бегона кунам омезиш?!
Дидани ойинаро ман, ки таманно накунам.
Даъвии сабру дилу дин ҳама ботил бошад,
Гар дили гумшуда дар зулфи ту пайдо накунам.
Тоби ҳамчашмии парвона нахоҳам овард,
Шамъро бо қади раънои ту ҳамто накунам.
Мансаби юмнқадам ҳамчу баҳорам надиҳанд,
Даштро сабз гар аз обилаи по накунам.
Чун сари шишаи май бастадаҳон омадаам,
Сари ҳарфе, ки аз ӯ хун начакад, во накунам.
Одатам то нашавад шикваи арбоби карам,
Соя аз абр ба ин бахт таманно накунам.
Рутбаи ҳастии Ҳаллоҷ маро манзур аст,
Пунбаро беҳуда тоҷи сари мино накунам,
Ай, ки гуфтӣ, ки макун арбада з-ин беш, Калим,
Мастам аз гардиши он чашм макун, то накунам.

* * *

Умрест, ки як мастии саршор надидам,
Дар пойи хум афтодани дастор надидам.

Бар давлати васле, ки фалак рашк наёрад,
Ҷуз суҳбати ойинаю зангор надидам.

Дар зулмати бахти сияҳи хеш намондам,
Чун оби Хизир рӯйи харидор надидам.

Афсӯс, ки чун нахли гаронбор дар ин боғ
Дасте зи рафиқон ба таҳи бор надидам.

Чун риштаи гулдаста ба гирди ҳама хубон
Гардидаму як ёри вафодор надидам.

Бодо сари ойинаи зону ба саломат,
Рӯйе магар аз ойинарухсор надидам.

Ҳамчун ҳадафам, бахти навозиш зи касе нест,
Ҳар ҷо, ки шудам, ғайри дилозор надидам.

То аз мадади нохуни тадбир гузаштам,
Дар роҳи талаб уқдаи душвор надидам.

Бо он ки касе чизе дар ин бор надорад,
Дар қофила як марди сабукбор надидам.

Дар кӯйи таваккул, ки ба ҳақ пушти умед аст,
Коҳе, ки диҳад такя ба девор, надидам.

Бо аҳли тараб низ, Калим, арчи нишастам,
Аз ханда ба ҷуз ном чу суффор надидам.

* * *

Фурсате ку, ки давои дили ранҷур кунем?!
Пунбаи шишаи май марҳами носур кунем.
Тамаъи хом нашуд з-оташи хирмон пухта,
Гар бар дӯзах биравем, орзуи хур кунем.
Хидмати базми шароби ту зи мо меояд,
Метавонем, ки аз гиря газак шӯр кунем.
Аз пайи кинаи мо теғ бибандад ба миён,
Мо агар дасти ҳавас дар камари мӯр кунем.
Зиндагӣ баски зи бедоди фалак талх шуда-ст,
Хастаи беҳшударо пурсиши ранҷур кунем.
Парда ҳарчанд фузун, ҷилваи ифшо хуштар,
Фаҳми ин нукта зи рози дили танбӯр кунем.
Чора зорист бари дилбари мағрур, Калим,
Натавонем чу ромаш ба зару зӯр кунем.

* * *

Боғбон бемеҳру мо дар асл нахли бебарем,
Оқибат дар гулхани гетӣ кафи хокистарем.
Ҳеч кас набвад, ки набвад дар пайи озори мо,
Аҳли олам ҷумла тифлу мо чу мурғи бепарем.
Ошиқонат теғи кин дар якдигар хуш мениҳанд,
Хуни ҳам чун об мерезему аз як лашкарем.
Меҳрварзӣ чун расантобист, к-ин сарриштаро
Пештар чандон, ки дорем, аз ҳама вопастарем.
Мурғи як аслем, айби мо бувад айби ҳама,
Аз чӣ ҳамчун мавҷ доим дар пайи якдигарем.
Хоки моро аз пайи саргаштагӣ гил кардаанд,
Даҳр, гӯйӣ, базми мастон асту мо чун соғарем.
Андар ин гулхан ба чашми кам мабин моро, Калим,
Бо ҳама афсурдагӣ дилзиндатар аз ахгарем.

* * *

Ҳам ҷафои дӯстон, ҳам ҷаври душман мекашам,
Ҳар кӣ аз ҳар ҷо барорад теғ, гардан мекашам.

Паҳлуи чарби ғаноарзонии дунҳимматон,
Ман зи хоки остони факр равған мекашам.

Чанд бошам шуълаи ҳар гулхане, дигар чу доғ
Бар дари дил менишинам, по ба доман мекашам.

Баски аз завқи хамӯшӣ дам задан душвор шуд,
Ҳар нафас, к-аз дил кашам, пайконе аз тан мекашам.

Шарм бодам, дорам ар сармоя аз душман дареғ,
Баркро доман ҳамегирам, ба хирман мекашам.

Дар назар шохи гуле дорам, ки дар ҳар сарзамин
Ранг мерезам зи ашку тарҳи гулшан мекашам.

Хорро аз по бурун меоварам доим ба хор,
То напиндорӣ дар ин раҳ бори сӯзан мекашам.

Вой, агар мемонд бо мо, он чӣ шайтон бурдааст,
Бори худ мебинаму миннат зи раҳзан мекашам.

Баски бо оворагӣ хӯ кардаам доим, Калим,
Мехалад хорам ба по, гар по ба доман мекашам!

* * *

Ҳама покони баҳру бар дидам,
Чӣ тариҳо зи хушку тар дидам.
Неку бад дар замонаи мо нест,
Ҳар чӣ дидам, зи бад батар дидам.
Сӯхтан дар фироқи ӯ ин буд,
Пухтагиҳо, к-аз ин сафар дидам.
Мерамам ҳамчу саггазида зи об,
Баски тӯфон зи чашми тар дидам.
Сурмаро дидаам ба об диҳад,
Дуди оташгаҳи ҷигар дидам.
Ақлро дар сарам ба чарх овард,
Печу тобе, к-аз он камар дидам.
Меравам рӯшукуфта то дами теғ,
Чини пешоние сипар дидам.
Ботинаш ҳамчу пушти ойина буд,
Зоҳири ҳар кӣ софтар дидам.
Шиша аз санг он надид, Калим,
Ки ман аз болиши ҳунар дидам.

* * *

Дар дастгоҳи муҳташамон по намехурем,
Хун мехӯрему об зи дарё намехурем.
Бар рӯзаи қаноати худ сабр мекунем,
Гар ҷон ба лаб расад, ғами дунё намехурем.
Аз сад ҳазор ранги таманно, ки мепазем,
Мо ғайри дуди оташи савдо намехурем.
Ҳар кас, ки дид чоки дилам, пора шуд дилаш,
Мо захмро зи теғи ту танҳо намехурем.
Дойим зи бас ба банди гиребон фитодааст,
Чизе зи дасти хеш чу мино намехурем.
Дасти тиҳӣ ба ҳиммати май ҷамъ кай шавад?

Аз манъи тавба нест, ки саҳбо намехурем!
Парҳез беш аз ин натавонад маризи ишқ,
Аз ҳеч кас фиреби мудово намехурем.
Аз вазъи ногувори ҷаҳон табъи мо, Калим,
Азбаски сер шуд, ғами фардо намехурем.

* * *

Аз дасти даҳр меҳнати бисёр мекашам,
Ойинавор ҳар нафас озор мекашам.
Дар оташам чу пунбаи доғ аз мулоимат,
Аз табъи созгори худ озор мекашам.
Як раҳбарам дар ин раҳи торик барнахӯрд,
Чун офтоб даст ба девор мекашам.
Бозори гармам аз хунукиҳои бахт рафт,
Он Юсуфам, ки нози харидор мекашам.
Чун гул ба сар занам зи бас аз хун гирифта ранг,
Аз дида дар раҳи ту, агар хор мекашам.
Чун соя ихтиёр ба дастам надодаанд,
Гӯям, чӣ сон, ки даст зи ҳар кор мекашам?!
Хунам вафо ба мастии чашмат намекунад.
З-ин ним ҷуръа хиҷлати бисёр мекашам.
Аз он муқаддарам, ки зи таъсири акси хеш,
Ойинаро ниқоб ба рухсор мекашам.
Ранг аз ҳинои ид, Калим, ар набошадам,
Дасте ба ин ду дидаи хунбор мекашам.

* * *

Бар раги дил гоҳ нохун, гоҳ наштар мезанам,
Ҳар замон бар сози ғам мизроби дигар мезанам.
Дар либоси шед зоҳид дар ҳарам раҳ мезанад,
Ман дар ин майхона бадномам, ки соғар мезанам.
Уқдаи мактуби моро аз кушодан баҳра нест,
Ин гираҳ беҳуда бар боли кабӯтар мезанам.
Ҷом чун лабрез шуд, дигар намедорад садо,
Бо дили пурдард ҳарфи шиква камтар мезанам.
Гаҳ гиребон медарам, гаҳ мешикофам синаро,
Ҷустуҷӯйе мекунам, худро ба ҳар дар мезанам.
Метавон гоҳе ба мактубе маро хурсанд кард,
Ман зи мардӣ достони шикваро сар мезанам.
Тоза мегардад дилам, ҳар гоҳ оҳе мекашам,
Ҳар нафас, к-аз дил кашам, доман бар ахтар мезанам.
Худнамоӣ шеваи ман нест, чун девори боғ
Гул ба доман дорам, аммо хор бар сар мезанам.
Оқибат бар шамъи рӯяш мезанам худро Калим,
Ман, ки чун парвонаам, худро бар ин дар мезанам.

* * *

Ку ҳиммате, ки аз ҳама қатъи назар кунем!
В-аз сар гузашта чораи ҳар дарди сар кунем!
Моро маҳалли раҳм надониста рӯзгор,
Гар ҳамчу шамъ аз ҳама тан гиря сар кунем.
Дар нома шакли зулфи туро мекашему бас
Гар шаҳри ҳоли дарҳами худ мухтасар кунем.
Гар миннати вазифа гаронӣ чунин кунад,
Тарки вазифахории файзи саҳар кунем.
Як гом бе мутобиати ӯ намеравем,
Гар сояро ба хеш рафиқи сафар кунем.

Биншин даме ба дидаи гавҳарфишони мо,
То риштаи миёни туро пургуҳар кунем.
Гар ашкро ба коми дили хеш сар диҳем,
Дар санг обёрии тухми шарар кунем.
Рӯйи тунук балост, ки сад раҳ шудем паст,
Моро надод дил, ки ғам аз дил бадар кунем.
Дар чораи судоъ зиёдасарӣ, Калим,
Муште зи хоки кӯйи қаноат ба сар кунем.

* * *

Боз ид омад, бағалгирӣ ба мино мекунам,
Аз куҷо ёре чу ӯ хунгарм пайдо мекунам?!
Пандгӯён куҳнадеворанду ман селобашон,
Манъашон то чанд бояд, рӯ ба саҳро мекунам.
Ҳамчу хори по ба ҷойи худ касе нагзорадам,
Бо чунин толеъ агар дар хотире ҷо мекунам.
Хат дамид, акнун аз он лаб коми дил хоҳам гирифт,
Шом чун шуд, рӯзаи уммедро во мекунам.
Баски барҳам хӯрдаам, сарриштаро гум кардаам,
Хотири ҷамъ аз сари зулфат таманно мекунам.
Бар сари хони бало танҳо нахӯрдам ризқи худ,
Як буриш захми туро қисмат бар аъзо мекунам.
Шишаву соғар, Калим, аз вазъи ман озурдаанд,
Ин на майхорист, қабзи рӯҳи мино мекунам.

* * *

Мӯшикофиҳо дар он андоми зебо кардаам,
То камарро дар миёни зулф пайдо кардаам.
Нестам розӣ, ки сар бар курсии зону ниҳам,
То ҳавои сарбаландиро зи сар во кардаам.
Дидаи хоҳиш набинад тӯтиёсозе чу ман,
Хоки кӯйи яъс дар чашми таманно кардаам.
Ботини халқи дурӯ сӯҳону зоҳир ойина-ст,
Умрҳо ҷосусии абнои дунё кардаам.
Бо намак набвад ҷунунам, дилнишин афтодаам,
К-аз лаби лаълаш намак дар деги савдо кардам.
Тангии кор аз ақиб дорад кушоишҳо зарур,
Аз дили танги ман аст, ар дида дарё кардаам.
Қомати фасли ҷавонӣ шуд қади хамгаштаам,
Ҷой то дар сояи он қадди раъно кардам.
Ҳар кӣ танҳоиталаб, бо шамъ дар як хона нест,
Ман на беҷо хӯ ба торикии шабҳо кардам.
Хонаи ҳамсояҳо вайрон шуд аз ашкам, Калим,
Нест аз девонагӣ, гар ҷо ба саҳро кардам!

* * *

На сазовори Ҳарам, на лоиқи бутхонаам,
Дар харобободи дунё ҷуғди бевайронаам.
Фарқам аз саркӯби меҳнат як нафас холӣ набуд,
Гар зи кор афтод дастам, рехт бар сар хонаам.
Баски ҳаргиз пур надидам ҷоми айши хешро,
Боварам н-ояд, ки пур хоҳад шудан паймонаам.
Ман набошам равнақи ишқу муҳаббат меравад,
Тешаи Фарҳодаму болу пари парвонаам.
Фарқ то мо бенавоёнро ҳимоят мекунад,
Соя пуштибони девор аст дар вайронаам.

Бо гаронон созгорию мадоро оқилист,
Чун ба занҷири ҷунун месозам, ар девонам!
Шуъла бармехезад аз фарқам ба ҷойи мӯ, Калим,
Месазад, гар аз яди байзо бисозӣ шонаам!

* * *

Толеъи ворун бар он баргаштамижгон бастаем,
Гарчи беқадрем, худро бар азизон бастаем.
Мӯре аз тоби камар моро тавонад сайд кард,
Чашми ҳиммат гарчи аз мулки Сулаймон бастаем.
Дида гар сероб шуд, дил ташнаи як қатра монд,
Хона вайрон карда то ойина дуккон бастаем.
Донаи доми таъаллуқ мазраи гетӣ надошт,
Мо ба уммеди чӣ, ё Раб, дил ба даврон бастаем?!
Хотири ошуфтаи мо ҳаст айби рӯзгор,
Бар сари айём дастори парешон бастаем.
Мову май дар ин чаман чун тавбаи фасли баҳор
Рӯзи аввал бо шикастан аҳду паймон бастаем.
Аз шикастакиштии мо то гаҳе ёд оварад,
Риштаҳои мавҷ бар ангушти тӯфон бастаем.
Дар ҳисори оҳани мо ғам нахоҳад роҳ кард,
Рахнаҳои синаро яксар зи пайкон бастаем.
Хори мижгонро ба чашми кам мабин дигар, Калим,
Чор мавсим аз гулаш нахли шаҳидон бастаем.

* * *

Остини гиряро гоҳе, ки боло мезанам,
Силии селоб бар рухсори дарё мезанам.
Нестам бекор, шуғле метарошам баҳри хеш,
Даст агар бардорам аз сар, теша бар по мезанам.
Кай ҳавои гӯшаи узлат зи сар берун кунам,
Ман, ки таъни дарбадаргардӣ ба анқо мезанам?!
Дар хатарҳо ёрӣ аз кас хостан бечавҳарист,
Бар сафи мижгони хунрези ту танҳо мезанам.
Даст бар ҳам мезанам аз ҳасрати домони ту,
Ман, ки пушти по ба сомони ду дунё мезанам.
Дар канори тарбият монанди лаълаш ҷо диҳад,
Шишаи майро гар аз мастӣ ба хоро мезанам.
Нам нагирад соғарам аз хушкии толеъ, Калим,
Чун ҳубоб, ар косаи худро ба дарё мезанам.

* * *

Гавҳари тоҷам, ки дар дасти гадо афтодаам,
Сайри толеъ бин, куҷо будам, куҷо афтодаам?
Ваҳ чӣ будӣ гар зи боми осмон афтодаме,
Инчунин аз суҳбати ёрон ҷудо афтодаам.
Субҳи ман шоми ғарибон аст, аз шомам мапурс,
То ба коми ғам дар ин ғурбатсаро афтодаам.
Бо сипанди сӯхта, гӯйӣ, ки аз як мазраем,
Як қалам аз дидаи нашъу намо афтодаам.
Нақши по бархостан дорад ба имдоди насим,
Ман сиришкам, барнахезам, ҳар куҷо афтодаам.
Бо вуҷуди саркашӣ чун гирдбодам хоксор,
Шуълаам, аз аҷз дар пойи гиё афтодаам.
Гавҳари шабтобаму аз шамъ беқиматтарам,
Лек аз ин шодам, ки боре бебаҳо афтодаам.

Ҳаргизам дар сар ҳавои донаю коме набуд,
Ман надонам аз чӣ дар доми бало афтодаам?!
Ман яке ойинаи гетинамо будам, Калим,
Рӯйи ғам азбаски дидам, аз ҷило афтодаам!

* * *

Хокнишинист сулаймониям,
Даст бувад афсари султониям.
Ҳаст чиҳил сол, ки мепӯшамаш,
Куҳна нашуд ҷомаи урёниям.
Ҷӯши сиришкам ба мақоми видоъ,
Ҷамъаму саргарми парешониям.
Нусха гирифта-ст низоми ҷаҳон,
Аз насақи бесару сомониям.
Хоки тавозуъ зи азал рехта,
Дасти қазо бар хати пешониям.
Рӯйи ниёз аз ҳама сӯ тофтам,
Қибла нафаҳмида мусулмониям.
Бахт зи оғӯши ман ангехта,
Ҳамчу садаф боиси вайрониям.
Дар даҳан аз рӯзаи ҳирмони ман,
Нест ҷуз ангушти пушаймониям.
Ман зи саводи суханам чун Калим,
На ҳамадонию на кошониям.

*  *  *

Ҳаргиз ошуфта зи бадгардии даврон нашудам,
Дод хокам ҳама бар боду парешон нашудам.
Оҳ аз ин ғафлати саршор, ки чун соғари пур
Ҷон ба лаб омаду аз гиря пушаймон нашудам.
Толеъе хасмшикан дар ҳама майдон дорам
В-ин ҳунар бин, ки ба кас дасту гиребон нашудам.
Чун лаби захм дилам хандаи бегиря накард,
Гул-гул аз ишқ шукуфтам ману шодон нашудам.
Баски бо неку бади халқ надорам коре,
Мункиру муътақиди габру мусулмон нашудам.
Гули нақшу қаламам, дар чамани беқадрӣ,
Лоиқи гӯшаи дастори азизон нашудам.
Дар раҳи душманиии хеш чӣ собитқадамам,
Хоре аз по накашидам, ки пушаймон нашудам.
Гули рӯйи сабади гулшани пажмурдагиям,
Абр аз гиря ба танг омаду хандон нашудам.
То надодам сари худ дар раҳи он шӯх, Калим,
Ҳамсари тоифаи бесарусомон нашудам!

*  *  *

Ашкрезон дар ғамат чун рӯ ба ҳомун мекунам,
Косаи Маҷнуну ҷоми лола пурхун мекунам.
Толеъе дорам, ки меафтад гираҳ дар кори ман,
Сар чу тори субҳа аз ҳар ҷо, ки берун мекунам.
Абруи захмам кашида, чашми доғам сурмадор,
Ҳусни Юсуфро ба ҳусни хеш мафтун мекунам.
Тоати шӯридагонро қибла ҷойи дигар аст,
Рӯ ба вақти ашкрезӣ сӯйи Ҷайҳун мекунам.
Бо чунин бахти забун бо рӯзгорам душманист,
Кӯшиши Фарҳодро бо заъфи Маҷнун мекунам.

Он чӣ ман дидам, зи душман ҳам ҷудоӣ мушкил аст,
Мехалад дар дил, гар аз по хор берун мекунам.
Ҷомаи воруни толеъ мекунам азбар, Калим,
Бахтро аз ҳиммати воло дигаргун мекунам.

* * *

Дило, магӯй, ки нагрифт ҳеч кас хабарам,
Ки санги ҳодиса донад шумори мӯйи сарам.
Агар ба нашъу намое расидаам ин аст,
Ки хори пой давонида реша то камарам.
Ҳавои болфишонӣ ба зери чархам нест,
Чу тоири қафасам, гӯ, бурида бод парам!
Ба хӯйи хеш чу оям, ба гирди ӯ гардам,
Ба роҳи шавқ ба охир намерасад сафарам.
Ба боғи даҳр чу ман нест нахли хушсамаре,
Абас нагзашта ҳаводори арраву табарам.
Зи дар ба сояи девор мекашам худро,
Ғурури ноз ба хорӣ биронад ар зи дарам.
Зи сели ашк чунон шустушӯй дида диҳам,
Ки ҳар назорафиребе бияфтад аз назарам.
Наям чу сурати дар банди ҷомаи дебо,
Либоси фохирам ашк асту риштаи гуҳарам.
Агарчи қарз зи юмни қаноатам набувад,
Чу вомдор занад ашк даст дар камарам.
Зи хоксории ман ҳеч дур нест, Калим,
Агар ба хок бадал гардад об дар гуҳарам.

*   *   *

Меравем аз худ, биё, дар анҷуман танҳо нишин,
Завқи танҳоӣ агар дорӣ, биё, бо мо нишин.
Саркашӣ бо ҳар кӣ кардӣ, роми ӯ бояд шудан,
Шуъласон аз ҳар куҷо бархостӣ, он ҷо нишин.
Тарзи вазъи аҳли дунё сарбасар нодиданист,
Гар фароғат хоҳӣ, аз айём нобино нишин.
Садри маҷлис гар таманно бошадат, афтода бош,
Ҳамчу гард аз хоксорӣ, он замон боло нишин.
Шаб чароғ афрӯхтан аз аҳли узлат баднамост,
Мунзавӣ гар мешавӣ, аз соя ҳам танҳо нишин.
Гарди болои ту соқӣ ҷилваи мастона бас,
Гаҳ дар оғӯши ману гаҳ паҳлӯи мино нишин.
Ай Калим, аз ҷустуҷӯйи кимиёи васли дӯст
Гар зи по хоҳӣ нишастан, бар дари дилҳо нишин.

*   *   *

Сафар некӯст, аммо на зи кӯйи дилситон рафтан,
Ба сони шамъ ҳам дар базм бояд аз миён рафтан.
Ниқоби ғунча бикшода, маю маъшуқ омода,
Аҷаб, гар Зиндаруд акнун тавонад з-Исфаҳон рафтан.
Зи ҷӯши гул нагунҷид ошёни ман, зиҳӣ толеъ,
Ки дар фасле чунин мебоядам аз гулситон рафтан.
На торочи хазоне буду на осеби хор ин ҷо,
Ба ҷуз оворагӣ боис чӣ буд аз ошён рафтан!
Дилу ҷон, сабру тоқат ҷумла мемонанду мебояд
Раҳи хунхори ҳиҷрони туро бо корвон рафтан.
Ту худ рафтӣ, Калим, аммо гаронмижгони баргашта
Туро таклифи баргаштан кунад, кай метавон рафтан?!

* * *

На ҳамин мерамад он навгули хандон аз ман,
Мекашад хор дар ин бодия домон аз ман.
Бо ман омезиши ӯ улфати мавҷ асту канор,
Рӯзу шаб бо ману пайваста гурезон аз ман.
Қумрии рехтаболам, ба паноҳи кӣ равам?
То ба кай саркашии сарви хиромон аз ман?!
Ба такаллум, ба хамӯшӣ, ба табассум, ба нигоҳ,
Метавон бурд ба ҳар шева дил осон аз ман.
Нест парҳези ман аз зуҳд, ки хокам бар сар,
Тарсам олуда шавад домани исён аз ман.
Ашк беҳуда марез ин ҳама аз дида, Калим,
Гарди ғамро натавон шуст ба тӯфон аз ман.

* * *

Ай сабо, ин дили садчок ба ҷонон бирасон,
Шонаи туҳфа ба он зулфи парешон бирасон.
Ба чаман гар гузарӣ, нолае аз ман нашунав,
Нағмаи тоза ба мурғони хушилҳон бирасон.
Зоди роҳам ҳама чун дидаи ошиқ об аст,
Мерасад абри таре, мужда ба мастон бирасон.
То дили обилаҳо во шавад аз ранҷи сафар,
Хизри роҳе шаву худро ба муғелон бирасон.
Кори ағёр чу аз бӯса расондӣ ба канор,
Баҳри мо ҳам нигаҳе то сари мижгон бирасон.
Ҳадафи новаки ӯ бош, гарат шавқе ҳаст,
Оташи синаи худро ба найистон бирасон.
То кай, ай бахт, барӣ хок зи ҷайбам ба канор?
Як шаби ҳиҷри маро низ ба поён бирасон!
Хун агар нест, дило, оҳани пайкон бигудоз,
Мадади ашк ба ин дидаи гирён бирасон.
Навбаҳор аст, Калим, ин ҳама афсурда мабош,
Ту ҳам охир гули ашке ба гиребон бирасон.

* * *

Шаби ид аст, мебояд дари майхона во кардан,
Ба май хушкии зуҳди рӯзадоронро даво кардан.
Суроҳӣ гар чунин пайваста хоҳад дар суҷуд омад,
Ба як шаб тоати сирӯзро хоҳад қазо кардан.
Зи моҳи ид бе абрӯи соқӣ кор накшояд,
Ба як нохун гираҳ натвон зи кори айш во кардан.
Ситам бошад, кашидан ҷоми майро як нафас бар сар,
Ба як дам инчунин ойинаеро бесафо кардан.
Наёбӣ мустаҳақтар аз мани махмур, ай соқӣ,
Закоти фитри май ратле гарон бояд ҷудо кардан.
Хумори бода дар чашмам сияҳ карда-ст оламро,
Биё, соқӣ, ки вақти шом бояд рӯза во кардан.
Маро бетобии мижгони ӯ месӯзад, аз ғайрат
Зи чашмонаш ҷудо ногаштану рӯ бар қафо кардан.
Гарав аз мо барад дар тирарӯзию парешонӣ,
Чаро зулфат ба ҷид дорад шикасти кори мо кардан!
Чунон к-аз ҳар мижа н-ояд давондан реша дар дилҳо,
Зи ҳар чашме намеояд нигоҳи ошно кардан.
Куҷо ҳар бебасиратро расад ин кухли биноӣ,
Фалотун метавонад хишти хумро тӯтиё кардан.
Фузун аз пояи худ ҳеч кас пастӣ намебинад,
Фалак ҳаргиз нахоҳад найшакарро бурё кардан.
Дар ин дарёи бесоҳил, Калим, аз ман чӣ меояд?
Зи кор афтод ин ҷо бозуи мавҷ аз шино кардан

*   *   *

Ба яғмо бурд дину дил, ки дастандози ноз аст ин,
Ниҳодам сар ба каф ман ҳам, ки таслими ниёз аст ин.
Ғами ҷонсӯзи ошиқ аз нуҳуфтан фош мегардад,
Зи хеш оташ баровардам, гули ихфои роз аст ин.
Гиёҳу баркро бо ҳам, чӣ омезиш, сарат гардам,
Ба ман омехтӣ охир, нишони эҳтироз аст ин!
Балопарвардае бояд, ки дораш дар бағал гирад,
«Аналҳақ» гуфт агар Мансур, лофи имтиёз аст ин!
Ба ин бебаргу сомонӣ чу дуллоби куҳан доим
Саропо зорию ашкам, чӣ сомони ниёз аст ин.
Ниҳоли ҳасрати мо ҳам баҳоре мекунад, охир
Намуд аз устухон мағзам, гули сӯзу гудоз аст ин,
Мабодо сар кашад ҷойе, ки натвонӣ-ш боз орӣ,
Гузашт аз кишвари дилҳо, чӣ мижгони дароз аст ин!
Чӣ суд аз ашкрезӣ, сар ба зонуи ғам ар нанҳӣ,
Надорад аҷри чандоне, вузӯи бенамоз аст ин!
Калим аз Ҳинд агар дастони рафтан мезанад, ай дил,
Насозӣ хориҷ оҳангаш, ки оҳанги «Ҳиҷоз» аст ин!

*   *   *

Бартар аз хуршед шуд кори сухан,
Шаб надорад рӯзи бозори сухан.
Норасоиҳои андози ҳама
Аз баландиҳои девори сухан.
Арш курсӣ мениҳад дар зери пой,
То гуле чинад зи гулзори сухан.
Мункири ҳар миллату мазҳаб, ки ҳаст
Барнамехезад ба инкори сухан.
Баҳри бозуи ҳунар нанвиштаанд
Ҳеч таъвизе, чу тӯмори сухан.

Чун қалам аз хеш сарҳо бартарош,
Сар басе хоҳад сару кори сухан.
Ғайри ёроне, ки мазмун мебаранд,
Кас намебинам харидори сухан.
Мирзои мо Ҷалолуддин бас аст,
Аз сухансанҷон, талабгори сухан.
Ростии табъаш устоди ман аст,
Каҷ ниҳам бар фарқ дастори сухан.
Ғарқи баҳри ҳайратам доим Калим,
Гарчи бо ин қадру миқдори сухан.

* * *

Ҳусн агар ин аст, носеҳ ҳамчу мо хоҳад шудан,
Чӯби тар охир ба оташ ошно хоҳад шудан.
Аз дами теғ аст сайри мурғи бисмил то ба хок,
Дил гар аз дасти ту берун шуд, куҷо хоҳад шудан?!
Ҳар дари накшудае дорад зи истиғно калид,
Ҳамчунонаш во гузор, ай дил, ки во хоҳад шудан.
Як раҳ ар дастам ба домони ту гардад ошно,
Панҷаи ман бар сарам боли ҳумо хоҳад шудан.
Бештар ҳарчанд бар коми ҷаҳон часпидаӣ,
Бештар аз даст чун ранги ҳино хоҳад шудан.
Чун кашӣ ханҷар ба қатлам, бар миён доман мазан,
Доман олудан ба ҳунам, хунбаҳо хоҳад шудан.
Баҳри ҳар гоме агар донӣ чӣ миннат мекашӣ,
Коми дунё бар ту коми аждаҳо хоҳад шудан.
Меравад, то кавкаби бахти маро оташ занад,
Ҳар шарар, к-аз суҳбати оташ ҷудо хоҳад шудан.
Гар фалак з-ин гуна бар мо танг мегирад, Калим,
Вусъатободи ҷаҳон чашми гадо хоҳад шудан.

* * *

Чист корам? Захми корӣ ҳар замон бардоштан
В-аз ҳаданги ҷаври ӯ захми синон бардоштан.
Дар китоби сунъи яздонӣ хиёнат кардан аст,
Сарви ман, ҷузви камарро аз миён бардоштан.
Метавонам об бардорам зи ҷӯйи Каҳкашон,
Лек натавонам зи хони халқ нон бардоштан.
Дар субути бурдборӣ ошиқонро маҳзарест,
Чун ҳадаф аз ҳар ситамкоре нишон бардоштан.
Каъбаи ишқи туро хавфу хатар дар роҳ нест,
Об агар набвад, тавон реги равон бардоштан.
Гар набошам лоиқи бардоштан, бифкан маро,
Як раҳам аз хоки хорӣ метавон бардоштан.
Заъф дар бемории ишқат ба ҷойе мерасад,
К-остин натвон зи чашми хунфишон бардоштан.
Комҷӯёнро гурезе нест аз ҷаври сипеҳр,
Ҳар кӣ гулчин боядаш аз боғбон бардоштан.
Бурдборӣ чист? Ҷавр аз душманон бурдан, Калим
В-арна ҷон парвардан аст аз дӯстон бардоштан!

* * *

На гул шиносаму на боғу бӯстон бе ту,
Ки дида дар накушояд бар ину он бе ту.
Зи Хизр гираму бар хок резам Оби Ҳаёт,
Ба зиндагӣ шудаам баски саргарон бе ту.
Дар ин баҳор чу гул аз сафар ту ҳам боз ой,
Бибин, чӣ мекунад ин чашми хунфишон бе ту.
Гумон баранд, ки ман низ бо ту ҳамсафарам,
Чунин ки меравам аз хеш ҳар замон бе ту.
Туфайлие, ки пас аз меҳмон ба ҷо монад,
Чӣ қадр дорад ҷони монда ончунон бе ту.

Куҷост фурсати он к-аз фироқ шиква кунам,
Ба ғайри номи ту нагзашта бар забон бе ту.
Ҳама захираи шабҳои тирарӯзӣ рафт,
Чу шамъ сӯхта шуд мағзи устухон бе ту.
Ба ҷому соғари мо қатрае намеафтад
Агар нишот биборад зи осмон бе ту.
Ту ҳамчу тири зи каф ҷаста рафтаию Калим
Ба худ фурӯ шуда чун ҳалқаи камон бе ту.

* * *

Ай кош, сад дил бошадам, ай ҷону дил қурбони ту,
Чун субҳа як-як баҳраманд аз ковиши мижгони ту.
Меҳроби абрӯи туро нозам, ки пайваста дар ӯ
Сафҳои тоат пешу пас истода аз мижгони ту.
Ҷоно, куҷо дорӣ хабар аз ашки бероми мо,
Чун тифли бадхӯйе чунин наншаста дар домони ту.
Аз теғи безинҳори ту, ё Раб, кадомин бештар?
Бар синаи ман захмҳо, ё кушта дар майдони ту!
Шуд хушксоли офият, ку тирборони ғамат?
Шояд дилам обе хурад, аз оҳани пайкони ту.
Занҷир агарчи сарбасар чашм аст, бар ман нангарад,
Азбас мукаррар гаштаам дар гӯшаи зиндони ту.
Бар гиряат як раҳ, Калим, он шӯх агар зад хандае,
Ҳар қатра гавҳар мешавад, дар дидаи гирёни ту.

* * *

Омад баҳору лашкари гул дар рикоби ӯ,
Саҳронишин бувад сипаҳи беҳисоби ӯ.
Ҳар навбаҳор тифли дабистони гулшан аст,
Ҳар ғунчае, ки во шуда, бошад китоби ӯ.
Булбул ба рӯйи гул ғазалеро, ки сар кунад
Бедардам, ар бадеҳа нагӯям ҷавоби ӯ.
Хуш обу ранги лола фузун шуд, магар баҳор
Омехт хуни тавбаи мо бо шароби ӯ.
Наргис ба лола бинаду дорад таассуфе,
Чун сархуше, ки сӯхта бошад кабоби ӯ.
Бар шох аз шукуфа фиканда-ст навбаҳор
Пероҳани таре, ки наяфшурда оби ӯ.
Ҳар ҷо, ки хушдилест, зи меҳнат нишонаест,
Бингар ба шоҳиди гулу нилиниқоби ӯ.
Бо шарми ӯ, Калим, чӣ созам, ки ҳамчу гул
Ҳарчанд маст гашт, фузун шуд ҳиҷоби ӯ!

* * *

Зи хиҷлат то дили моро шикаста,
Бувад чун соқии миношикаста.
Сазовори ҷафоят ҳеч кас нест,
Ба роҳат хор қадри по шикаста.
Зи дастат бода, соқӣ, мӯмиёст,
Пур аз май кун, агар мино шикаста.
Шикасти тавба пирӯзию фатҳ аст,
К-аз ӯ шуд лашкари ғамҳо шикаста.
Шикастахотире як сӯй дорам,
Тане чун нома сар то по шикаста.
Дили зорам ба сони тавбаи май
Нараст аз дасти мардум ношикаста.

Ривоҷи қумриён аз нолаи ман
Чу қадри сарв аз он боло шикаста.
Намозамро дурустӣ нест, ҳарчанд
Зи бори саҷда ҳафт аъзо шикаста.
Калим, ислоҳи дил то чанд, гӯ, бош
Дуруст аз дигарон, аз мо шикаста.

* * *

З-ошуфтагии ҳолам рабт аз сухан бурида,
Аз ҳам фитода ҳарфам, чун номаи дарида.
Дар водии муҳаббат шояд расад ба обе,
Рафта-ст то ба чашмам хори ба по халида.
Сомони дилрабоӣ лутф асту меҳрбонӣ,
На чашми ниммасту на абруи кашида.
Сарсабз бод, ё Раб, бустони ишқ, к-он ҷо
Ғалтидааст бар гул мурғи ба хун тапида.
Қудрат чу нест мурдан, дар зиндагист хуштар,
Сад бор сарбурида беҳтар зи парбурида.
Ҳамтолеъи насиҳат дарди дилест моро,
Дар пеши ҳар кӣ гуфтӣ нашнидаю шунида.
Дар чини турраи ӯ аз ҳоли дил чӣ пурсӣ?
Як сина захм дорад чун шона норасида!
Гардад зи ҳарфи сарде пурҳавсала тунукзарф,
Ошӯбад аз насиме дарёи орамида!
Шуд умрҳо, ки нагрифт як маст ҷойи Мансур,
Оре, камони Ҳаллоҷ монда-ст нокашида.
Бедор гар нагардад бахти Калим шояд,
Зеро ки коми дилро доим ба хоб дида!

* * *

Наншастани нақши умед, аз нақши бад бисёр беҳ,
Ойинаро урёнтанӣ аз ҷомаи зангор беҳ.
Ғаввос то дам мезанад, гавҳар намеояд ба каф,
Гавҳаршинос ар кас бувад, хомӯшӣ аз гуфтор беҳ.
Ҳар лаб, ки бе оҳе бувад, кам аз лаби чоҳе бувад,
Чашме, ки набвад хунфишон, аз рахнаи девор беҳ.
Гар заррае комил бувад, беҳ з-офтоби ноқис аст,
Гар нима бошад хум зи май, з-ӯ соғари саршор беҳ.
Сарро бувад рабти дигар, бо майкаду шояд бувад,
Гар ганҷи Қорун бошадат, дар раҳни май дастор беҳ.
Ҳиммат ба тоқе неҳ, к-аз он дастат набошад норасо,
Парвоз чун кӯтаҳ бувад, сад бор аз он рафтор беҳ.
Дилхастаи ҳаҷри туро, аз васл мебояд дуо,
Ай чорасоз аз барги гул, марҳам ба захми хор беҳ.
Коре зи мастӣ дар ҷаҳон беҳтар намебошад, вале
Он ҳам мукаррар мешавад, бекорӣ аз ҳар кор беҳ.
Натвон Калим аз васли май дилшод дар ғурбат шудам,
Гар майкашӣ дорӣ ҳавас, дар хонаи хаммор беҳ!

* * *

Асову раъшае дар даст аз пирӣ ба мо монда,
Зи дастандози заъф ин аст, агар чизе ба ҷо монда.
Зи хирманҳо равад бар бод коҳу хайрате дорам,
Ки чун коҳи танам аз хирмани ҳастӣ ба ҷо монда!
Зи бори ҷома аз заъфи бадан дар зери деворам,
Танам монанди ноли хома дар зери қабо монда.
Нигоҳам бо қади ин сарвболоён намеафтад,
Ки сар ҳамчун камони ҳалқаам бар пушти по монда.
Фалак бо ин ҳама ҳирсе, ки дар пардадорӣ дорад,
Дили мо ҳамчунон дар пардаи шарму ҳаё монда.

Гули хокӣ, ки бехор аст, дар роҳи талаб набвад,
Ба поям ёдгори ҳар гуле хоре ҷудо монда.
Ба дарвешӣ чунонам нақши нисбат хушнишин гашта,
Ки ҳамчун сикаам бар тан нишони бӯрё монда.
Асои кӯр медузданд аҳли олам аз хиссат,
Таваққуъ аз кӣ медорӣ, ки гирад дасти вомонда!
Калим, аз дил ғаме гар рафт аз он ҷонкоҳтар омад,
Агар хоре бурун омад зи ҷо, сӯзан ба ҷо монда.

* * *

Ай дил, ба санглохи ҳавасҳо қадам манеҳ,
Аз кунҷи яъс рӯй ба боғи Ирам манеҳ.
Бар нӯги нештар ниҳӣ ар дидаи умед,
Саҳл аст, чашм бар кафи аҳли карам манеҳ.
Ҳаммоли ҳирсу ози худӣ, ин қадар бас аст,
Бар дӯш бори миннати кас бешу кам манеҳ.
Таърифи худписанди суханношунав макун,
Ӯ худ кар аст, пунба ба гӯшаш ту ҳам манеҳ.
То хун зи дасти хеш тавон хӯрд, зинҳор
Ҳиммат биварзу лаб ба лаби ҷоми Ҷам манеҳ.
Дуккони арзи ғафлатат дар сина во макун,
Сад ранги орзу ба бари рӯйи ҳам манеҳ.
Роҳу равиш зи нахли хазондида ёд гир,
Гоҳи хазони пирӣ дилат бар дирам манеҳ.
Худро нишони новаки шуҳрат макун, Калим,
Аз ном нанг дору ба маҳзар қалам манеҳ!

* * *

Ҳавои сайри гулшан мондаасту болу пар рафта,
Ҳавасҳо кош мерафтанд бо умри ба сар рафта.
Ба ишқи решамаҳкамкарда носеҳ барнамеояд,
Зи сӯзан барнамеоранд хори дар ҷигар рафта.
Ба кӯйи тирабахтӣ чун қалам поям ба гил монда,
Асар аз шуълаи оҳам бадар ҳамчун шарар рафта.
Шикеби беқаророн ҳам ба ҷойи худ намеояд,
Наёбӣ аз сафар то боз чун узви бадаррафта.
Мабодо оташи савдои кас з-ин гуна тунд афтад,
Зи ҷӯши гирям чашмест чун реги зи сар рафта.
Наям шармандаи як гоми ҳамроҳӣ зи дил ҳаргиз
Ба роҳе, гар маро дида-ст, аз роҳи дигар рафта.
Миёни хоксорон лофи пастӣ метавонам зад,
Ҳавои курсии зону маро аз сар бадар рафта.
Раҳам тай гашта, аммо нест аз манзил нишон пайдо,
Дар ин саргаштагӣ монам ба зулфи то камар рафта.
Ба кӯйи тангдастӣ худ замингирам, Калим, аммо
Сиришкам бар сари дарё ба тороҷи гуҳар рафта.

* * *

Ҷунун то ба доди асирон расида,
Зи доғаш чӣ сарҳо ба сомон расида!
Ғам аз ҳар тараф соғаре пешам орад,
Чу ҳушёр дар базми мастон расида.
На аз лахти дил хонаам гулситон шуд,
К-аз ин гул ба хори биёбон расида.
Зи шавқи тамошои ту боз гашта
Ба чашмам, сиришки ба доман расида.
Ба чашми ман аз ҳар насиме, ки ояд
Саломе, зи хори муғелон расида.

Зи баргаштагиҳои бахти сиёҳам
Хабарҳо аз он зулфу мижгон расида.
Калим, аз нагунбахтии худ чӣ нолӣ?
Бибин нолаатро, ба Кайвон расида!

* * *

Ту зи рӯйи меҳрбонӣ ба миён магар дароӣ,
Ки кунанд сулҳ бо ҳам шаби мову рӯшноӣ.
Дили хунчакон ба зулфи ту ҳанӯз ҳаст хандон,
Ки шавад зи дастбозӣ кафи шонаҳо ҳиноӣ.
Ба раҳаш қадам зи сар кун, бификан кулоҳи нихват,
Ки ба коми хеш солик расад аз бараҳнапоӣ,
Зи талаб мамон, чу ҳирмон кунадат шикастахотир,
Ки шикастагӣ гадоро бувад олати гадоӣ,
Пари тир чун надорам, ки зи мардумон гурезам,
Чу ҳадаф ниҳодаам тан ба забони ошноӣ.
Ба шиканҷаи ҳаводис дирами кафи бахилам,
Ба кадом ошноӣ бизанам дари раҳоӣ.
Зи пайи қабули омма ба риё ба гӯши зоҳид,
Чӣ равӣ ба шаҳри кӯрон ба умеди худнамоӣ?!
Хами зулфи ёр дорад сабақи қаноати мо,
Ки шикаст, то ки бошад нахӯрем мӯмиёӣ.
Сари деги ҳиммати худ, фалак он замон кушояд,
Ки гадо ба коса дасташ нарасад зи бенавоӣ.
Ту, ки сад васила ҷӯйӣ, ки касе ба доматояд,
Зи Калим бебаҳона зи чӣ мекунӣ ҷудоӣ?!

* * *

Зи базме барнамехезад суруди нағмапардозе,
Ҳамин аз хонаи танги ҷарас меояд овозе.
Дилам пурмоя аст аз дард, чоке хоҳад аз теғат,
Ки бояд хонаи арбоби давлатро дари бозе.
Ба гетӣ гарчи машҳурам, вале аз коми дил дурам,
Чӣ суд аз имтиёзи ман, дареғо бахти мумтозе.
Садои ошно з-ин шаш ҷиҳат нашнидаам ҳаргиз,
Магар гоҳе, ки аз кӯҳи ғамам меояд овозе.
Зи рашки чашми худ хун мехурам дар ҷустуҷӯйи ӯ,
Ки ҳар мижгон-ш ҳам пое бувад ҳам боли парвозе.
Ба занҷирам нашояд дошт дар базми вараъкешон,
Ба кӯйи мутрибон дар бандам аз абрешими созе.
Манам он булбуле, к-аз шавқи гул бехуд равам он ҷо
Нишон ёбам гули хунин агар дар чангули бозе.
Калим аз даст додам ихтиёри хонаи дилро,
Чунон к-он ҷо надорам ҷойи пинҳон кардани розе.

* * *

Чӣ некӯ гуфт бо гарданкаше, сардаргиребоне,
Ки моро низ дар майдони дилтангист ҷавлоне.
Зи бебаргӣ матоъи хонаи ман нест ғайр аз ин,
Ба ҷуз булбул набошад ошёнро баргу сомоне.
Гули рухсораат оби дигар дорад, сарат гардам
Ба рӯят буда имшаб боз ҳайрон чашми гирёне.
Гиребонгири ман шуд ошноӣ, водие хоҳам,
Ки аз бегонагӣ хораш нагирад тарфи домоне.
Ҳазорам укда пеш омад ба роҳи ноумедӣ ҳам
Дар ин водӣ сароберо надидам бе нигаҳбоне.
Бигардон гирди ҳар мӯят дилу ҷони асиронро,
Ки имшаб баҳри зулфат дидаам хоби парешоне.

Ба зери санги тифлон шуд тани девона пӯшида,
Ҷунун хилъат зи хоро дод, ҳар ҷо дид урёне.
Чу дар гулшан нишинӣ, шохи гул дар гӯшаи базмат
Нишинад мунфаил аз хеш чун нохонда меҳмоне.
Сипанд аз гармии оташ набинад он чӣ мебинад
Калим аз Оби Ҳайвони тағофул то барад ҷоне.

* * *

Зи теғи ту бар дил дари ошноӣ
Кушодем, шояд аз ин дар дароӣ.
Нигаҳро ба мижгон расон, чанд бошад
Миёни ду ҳамхона ноошноӣ.
Сари улфати абрувони ту гардам,
Ки як мӯ надоранд аз ҳам ҷудоӣ.
Ба пеши фиребанда чашми ту мирам,
Ки мижгон зи мижгон кунад дилрабоӣ.
Ба дарюзаи хоки поят бутонро
Шавад дидаҳо косаҳои гадоӣ.
Ба роҳи ту, ай сайди ваҳшӣ, зи ҳар сӯ
Шуд аз дидаи домҳо рӯшноӣ.
Туро шамъ дар ҳеч базме набинад,
Ки нагдозад аз хиҷлати худнамоӣ.
Зи баргаштамижгонат охир напурсӣ,
Ки рӯ бар қафо аз чиӣ бе ҷудоӣ?
Калим, оташи доғат афсурда гашта,
Манеҳ дил бар ин чашми берӯшноӣ!

* * *

Сад ранг нола дорад бемори зиндагонӣ,
Ин аст андалеби гулзори зинадгонӣ.
Гар дидаро бибандам, роҳи нафас бигирад,
Азбас канора гирам аз кори зиндагонӣ.
Бо корвони ҳастӣ дидем як матоъ аст,
Ҷуз шиква нест чизе дар бори зиндагонӣ.
Дар кеши ишқбозон ислом чист, донӣ?
Аз теғи ту буридан зуннори зиндагонӣ.
Бар оби теғи хубон хосияти сароб аст,
К-аз ҳар ду гардад осон душвори зиндагонӣ,
Як марҳам асту сад захм, кай мешавад талофӣ?
Беш аз гул аст хораш гулзори зиндагонӣ!
Шуҳрат, ки бошад офат наздики ҳар хирадманд
Донӣ, ки он кадом аст, изҳори зиндагонӣ.
Аз шаҳрбанди ҳастӣ пеш аз аҷал бурун шав,
То бар сарат наяфтад девори зиндагонӣ.
Як дам нашуд, ки гардад, соқӣ ғубори оҳам,
Бе гард нест гӯё рафтори зиндагонӣ.
То кай, Калим, хоҳӣ умри дароз аз Эзид,
Кӯтаҳ чаро нахоҳӣ озори зиндагонӣ?!

* * *

Фузун аз сабри Айюб аст, тоби меҳнати дурӣ,
Ки ранҷурӣ набошад ончунон мушкил, ки маҳҷурӣ.
Чунон бе рӯйи ту дасту дилам аз кори худ монда,
Ки соғар дар кафам лабрезу ман мурдам зи махмурӣ.
Зи гӯш ин нуктаи пири муғон берун нахоҳад шуд,
Ки мастӣ хоксорӣ оварад, парҳез мағрурӣ.
Зи чашми эътибори халқ чун пинҳон шавӣ, донӣ
Ки бошад мастию расвоии мо айни мастурӣ.

Ту ҳамчун шуълаи саркаш зи ҳар олоише покӣ,
Зи мо гарде ба домони ту наншинад, магар дурӣ!
Насиби мо нашуд якбора дидори туро дидан,
Ба хобат ҳам намебинам, зиҳӣ кӯрӣ, зиҳӣ кӯрӣ!
Чунон олам ба банди эътибори зоҳир афтода,
Ки парвона насӯзад, гар набошад шамъи кофурӣ.
Нагӯйӣ беасар дигар, Калим, ин ашкрезиро,
Зи бахтам гиря, охир, ҳам сиёҳӣ бурду ҳам шӯрӣ.

* * *

Макун аз талхкомон шиква, гар ширинсухан бошӣ,
Ба урёнӣ бисоз, ар бо ҳунар ҳампераҳан бошӣ.
Зиёнҳое, ки аз роҳи сухан дидӣ, агар гӯйӣ
Дило, ҳамчун ҷарас бояд, ки доим дар сухан бошӣ.
Бикан бунёди байту сел шав кохи суханҳоро,
Чу аз ин шева доим сокини байтулҳазан бошӣ.
Дар ин мактаб саводи саҳфаи дониш макун равшан,
Сияҳрӯзу сияҳбахт ар нахоҳӣ ҳамчу ман бошӣ.
Бути худ сохтӣ якчанд, донишро чӣ гул чидӣ?
Барои имтиҳон хоҳам ду рӯзе бутшикан бошӣ!
Ба пойи хеш охир теша хоҳӣ зад ба нокомӣ,
Агар дар зӯри бозуи ҳунар чун Кӯҳкан бошӣ.
Ба халқ эҳсон куну чашм аз талофӣ пӯш, мебояд
Ба кас роҳатрасони беиваз чун бодзан бошӣ.
Чунон бар хештан андӯҳи ғурбатро гаравгон кун,
Ки монанди гуҳар безор аз ёди ватан бошӣ.
Дар ин ҷо чашмҳо танг аст, натвон худнамо будан,
Ба он дунё фикан, хоҳӣ, агар хунинкафан бошӣ.
Калим, аз миннати ғамхории ёрон шавӣ фориғ,
Зи доғи тоза гар марҳамнеҳи захми куҳан бошӣ!

* * *

Ҳар дам аз хештан оҳанги рамидан дорӣ,
Зи ҳамин з-аҳли вафо майли буридан дорӣ.

Нола ангушт ба лаб мезанадам ҳар соат,
Шиквае сар кунам ар, тоби шунидан дорӣ?!

Оташе аз нигаҳи гармнигоҳе бояд,
Аз ҷигар гар сари хуноба кашидан дорӣ.

Ҳар сари мӯйи туро ҷилваи нози дигар аст,
Нигаҳе сӯйи худ андоз, ки дидан дорӣ!

Дили моро ба ҷигар новаки дилдӯзи ту дӯхт,
Бар ҷигар ҳам пас аз ин ҳаққи тапидан дорӣ!

Ғазалат гӯшзади рӯҳи амин гашт, Калим,
Бас бувад, гар сари таҳсин талабидан дорӣ!

# АЗ ҒАЗАЛИЁТИ ШАВКАТИ БУХОРОӢ

## СУХАНГУСТАРИ НОЗУКДИЛ ВА ВОРАСТАТАБИАТ

Вақте дар адабиётшиносӣ сухан аз рӯзгори сипаришудаи яке аз эҷодкорони тавоно ва муваффақи сабки ҳиндӣ Хоҷа Муҳаммад ибни Исҳоқ Бухороӣ, мутахаллис ба Шавкат, ки дар аввалҳои фаъолияти эҷодияш «Нозук» тахаллус доштааст, меравад, аҳли таҳқиқ дар ин боб асосан ба умумигӯӣ ва ё баёни лаҳзаҳои ҷузъии ҳаёти шоир таваққуф менамоянду халос. Сабаби ин ҳамон аст, ки онҳо ба маъхазу сарчашмаҳои оид ба рӯзгору осори Шавкати Бухороӣ маълумотдода такя намудаанду менамоянд, ки дуруст ҳам ҳаст, зеро дар ин маврид сохтаву бофтаҳо набояд роҳ ёбад ва маънӣ ҳам надорад. Ба ин метавон баъзе ишораҳои худи Шавкатро роҷеъ ба рӯзгору осораш ҳамроҳ намуд ва шаммае аз ҳаёти дар ғарибию саргардониҳо гузаронидаю бо эҷоди бадеӣ машғулиятгардидаи ӯро рӯйи коғаз овард.

Соли таваллуди Шавкат аз саҳфаи маъхазҳои мавҷуда берун афтодааст. Вай дар Бухоро, тахминан дар чаҳоряки аввали асли XVII, чашм ба дунё мекушояд. Оғози зиндагии ӯ дар Мовароуннаҳр ба давраи ҳукумронии Имомқулихони Аштархонӣ (1611-1642) рост меояд, ки ниҳоят пурошӯб буд. Падараш Исҳоқ дар Бухоро бо саррофӣ (заршиносӣ) машғул буду дар овони ҷавонии шоир аз ҳаёт дармегузарад. Шавкат дар баробари таҳсил ва аввалин қадамҳои худро дар ҷодаи эҷод гузоштан маҷбур мешавад, ки барои рӯзӣ ва осудаҳолии оила касби падарро пеша намояд ва онро идома диҳад. Шоири маъруфи оянда рӯз ҳунари саррофиро мекарду шаб ба омӯзишу андӯзиш машғул. Бештар ба ашъори ҳамзамонони

тозапардозаш бахусус Мирзо Соиб (1603-1677), ки тавассути як дӯсти ҳамдиёраш ба даст оварда буд, таваҷҷуҳ дошт. Дар ин муддат Мирзо Соиб аллакай ҳамчун шоири навпардози вақт дар саросари хиттаи форсизабонон маъруфу машҳур ва ашъораш вирди забонҳо гардида буд. Муаллифони муқаддимаи «Нури аср» навиштаанд, ки «Агарчи Шавкат яке аз аввалинҳо шуда ба равияи тоза ба муҳити адабии Мовароуннаҳр воридгардидаи «сабки ҳиндӣ» рӯ меоварад ва ба ойини нав шеър мегӯяд, бинобар ин тозагӯйию навпардозиҳои ӯ мавриди писанд ва қабули хотири бештари шоирони замонаш… қарор намегирад». Ба ин маънӣ, Малеҳои Самарқандӣ, ки бо Шавкат шарафи ҳамсуҳбатӣ доштааст, чунин менависад: «… Аз ин ваҷҳ наздикони суҳбаташ дами ин кор мезананд ва ташнеъҳо мекарданд, ки «ашъори Шавкати Ироқиро duздидаӣ». То дар Бухоро буд, ҳеч кас қабули сухани ӯ намекард, ба хусус Миршарифи Насим…».

Дар баробари он ки ҳамдиёрони суханвараш диди нигоҳи дури ӯро ёрои қабул кардан надоштанд, боре гирифтори озору тороҷи узбакони кӯчманчӣ мегардад ва тарки ватанро ихтиёр менамояду рӯ ба Хуросону Эрон меорад. Шавкат аввал дар Ҳирот хидмати ҳоким (бекларбегӣ) Сафиқулихони Шомлуро ихтиёр мекунад. Вале хидмати дарбор, ки ба дилаш набуд, сафари Машҳадро пеш мегирад. Дар Машҳад ӯро бо вазири Хуросон Мирзо Саъдуддин Муҳаммад, ки марде саховатманду адолатпеша, маърифатпарвару шоиртабъ буд, мулоқоте даст медиҳад. Завқи баланду табъи мавзуни суханвари Бухороӣ ба Мирзо Саъдуддин писанд меояд ва вай ӯро ба сифати ҳамсуҳбату ҳамнишинии худ ва зиёда аз ин, ҳатто ба фарзандӣ қабул менамояд. Шоир дар ин ҷо бо адибоне чун Муқимои Эҳсону Азимои Нишопурӣ ошно мегардад. Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и худ менависад, ки «… дар муҳосиби ҳамин вазир ва шоири донишманд тахаллуси пешини худро, ки «Торак» буд, раҳо кард ва «Шавкат» тахаллус намуд». Дар ин ҷо тахаллуси аввалини Шавкат «Торак» сабт шудааст, ки иштибоҳе беш нест, зеро ҳамаи маъхазҳо тахаллуси аввали шоирро «Нозук» забту сабт намудаанд.

Шавкати Бухороӣ бо сабаби номаълуме соли 1678 мелодӣ Машҳадро ҳам тарк менамояд ва ҷониби Нишопур роҳ меги-

рад ва аз он ҷо ба Исфаҳон меояд. Аввалҳо дар ин шаҳр Шавкатро муддате суханварони Исфаҳон, бахусус Ҳоҷӣ Муҳаммадбақои Бухороӣ машғул дошта, хотирашро осуда намуда бошанд ҳам, вай баъдтар бароящ танҳоиро ихтиёр карда, дар канори шаҳр кулбаи вайронаеро пайдо менамояду дар ғурбату бекасӣ, нотавонию тангдастӣ ва бемурувватию беинсофии аҳли замон ангушти ҳайрат бар даҳон зиндагонии фақиронае мегузаронад. Муаллифи тазкираи «Хизонаи омира» Ғуломалихони Озод навишта, ки «… аввал бо арбоби камолу хубони аср бармехӯрад, охир дари ихтилоти халқ бар рӯйи худ баст, бисёр кам ҳарф мезад ва дар се рӯз як бор ба лаби ноне ифтор менамуд».

Дар бораи он ки Шавкати Бухороии аз ҷавонӣ орзуи сафару дидани Ҳиндустонро дар сина мепарварид, ба орзуяш расидааст ё на, ду назар ҳаст. Назари аввал ин ки муаллифи «Хизонаи омира» – Ғуломалихони Озод мусаннифи «Қомусу-л-аълом» Шамсуддини Сомӣ ва дар ин замина адабиётшиноси тоҷик Мирзо Аҳмадов ба Ҳиндустон сафар намудани шоирро як саҳфаи дигари зиндагии сипаринамудааш донистаанд. Дуруст аст, ки шоир орзуи дидани Ҳиндро дар сина мепарварид:

*Орзуи Ҳинд бисёр аст дар хотир маро,*
*Гар равад ранги ҳинояш, ман ҳам аз худ меравам.*
*Тирабахшиҳои ман камтар набошад аз касе,*
*Соя гар рафт аз қафояш, ман ҳам аз худ меравам..*

Ин ба он маъност, ки Шавкат бо ҷон мехост қадамҷойи намояндагони барҷастаи «сабки ҳиндӣ»; Урфии Шерозӣ, Назирии Нишопурӣ, Толиби Омулӣ, Соиби Табрезӣ ва ҳамқаламони эшонро, ки худ идомадиҳандаи он сабки маъруфи адабиёти тоҷикии форсӣ буд, зиёрат намояд ва бо диди худ маъонии бикру тозаи дигаре дарёбаду ганҷинаи «сабки ҳиндӣ»-и адабиёташонро ғанитар гардонад.

Вале назари дувум, ҳам дар маъхазҳо, ҳам дар асарҳои илмии оид ба Шавкат ишораҳодошта ва ҳам ишораҳои минбаъдаи худи шоир, он аст, ки мавсуф ба Ҳиндустон нарафтааст (*Зи бас бувад сафари Ҳинд сурмаи овоз, – Садо ба рафтани ранги ҳино намебошад*) ва минбаъд умри худро

дар Исфаҳон гузаронида, байни солҳои 1695-1699 ҷаҳонро падруд мегӯяд. Дар бораи он ки Шавкати Бухороӣ соҳиби зану фарзанд буд ё на ҷузъитарин ишорае нест.Ҳамаи дору надори шоир, ки ӯро бо мо ва баъдинагон ошно намудаву менамояд, ҳамоно ашъори дилписанди ӯ мебошад.

Ашъори боқимондаи Шавкати Бухороиро зимни омӯзишу пажӯҳишҳо аз 6000 байт то 8000 байт баршумурдаанд, ки нусахи қаламии он хеле зиёд аст. Таҳиягари матни илмӣ-интиқодии «Девони ашъор»-и шоир Ҷ. Додалишоев дар муқаддимаи заҳмати худ овардааст, ки танҳо дар ганҷинаҳои нусахи хаттии шаҳрҳои Душанбе, Тошкент ва Санкт-Петербург беш аз 20 нусхаи гуногунҳаҷми ашъори Шавкат маҳфуз мебошад. Ин шумора баёнгари он аст, ки дар аввалҳо сухани шоирро дар диёраш нафаҳмида бошанд ҳам, минбаъд офаридаҳояшро азиз медоштанду дар нишасту маҳфилҳои адабӣ мавриди истифодаи пайваста қарор медодаанд. Ва «Вай дар ҳақиқат гӯяндаест, ки дар олами бемунтаҳои хаёл саргашта аст ва ҳарчи суруду ҳар таркибе ки дар гуфтораш ба кор бурд, маъниҳо ва таркибҳои тозаест, ки бар пояи тахайюлҳои ӯ устувор аст. Ташбеҳҳое ваҳмӣ ва истиораҳое, ки бар хаёлҳои жарф бино шуда бошад, дар каломаш бисёр зиёд аст, чунонки ба воқеъ болост… Бояд бо нозукхаёлии ӯ буд, то ба хаёлҳои нозукаш расид ва ба мақсудаш пай бурд ва ё ба ҳамон олами тафаҳҳумҳои ӯ ворид гашт…» – менависад Забеҳуллоҳи Сафо.

Малеҳои Самарқандӣ хеле мухтасару мушаххас ба эҷодиёти Шавкати Бухороӣ, бахусус ғазалиёти вай баҳои дуруст дода, ӯро «халлоқу-л-маонӣ, ягонаи замон, суханвари тозафикру тозапардоз» ба қалам додааст, ки ин ҳама аз гуфтаҳои худи шоир бармеоянд:

*Боғи маънӣ хушбаҳор аз абри тақрири ман аст,*
*Сарви ӯ назми ман асту сабзааш иншои ман.*

Ва ё ба ин байти фахрияи Шавкат таваҷҷуҳ кунем:

*Нозиму Носиралӣ, Соиб надоранд ин намак,*
*Шавкати ширинсухан мӯ аз дили мӯ мекашад.*

Роҷеъ ба мақому мартабаи баланди суханварии Шавкати Бухороӣ дар «Баҳористони сухан»-и Мир Абдурраззоқи Хавофӣ ин сатрҳоро дарёфтем: «Дар фанни шеъри маъниофарин соҳибталош аст, балки дар ҷилвагоҳи сухангустарӣ чунин нозукхаёли хушфикри чеҳранамой вуҷуд нагашта. Каломаш баски тозагии алфоз ва рангинии иборат ва хушии маънӣ ва назокати хаёл дорад, метавон гуфт: – Шеъраш маънӣ надорад! Девонаш саросар мунтахаби арбоби маънӣ аст ва миёни сухансанҷон даст ба даст мегардад…».

Агар доир ба муҳтавои ғазалиёти шоир дар иртибот ба андешаҳои зикршуда, чизе илова карданӣ бошем, мебояд гуфт, ки Шавкати Бухороӣ ҳарчи гуфта аз зиндагӣ вом гирифта ва онро бо назокатҳои ҳаяҷонбахш бо во доштан ба андешаҳои созанда дубора ба зиндагии ҳамешагӣ баргардонидааст, ки дар баландии ин зиндагӣ Инсон қарор дорад; бо ҳама зебоию зиштӣ, некӯкорию бадкирдорӣ, ишқу ҳиҷрон, гиряву ханда, барору нобарориҳо, бурду бохтҳо, дӯстиву душманӣ, сулҳу ҷанг, дороию нодорӣ ва ғайраю ғайраҳояш. Ба як маънӣ, ғазали Шавкат метавонад ба зебопарастӣ, ахлоқ, дарёфти роҳ ва ҳақиқати зиндагии мо – инсонҳо мусоидат намояду таъсири мусбат дошта бошад, пеши роҳи моро аз олудагиҳо боз дорад. Дар ҳамин замина дар ғазал сабки нигориши шоирро дар забони баёни ӯ, истифода намудани таркибу иборот ва устувор нигоҳ доштани мантиқи сухан, корбурди бамавриди санъатҳои бадеӣ равшан метавон ба мушоҳида гирифт.

Мунтахаби ғазалиёти ҳозираи Шавкати Бухороӣ бо истифода аз матни илмӣ-интиқодии «Девони ашъор»-и шоир (1988), ки Ҷобулқо Додалишоев таҳияву тадвин намудааст, «Ашъори мунтахаб»-и Шавкати Бухороӣ дар таҳияи М. Аҳмадов (с.1968), мунтахаби «Нури аср»-и шоир, ки соли 1980 А. Алимардонов, Ҷ. Додалишоев ва А. Ҷонфидо тартиб додаанд, бо муқобалаю муқоиса бо яке аз нусхаҳо қаламин ба замони шоир наздик, ки зери рақами 499 дар Маркази мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикисон нигоҳдорӣ мешаваду аз 744 ғазал, 19 рубоӣ, 171 фард, 217 байти пароканда иборат аст, мураттаб ва пешкаши ҳаводорони шеъри ноби тоҷикии форсӣ мегардад.

* * *

Ба ҳоли худ қаноат гиряи дигар бувад моро,
Лаби хушке, ки мо дорем, чашми тар бувад моро.

Заминро осмонӣ кардаем аз рафъати пастӣ,
Ба гирди хеш гаштан гардиши ахтар бувад моро.

Вуҷуди мо камол аз беқарориҳои мо дорад,
Тапиданҳои дил болидани дигар бувад моро.

Зи кундиҳои табъи мост қатъ аз ҳалқ то гардан,
Буридан метавон аз хеш, агар ҷавҳар бувад моро.

Ба зӯри ноқабулиҳо гирифтам авҷи иқболе,
Ки дасти рад дар ин парвоз болу пар бувад моро.

Мизоҷи мо зи тифлӣ нозпарварди хатар бошад,
Канори бом тарфи домани модар бувад моро.

Биёбонмарги истиғно ҳаёти ҷовидон дорад,
Ҳавои Оби Ҳайвон Садди Искандар бувад моро.

Зи ҷо ҷунбидани мо сад қиёмат дар бағал дорад,
Ба по занҷир чини домани маҳшар бувад моро.

Ба зӯри обрӯйи хеш мегардем оламро,
Ба ҳар ҷо сайр аз ғалтонии гавҳар бувад моро.

Ҳумо дар кӯчаи мо як пари афтода мебошад,
Ба сар аз пунбаи доғи ҷунун афсар бувад моро.

Сияҳмастем аз майхонаи девони худ, Шавкат,
Варақгардонии мо гардиши соғар бувад моро.

* * *

Ҷамъ гардонад Худо хоби парешони маро,
Кард ғафлат сабзаи хобида мижгони маро.
Домани дашти ҷунунам дилкушо афтодааст,
Бӯйи гул реги равон бошад биёбони маро.
Омадушуд баски доранд аз раҳи чашмам ба дил,
Хушнигоҳон тӯтиё карданд мижгони маро.
Аз ҳуҷуми доғи дил шуд чок охир синаам,
Мавҷи гул андохт девори гулистони маро.
Баски дилтангам, баёзи дидаи парвонае
Шамъи кофурӣ тавонад шуд шабистони маро.
Ҳарза мегардам, зи бас тарсам, ки гардад рӯзи ҳашр
Пойи ман дасте, ки гирад тарфи домони маро.

* * *

Фурӯзон кард нармӣ шуълаи афсонаи моро,
Забони чарб равған шуд чароғи хонаи моро.
Раҳоӣ чун тавон аз ҳалқаи базми бутон дидан,
Бувад занҷир аз мавҷи парӣ девонаи моро.
Бувад мушти гили мо аз ғубори роҳи беҳушӣ,
Зи худ рафтан ба гардиш оварад паймонаи моро,
Бинои мо хароб аз сустии таъмир мегардад,
Кунад тардастии меъмор вайрон хонаи моро.
Ҳамон аз зулфи бахти тираи мо укда месозад,
Ҳумо аз устухони худ кунад гар шонаи моро.
Ба занҷирем аз боли худ, ай шамъи сабукрӯҳӣ,
Бигардон гирди хеш, озод кун парвонаи моро.
Намебошад ба толеъ тухми моро сабз гардидан,
Зи зери хок орад мӯр берун донаи моро.
Илоҷи сӯзи махмурон зи лойи хум бувад, Шавкат,
Биёр аз зери дарё хоки оташхонаи моро.

* * *

Девона карда баски ҳавоят баҳорро,
Бошад каф аз шукуфа ба лаб шохсорро.
Болад зи баски ин гули раъно ба хештан,
Пур мекунад миёни хазону баҳорро.
Оҷиз кунад мулоиматам аҳли номро,
Мум аст санги роҳи нигини саворро.
Хоҳӣ, ки зуд сер шавӣ, камхурӣ гузин,
Серист дайр мардуми бисёрх(в)орро.
Шавкат, чӣ ҳосил аст ба душман зи душманӣ,
Набвад самар шукуфаи дандон морро.

* * *

Шунидаанд бутони Яман каломи маро,
Навиштаанд ба оби ақиқ номи маро.
Ба базм бе лабаш азбаски вожгун шудааст,
Ҳубоби бода тасаввур кунанд ҷоми маро.
Чӣ гуна боли кабӯтар насӯзад аз гармӣ,
Ки барқ ҳам набарад сӯйи ӯ паёми маро.
Хаёли маънии нозук зи бас заифам кард,
Касе чу накҳати гул нашнавад каломи маро.
Чу тавқи фохта шуд ҳалқа қоматам аз ғам,
Чӣ саркашист ба ман сарви хушхироми маро.
Ҷунунмизоҷаму набвад димоғи гулгаштам,
Хаёли бӯйи гул афзун кунад зукоми маро.
Зи бас ба тарбият омода гаштаам, Шавкат,
Нигоҳи гарм кунад пухта фикри хоми маро.

* * *

Рамиданҳои ман аз шаҳр чун берун занад худро,
Шавад барқу ба лайлихонаи Маҷнун занад худро.
Зи шӯхиҳо хаёлашро ба хотир нест оромӣ,
Парӣ аз шишаам чун ранги май берун занад худро.
Ба каф шамшери мавҷи бӯса меояд хумори ман,
Ки мехоҳад ба қалби он лаби майгун занад худро.
Ғуборам тӯтиёи дидаи товус мегардад,
Сабӯи ман ба санг азбаски дигаргун занад худро.
Бибин айшу ғами Шавкат, ки чун кораш ба сар афтад,
Зи дашти шуъла бигрезад, ба баҳри хун занад худро.

* * *

Надорам имтиёз аз содагӣ аз дӯст душманро,
Чароғи корвон кардам тасаввур чашми раҳзанро.
Касе огаҳ зи рафтори сабукрӯҳон намегардад,
Садои по набошад хонаи ойина рафтанро.
Зи бори хотири худ мекашад саргаштагӣ ошиқ,
Гаронҷонӣ сабукпарвоз месозад фалоханро.
Зи тифлӣ бошад аз фикри иморат одамӣ вайрон,
Кунад кӯдак сафед аз шири модар хонаи танро.
Ба қадри зулми худ золим мукофоти амал дорад,
Намебошад ба сӯзан эҳтиёҷе хори доманро.
Чунон аз гарди кулфат гашт пурзулмат сарои ман,
Ки мили сурма шуд хатти шуое чашми равзанро.
Фузун аз суҳбати ойина гардад шӯхии чашмаш,
Намояд шишаи гавҳар паризод оби равшанро.
Далели фитна бошад иттифоқи душмани оҷиз,
Сафи мӯрон бувад дуди чароғи барқ хирманро.
Чу хоҳад кард селоби аҷал ранҷи туро зоеъ,
Макун аз неъмати алвон мунаққаш хонаи танро.

Ба дасти худ гиребони диламро золиме дорад,
Ки натвонам кашид аз дасту ӯ тасвири доманро.
Чунон лабрез гашт аз нолаи ман гулситон бе ту,
Ки шуд минқори булбул рахнаи девор гулшанро.
Куҷо фикри матинро ҳоҷати ислоҳи кас бошад,
Набошад эҳтиёҷи обу гил девори оҳанро.
Зи тори меҳнати ҷайби ҷунунам дӯхтан, Шавкат,
Ду сар омад ба ҳам чун ҳалқаи занҷир сӯзанро.

* * *

Мусаххар кардаанд аҳли чунун иқлими ҳомунро,
Саводи чашми оҳу муҳри бодомист Маҷнунро.
Ба хоки хуни ҳасрат Кӯҳкан мастона меғалтад,
Хаёли соғари май карда нақши пойи гулгунро.
Нишоне аз ҳунармандон намонад ҷуз ҳунар боқӣ,
Бувад лавҳи мазор аз хишти хум хоки Фалотунро.
Кабоби шуълаи рухсори ӯ гардам, ки месозад
Ба шамъи анҷуман гирдоби хун фонуси гулгунро.
Аз ин ойинаҳо пайдост акси хонаи Лайлӣ,
Бувад чашми ғизолон мазҳари маъшуқ Маҷнунро.
Ба чашми ман намояд захми дил шаққи қалам, Шавкат,
Хаёли мисраи рангин кунам фаввораи хунро.

* * *

Махур баҳри Худо, ай шайх, хуни майпарастонро,
Макун зинҳор чун тасбеҳи марҷон сурх дандонро.
Ба зери хок бурдан ҳасрати чашмат бувад мушкил,
Кафан аз пардаи бодом мебояд шаҳидонро.
Биёбоне, ки аз ҳуснат таҷаллизор мегардад,
Яди байзо кунад мӯраш кафи дасти Сулаймонро.
Ниҳодам ширмаст афтода аз файзи тамошояш,
Сафои мағзи бодом аст пушти чашми ҷононро.
Таманнои лаби лаъле, ки хунашро ба ҷӯш орад,
Ки оби Хизр аз ҳар чашма меҷӯшад Бадахшонро.
Ба лаб бигзор аз гуфтори муҳри хомушӣ, Шавкат,
Бувад теғи дудам ҳарфи муқаррар бедимоғонро.

* * *

Гарди хомӯшӣ нагардад пардапӯши рози мо,
Сурма бигрезад чу дуд аз шуълаи овози мо.
Тӯтии мо худ ба худ чун вусма натвонад парид,
Абрӯи хубон бувад болу пари парвози мо.
Як нигаҳ моро зи равшангар кифоят мекунад,
Гардиши чашме бувад бас сайқали пардози мо.
Каҳрабо ҳам коҳи моро манзили аввал бувад,
Бошад аз шавқи талаб анҷоми мо оғози мо.
Мо чароғи нола аз хуршед равшан кардаем,
Сояафган бигзаред аз шуълаи овози мо.
Шаб, ки аз рухсори ӯ базми тамошо доштем,
Буд мижгон аз нигоҳи гарми оташбози мо.
Мағзи оламро зи як тасвир кардӣ ҷӯйи шир,
Офарин, ай тешаи Фарҳоди ширинсози мо.
Ёди айёме, ки бо соқӣ талоше доштем,
Субҳа меафтод зери по зи дастандози мо.
Остини даҳр тангу дасти истиғно васеъ,
З-ин сабаб, Шавкат, намегунҷад ба олам нози мо.

*   *   *

Фузун гашт аз саводи хат фурӯғи ҳусн ҷононро,
Сафи ин мӯр мили сурма шуд чашми Сулаймонро.
Тамошои куҳансол аз ҷавон санҷидатар бошад,
Тарозуи нигаҳсанҷист айнак чашми пиронро.
Ту чун нодон шавӣ, донӣ, ки ризқат аз куҷо ояд,
Раҳи рӯзӣ сафедӣ мезанад аз шир тифлонро.
Ба баҳри гиря раҳ дуру намози хомушӣ воҷиб,
Ба гарди сурма мебояд таяммум кард афғонро.
Либос аз Ҳақ маҷӯ дигар, ки ташрифи карам бошад,
Қабои чеҳрарангие, ки аз ҳастист инсонро.
На аз ҳастӣ нишон бигзору не аз нестӣ номе,
Аз ин гулзор берун кун гули раънои имконро.
Таҷарруд аз барои симу зар бошад гули мотам,
Қабои обӣ аз дарё бувад ғаввоси урёнро.
Бувад мактуби аъмоли ту, Шавкат, мазҳари раҳмат,
Ба торикӣ тавон аз равшаноӣ дид боронро.

*   *   *

Ҳусн чун орад ба мавҷи ноз баҳри нурро,
Гавҳари ғалтон кунад бетобии дил Турро.
Турбати аҳли фано бошад ҳамон гарди фано,
Дор охир тахтаи тобут шуд Мансурро.
Муддао ҳосил ба ҳар ҷо гашт, моро манзил аст,
Тунги шаккар Миср бошад корвони мӯрро.
Нестанд аҳли тааллуқ эмин аз офат, ки ҳаст
Ҷойбанди устухон оҳанрабои Турро.
Мутриби фақрам, ба ҳар ҷо тарҳи ишрат афганад,
Мансаби чиннинавозӣ медиҳад Фағфурро.
Баҳрамандӣ нест аҳли ҳирсро омоли кас,
Устухон дандон намегардад даҳони гӯрро.

З-он камар натвон хавоси хештанро ҷамъ кард,
Чун кунам шерозаи хирман миёни мӯрро.
Тоби ғурбат нест, ай чинӣ, туро нозукдилӣ,
Чун шавӣ дур аз ватан, овоз кун Фағфурро!
Мениҳам, Шавкат, зи бетобӣ ба доғи хештан
Аз кафи дарёи оташ марҳами кофурро.

* * *

Бахти бад хоҳад зи душман хуни мо,
Теғи мо бас толеъи вожуни мо.
Фикр рангин аст, баъд аз хӯрданаш
Санг башад сабз таҳгулгуни мо.
Офтоби хоксорӣ гаштаем,
Нақши по кавкаб, замин гардуни мо.
Теғи ӯ дидем чун ранги ҳино,
Аз кафи по рафт мушти хуни мо.
Ҷӯш зад, то аз сари хум бигзарад,
Чун кафи май мағзи Афтотуни мо.
Дашту дарё хаймаи Лайлӣ ҳубоб
Гаштааст, аз гиряи Маҷнуни мо.
Бешу камҳое, ки беш аз пеши мо,
Бошад аз нуқсони рӯзафзуни мо.
Накдро аз сина мерезад чу гул
Аз тапиданҳо дили пурхуни мо.
Хоки мо ҷавлони товусӣ кунад,
Шавкат, аз аҳволи дигаргуни мо!

* * *

Чунон дур аз ту дорам базми ранги нотавониҳо,
Ки ранги май ба зери май нишинад аз гарониҳо.
Намебошад тамошо ихтиёри дил заифонро,
Ба дунболи нигоҳи худ раванд аз нотавониҳо.
Ба сайри хонаи ойина рафтӣ бехуду танҳо,
Тапиданҳо диламро об кард аз бадгумониҳо.
Ба уммеди ҷафо будем бо ҳам бар сари роҳаш,
Ману дилро зи ҳам шарманда кард аз меҳрбониҳо,
Ба худ имшаб надидам қуввати наззораи рӯяш,
Нигоҳам пойи хоболуда буд аз нотавониҳо.
Буридан аз алоиқ хешро қатъи назар бошад,
Ба ҳам овардани мижгон бувад доманфишониҳо.
Ба пирӣ кай зи нақши зиндагонӣ дил канад мунъим?
Ки дорад хотами қаддаш нигини сахтҷониҳо!
Сияҳбахтӣ нагардад сурмаи хомӯшиям, Шавкат,
Ки дорад аз нигоҳи гармаш ин оташзабониҳо.

* * *

Гарчи кунад хаёли хом табъи хирадфузуни мо,
З-оташи санги кӯдакон пухта кунад ҷунуни мо.
Мекашад интиқоми мо қуввати заъфи мо зи хасм,
Рахна ба ханҷар афганад ҷунбиши ранги хуни мо.
Маҷлиси мо намекашад миннати мутриби дигар,
Бонги тапидани дил аст нағмаи арғунини мо.
Гул кунад аз мазори мо баъди вафот интизор,
Дидаи Кӯҳкан бувад лолаи Бесутуни мо.
Орифи ҳақшиносро бахти бад аз ибодат аст,
Саҷдаи дӯст мекунад толеи вожгуни мо.
Қотили сангдил даме аз сари мо намеравад,
Сояи теғи ӯ бувад анбари мавҷи хуни мо.
Шавкату мову чашми дил, роҳ ба худ надоштем,
Гашт ба дашти бехудӣ ёди ту раҳнамуни мо.

* * *

Ай зи оби лаъл лабрез аз лабат паймонаҳо,
Тахтаи машқи парешонӣ зи зулфат шонаҳо.
Аз нигоҳ имшаб ба маҷлис ранги шӯхӣ рехтӣ,
Ҳалқаи чашми ғизолон шуд хати паймонаҳо.
Бӯрё ҳоҷат набошад кулбаи ушшоқро,
Фарш аз боли Самандар дорад оташхонаҳо.
Бодаҳо хӯрда-ст аз хуни шаҳаншоҳон замин,
Аз сари Фағфур дорад хок чинихонаҳо.
Ҷон ғуборолуд гардад аз мулоқоти бадан,
Сел меояд бурун маҳтоб аз ин вайронаҳо.
Кори мо аз инфиоли хасм мегирад камол,
Сабз гардад з-обрӯйи хӯшачин ин донаҳо.
Бодаи нози бутонро нашъа хомӯшӣ бувад,
Аз ғубори сурма бошад хоки ин паймонаҳо.
Имтиёз аз ҳам набошад ошиқу маъшуқро,
То ба кай ноошноӣ, ай зи худ бегонаҳо!
Дашти ноҳамвор аз селоб дорад сад нишон,
Рафт чун Маҷнун, ба гӯши халқ монд афсонаҳо.
Сӯхтем аз ҳаҷр ҳамчун шамъ, беҷо сӯхтем,
Шуд кафи афсӯси мо охир пари парвонаҳо.
Метавон аз мушти хокам ранги чандин шуъла рехт,
Тинати ман бошад аз хокисатри парвонаҳо.
Шайхи мо, Шавкат, ба роҳи хушки масҷид меравад,
Об афтода-ст, гӯё, дар раҳи майхонаҳо.

*   *   *

Имшаб аз ҷӯши ҷунун файзи дигар буд маро,
Пунбаи доғ зи маҳтоби саҳар буд маро.
Нашуд аз нолаи ман дӯш туро огоҳӣ
В-арна бетобии дил оҳи дигар буд маро.
Аз дабистони ғами ишқ китобе будем,
Ки зи афлоку замин зеру забар буд маро,
Сафҳаи номи ту афтод ба дасти мани пир,
Шуд нигин айнакам, азбас ба назар буд маро.
Шаб, ки аз дидаи ман лахти ҷигар меояд,
Мардуми дидаи гул доғи ҷигар буд маро.
Доштам оҳ ба ёди лабаш имшаб, Шавкат,
Аз ҳаво чун найи бемағз шакар буд маро.

*   *   *

Аз бода ранг кардам симои коғазиро,
Аз шуъла об додам гулҳои коғазиро.
Тӯмор мефиристам аз ҳоли худ ба ҷонон,
Бояд ба шуъла рафтан ин пои коғазиро.
Дунёву мардуми ӯ афтода лоиқи ҳам,
Чун моҳиёни тасвир дарёи коғазиро.
Бунёди осмон шуд вайрон зи сели ашкам,
Як қатра об сангест минои коғазиро.
Шавкат, сафинаи ман аз назм гашта лабрез,
Анбар саводи шеър аст дарёи коғазиро.

* * *

Дуои хоксорон мекунад имдод шоҳонро,
Ки боди шаҳпари мӯре кашад тахти Сулаймонро.

Муҳаббат ошиқу маъшуқро якранг месозад,
Ҳарири шуъла пероҳан бувад оташпарастонро.

Бутони Ҳиндро майли шакархоб аст, пиндорӣ
Пари тӯтӣ ба болин кардаанд ин чеҳрасабзонро.

Нигаҳ дор аз шикастан ранги ташбеҳи маро, ё Раб,
Гули себи занахдон гуфтаам ранги занахдонро.

Раги абри хаданги ӯ чу аз баҳри камон хезад,
Кунад ҳамчун садаф дар устухонам об пайконро.

Ба зери хок бурдан ҳасрати чашмаш бувад мушкил,
Зи санги сурма лавҳи хок мебояд шаҳидонро.

Зи шарҳи чашми гирён кардаам азбас рақам, Шавкат,
Зи мавҷи оби гавҳар бастаам шероза девонро.

* * *

Қатъи сухан бувад зи хамӯшӣ баёни мо,
Бошад ду пора байт зи теғи забони мо.
Моро саводи чашми касе сурма додааст,
Бошад садои ҷунбиши мижгон фиғони мо.
Мо хӯ ба талхкомии айём кардаем,
Бошад даҳони мо зи намакдони хони мо.
Парвоз кардаему гирифтор гаштаем,
Роҳе ба сӯйи дом бувад з-ошёни мо.
Гул аз шикастарангии мо ғунча мешавад,
Ранги баҳор рехтаанд аз хазони мо.
Иқбол аз шикастани мо ҷӯш мезанад,
Дорад садои боли ҳумо устухони мо.
Аз новаки нигоҳ пур аз ноз гаштааст
Ҳамчун баёзи чашми бутон устухони мо.
Моро ба таври мо нагузоранд зоҳидон,
Чун тори субҳа аст ба сад каф инони мо.
Хам гаштааст қомати мо аз нигоҳи ӯ,
Зеҳ кардаанд аз рами оҳу камони мо.
Шабҳо ба хоки пойи сагонаш намерасад,
Чун моҳтоб фарш бувад устухони мо.
Комил бувад иёри ҷунунам, ки борҳо
Чашми ғизол шуд маҳаки имтиҳони мо.
Шавкат, биё, дигар ғами рӯзӣ чаро хурем,
Чун пухта шуд ба шуълаи идрок нони мо.

* * *

Хонаи дил, ки шуд аз рӯйи ту равшан ин ҷо,
Хуни хуршед занад ҷӯш зи равзан ин ҷо.
Гардиши чашми ту саргашта кунад мижгонро,
Сурмаи хоб бувад санги фалохан ин ҷо.
Дили ман об шуд аз ҳасрати боғе, ки бувад
Шабнамеро гули хуршед ба доман ин ҷо.
Нест бегона касе буткадаи ваҳдатро,
Метарошад санам аз чӯб бараҳман ин ҷо.
Дили мо мушти гиёҳ аст ба даште, ки бувад
Нигаҳи гарми ғизол оташи эман ин ҷо.
Шавкат аз мазраи мо тухми шарар сабз шавад,
Барқ чун мӯр барад дона зи хирман ин ҷо.

* * *

Ба ҳар кас во макун банд аз забони арзи матлабҳо,
Ба дандони тамаъ зинҳор макшо уқдаи лабҳо.
Тулӯъи субҳи уммедам баёзи дидаро монад,
Ки саф бастанд чун мижгон ба гардиш зулмати шабҳо.
Сияҳбахтӣ чароғи аҳли дилро мекунад равшан,
Зи мушки судаи шаб тоза гардад доғи кавкабҳо.
Намебинам ба дасти ҳеч кас сарриштаи суҳбат,
Зи бас чун чашми сӯзан нек афтода-ст машрабҳо.
Кунад файзи хамӯшӣ соҳиби девон суханварро,
Ба ҳам ояд ду мисраъ, чун ба ҳам меоварад лабҳо.
Ба ҳам тақвою мастӣ ончунон якранг шуд, Шавкат,
Ки натвон фарқ кард аз софмашраб дурдмазҳабҳо.

* * *

Фалак тоқат намеорад нигоҳи гарми мардонро,
Зи барқи чашми шерон оташ афтад ин найистонро.
Зи чини зулфи ӯ сад корвони мушк меояд,
Кунед, ай зулфи хубон, тахтабанд аз шона дукконро.
Гули маҳҷуби ӯ чун парда аз рухсор андозад,
Канад мижгони булбул хори девори гулистонро.
Ба баҳри гиря раҳ дуру намози хомушӣ воҷиб,
Ба гарди сурма мебояд таяммум кард афғонро.
Ба базми ӯ кашидам оҳи сард аз дил, чӣ донистам,
Ки сардӣ мешавад аз шамъи кофур ин шабистонро?!
Назокат он қадар дорад, ки аз гарди нигоҳи ман
Ба рух чун сояи мижгони худ хобидамижгонро.
Гули оғозҳо ойинаи анҷомҳо бошад,
Нишони раъшаи пирист болидан ҷавононро.
Хурад чун реша доми моҳии ман оби дарёро,
Ба доми хоксорӣ сайд месозад бузургонро.
Саранҷоми бало орад ба мардум бесаранҷомӣ,
Зи бедандонии худ дарди дандон аст пиронро.
Фиғоне сар кун, ай занҷир, дар базми ҷунун, к-имшаб
Димоғ аз шуълаи оғози мутриб сӯхт риндонро.
Чу набвад ҳусни ботин, зинати зоҳир чӣ кор ояд,
Чаро тасвири Юсуф мекашӣ девори зиндонро?
Ба мулки ишқ мерӯяд гули ҳусн аз замин, Шавкат,
Бувад Машриқ даҳони чоҳ ин ҷо моҳи Канъонро.

* * *

То бахти сияҳ cояфиган шуд ба сари мо,
Шуд сояи девори қафас болу пари мо.
Бошад хатар аз тинати мо шираи ҷонро,
З-он об, ки най хӯрда, гузорад шакари мо.
Аз кавкаби мо рӯзии мо сӯхт ба гардун,
Шуд шишаи мо об ба санг аз шарари мо.
Наздик намояд таҳи обе, ки зулол аст,
Аз рӯйи тунукбарг намояд самари мо.
Аз чарх гузашта-ст ба наззораи ҷонон
Чун партави фонус фурӯғи назари мо.
Чун партави маҳтоб, ки дар пардаи шом аст,
Омехта бошад шаби мо бо саҳари мо.
Шавкат, шуда тӯфонии мо киштии сандал,
Чун чини ҷабин мавҷ занад дарди сари мо.

* * *

Баски беоромии дил мебарад аз ҷо маро,
Ранг мегардад, ки аз кӯяш кунад пайдо маро.
Аз тунукзарфӣ намояд рози дил аз синаам,
Нашъа пеш аз ранг берун ояд аз мино маро.
Чун ба хотир ёди сахтиҳои зулфаш бигзарад,
Анбари мавҷи шикастан мекунад савдо маро.
Кишти ман об аз хаёли чеҳрасабзон хӯрдааст,
Бошад аз мижгони тӯтӣ сабзаи саҳро маро.
Дилнишинам баски шуд майхона, чун аз худ равам,
Мекунад аз кӯчбанди мавҷи май пайдо маро.
Аз касам набвад дар ин маҳфил тавозуъ дар назар,
Мисраи барҷастаи ман менамояд ҷо маро.
Мерасам мастона, Шавкат, аз сари кӯйи касе,
Мешавад пурбода минореза зери по маро.

*   *   *

Ҳазор ранг кунад хоб гул зи бистраи мо,
Зи боли бӯқаламун аст болиши пари мо.
Ба шӯрбахтии мо дар ҷаҳон мабод касе,
Садаф шуда-ст намакдон зи оби гавҳари мо.
Шудем об ба зери ғубори хиҷлатҳо,
Ки хоки кӯйи ту гил шуд зи бӯсаи тари мо.
Ба рӯзгор димоғе намешавад пайдо,
Ки доғ нест зи бӯйи фатила анбари мо.
Мабод таънаи беҷавҳарӣ занад душман,
Кашид сурати ҷавҳар ба рӯйи ханҷари мо.
Шабе, ки шуълаи ҳуснат ба хоби мо ояд,
Чу барги лола шавад доғ гул зи бистари мо.
Тиҳӣ зи бодаи хуршед мекунад паҳлу,
Зи хоки пойи бутон аст косаи сари мо.
Гул аз шунидани мактуби мо шукуфта шавад,
Кашидаанд зи тори насим мистари мо.
Ғубори хотири хокистари касе нашавем,
Даруни оташи худ пар занад Самандари мо.
Қалам зи нашъаи номаш зи даст меафтад,
Ба ҷойи нома барад ҳуши мо кабӯтари мо.
Бувад паридани мо чун паридани мижгон,
Буридаанд ба теғи нигоҳ шаҳпари мо.
Ба пойи толеъи баргашта мекунад гардиш,
Шавад сиёҳтар аз холи рӯй ахтари мо.
Чӣ нози дояи айём мекашӣ, Шавкат,
Биё, ки духтари раз гаштааст модари мо.

* * *

Пур шуд зи заъфи толеъ азбаски маскани мо,
Ранги парида ояд берун зи равзани мо.
Чун гул пиёлаи мо аз обу хок ранг аст,
Сарв аст шишаи мо, базм аст гулшани мо.
Охир муҳаббати мо омад ба кори ҷонон,
Холи рухи санам шуд доғи бараҳмани мо.
Аз ҷӯши нотавонӣ омодаи фаноем,
Афтад зи дидаи мӯр оташ ба хирмани мо.
Ранги рамидаи мо бе нақши по набошад,
Азбас гаронии дил ҷо карда дар тани мо.
Як ҷо нишастани мо занҷир гашт моро,
Мавҷи шикастапойӣ шуд чини домани мо.
Аз ҳалқаи шаҳидон бӯйи шаҳодат ояд,
Бошад зи оҳани теғ занҷири гардани мо.
Бому дари дили мо фарёдхези шавқ аст,
Бошад зи хори булбул девори гулшани мо.
Тадбири мо наёяд ҳаргиз ба кори мардум,
Хори қадам шавад сабз аз оби сӯзани мо.
Шавкат, касе нагардад аз мо шикастахотир,
Оби ҳарир бошад санги фатлохани мо!

* * *

Бӯрё бошад гулистон марди узлатгирро,
Наргисистоне набошад ҷуз найистон шерро.
Марди мавзунро ҳамин теғи забон ояд ба кор,
Дар сафарҳо об ҷуз пайкон набошад тирро.
Нози маъшуқ аст аз худ рафтани аҳли ҷунун,
Кардаанд аз ҳалқаи чашми парӣ занҷирро.
Ҷавҳари ойинаам мӯйи забони хома аст,
Баски кардам соф аз равшандилӣ тақрирро.

Ҷазбаи шавқе ба роҳат аҳли ҳайратро бас аст,
Мекашад як мӯй чандин маҳмили тасвирро.
Кори зоҳид нест дар меҳроб ҷуз озори халқ,
Дар камон фикри ҳадаф бетоб дорад тирро.
Миннати хушк аст мавҷи сел девори маро,
Чун ғубор аз остин афшондаам таъмирро.
Зинҳор аз ғафлати оҳандилон эмин мабош,
Фитна бошад зери сар хобидани шамшерро.
Шавкат, он зулфи парешон чун маро ояд ба хоб,
Боз мебинам ба хоб аз бахти бад таъбирро.

* * *

Софтинат кай тавонад кард пинҳон розро?
Равған аст аз мағзи чинӣ шуълаи овозро!
Сӯйи ошиқ омадан бошад ба худ болиданаш,
Хуб медонад ниёзи мо забони нозро.
Бодааш чун ранги май аз шиша берун мезанад,
Чун ба даст орад касе он соқии таннозро.
Дом зери хок пинҳон шуд чу рагҳои замин,
Баски афтондам чу гард аз боли худ парвозро.
Баски шуд бемории ман монеъи фарёди ман,
Чун найи наргис гираҳ дорам ба дил овозро.
Гирдбоди водии ман шуълаи ҷаввола аст,
Мекунад мушти ғуборам оби оташборро.
Боли худро ғунча кун, булбул, ба гардам кай расӣ,
Ман ба хуни ранги гул хобондаам парвозро!
Риштаи пайванди рӯҳонист, аз ҳам нагсалад,
Шеъри Ҳофиз шуд хати соғар майи Шерозро.
Нотавонам ончунон, Шавкат, ки боли тӯтиям
Вусмаи абрӯ нагардад нохуни шаҳбозро.

* * *

Пурваҳшат аст баски дили хоксори мо,
Хезад зи кӯчаи рами оҳу ғубори мо.
Реҳлат намудаем зи Канъон ба сӯйи Миср,
Чашм аст чун шукуфаи бодом бори мо.
Дилро бувад зи лаъли ту ранги шукуфтагӣ,
Аз хандаи гул аст насими баҳори мо.
Хоки бабодрафтаи он шӯхҷилваем,
Гардад парӣ ба шиша ҳаво аз ғубори мо,
Часпидаанд чун гули раъно ба якдигар,
Аз шаҳди хандаи ту хазону баҳори мо.
Аз ҷӯйи теғ гулбуни мо об мехурад,
Рӯяд сари бурида гул аз шохсори мо.
Дасте ба нотавонии мо нест хасмро,
Ханҷар ба рӯйи барқ кашад неши хори мо.
Равшан нашуд ба рӯйи ту чашми сафеди мо,
Ай рӯйи мо сиёҳтар аз рӯзгори мо!
Ойинадори шоҳиди ором нестем,
Симоб мечакад зи дили беқарори мо.
Ҷонро ба ёди чашми ту мастона додаем,
Ҷӯшад шароб аз раги санги мазори мо.
Азбас ба роҳи ваъдаи хубон нишастаем,
Дар дида об гашту чакид интизори мо.
Нагзошт бахти тира, ки рангин кунем рух,
Доғ аз сияҳбаҳор бувад лолазори мо.
Хуни ҷунун зи турбати мо ҷӯш мезанад,
Болу парест риштаи шамъи мазори мо.
Шавкат, ба каф найқалами тарзабони ту
Сабз аст аз нами ғазали обдори мо.

* * *

Базми ишқ аст, бувад бодаи дигар ин ҷо,
Гардиши ранг бувад гардиши соғар ин ҷо.
Сабзаи гулшани софигуҳарон мавҷи сафост,
Ҷавҳари ойина аз хок кашад сар ин ҷо.
Як сухан гӯ, ки пушаймон нашавӣ аз гуфтан,
Кафи афсӯс бувад ҳарфи мукаррар ин ҷо.
Нигаҳ аз дидани оташкадаам гирад ранг,
Хуни гул мечакад аз чашми самандар ин ҷо.
Айши ҳамвор куҷо соҳиби зар меёбад,
Тори болин бувад аз риштаи гавҳар ин ҷо.
Мезанад хуни дилам ҷӯш зи мижгон, Шавкат,
Хуни ёқут дамад аз раги гавҳар ин ҷо.

* * *

Зи саҳро машқи ваҳшат шуд фузун чашми сиёҳашро,
Рами оҳу варақ гардонд девори нигоҳашро.
Бути гулгунқабоям баски ранги ҷилва мерезад,
Гили паймонаи худ мекунад гилгарди роҳашро.
Зи мастӣ шаб намеафтод сӯям гӯшаи чашмаш,
Баёзи чашми гулгун шуд ҳино пойи нигоҳашро.
Гили таъмир гардад хонаи хуршедро хокам,
Зи олам баски бурдам ҳасрати рӯйи чу моҳашро.
Надорад сарбасаҳрододаи чашми ту оромӣ,
Бувад шӯхе чу мижгони ғизолон хори роҳашро.
Биёбони муҳаббат хоки ғайратхез медорад,
Ба хуни барқ рангин дидаам имшаб гиёҳашро.
Гар аз гарди ҳавас ошиқ дили худро сафо бахшад,
Бутон дар пардаи ойина мепечанд оҳашро.
Шитоби толиби ӯро бувад кайфияти дигар,
Зи гармиҳои рафтан шиша созад санги роҳашро.
Либоси нотавонӣ ончунон дорад ба бар Шавкат,
Ки боди домани гул мебарад аз сар кулоҳашро.

* * *

Надидам баски аз шӯхӣ саманди пуршитобашро,
Хаёли ҳалқаи чашми парӣ кардам рикобашро.

Рухи маъшуқу ошиқро паси як парда ҷо бошад,
Париданҳои рангам во кунад банди ниқобашро.

Зи гармиҳои базми мо касе огаҳ намегардад,
Набошад ранг чун нури назар дуди кабобашро.

Ҳаво сард асту дорад чеҳраи ношустае он гул,
Кунед аз шуълаи овози булбул гарм обашро.

Ба маҷлис ранги шӯхӣ рехт азбас гардиши чашмаш,
Рами оҳу тасаввур мекунам мавҷи шаробашро.

Муҳити ишқ дорад дар дили ҳар қатрае ҳусне,
Парӣ ҷойи ҳаво дар шиша бошад ҳар ҳубобашро.

Ману дයште, ки азбас шуълахез афтода хоки ӯ,
Чу барқ аз дур бошад ҷилваи оташ саробашро.

Саломи бедили худро на имоне, на дашноме,
Чи хоҳӣ гуфт рӯзи ҳашр, ай бадхӯ, ҷавобашро.

Намеояд ба ҳам мижгони Шавкат имшаб аз ҳасрат,
Ба боли ҷавҳари ойина пардоз аст хобашро.

* * *

Бе лабат паймонаҳоро талх бошад комҳо,
Сояи гардидани ранг аст хатти ҷомҳо.

Куввати дигар бувад болу пари заъфи маро,
Пора гардад аз париданҳои рангам домҳо.

Баски шаҳр аз гиряам мавҷи рутубат мезанад,
Ҳамчу сел аз кӯҳ мерезад ҳаво аз бомҳо.

Номдоронро ба ҳам ранги нишоти дигар аст,
Ин нигинҳо гул ба ҳам меафгананд аз номҳо.

Соликони водии мо бетааллуқ нестанд,
Ҷодааш пинҳон ба зери хок дорад домҳо.

Ман кучҷою бӯсаи шӯхе, ки азбас хашму ноз
Ханда чун ояд, ба лаълаш мешавад дашномҳо.

То тавонанд аз хами гесӯи ӯ бардошт нақш,
Сар ба ҳам доранд ҳамчун хомаи мӯ шомҳо.

Рӯ ба дашти каъбае дорам, ки он ҷо раҳравон
Чашм мепӯшанд ҷойи ҷомаи эҳромҳо.

Менамояд, шоҳиди ҳиммат чу андозад ниқоб,
Абрӯи пайвастаи оғозҳо, анҷомҳо.

Шаб, ки бармедошт аз чашми касе, Шавкат, савод,
Дошт тӯмори баёз аз пардаи бодомҳо.

* * *

Берун нарафта ҳайрати мо аз ғубори мо,
Бошад зи мумии ойина шамъи мазори мо.
Афтодагон ҳалоки насими баҳонаанд,
Хезад ба боди шаҳпари анқо ғубори мо.
Ҳайрат фиканда булбули моро зи изтироб,
Болидани гул аст дили беқарори мо.
Мурдан ғубори синаи тинат намешавад,
Ойина мекунанд зи санги мазори мо.
Парвонаи чароғи сабукрӯҳии худем,
Бошад фурӯғи шамъ насими ғубори мо.
Бехуд шудан ба гулшани мо хандаи гул аст,
Аз хеш рафтан аст насими баҳори мо.
Ширинлабон зи чашмаи мо об мехуранд,
Мавҷи табассум аст раги кӯҳсори мо.
Оҷиз ба дасти душмани саркаш намешавем,
Пайванди решаи гули барқ аст хори мо.
Умрест рафтаем ба боди фано, ҳанӯз
Наншастааст шуъла ба ҷойи ғубори мо.
Омад ба хоки мо зи дараш боди рӯҳбахш,
Боло гирифт як қади одам ғубори мо.
Аз як назора оташи мо тоза мешавад,
Мавҷи нигаҳ бувад раги абри баҳори мо.
Оғӯши хеш во кунад аз шавқи мо қафас,
Афтад ба чашми дом гул аз интизори мо.
Моро зи абр сояи сарве шукуфтагист,
Доғест тавқи фохта аз лолазори мо.
Афтодагист хирқаи мо, бахя нақши по-ст,
Аз ҷода кардаанд магар пуду тори мо?!
Шавкат, мадеҳ ба панҷаи мо ҷоми май, ки ҳаст
Дасти ради пиёла кафи рашъадори мо!

* * *

Ҳанӯз зинда бувад номи мо зи шуҳрати мо,
Зи мум зери нигин аст шамъи турбати мо.
Зи шаш ҷиҳат чу замин орамидагӣ дорем,
Бувад зи гардиши гардун каманди ваҳдати мо.
Ба сахтҷонии мо осмон надорад ёд,
Зи кӯчаи раги санг аст хоки тинати мо.
Зи зери сурма ҳаво чун нигоҳ меҷӯшад,
Пур аст баски ҷаҳон аз ғубори кулфати мо.
Ба дил хаёли ту азбаски ранги ваҳшат рехт,
Нигоҳи чашми ғизол аст оҳи ҳасрати мо.
Зи ҷаври муштариён баски ҷӯши афғонем,
Расад ба гӯш садо аз шикасти қимати мо.
Зи мавти мост ба рӯйи ҳаёти мо ранге,
Шукуфта лолаи дастори мо зи турбати мо.
Нишастаему рамидан ба гарди мо нарасад,
Хамирмояи ороми мост ваҳшати мо.
Пур аст анҷумани мо чунон зи гарди малол,
Ки чашми сурма кашида-ст шамъи суҳбати мо.
Зи файзи ишқ ба дилҳои сахт раҳ дорем,
Занад ба чашмаи ойина ғӯта ҳайрати мо.
Пас аз вафот надорем мотамафрӯзӣ,
Шарори санги мазор аст шамъи турбати мо.
Нигаҳ бувад кафи афсӯси дидаи аҳбоб,
Бувад зи чашми парешонпазир надомати мо.
Ба сина нохуни алмос бишканад, Шавкат,
Зи гардиши нигаҳи ёри бемурувввати мо.

* * *

Ҳар ғазал як гулбун аз боғи хирад бошад маро,
Матлаи рангин гули рӯйи сабад бошад маро.
Ноқабулиҳои ман бошад зи иқболи сухан,
Мисраи барҷастаи ман дасти рад бошад маро.
Ҷомаи фақрам хаданги нолаамро таркаш аст,
Шусти сар ойинаи зери намад бошад маро.
Қумриёнро риштаи наззораам доми раҳ аст,
Дар назар то ҷилваи он сарвқад бошад маро.
Гар шавам ман шабнаму гардун саросар офтоб,
Кай пайи бархостан чашми мадад бошад маро?!
Айбгӯйиҳои халқам мекунад соҳибҳунар,
Миннати бисёр аз аҳли ҳасад бошад маро.
Гаштаам, Шавкат, биёбонмарги саҳрои ҷунун
Чашми оҳу қолаби хишти лаҳад бошад маро.

* * *

Осмон баргашт аз таҷриди рӯзафзуни мо,
Аз сабукрӯҳӣ садои хум шуд Афлотуни мо.
Боди субҳ аз теғи ӯ гоҳе, ки меорад хабар,
Меравад ҳамроҳи ӯ чун накҳати гул хуни мо.
Бахти бадгардидаи мо посбони худ бувад,
Зери пойи хеш бинад толеи вожгуни мо.
Мекунад Лайлӣ нигоҳ аз равзани чашми ғизол,
Дорад аз мардум ниҳон наззораи Маҷнуни мо.
Садди роҳи мо, сабукрӯҳон, ғубори чашм нест,
Чун садо аз хум бурун меояд Афлотуни мо.

* * *

Ба доми ҳалқаи аҳбоб бастаанд маро,
Ба тори мавҷи майи ноб бастаанд маро.
Аз ин муҳит ба ҷойе наметавонам рафт,
Ба гирди номаи гирдоб бастаанд маро.
Кашидаанд ба занҷири ғафлатам шабу рӯз,
Ба риштаҳои раги хоб бастаанд маро.
Ба хоби хеш ба тифлӣ надидаам ором,
Ба гоҳвораи симоб бастаанд маро.
Ба шохи сунбули фирдавс чун кунам парвоз,
Ба доми турраи пуртоб бастаанд маро!
Касон, ки доми ман аз риштаи катон риштанд,
Чӣ аблаҳона ба маҳтоб бастаанд маро.
Чӣ гуна чашм бипӯшам зи май, ки ҳамчу ҳубоб
Тилисми ҳастӣ аз ин об бастаанд маро!
Мадеҳ фиреб ба домам чу булбулон, Шавкат,
Ба решаи гули сероб бастаанд маро!

* * *

Дорам аз ёди рухат такя ба насрин имшаб,
Пунбаи субҳи баҳор аст ба болин имшаб.
Бода шуд охиру мино зи майи ранг пур аст,
Базми май баски шуд аз рӯйи ту рангин имшаб.
Доштам домани он шӯхи қабогулгунро
Он қадарҳо, ки кафам гашт нигорин имшаб.
Субҳ гулгун шуда чун пунбаи минои шароб,
Баски кардам зи ғамат гиряи хунин имшаб.
Риштаи шамъ раги барги гули шаббӯ шуд,
Баски омад ба хаёл он маҳи мушкин имшаб.
Мижаам бар мижа аз ҷӯши ҳаловат часпад,
Дидам азбаски ба хоб он лаби ширин имшаб.
Шавкат аз гуфтаи худ дафтари садранг кушод,
Шуд чароғон чаман аз дидаи гулчин имшаб.

* * *

Зи бас гардид об аз ҷӯши ваҳшат пайкарам имшаб,
Кафи мавҷи рами оҳу бувад мағзи сарам имшаб.

Ҳавои дидани рӯйи кӣ дорад гармпарвозам,
Ки чун мижгон чакад наззора аз болу парам имшаб?!

Ба хобам ғунчаи хушхандаи ӯ баски меояд,
Бувад мавҷи табассум тору пуди бистарам имшаб.

Зи бас дар оташи наззораи ӯ сӯхтам худро,
Нигоҳи гарм меёбанд аз хокистарам имшаб.

Намебошад ба сар савдои сандалсовии субҳам,
Ба худ меболад аз чини ҷабин дарди сарам имшаб.

Чунон гӯшам тиҳӣ гардидааст аз пунбаи ғафлат,
Ки меояд ба гӯш овози пойи ахтарам имшаб.

Ба рӯйи лолаю гул нест ороме нигоҳамро,
Рамидан бурда аз ранге ба ранге дигарам имшаб.

Ба мастӣ ҳам нашуд аз ман ҷудо бахти сиёҳи ман,
Бувад аз толеи баргашта хатти соғарам имшаб.

Чу рангам мепарад аз чеҳра, резад обрӯйи ман,
Зи бас намнок шуд рухсора аз чашми тарам имшаб.

Гули доғи ҷунун дорад зи бас гарми тамошоям,
Ба ҷойи мӯ дамад чун шамъ мижгон аз сарам имшаб.

Зи бас нури назар, Шавкат, ба болои ҳам афтода-ст,
Нигоҳолуд ояд ашк аз чашми тарам имшаб.

* * *

Аз рухат баски арақ сар задааст,
Нигаҳам ғӯта ба гавҳар задааст.
Гашта то рӯйи ту фирдавси нигоҳ,
Гиряам ханда ба Кавсар задааст.
Бӯйи май аз нигаҳат меояд,
То куҷо чашми ту соғар задааст!
Шуълаошом хуморе дорам,
Ки май аз хуни Самандар задааст.
Хатти лаъли ту чу дидам, гуфтам:
– Анбар аз мавҷаи май сар задааст.
Сафҳаи назми тари худ Шавкат,
Мистар аз риштаи гавҳар задааст.

* * *

Саҳро зи лола ғарқ ба гирдоби хуни мост,
Чашми ғизол анбари мавҷи ҷунуни мост.
Азбаски хушк гашта бирезад ба хок ҳам,
Чун ранги гул майе, ки ба ҷоми нагуни мост.
Аз худ ба нимнашъа сабукрӯҳ гаштаем,
Ранги парида мавҷи майи лолагуни мост.
Аз оби теғ барги гули айш чидаем,
Субҳи баҳори мо кафи дарёи хуни мост.
Шавкат, гуле, ки панҷаи Фарҳод зад ба сар,
Як барги лола аз камари Бесутун мост.

* * *

Саҳро тиҳӣ зи водии паймудаи ман аст,
Ташрифи амр ҷомаи фармудаи ман аст.
Аз по нишастаам ба сари хони интизор,
Чашми сафеди ман намаки судаи ман аст.
Хуршеди осмони ҷаҳони таваккулем,
Лайлу наҳор будаи нобудаи ман аст.
Минои ғунча ханда ба хуршед мезанад,
Дар гулшане, ки домани олудаи ман аст.
Пероҳанам чу пардаи фонус равшан аст,
Сӯзиш зи бас ба қолаби фарсудаи ман аст.
Дастам бувад зи муҳри хамӣ ба зери санг,
Шавкат, сазои гуфтани беҳудаи ман аст.

* * *

Бе ту ҷомам ба бода дар ҷанг аст,
Сурмаи чашми шишаам санг аст.
Мекунам нақш хонаи дилро,
Қадаҳи май пиёлаи ранг аст.
Чун шарорам либос аз хор аст,
Тори пероҳанам ранги санг аст,
Мерасад айши ман ба сад сахтӣ,
Шишаам сабзаи таҳи санг аст.
Сӯхтам оламу надид касе
Шуълаам чун нигоҳи беранг аст,
Боғи рангинхаёлиям, Шавкат,
Хомаам андалебоҳанг аст.

* * *

Вусъати майхонаи ман аз дили танги худ аст,
Бодаам чун ғунча аз паймонаи ранги худ аст.
Об гардид аз таби гарми тани мо ҷони мо,
Шишаи моро гудоз аз оташи санги худ аст.
Фикри рӯзӣ мезанад оташ ба ҷони аҳли дил,
Офати хирманталаб аз барги беранги худ аст.
Ҳусни маҳҷуб об гардад аз гудози шарми хеш,
Ин гули нозук гулоб аз оташи ранги худ аст.
Мешавад ойинаи мард аз таҳаммул сайқале,
Об аз истодагӣ равшангари ранги худ аст.
Оташам, Шавкат, яке бошад ба чашмам хору гул,
Ҳар кӣ бо ман оштӣ созад, пайи ҷанги худ аст.

* * *

Зи савдои сари зулфе зи бас ошуфта шуд оҳат,
Баёзи субҳро сунбул бувад оҳи саҳаргоҳат.
Намедонам кадомин нозанин дил бурда аз дастат,
Ки аз лаб чун раги лаъл аст пайдо риштаи оҳат.
Саропо навбаҳор аз гулшани кӯйе, ки меоӣ,
Ки хуни ранги гул меҷӯшад аз хоки қадамгоҳат.
Ба кӯйи бехудӣ чун шуъла азбас гармрафторӣ,
Ба ҳам чун мӯйи оташдида печад ҷодаи роҳат.
Намедонам чӣ ҳол аст ин, ба қурбонат равад Шавкат,
Ки дилҳоро ба фарёд оварад фарёди ҷонкоҳат!

* * *

Баски рангам зард аз ҳаҷри рухи он бевафост,
Бар ҷабин чине, ки дорам, мавҷи оби каҳрабост.
Кулбаи равшандилонро эҳтиёҷи фарш нест,
Хонаи ойинаро аз ҷавҳари худ бурёст.
Мардуми девона дар пирӣ ба давлат мерасанд,
Беди маҷнун чун хазон гардид, занҷири тилост.
Ҳалқаи занҷири ман гирдоби бетобӣ шуда-ст,
Бар кафи атфол, гӯё, санг аз оҳанрабост.
Кай ғами торикии шабҳост Маҷнуни туро,
Шуълаи овози занҷираш чароғи пеши пост.
Нози ӯро тори пероҳан бувад чини ҷабин,
Чун ба ҳам пайваста гардад, абрувон банди қабост.
Чун нигоҳи ӯ саодат мечакад, Шавкат, зи ман,
Сояи мижгон ба фарқам сояи боли ҳумост.

* * *

Аз баҳори кунҷи хилват медамад бӯйи биҳишт,
Одам аст он кас, ки бандад дида аз рӯйи биҳишт.
Зинҳор аз ҷодаи афтодагӣ берун марав,
К-ин деҳи хобида дорад сар ба зонуйи биҳишт.
Кишти касрат об аз дарёи ваҳдат мехурад,
Раҳ зи чоки синаи гандум бувад сӯйи биҳишт.
Домани гулгунқабоён то ба даст овардаам,
Остинафшон гузаштам аз сари кӯйи биҳишт.
Шавкат, аз худ об дорад нони хушки қонеъон,
Сар ба ҳам доранд чоки гандуму ҷӯйи биҳишт.

* * *

Сари мо пур зи нашъаи савдост,
Мағзи мо пунбаи сари миност.
Чашми сӯзан ба олами таҷрид
Оҳанинтавқи гардани Исост.
Гирдбоде ба ҳар куҷо бинӣ,
Ҷодаи роҳи олами болост.
Гули иқболи мо пушаймонист,
Кафи афсӯси мо ду боли ҳумост.
Шавкат, аз гуфтугӯ даҳон бастам,
Лаби хомӯши мо гули раъност.

* * *

Бетааллуқ чу шавӣ, хори муғелон чаман аст,
Шафақи шоми ғарибон гули субҳи ватан аст.
Хилъате нест сабукрӯҳтар аз урёнӣ,
Чун шавад қомати мо ҳалқа, зеҳи пераҳан аст.
Баски доранд ба ҳам мавту ҳаётам пайванд,
Риштаи пераҳанам баста ба тори кафан аст.
Хилъати фақр ба бар, рӯй ба ғурбат дорам,
Бахяи хирқаам аз риштаи ҳуббулватан аст.
Ҳосил аз шеър маро ғайри пушаймонӣ нест,
Чун ду мисраъ ба ҳам орам, кафи афсӯси ман аст,
Солики ташналаби дашти пушаймониро
Лаби афсӯс ақиқест, ки муҳри даҳан аст.
Ҳақ чу афтод сухан, дор бувад минбари қадр,
Ботил афтод чу даъвӣ, раги гардан расан аст.
Ошиқ он аст, ки худро ҳама маъшуқ кунад,
Гар кашад сурати Ширин, ҳунари Кӯҳкан аст.

Бӯйи гулро натавон кард гирифтори қафас,
Ҷойи раҳм аст ба рӯҳе, ки гирифтори тан аст.
Сад найистон қалам аз бими шарар месӯзад,
Ин қадар шуълаи идрок чӣ оташфиган аст?!
По зи зулматкада, Шавкат, нагузорам берун,
Ки маро пардаи маҳтоб қумоши сухан аст.

* * *

Хомушӣ нозукдилонро пардапӯши роз нест,
Хоки чинӣ гар бувад аз сурма, беовоз нест.
Мегурезӣ, ай кабӯтар, чанд аз мактуби ман,
Номаам охир баёзи гардани шаҳбоз нест!
Қуввати маънӣ ба ҷойе мерасонад мардро,
Хомаам мавҷи рақам кам аз пари парвоз нест.
Кабки ман мастона механдад ба кӯҳсоре, ки боз
Бе садои обшоре синаи шаҳбоз нест.
Дил зи дастам мебарад шӯхе, ки аз тифлӣ ҳанӯз
Чашми ӯ сайдафгану зулфаш камандандоз нест.
Мешавад соф аз ғубори хомушӣ тақрири мо,
То набошад сурма, ин ойинаро пардоз нест.
Нола меояд бурун аз синаи ман оташин,
Ҷуз пари боли Самандар пардаи ин соз нест.
Решаи ғамро чӣ бок аз нолаи ҷонсӯзи ман,
Мӯйи чиниро хатар аз шуълаи овоз нест.
Баски яксон аст пеши аҳли зоҳир назму наср,
Сарв ҳам, Шавкат, миёни сабзаҳо мумтоз нест.

* * *

Дилдӯзи нигоҳи ту зи мижгони сиёҳ аст,
Мижгони сиёҳи ту пари тири нигоҳ аст.

Аз заъф зи дил оҳ кашидан натавонам,
Ранге, ки парад аз рухи мо, шуълаи оҳ аст.

Даврони сияҳмастии мо айни хумор аст,
Хамёзаи мо гардиши он чашми сиёҳ аст.

Аз файзи қаноат шудаам соҳиби хирман,
Дигар ба назар боли ҳумоям пари коҳ аст.

Шавқам ба раҳат пир шуду мунтазири туст,
Айнак ба назар мениҳаду чашм ба роҳ аст.

Равшан нашавад аз мижаи мо нигаҳи гарм,
Ин барқ чароғи таҳи домони гиёҳ аст.

Хуршед, ки бошад гули рӯйи сабади чарх,
Як барги гул аз ғунчаи он тарфи кулоҳ аст.

Нозад фалак имрӯз ба ҳар байти ту, Шавкат,
Даъвои сухан кун, ки ду мисраъ ду гувоҳ аст.

* * *

Зи оби дидаи ман баски гулситон сабз аст,
Чу ғунча байзаи булбул дар ошён сабз аст.

Чӣ водиест муҳаббат, ки хори савдояш
Зи оби обилаи пойи раҳнавардон сабз аст.

Ба ҷӯйи аҳли ҷаҳон об рехт аз рӯям,
Чунонки донаи гандум ба мағзи нон сабз аст.

Ҳавои шуъла маро баски шуд баҳори вуҷуд,
Чу шамъи сабз маро мағзи устухон сабз аст.

Зи кӯйи ёр басе мезанам дари ибром,
Зи обрӯйи ман он чӯби остон сабз аст.

Фазои бодия бигзаштаи гул аст азбас,
Зи тарҷунунии ман шохи оҳувон сабз аст.

Чу мавҷи об, ки аз акси сабза гирад ранг,
Ниҳоли ман зи тамошон навхатон сабз аст.

Маро чу тоири наззора нест оромӣ,
Зи баски чун мижа хорам дар ошён сабз аст.

Зи боғи толеъи худ, Шавкат, обу ранг махоҳ,
Ки навбаҳори ту пажмурдаву хазон сабз аст!

* * *

Пеши мо фикри сухан сайри гулистон кардан аст,
Лафзро аз ранги маънӣ гул ба домон кардан аст.

Шабнами худро ба роҳи офтоб андохтан,
Дидаро маҳви рухи хуршедрӯён кардан аст.

Аз хати пушти лаби ӯ чашми роҳат доштан,
Тӯтиёи дида аз гарди намакдон кардан аст.

Дидаи худро сияҳ кардан ба чашми масти ӯ,
Риштаи наззораи худ тори мижгон кардан аст.

Ҳуснро дидан зи паҳлӯи нигоҳи ошиқон,
Сайри гулшанро ба боли андалебон кардан аст.

Риштаи наззораи худбин кам аз зуннор нест,
Чашм пӯшидан зи худ худро мусулмон кардан аст.

Мегазам, Шавкат, лаби ҳасрат, ки нуқли базми ман
Уқдаи табхола боз аз лаб ба дандон кардан аст.

* * *

Дар шоми ғами хеш маро субҳи умед аст,
Гар нақши нигин тира бувад, ном сафед аст.

Хуни нигаҳ аз домани мижгон чакад азбас,
Наззораам аз дидани теғи ту шаҳид аст.

Савдои дилам гум шавад аз домани саҳро,
Мижгони ғизолон ба сарам сояи бед аст.

Аз сӯхтагон боз шавад уқдаи хотир,
Фазли дили моро пари парвона калид аст.

Ором бувад ваҳшати мотамзадаи ишқ,
Маҷнуни маро чашми ғизолон шаби ид аст.

Ҳар мӯйи ту шуд матлаъи пирӣ, барад аз хеш,
К-ин ҷода чу тори нафаси субҳи умед аст.

Азбаски ба васли ту гирифтори фироқем,
Моро сухани рӯйбарӯйи ту навид аст.

Беҳосилӣ азбаски самар гашт ба олам,
Аз мардуми дунё лаби хандон гули бед аст.

Шавкат, гули рангини суханҳо, ки шукуфта-ст,
Рангест, ки аз рӯйи забони ту парида-ст.

* * *

Ҳавои Дайру Ҳарам нашъаи мудоми ман аст,
Майи дуоташаи куфру дин ба ҷоми ман аст.

На бӯйи роҳату не ранги офият дорам,
Ман он гулам, ки машоми чаман зукоми ман аст.

Ба роҳи сайди бало дона кардаам хирман,
Тазарви барқ зи ҳар ҷо парад, ба доми ман аст.

Тавон зи нашъаи гармам чароғ равшан кард,
Саводи гардиши паймона хатти ҷоми ман аст.

Маро зи ҳусни бутон бӯйи ишқ меояд,
Тапидани дили ман шӯхии каломи ман аст.

Ба боли фохта аз хеш мекунам парвоз,
Ба ҳар куҷо хабари сарви хушхироми ман аст.

Агарчи карда маро фақр бенишон, Шавкат,
Тилисм бастани нақши нигин ба номи ман аст.

* * *

Ба шаҳри мо ҳунаре ғайри хомушӣ нанг аст,
Нафас кашидани ошиқ паридани ранг аст.

Чунон ба сахтии айёми хеш сохтаам,
Ки тори бистари хороям аз раги санг аст.

Чунон зи шарми ту беобуранг гашт шароб,
Ки мавҷи бода чу мавҷи насим беранг аст.

Тилисми қатъи тааллуқ ба номи мо бастанд,
Бинои хонаи мо чун нигин ба як санг аст.

Наёяд аз ту тараннумшиносию мастӣ
В-агарна тори раги ток масти оҳанг аст.

Зи шарҳи гиря ба каф шуд найқалам рангин,
Биё, бипурс зи чашмам, ки ин чӣ найранг аст?

Зи талхкомии худ хушдил аст соҳиби ном,
Ки заҳри зери нигин сабзаи таҳи санг аст.

Хароби ҷилваи ойинаи ту медонад,
Ки қад кашидани гулҳо паридани ранг аст.

Зи фикри дур хаёлам ғариб шуд, Шавкат,
Миёни маънию лафзам ҳазор фарсанг аст.

* * *

Бода иксири ҷоми маҷлиси мост,
Зари сурхе агар бувад, миси мост.
Хонаи мо кам аз фанокада нест,
Чашми анқо чароғи маҷлиси мост.
Бода чашмакзан аст, пиндорӣ,
Ки сурохӣ кадуи наргиси мост.
Мо ба шайтон надодаем инон,
Одамизодае мувасвиси мост.
Талхкомрона суҳбате дорем,
Муҳраи заҳр нуқли маҷлиси мост,
Шавкат, азбаски метапад дили мо,
Об гардад касе, ки мӯниси мост.

* * *

Маро чӣ мезанӣ, ай боғбон, ба чашм ангушт,
Зи ғунча мезанадам гулситон ба чашм ангушт.
Ба чашм баски кунад хидмати нигоҳи туро,
Зи мили сурма ниҳад сурмадон ба чашм ангушт.
Дигар чӣ медиҳадам рухсати сухан кардан,
Кӣ мениҳад даҳанам аз забон ба чашм ангушт!
Назар ба турбати ошиқ кӣ метавонад кард,
Ҳумойро, ки занад устухон ба чашм ангушт!
Ба гирди кӯйи ту гардам, ки баҳри хидмати ӯ,
Ниҳад зи Коҳкашон осмон ба чашм ангушт.
Ба ханда гуфт, ки аз шавқ гиряе сар кун,
Ниҳодам аз мижаи хунфишон ба чашм ангушт.
Ба васфи хатти ту, Шавкат, давот мешиканад,
Ниҳад зи хомаи анбарфишон ба чашм ангушт.

* * *

Ҳарфе зи дасти ранги ту, номеҳрбон, гузашт,
Рафт ончунон, чунонки зи Ҳиндустон гузашт.

Умрам ба гарди кулфат аз ин хокдон гузашт,
З-ин дашт моҳтоб чу ранги равон гузашт.

Пинҳон ҳанӯз оҳани пайкон ба санг буд,
Рӯзе, ки тири нози ту аз устухон гузашт.

Чун неши хор, к-аз гули раъно гузар кунад,
Тире задӣ ба мағзи баҳор, аз хазон гузашт.

Зулфу миёни ёр давиданд баҳри дил,
Зулфаш қадам кашиду зи мӯйи миён гузашт.

То нисбате дуруст ба мижгони ёр кард,
Шуд мили сурма сӯзану аз сурмадон гузашт.

Минои ғунча пур зи шароби табассум аст,
Имшаб кадом ғунчалаб аз гулситон гузашт?!

Дорад гили замин қафаси интизори ман,
Бояд даруни байзаам аз ошён гузашт,

Ҳарфе, ки доштам ба дил аз хештан ниҳон,
Ҷаст ончунон зи хотири ман, к-аз забон гузашт!

Қатъи назар зи рӯйи ту бисёр мушкил аст,
Гирён чу абр бояд аз ин гулситон гузашт.

Шавкат, кунад ба ҷону дилам гиря хасм ҳам,
Азбаски умри ман ба ғами дӯстон гузашт.

* * *

Зоҳид, ба сарат ҳавои мул нест,
Мағзи ту ҳинои пойи гул нест.
Доранд як асл куфру имон,
Бодоми думағзаро ду гул нест.
Покӣ ба раҳи ту соликонро
Аз пасту баланди ҷузву кул нест.
Саҳл аст зи хуни худ гузаштан,
Оби шамшер баҳри мул нест.
Аз ҷаҳли худам ба банд, Шавкат,
Камтар раги гарданам зи ғул нест.

* * *

Нолаам хасми андалебон аст,
Гиряам хунии гулистон аст.
Гар кунӣ дидаи қаноат боз,
Косаи обу гирдаи нон аст.
Сурмаи хомушист зотии мо,
Хоки мо, гӯйӣ, аз Сифоҳон аст.
Мардумак бе туам ба чашми сафед
Ҷойи ангушт дар намакдон аст.
Чун кунад дашти ишқ доман паҳн,
Ҳашр як остин биёбон аст.
Гарди ҳастӣ зи худ фишон, Шавкат,
Ки чароғат ба зери домон аст.

* * *

Рафтанам сӯйи ту аз худ мушкил аст,
З-обу хоки хеш поям дар гил аст.
Тан ҳиҷоби ҷабҳаи мақсуди туст,
З-ин баландӣ чун гузаштӣ, манзил аст.
Аз тапиданҳо ба ҷойе мерасам,
Беқарорӣ боли мурғи бисмил аст.
Ҳар куҷо мо дафтари дил во кунем,
Сафҳаи хуршед фарди ботил аст.
Ҷойи ором аст узлат дар ҷаҳон,
Мавҷро осудагӣ дар соҳил ас т.
Мерасад то синаи ман мавҷи гул,
Содалавҳиҳо замини қобил аст.
Бедилони кишвари ишқи туро,
Дарду ғам чун ҷамъ мегардад, дил аст.
Мерасад сад корвон ваҳшат зи роҳ,
Чашми оҳуям саводи манзил аст.
Пайкарам аз беқарориҳои дил,
То назар афкандаӣ, мушти гил аст.
Дахли сад баҳр аст мавҷи дидаам,
Мардуми чашмам аҷаб дарёдил аст.
Корвони хоксорӣ гаштаем,
Нақши по моро дарои маҳмил аст.
Донаи моро, ки тухми ҳасрат аст.
Сабзаи мижгони оҳу ҳосил аст.
Гашт Шавкат пир баҳри он гуҳар,
Аз қади хамгашта гирдоби дил аст.

*  *  *

Ба боғ бе рухи соқӣ макаш пиёла абас,
Равон макун бати майро ба мавҷи лола абас.
Наёмадӣ ба чаман имшабу ҳаво мегуфт,
Ки моҳи чордаҳу бодаи дусола абас.
Ҳамин зи маҳмили тасвир мерасад дар гӯш,
Ки ҳар куҷо сухан аз хомӯшист, нола абас.
Дили рамида ба олам ба гарди ӯ нарасад,
Давидан аст ба дунболи он ғизола абас.
Ҳазор чашмаи хунам зи хок мечӯшад,
Замона хуни дилам мекунад ҳавола абас.
Чароғи хилвати оғӯш ҷилваи ёр аст,
Ба гирди моҳ нагардидааст ҳола абас.
Чӣ ғам зи даври фалак, Шавкат, аҳли ҳайратро,
Ба шишаи гули тасвир санги жола абас.

*  *  *

Карда аз тардастии худ гиряам таъмири мавҷ,
Ашки гармам карда оташкории шамшери мавҷ.
Беқароронро сафар ваҳшат зи олам кардан аст,
То канори бандари соҳил бувад шабгири мавҷ.
Аҳли оламро ба кори худ набошад ихтиёр,
Баҳрро бошад ба каф сарриштаи тадбири мавҷ.
Лозим афтода-ст нармию дуруштиҳо ба ҳам,
Бошад аз дандони моҳӣ дастаи шамшери мавҷ.
Гардад аз тардастии меъмор вайрон хонаам,
Мешавад селоб девори маро тасвири мавҷ.
Дину дунёро яке аз беқарорӣ кардаем.
Дода пайванд ин ду киштиро ба ҳам занҷири мавҷ.
Покҷавҳарро набошад миннати хушк аз касе,
Шавкат, об аз хештан дорад дами шамшери мавҷ.

* * *

Азбаски шудам маҳви сафои бадани субҳ,
Шуд риштаи наззораи ман пераҳани субҳ.
Равшангуҳаронро набувад ҷуз сухани меҳр,
Аз хатти шуоест забон дар даҳани субҳ.
Гулзори ҷамолат зи хати тарфи баногӯш
Дорад гули шаббӯй шаби настарани субҳ.
Шоме, ки маро бо ту бувад базми хамӯшӣ,
Аз теғи дудам кам набувад дам задании субҳ.
Гар боди саҳар домани зулфи ту фишонад,
Барги гули шаббӯй бувад пераҳани субҳ.
Мижгон набувад дидаи ҳайратзадагонро,
Хори сари девор надорад чамани субҳ.
Аз ҳалқаи пур аст сафо сарддилонро,
Аз хатти шуоест зеҳи пераҳани субҳ.
Аз софдилон файз талаб кун, ки дили шаб
Як нофаи оҳуст зи дашти Хутани субҳ.
Шавкат шаби эҳёи хаёли сари зулфе
Мебофт зи тори нафаси худ кафани субҳ.

* * *

Соқӣ, биё, ки домани гул шуд канори шох,
Зад чун ҳубоб ғунча сар аз чашмасори шох.
Ҷӯши ҳаво ба ҷунбиши мавҷе фигандааст,
Чун каф шукуфтаро ба лаби ҷуйбори шох.
Шуд қатра ғунчаи раги ҳар абри гулбуне,
Азбаски пургул аст барои нисори шох.
Моро зи мо мабод ба ғорат барад баҳор,
Гулгунмайе биёр, ки гул шуд савори шох.
Ин нест барги гул, ки равад ҳамраҳи насим,
Селоби ранг меравад аз кӯҳсори шох.
Во карда аз шукуфа дусад чашми интизор,
Шавкат, ба кӯчае, ки фитода-ст бори шох.

* * *

Сабукгулгунқабоям чун пайи рафтан зи ҷо хезад,
Зи даст аз рафтани ранги ҳино овози по хезад.
Ба ҷойи бода дорад шуълаи ҳалкарда минроям,
Ба ҳар ҷо афтад аз дастам қадаҳ, оташ зи по хезад.
Чунон хокам ба худ ранги тааллуқро намегирад,
Ки нақши бӯрёям аз замин чун бӯрё хезад.
Баҳори турфа имсол омаду аз бахт метарсам,
Ки он нахл аз канори ман пайи нашъунамо хезад.
Рақам аз шикваи чашми ту азбас сурмаолуд аст,
Муҳол аст, аз дариданҳои мактубам садо хезад.
Чу шохи гул, ки аз боди баҳорӣ мекашад қомат,
Пайи таъзими ӯ соғар ба каф соқӣ зи ҷо хезад.
Муҳайёи фаноям ончунон аз хоксориҳо,
Ки гард аз дасти ман аз рафтани ранги ҳино хезад.
Зи бас аз заъф гардид устухонҳои танам зоҳир,
Зи ҷайбам хандаи чоки ҷунун дандоннамо хезад.
Чунон мушти ғуборам об шуд, обам ҳаво гардид,
Ки мағзи устухонам чун каф аз мавҷи ҳаво хезад.
Қабои ӯ чу чашм аз дӯхтан паҳлӯ кунад холӣ,
Чу мижгон худ ба худ аз паҳлуяш банди қабо хезад.
Шудам хокистару кас огаҳ аз сӯзам намегардад,
Зи боми хонам оташ зи беранги ҳаво хезад.
Ба хоки куштаи худ мерасӣ, ай бевафо, рӯзе,
Ки гардад устухонаш гарду аз боли ҳумо хезад.
Муҳаббат кардааст аз мағзи Маҷнун тинатам, Шавкат,
Ба хун ғалтам ба саҳрое, ки овози даро хезад.

* * *

Нуктаи шӯхи ту маст аз майи ором бувад,
Гардиши чашми ту болидани бодом бувад.
Бодаи лаъли лабат нашъаи рангин дорад,
Хати ёқут дар ин базм хати ҷом бувад.
Нест аз лутф ба ман нимнигоҳе, ки туրост,
Мижаат чун ба ҳам ояд, лаби дашном бувад.
Он қадар ҳарфи нигоҳи ту шунидам, ки маро
Пунбаи гӯш ба ранги гули бодом бувад.
Баски аз ҳалқаи аҳбоб рамида-ст дилам,
Қатрае бода ба чашмам гираҳи дом бувад.
Бевафо нест гули дӯстии аҳли ҷаҳон,
Гирди ҳам гаштанашон гардиши айём бувад.
Қисмати Шавкати маҳҷур зи чашми сияҳаш
Нигаҳе бошаду он низ ба пайғом бувад.

* * *

Вақти он кас хуш, ки худро дар хами кокул кашид,
Бодаи ошуфтагӣ дар сояи сунбул кашид.
Рӯйи ҳусну ишқ аз як нашъа гулгун кардаанд,
Метавон тасвири булбулро ба ранги гул кашид.
Сатри дуди шуълаи овоз меояд ба гӯш,
Сафҳаи моро, ки мистар аз пари булбул кашид.
Шавқи аҷзои дили моро ба сад ошуфтагӣ,
Тӯтиё гардад ба чашмам, ҳалқаи кокул кашид.
Хост то равшан кунад Шавкат чароғи табъро,
Равғани маънӣ зи хоки Толиби Омул кашид.

* * *

Аз базми бода баски сафо мавҷ мезанад,
Хуршед дар пиёлаи мо мавҷ мезанад.
Азбаски оби баҳри ҳақиқат бувад латиф,
Зоҳир намешавад, ки куҷо мавҷ мезанад.
Саргаштаанду рӯ ба ту доранд коинот,
Як қибла асту қибланамо мавҷ мезанад.
Ҳар кас, ки дид ранг ба рухсори нозукат,
Гуфто, ки бӯйи гул ба ҳаво мавҷ мезанад.
Набвад ба косаи сари бемағзи ҳар ҳавас,
Аз чашмаи ҳубоб ҳаво мавҷ мезанад.
Наззора чун арақ ба рухат об мешавад,
Аз чеҳраи ту баски ҳаё мавҷ мезанад.
Ҳар орзу, ки мурда ба дил зинда мезанад,
Аз хандаи ту Оби Бақо мавҷ мезанад.
Ё Раб, кӣ об дод ба теғи забон, ки боз
Хуни хамӯшӣ аз лаби мо мавҷ мезанад?!
Хоҳӣ ба шиша, хоҳ ба паймона як мул аст,
Аз дайру Каъба нури Худо мавҷ мезанад.
Шавкат, ба як муҳит ба чашме, ки аҳвал аст,
Шаккар ҷудову шир ҷудо мавҷ мезанад.

* * *

Баҳори нашъаи май ғунча шуд, он лаъли майгун шуд,
Чу сарв аз нози мино сар кашид, он қадди мавзун шуд.
На гулранг аст соқиро баёзи чашм аз мастӣ,
Ки май мекард соф, аз пардаи бодом гулгун шуд.
Раҳоӣ хостам ёбам зи банди майпаристиҳо,
Ба занҷир аз хати паймонаам як ҳалқа афзун шуд,
Инони гиряи девонагӣ азбас раҳо кардам,
Ба саҳро хаймаи Лайлӣ ҳубоби ашки Маҷнун шуд.

Зи чоки сина рӯйи олами дил шуд раҳам пайдо,
Сари ин роҳи нақб аз хонаи ойина берун шуд.
Намегардад ба гӯши ошно, Шавкат, каломи ман,
Зи бас нутқам зи ҷӯши маънии бегона мазмун шуд.

* * *

Хуррам касе, ки соғари ваҳдат ба сар кашид,
Худро аз ин ҷаҳон ба ҷаҳони дигар кашид.
Ҷойе, ки хасм теғи забон мекунад баланд,
Бояд ба зӯри муҳри хамӯшӣ сипар кашид.
То дидааст лаъли камарбанди ёрро,
Худро зи шарм лола ба кӯҳу камар кашид.
Шуд аз забони шуъла маро равшан ин сухан,
Чун шамъ мехӯрад сари худ, ҳар кӣ сар кашид.
Қатъи умед мекунад аз мева ҳамчу бед,
Озодае, ки теғ ба рӯйи самар кашид.
Аз соҳили садаф натавон рафт бешикор,
Бояд чу ришта дом ба оби гуҳар кашид.
Ринде, ки аз шароби ҷунун баҳраманд шуд,
Соғар зи косаи сари Маҷнун ба сар кашид.
Ранг аз гули замини Ҳирот аст фикрро,
Худро наметавон ба замини дигар кашид.
Афшон сари баёзи садаф з-оби гавҳар аст,
Чун Осаф аз раги қалам ашъори тар кашид.
Афрӯхт то замона чароғи атои ӯ,
Равған ҳазор бор ба мағзи гуҳар кашид.
Шавкат, гулоб мекашам аз бӯйи гул, ки боз
Аз ман димоғи нозуки ӯ дарди сар кашид.

*   *   *

Аз хадангаш нишон ба худ болад,
Ҳамчу абрӯ камон ба худ болад.
Гар шаб ояд сагаш ба хонаи ман,
Шамъ чун устухон ба худ болад.
Гар фитад сояи қадаш ба замин,
Хок то осмон ба худ болад.
Мешавад ҳамчу тан аён азбас
Аз хаёли ту ҷон ба худ болад.
Аз ҳадиси лабат чу ғунчаи гул
В-аз баёнам забон ба худ болад.
Шавкат аз нисбати риёзи дараш
Ғунчасон осмон ба худ болад.

*   *   *

Тамошо хатти хубони нигоҳамро парешон кард,
Ба чашми ман саводи мардумакро тухми райҳон кард.
Ба паҳлу аз найистон баҳри тиркаш баста меояд,
Куҷо, ё Раб, касе фатҳи саводи чашми гирён кард.
Зи сӯзи дил бувад ҳар лафзи рангин шамъи гулгуне,
Ба поён бурд ҳар кас нолаам, сайри чароғон кард.
Аҷаб набвад яқини тирабахтӣ шӯхии табъам,
Ки хокамро фалак аз сурмаи чашми ғизолон кард.
Баҳорандом сарве пераҳанчокам чу гул дорад,
Ки ранги соиди ӯ остинро гул ба домон кард.
Ба гулшан ранги шӯхӣ рехт сарви ман чунон имшаб,
Ки тавқи қумриёнро ҳалқаи чашми ғизолон кард.
Зи кӯяш баски сар то пойи савдо омадам, Шавкат,
Ба раҳ нақши қадамро шӯри рафторам намакдон кард.

* * *

Аз нигоҳ ин шӯхчашмон бодаро хун кардаанд,
То баёзи чашми масти хеш гулгун кардаанд.
Нахли муми ман хаси гирдоби оташ гаштааст,
Аз ҳарири шуълаам фонус гулгун кардаанд.
Чун ду нохун ҳар ду оламро ба ҳам овардаанд,
Ошиқон аз пойи худ то хор берун кардаанд.
Аҳли дил вобастаи ранги тааллуқ нестанд,
Даст аз ранги ҳино чун паҳлу берун кардаанд.
Ғофилон аз омади иқболи давлат хушдиланд,
Хешро бозихури ин наъли вожун кардаанд.
Кардаанд аҳли дил аз мавҷи зумуррад болу пар,
Хешро з-ин дашти афъизор берун кардаанд.
Бурдаанд арбоби дунё ҳасрати дунё ба хок,
Молҳо зери замин чун ганҷи Қорун кардаанд.
Нуктасанҷоне, ки ман дар базми Осаф дидаам,
Хишти хумро тахтаи машқи Фалотун кардаанд.
Мефишонанд аҳли дил, Шавкат, ба фирдавс остин,
То нигаҳ рангин аз он рухсори гулгун кардаанд.

* * *

Булбулеро, ки дил аз ёди қафас шод бувад,
Дона аз мардумаки дидаи сайёд бувад.
Гармии оташи гул мекунадаш муҳраи мум,
Байзаи булбул агар байзаи фӯлод бувад.
Булбули нолаи ман тифли «Гулистон»-хон аст,
Ҷунбиши барги гулам силии устод бувад.
Баски дилгир зи худбинии хешам доим,
Ҷавҳвари ойинаам ханҷари фӯлод бувад.
Шавкат, азбаски гирифтори гирифторонам,
Нашавам қумрии он сарв, ки озод бувад.

* * *

Хирад осуда аз базми муҳаббат барнамегардад,
Касе аз бешаи шерон саломат барнамегардад.
Дами теғи аҷалро шоҳроҳи офият донад,
Дили девонаи мо аз шаҳодат барнамегардад.
Набошад дидаи ойина аз равшандилӣ аҳвал,
Дили ориф зи ваҳдат сӯйи касрат барнамегардад.
Катони тоқияшро тоби маҳтоби таҷаллӣ нест,
Калим аз водии эман саломат барнамегардад.
Ба хори реша чун оташ давонад нахли муми ман,
Маро рӯйи дил аз санги маломат барнамегардонад.
Намегардад ба хотир орзуи бӯса Шавкатро,
Ки ёқути туро ранг аз назокат барнамегардад.

* * *

Мавҷи сунбул ба парешонии мо механдад,
Гули ойина ба ҳайронии мо механдад.
Мо саропой гирифтор ба банди ғаразем
В-арна занҷир ба зиндонии мо механдад.
Кафи афсӯс ба ҳам каф занад аз шодии мо,
Лаби ҳасрат ба пушаймонии мо механдад.
Шукр, гар кашмакаши шавқи ҷунун қисмати мост,
Хоки чинӣ, ки ба урёнии мо механдад.
Равзани хонаи мо чашм ба роҳи хатар аст,
Мавҷи селоб ба вайронии мо механдад.
Гарчи моро зиреҳ аз ҷавҳари зотӣ бошад,
Ҷавҳари теғ ба урёнии мо механдад.
Нони хушке шуда, Шавкат, ба ҷаҳон қисмати мо,
Косаи об ба меҳмонии мо механдад.

* * *

Бар ҳар гулшан, ки он сарви баландиқбол меояд,
Гул аз болидани худ баҳри истиқбол меояд.
Каманди ҳиммати ман дорад имшаб ҷуз ба чандоне,
Ки чун аз худ равам, маъшуқ аз дунбол меояд.
Ҳаворо бас тилоӣ гашта аз ранги заифонаш,
Чу рангам мепарад аз чеҳра, зарринбол меояд.
Ҳавои бехудиҳо дорад имшаб нашъаи дигар,
Қадаҳ аз хеш холӣ рафта моломол меояд.
Ба лаб имшаб кадомин нола сангин мерасад, Шавкат,
Ки овози шикаст аз шишаи табхол меояд.

* * *

Бе ту имшаб соғари май пуршароби нола буд,
Пунбаам аз мағзи ҷон бар шишае табхола буд.
Бе ту даврони нишот имшаб ба зудӣ мегузашт,
Гардиши паймонаи мо шуълаи ҷаввола буд.
Шуд баҳору лолаи соғар ба дасти ӯ шукуфт,
Субҳаи саддонаи зоҳид зи тухми лола буд.
Аз гаронӣ баски сангин нола меояд ба лаб,
Сад шикаст имшаб ба чинихонаи табхола буд.
Ҳамчу фасли гул дар ин маҳфил зи дуриҳои дур
Раҳ зи ҷоме то ба ҷоми дигаре яксола буд.
Ҳар куҷо мерафт, дар оғӯши Шавкат ҷой дошт,
Сайри ӯ имшаб чу маҳ по дар рикоби ҳола буд.

* * *

Кучо аз модари айём осоиш ҳавас бошад?
Париданҳои рангам ҷунбиши гаҳвора бас бошад.
Гули ҷамъияти равшандилон аз риштаи оҳ аст,
Баёзи субҳро шероза аз тори нафас бошад.
Ба зоҳирбинӣ азбас кор афтода-ст мардумро,
Агар қадди касе кӯтоҳ бошад, нимкас бошад.
Ба базми май зи бас тарсида бе лаълаш нигоҳи ман,
Ба чашмам даври соғар гардиши чашми асас бошад.
Ба хок аз сояи болам Самандар нақш мебандад,
Тазарви шуълаам, кай ошёнам хору хас бошад?!
Гулистоне, ки сероб аст аз чоҳи занахдонаш,
Ба нахлаш ғабғаби Юсуф турунҷи нимрас бошад.
Ҳамон микдори ӯ, Шавкат, дуним аз теғи афғон аст,
Зи мили сурма гар мурғи маро чӯби қафас бошад.

* * *

Кай тавон аз ҳарфи сарди душманон осуда шуд,
Барги гул натвонад аз боди хазон осуда шуд.
Баски имшаб дид гесӯи сиёҳи худ ба хоб,
Чашми масти ӯ зи нози сурмадон осуда шуд.
То ба шӯхе додаам дил, аз ғами дил фориғам,
Рафт чун гул аз гулистон, боғбон осуда шуд.
Роҳ оташхезу бори корвони мо сипанд,
Чун тавонад дил зи савдои ҷаҳон осуда шуд?!
Захмро аз марҳами кофур ояд лаб ба ҳам,
То ниҳодам муҳри хомӯшӣ, даҳон осуда шуд.
Шуълаи овози моро барги гул доманзан аст,
Чун тавонад булбули мо аз фиғон осуда шуд?
Ғунчаи минқори мо то гашт ранги нағмарез,
Гӯши гулҳо аз фиғони булбулон осуда шуд.

* * *

То ба кай хубон ба ҳоли мо тағолуф сар кунед,
Пушти чашм аз пардаи бодоми нозук тар кунед?!

Маҷлиси наззораи беатри оташхӯ баланд,
Тирабахтон, аз саводи чашми худ анбар кунед!

Олами имкон шуморо то ба кай бошад қафас?!
Ай асирон, аз ду олам фикри болу пар кунед!

Сар бипечед аз каманди миннати мавҷи муҳит,
Обрӯйи хеш ҷамъ овардаву гавҳар кунед!

Мекунад мино баёзи гардани худро баланд,
Майпарастон, субҳи ид омад, нишоте сар кунед!

То зи чашмам духтари раз дур шуд, гаштам ятим,
Раҳмкешон, чораи ин тифли бемодар кунед!

Суҳбати зоҳид маро бисёр аз ҷо бурдааст,
Ин мусулмонзодаро, баҳри Худо, кофар кунед!

Ҳоҷати миқроз набвад қатъи тори ҷодаро,
Роҳи ғамро тай ба як таҳрики болу пар кунед.

Домани дашти адам дигар надорад чашмае,
Бигзаред аз оби шамшеру гулӯе тар кунед!

Тоби дарди сар надорад Шавкати мо аз хумор,
Дӯстон, дигар гулобаш аз гули соғар кунед!

* * *

Девона чунин рахнаи тадбир надорад,
Селоб сари хонаи занҷир надорад.
Нони раҳи солик напазад з-оташи манзил,
Коҳил чу шавад дил, шиками сер надорад.
Парвардаи маънӣ шудаам аз мадади лафз,
Пистони садаф ғайри гуҳар шир надорад.
Гар фаҳм кунӣ, ҳарфи ҷавоб аст шунидан,
Ҳар гӯш забонест, ки тақрир надорад.
Бераҳмияш афзун шавад аз аҷзи нигоҳам,
Наззораам оҳест, ки таъсир надорад.
Кам кун сухани сахт, ки ҷуз ҳарфи мулоим,
Муми дигар ойинаи тақрир надорад.
Девонаи ӯро зи хатар бок набошад,
Майдони ҷунун ҷуз даҳани шер надонад.
Аз ҷилваи ҳамвори ту шуд қатъ ҳаётам,
Обест хироми ту, ки шамшер надорад.
Ғам нест, ки аз дидаи ҳайратзада рафтӣ,
Гоҳе вараҳи ойина тасвир надорад.
Дорад раҳи мо санги нишон аз сари мардон,
Найбешаи мо ҷуз мижаи шер надорад.
Рози дили муштоқи ту муҳтоҷи ду лаб нест,
Қуръони хамӯшӣ забару зер надолрад.
Тардастии меъмор бувад сели биноям,
Вайронаи ман хоҳиши таъмир надорад.
Чашмаш ба дилам масти шакархоби баҳор аст,
Саҳрои хаёлам рами нахчир надорад.
Соқӣ, хати паймонаи май нест кам аз Ҳинд,
Як сабза чу минои ту Кашмир надорад.
Шавкат, ба шаҳодатгаҳи ӯ мерасам, инак
Тарфи кулаҳам ғайри пари тир надорад.

* * *

Касе имшаб ба болини мани бетоб меояд,
Ба ҷӯйи шуъла боз аз равғани гул об меояд.

Нигоҳамончунон шуд обдор аз дидани теғаш,
Ки аз мижгон ба гӯши ман садои об меояд.

Чунон омодаи вайрониям аз дидани гулшан,
Ки мавҷи гул ба чашми оташин селоб меояд.

Мулоқоти азизонро бувад шерозаи ақлат,
Шавад мижгон ба мижгон ошно, чун хоб меояд.

Ба боли болиши пар мепарӣ, аз худ намедонӣ,
Ки аз хошок кори бистари санҷоб меояд.

Парад аз сабзаи мижгони оҳу шабнами шӯхӣ,
Ба ҳар саҳро, ки он хуршеди оламтоб меояд.

Чунон гарми ҳавои сӯхтан гардид аъзоям,
Ки аз наззораи оташ ба чашмам хоб меояд.

Нагардад аз раги ин номдорон нештар рангин,
Кӣ мегӯяд, ки аз захми нигин хуноб меояд?!

Чунон мижгон ба мижгонам раги саргаштагӣ дорад,
Ки ашк аз дидаи ман ҳалқаи гирдоб меояд.

Ҳаво мавҷи рутубат мезанад аз гиряам имшаб,
Ба гӯш овози по аз рафтани маҳтоб меояд.

Ғуборам шуд абир аз накҳати хоки ватан, Шавкат,
Димоғам мерасад, аз кӯчаи аҳбоб меояд.

* * *

З-ойина акси ӯ чу шарар мавҷ мезанад,
Аз оби хушк оташи тар мавҷ мезанад.

Қонеъ зи талхкомии айём фориғ аст,
Аз бӯрёи фақр шакар мавҷ мезанад.

Дарёи лашкар аст ду олам зи ҳодисот,
Наззора кун, ки теғу сипар мавҷ мезанад.

Аз содагӣ сафинае аз мум кардаем,
Баҳр аст шуълахезу шарар мавҷ мезанад.

Мушкил, ки чун садаф ба лаби хушк бигзарем,
Аз қулзуме, ки оби гуҳар мавҷ мезанад.

Мавҷе бувад зи чашмаи хуршед теғи ӯ,
Ин об то ба мӯйи камар мавҷ мезанад.

Ширин чу дил ба рӯйи шакар хоб кардаӣ,
Чун ҷӯйи шир файзи саҳар мавҷ мезанад.

Шавкат ба Бесутун сухани Кӯҳкан магӯй,
Аз оби тешаи ту ҳунар мавҷ мезанад.

* * *

Мастон зи гӯш пунбаи ғафлат кашидаанд,
Овози пойи бода расидан шунидаанд.

Онҳо, ки дил ба қитъаи ёқут бастаанд,
Гулгун баёзи дидаи ӯро надидаанд.

Бояд ба хатти лаъли лаби ёр бингаранд,
Мастон, ки дуди оташи майро надидаанд.

Аз барқи хандаи ту сафо мавҷ мезанад,
Ин шуъларо зи оби гуҳар офаридаанд.

Ҳаргиз надида санъати машшотаро ба хоб,
Аз ранги сурма сурати чашмат кашидаанд.

Рангин шуд аз мулоимати табъи мо ҷаҳон,
Аз нахли муми мо гули хуршед чидаанд.

Бӯйи ҷунун зи доғи дилам метавон шунид,
Ин лолаҳо зи турбати Маҷнун дамидаанд.

Рангин шавад нигаҳ зи тамошои сафҳаам,
Гӯё, ки мистараш зи раги гул кашидаанд.

Худро раҳо зи сахтии айём кардаанд,
Софидилон, ки аз дили гавҳар чакидаанд.

Шавкат назора кун, ки ба девори хонаам
Гулҳо ба ранги маънии рангин кашидаанд.

* * *

Гар нишоне аз шикор он турки бадхӯ мебарад,
Пар барои тир аз мижгони оҳу мебарад.
Қосиди нозест ҳар мижгон ба гирди дидааш,
Номаи чашми сиёҳашро ба абрӯ мебарад.
Дасти ӯ чун гул нигорин аст бе ранги ҳино,
Панҷаи гироияш бас ранг аз рӯ мебарад.
Чун нигоҳи ошиқон дуздист кори бахти мо,
Толеи мо ранг аз рухсори ҳинду мебарад.
Соқӣ имшаб пур ба фикри дилбарӣ афтодааст,
Меситонад чини мавҷ аз май, ба яксӯ мебарад.
Бе рухат аз ҳалқаи базми сияҳмастон маро
Бехудӣ ҳамчун нигоҳ аз чашми оҳу мебарад.
Шавкат, осон аз барам дилро насими ҷилвааш
Мебарад он гуна, пиндорӣ, зи гул бӯ мебарад.

* * *

Дил зи дасти ту шаробе натавонист кашид,
Ташнаи мо дами обе натавонист кашид.
Панҷаам хок шуд, аз вай яди байзо бишукуфт,
Домани банди ниқобе натавонист кашид.
Бурда дарди сари ҳасрат ба дили хок Калим,
Аз гули Тур гулобе натавонист кашид.
Чун лаби ташнагии худ ба раҳаш солики мо,
Аз раги мавҷ саробе натавонист кашид.
Ҳусни мағрури ту наззораи худ карда ба хоб,
Нози ойинаву обе натавонист кашид.
Гашт чун обила помоли ҳаводис, Шавкат,
Рахти худро ба харобӣ натавонист кашид!

* * *

Хушнигоҳе боз меҳоҳам назарбозам кунад,
Чашми гулгуне сипанди шуълаи нозам кунад.
Барги гул чун лола доғ аз сояи болам шавад,
Баски беоромии дил гарми парвозам кунад.
Баски аз худ рафтаам, чун ёр ояд бар сарам,
Рангам аз рухсор мехезад, ки овозам кунад.
Ҳарфи рӯйи нимранги ёр азбас нозук аст,
Ҳамчу бӯйи гул ба хомӯшӣ сухансозам кунад.
Иштиёқи остони ёр, Шавкат, то ба кай,
Ҳамчу гулгуни сиришк аз худ сабуктозам кунад.

* * *

Гули соғар ба базмам ғунчаи дилтанг мегардад,
Ба даври ман ба ҷойи соғари май ранг мегардад.
Таваҷҷуҳ кун, ки ёбӣ фурсате аз хештан рафтан,
Қадам то менихӣ, нақши қадам фарсанг мегардад.
Зи ҳусни нимранги кист ҳиҷлат навбаҳоронро,
Ки то рангаш ба ҷой ояд, ба чандин ранг мегардад?!
Сипандам чун тавонад коми дил аз сӯхтан гирад,
Ки аз бетолеъиҳои ман оташ санг мегардад?!
Агар, Шавкат, дурангӣ он гули раъно чунин дорад,
Баҳори сулҳи мо охир хазони ҷанг мегардад.

* * *

Мардумак з-оташи ҳусни ту шакар мегардад,
Мурғи наззораи мо сӯхтапар мегардад.
Араќи рӯйи ту дидам, шудам аз ҳасрат об,
Ки ба рухсори ту чун нури назар мегардад.
Баски чоки дили мо хандаи ширин дорад,
Дидаи сӯзан аз ӯ тунги шакар мегардад.
Ҳуснро нест димоғе, ки ба ишқ омезад,
Бӯйи гул то нафасам омада бармегардад.
Мерасад файз ба ҳар ҳол ба соҳибҷавҳар,
Теғ ҳар гаҳ шиканад, мехи сипар мегардад.
Кори осон набувад маънии равшан бастан,
Наср то назм шавад, об гуҳар мегардад.

* * *

Бе лаби ҷонон бинои дил харобӣ мекунад,
Шиква масти мо мудом аз бешаробӣ мекунад.
Ҳастии ҷовид бошад мотами худ доштан,
Хизр пероҳан ба марги хеш обӣ мекунад.
Рахна афтад ғунчасон аз ханда девори маро,
Хонаам аз мавҷи бӯйи гул харобӣ мекунад.
Водии аз хеш рафтанро баланд оҳистагист,
Барқ гум роҳи худӣ аз пуршитобӣ мекунад.
Майкашӣ ояд агар аз шуълаошомони ишқ,
Мурғи оташхона кори мурғи обӣ мекунад.
Беҳисобонро набошад раҳ ба девори вуҷуд,
Нашмарад ҳар кас нафасро беҳисобӣ мекунад.
Шамъи бефонус, Шавкат, мешавад охир хароб,
Ҳусни ӯ худро фано аз бениқобӣ мекунад.

* * *

Мурғи фиғонам аз ғами матлуб мепарад,
Булбул зи ошёнаи ман хуб мепарад.
Мекард аз ҳаво нигаҳам бӯйи пераҳан,
Чашмам ба боли ҳайрати Яъқуб мепарад.
Аз заъф бори миннати қосид намекашам,
Рангам барои бурдани мактуб мепарад.
Беш аст укдаҳои дили ман зи гармтан,
Сабрам ба боли меҳнати Айюб мепарад.
Мурғе, ки обу донаи ӯ аз таваккул аст,
Шавкат ба боли солики маҷзуб мепарад.

* * *

Чу афрӯзӣ ба боғ аз бода, шамъи арғувон мирад,
Чароғони гул аз таҳрики боли булбулон мирад.
Хамӯшӣ шуълаи овозро фонус мебошад,
Чароғи нутқи мо аз боди домони забон мирад.
Ба хокам, ай ҳумо, чашми тамаъ оҳистатар бикшо,
Маро аз боди мижгони ту шамъи устухон мирад.
Зи бедорӣ чароғе баҳри поси хеш равшан кун,
Ки шамъи гарми хобидан ба чашми посбон мирад.
Ба ҳар ҷо ишқ базми интиқомафрӯз мегардад,
Чароғи моҳтоб аз боди домони катон мирад.
Чу зуд ояд ба каф матлуби кас, коҳилқадам гардад,
Зи бӯйи пераҳан ин ҷо чароғи корвон мирад.
Чӣ медорӣ зи шабҳои ғам уммеди саҳар Шавкат,
Ки пири субҳ дар иқлими шоми мо ҷавон мирад.

* * *

Назокат шеваи килки баҳорафшони ман бошад,
Раги гул риштаи шерозаи девони ман бошад.
Хадангамро ҳадаф аз дидаи афъинажодон аст,
Ки аз санги зумуррад оҳани пайкони ман бошад.
Ба зӯри заъф мепечам ба якдигар бузургонро,
Муҳитафшурдае аз панҷаи марҷони ман бошад.
Зи файзи ишқбозӣ мабдаи эҷоди ҷисми ман,
Хати хубон ғубори гӯшаи домони ман бошад.
Гули айши ман аз ҷамъияти дил ғунча мегардад,
Ҳавасошуфта гаштан фасли гулрезони ман бошад.
Ба гулпероҳанони мисриям бошад гирифторӣ,
Зи нахли гулшани Канъон дар зиндони ман бошад.
Муяссар мешавад аз давлати наззора иқболам,
Саводи Ҳинд, Шавкат, сояи мижгони ман бошад.

* * *

Табъи мастон аз шароби ноб равшан мешавад,
Шамъи чашми моҳиён аз об равшан мешавад.
Саҷдагоҳи дил надорад ҳоҷати шамъу чароғ,
З-оташи санги худ ин меҳроб равшан мешавад.
Бебасиратро кунад соҳиббасират бехудӣ,
Чашми кӯр аз тӯтиёи хоб равшан мешавад.
Акси нури шамъ, шамъи хонаи ойина аст,
Чашми мо аз дидани аҳбоб равшан мешавад.
Тоири ғафлат ба боли болиши пар мепарад,
Шамъи хоб аз гармии санҷоб равшан мешавад.
Омади кор аст, Шакат, хандаи субҳи мурод,
Осиёбонро чароғ аз об равшан мешавад.

* * *

Дӯшам аз ҳайрат хамӯшӣ душмани фарёд буд,
Нолаи гармам чароғи осиёи бод буд.
Шаб, ки бе рухсори ӯ мекардам азбар дарси заъф,
Бар рухам рагомаданҳо силии устод буд.
Буд равшан пеш аз ин базми гирифторон зи ман,
Чашми мурғи ман чароғи хонаи сайёд буд.
Хонаҳои кӯчаи занҷир буд оҳанбино,
Баски аз ман кишвари девонагӣ ободбуд.
Кори ишқ аз сахтҷонони маҳаббат тозарӯст,
Бесутун хуррам зи оби тешаи Фарҳод буд.
Навниёзи шуълаи сӯзи маҳаббат нестам,
Доғи савдоям чу тифли лола модарзод буд.
Бӯйи хун медод имшаб ҳалқаи базми ҷунун,
Оҳани занҷири мо аз ханҷари ҷаллод буд.
Бе қади ӯ баски медодам тасаллӣ хешро,
Зулмати бахти сиёҳам сояи шамшод буд.
Сахт шӯре дошт аз пайкон-ш имшаб синаам,
Булбули гулзори ман аз байзаи фӯлод буд.
Шавкат имшаб дошт идӣ хотирам аз ёди ӯ,
Бехудиҳо омадурафти муборакбод буд.

* * *

Аз тааллуқ бастагӣ дар кор пайдо мешавад,
Чашми сӯзан ҳалқаи занҷири Исо мешавад.
Шуҳрати мо рози моро сели оламгир кард,
Оби ин гавҳар чу гардад паҳн, дарё мешавад.
Суҳбати равшандилон мифтоҳи куфли хомӯшист,
Тӯтии тасвир аз ин ойина гӯё мешавад.
Барқи нози чашми масташ мегудозад хороро,
З-он нигоҳи гарм санги сурма бино мешавад.

Шуд ба ранги сурма хокистар ба мижгонам нигоҳ,
Баски чашмам аз рухаш гарми тамошо мешавад.
Чун ба ёди шӯхии чашми ту аз худ меравам,
Гардиши чашми ғизолам нохуни по мешавад.
Аз сипанди мо садо мастона меояд бурун,
Оташи мо бошад аз санге, ки мино мешавад.
Метапад азбас саропойи ман аз ҷӯши ҷунун,
Нақши поям силии рухсори саҳро мешавад.
Шавкат аз пирӣ шавад айёми айши ман ҷавон,
Ишратам аз қадхамиданҳо дуболо мешавад.

* * *

Дар он дарё, ки акси ман ба мавҷи изтироб ояд,
Париданҳои рангам чун нафас берун зи об ояд.
Замини хонам бошад зи хоки нарм ҳамворӣ,
Ба бедорӣ бибинам нақши пояш, чун ба хоб ояд.
Ҳавои ном дорад, баски бетоб аҳли оламро,
Хат аз зери нигин ҳамчун нафас берун зи об ояд.
Ба мағзи бода азбас мастиям ранги ҷунун резад,
Ба гӯшам нолаи занҷир аз мавҷи шароб ояд.
Ба ҳиммат баски поси обрӯйи хеш медорам,
Ба гӯшам аз шикастанҳои ранг овози об ояд.
Сухан ҳар гаҳ зи мавҷи чини абрӯйи ту бинвисам,
Қалам чун шохи оҳу дар каманди печу тоб ояд.
Муҳит аз нашъаи селоби мавҷи гиряам дорад
Чунон мастӣ, ки бӯйи бода аз ҷоми ҳубоб ояд.
Намедонам зи тундиҳои теғаш, он қадар донам,
Ки чун ояд ба хотир ёди ӯ, овози об ояд.
Зи рӯяш пардаҳои дидаам шуд баски нуронӣ,
Нигоҳ аз машриқи чашмам бурун чун офтоб ояд.
Дили огоҳ мехоҳам, намеояд ба каф, Шавкат,
Зи ғафлат чашм мепӯшам, ки бедорӣ ба хоб ояд.

*   *   *

Ба ҳар саҳро, ки бод он турраи анбарфишон гирад,
Тавонад равғани анбар кас аз реги равон гирад.
Зи қатъи хомӯшӣ захми даҳонам тоза мегардад,
Ҳаво захми лабам аз боди домони забон гирад.
Дар ин гулшан, ки айшу ғам надоранд аз вафо ранге,
Тазарву гул пари парвоз аз барги хазон гирад.
Ғубори хотир аз хоки ватан берун барад моро,
Шавад чун мил гардолуд, дил аз сурмадон гирад.
Сафар аз хилвати ҳайрат набошад покҷавҳарро,
Дили ойина нашнидам, ки аз ойинадон гирад.
Надорад уқдаи сарриштаи тақдири мо Шавкат,
Магар гоҳе ба вақти хомушӣ моро забон гирад.

*   *   *

Дар он саҳро, ки ваҳшат раҳравонро роҳбар бошад,
Саводи манзил аз чашми ғизолон шӯхтар бошад.
Талабгори Худо аз хештан ғофил намебошад,
Ки тори ҷода соликро ба раҳ мадди назар бошад.
Ватан аз шуҳрати шеърам биёбонмарги олам шуд,
Ки шаҳри шоир аз ашъори шоир дарбадар бошад.
Ҷаҳонро по ба сар бигзору кайфият тамошо кун,
Ба боми хонаи афлок маҳтоби дигар бошад.
Ба дилтангӣ қаноат кун, ки дур аз сарзаниш бошӣ,
Раги чини ҷабинро кай хатар аз нештар бошад.
Бувад кӯчакдилӣ сармояи иззат бузургонро,
Агар дарё кунад гирдоварӣ худро, гуҳар бошад.
Сабукрӯҳӣ ба манзил мерасонад раҳнавардонро,
Ки дастафшон гузаштан аз ду олам, болу пар бошад.
Фазои дашт бошад хонаи занҷир Маҷнунро,
Зи худ рамкардаро хоки ватан гарди сафар бошад.

Қаде дар ҷилва ҳамчун сарв дидам дар гулистоне,
Ки он ҷо тавқи қумрӣ ҳалқаи беруни дар бошад.
Ба дармон дарди ман, Шавкат, сари бегонагӣ дорад,
Ба сандал ҷабҳаамро ошноӣ дарди сар бошад.

* * *

Шаҳди лабаш, ки ҳаст зи ҷон бештар лазиз,
Шаккар магӯ, ки нест шакар ин қадар лазиз.
Азбас назар ба лаъли лаби ёр кардаам,
Чашми тарам шуда-ст чу бодоми тар лазиз.
Баъд аз фано ба коми ҳумо устухони ман,
Бошад ба ёди лаъли ту чун найшакар лазиз.
Мо борҳо зи соғари хуршеди ҷоми Ҷам
Май хӯрдаем, нест чу хуни ҷигар лазиз.
Талхӣ кунад ба халқ гуворо туро, ки об
То мехурад ба санг, шавад бештар лазиз.
Шавкат, муҳити ташналабиро садаф манам,
Набвад зи талхкомиям оби гуҳар лазиз.

* * *

Лабаш зи ханда суханпеша мешавад охир,
Нигоҳи ӯ раги андеша мешавад охир.
Илоҷ ғайри мукофот нест золимро,
Ки санги шишашикан шиша мешавад охир.
Чунинки гард нишаста-ст баргу бори маро,
Раги шукуфаи ман реша мешавад охир.
Ба ҳар куҷост ҳунарманд, кори худ созад,
Ба санг оҳани мо теша мешавад охир.
Фалак ба нохунам азбас шикаст най, Шавкат,
Замини хомаи ман беша мешавад охир.

* * *

Ай нишони поят аз чашми ғизолон шӯхтар,
Сояи мижгонат аз мижгони хубон шӯхтар.
Ҳамчу мавҷи оби гавҳар сокин асту беқарор,
Менамояд баски тамкинаш зи ҷавлон шӯхтар.
Маст меояд зи ранги ошиқон гулгунсавор,
Шӯх ҷавлон мекунад, аммо ба майдон шӯхтар.
Баста Монӣ хома аз мижгони оҳуи хаёл,
То кашад тасвири чашмаш аз ғизолон шӯхтар.
Аз рами оҳу биёбон сунбулистон гаштааст,
То ба саҳро кардаӣ ҷавлон парешон шӯхтар.
Бодаро зоҳид ба дастам медиҳад, Шавкат, ба зӯр,
Пири ман бошад ба машраб аз ҷавонон шӯхтар.

* * *

Майпарастам, мағзи ман аз нашъаи саҳбост пур,
Масти хобам, болишам аз пунбаи миност пур.
Сурма чун мавҷи нигаҳ шуд ҳалқаи беруни дар,
Баски то мижгон зи ноз он наргиси шаҳлост пур.
Мӯйи оташдида шуд рагҳои барги лолаҳо,
Баски аз барқи ҷунунам домани саҳрост пур.
Ваҳдати рӯҳониёнро нест аз касрат халал,
Нашъаро ҷо танг набвад, гар зи май миност пур.
Аз сари зулфи кӣ меояд насим, имшаб, ки боз
Косаи сар нофавор аз накҳати савдост пур?!
Дидаи мо софи оби гавҳари биноӣ аст,
Пеши мо аз оби гавҳар домани дарёст пур.
Дил чу хун шуд, интизори чашми мասташ мешавам,
Ҷойи соқӣ ҳаст холӣ, гар зи май миност пур.
Баски ранги шиква резам аз дурангиҳои чарх,
Домани тақрирам аз барги гули раънost пур.
Тинати мо, Шавкат, аз равшандилӣ тахмир ёфт,
Чун садаф аз мағзи гавҳар устухони мост пур.

* * *

Лабам зи ҳарфи лаби ӯст боданӯш ҳанӯз,
Бувад назораи хатташ бунафшапӯш ҳанӯз.
Магӯ, ки мотамие нест марги Маҷнунро,
Ки ҳаст чашми ғизолон сиёҳпӯш ҳанӯз.
Шикоят аз сухани халқ чун кунам, ки маро
Надодаанд забон чун даҳони гӯш ҳанӯз.
Шабе гузашт сияҳмасти ноз аз хокам,
Барад насим ғубори маро ба дӯш ҳанӯз.
Забони ғунчаи тасвир рехт ранги сухан,
Нишастаем ба шохи сухан хамӯш ҳанӯз.
Карашма маст ба саҳро гузашту хуни ғизол,
Занад зи пардаи рагҳои ҷода ҷӯш ҳанӯз.
Дукони зуҳд зи мисков тахта шуд, Шавкат,
Нарафта шайх ба бозори майфурӯш ҳанӯз.

* * *

Мекунад навгули ошуфта нигоҳам, ки мапурс,
Мезанад лолаи оташ ба гиёҳам, ки мапурс.
Ҳайратам бурда ба фикри хату холе имшаб,
Сафи мӯрест ба маҳтоб нигоҳам, ки мапурс.
Ҷодаро ҷавҳари ойина кунад рафторам,
Ҳайрате гашта дигар фарш ба роҳам, ки мапурс.
Сурма карда-ст маро гардиши чашме, ки магӯ,
Гарди ҷавлонгаҳи барқест гиёҳам, ки мапурс.
Рафта сар ҳамчу ҳубобам ба ҳавое, Шавкат,
Боди тунде зи сар афганда кулоҳам, ки мапурс.

* * *

Ойинахонаи назари поки хеш бош,
Оташпарасти шуълаи идроки хеш бош.
Аз гиря гарди ҳастии худро фурӯ нишон,
Яъне, ки мушти обу кафи хоки хеш бош.
Берун манеҳ зи ҷодаи худ пой зинҳор,
Чун хуни май равон ба раги токи хеш бош.
Ман мениҳам чу оби равон сар ба пойи ток,
Зоҳид бирав ба сояи мискови хеш бош.
Шавкат, зи лоғарӣ нашавӣ сайди ҳеч кас,
Мижгони чашми ҳалқаи фитроки хеш бош.

* * *

Бувад хандидани гул булбули чоки гиребонаш,
Найи наргис ба фарёд омад аз бедоди мижгонаш.
Нигори пераҳангулгуни ман шӯх аст, метарсам,
Ки чун ранги ҳино берун равад аз даст домонаш.
Илоҷи хушкмағзиҳои худ аз тири ҷонон кун,
Ки азбас чарбу нармӣ мағзи бодомест пайконаш.
Ҳаловат мезанад аз ҳам, к-аз ӯ чун лаъли ширинро
Ба ҳам доранд ҳамчун ақди гавҳар роҳи дандонаш.
На аз рӯяш саводи сояи мижгон бувад равшан,
Ки аз ойинае рӯ менамояд акси мижгонаш.
Бисоти кӯйи ҷонон нест бе файзи тамошое,
Ки аз дилҳои бетоб аст гавҳарҳои ғалтонаш.
Зи дил берун занад худро зи бетобии ғам ошиқ,
Бувад чун тукма пайдо уқдаи дил аз гиребонаш.
Набошад ҳосили марди суханвар ғайри хомӯшӣ,
Кунад қатъи сухан теғи забони дастадандонаш.
Сафи ҳашр аст як сатр аз китоби ҳиммати Шавкат,
Баёзи субҳи маҳшар сафҳае бошад зи девонаш.

*   *   *

Боз дорад имшабам ҳар мӯй чун парвона рақс,
Мекунад дар ҳар кафи хокам сад оташхона рақс.
Гирди сар гардиданам чун ҳалқа беруни дар аст,
Мекунад парвонаам имшаб бурун аз хона рақс.
Баҳри рӯзӣ беқарориҳои мо имрӯз нест,
Мурғи мо дар байза мекард аз барои дона рақс.
Ишқ дар ҳар ҷо, ки бошад, кори худро мекунад,
З-оташи дар санг дорад боли ин парвона рақс.

*   *   *

Шер рам мекунад аз шӯриши девонаи ишқ,
Дидаи дев бувад шамъи парихонаи ишқ.
Бехудиҳо чу балад гашт, раҳат кӯтоҳ аст,
То сари дор бувад лағзиши мастонаи ишқ.
Куфру ислом дар ин роҳ ду нақши қадам аст,
Каъба сангест зи девори санамхонаи ишқ.
Пунбаи шишаи мо мағзи сари Халлоҷ аст,
Сари тавҳид бувад нашъаи паймонаи ишқ.
Мекунад шамъ худ оташ зи ғуборам равшан,
Шуъла фаршест ба хокистари парвонаи ишқ.
Беҳудӣ хайманишин аст ба саҳрои насим,
Сояи абри баҳор аст сияҳхонаи ишқ.
Пайи гумкардараҳи хонаи хешӣ, Шавкат,
Бехабар бурд маро то ба дари хонаи ишқ.

*   *   *

Медавад бода ба сад ҷилваи мастона зи ток,
Зиндарӯдест дигар то дари майхона зи ток!
Гашта хуррам ҳама ҷо аз асари мавҷи шароб,
Раги ин абр кашад то гили паймона зи ток.

Фориғ аз қайди тааллуқ шудан осон бошад,
Духтари раз равад аз ҳиммати мардона зи ток.
Хоки саҳрои ҷунун хуни майи гулгун аст,
Беҳ бувад сояи занҷир ба девона зи ток.
Шамъи мино ба риёзе, ки фурӯзон гардад,
Ҷойи барг аст намоён пари парвона зи ток.
Ҳаст дар шишаи ҳар барг паризоди дигар,
Саҳни гулзор бувад рашки парихона зи ток.
Тавба то кардаӣ аз бодаи гулгун, Шавкат,
Ҷойи ангур дамад субҳаи саддона зи ток.

* * *

То оҳувона шӯхии чашми ту дидаам,
Доми ғизол шуд дили мижгонгазидаам.
Шармам бурун накард ба базми ту аз ҳиҷоб,
Аз чеҳра рафт пухтаи ранги паридаам.
Аввал парӣ гудохтаам, шиша кардам,
Рӯзе, ки май ба ёди нигоҳат кашидаам.
Об аз сияҳбаҳори нигоҳи ту хурдаам,
Аз сурма ҳамчу сабзаи мижгон дамидаам.
Нақши қадам чу шаҳпари товус доғ шуд,
Чун шуъла гарм баски ба кӯят тапидаам.
Шуд чун баёзи чашми ҳумо устухон сафед,
Аз чарх баски миннати давлат кашидаам.
Афгандаам ба сина зи нохун харошҳо,
Пероҳани бараҳнагии худ даридаам.
Эрон чу ришта баски маро печу тоб дод,
Худро ба Ҳинди сояи гавҳар кашидаам.
Шавкат касе мабод чу ман мавҷи изтироб,
Хуни шарорам, аз раги оташ чакидаам.

* * *

Зи худ то рафтам, аз заъфи бадан тадбирҳо кардам,
Зи ранге то ба ранге омадам, шабгирҳо кардам.
Зи ҳам чашми ғизолон доштанд аз ҷӯши ваҳшат рам,
Ба ҳам ин ҳалқаҳоро бастаму занҷирҳо кардам.
На аз куфру на аз ислом шуд мақсуди ман ҳосил,
Ғалат кардам, ки дайру Каъбаро таъмирҳо кардам.
Дар иқлими шаҳодат он саросар кард дарвешам,
Ки тори хирқаи худ аз дами шамшерҳо кардам.
Ба болини ҷунуни ман маё, ай беҷигар, имшаб,
Ки тори шамъ аз мижгони чашми шерҳо кардам,
Қалам сад бор аз боли тазарви ранги гул бастам,
Ба ҳар ҷо, Шавкат, аз нақши рухаш таҳрирҳо кардам.

* * *

Тасарруф чун кунад душман ба обу ранги ашъорам,
Нигорин гардад ангуште, ки бигзорад ба гуфторам.
Ба чашми муштарӣ гардад нигаҳ об аз тамошоям,
Шавад ёқут хокистар зи гармиҳои бозорам.
Бувад чун зулфи хубон мушкбӯ бахти сиёҳи ман,
Шавад мавҷи ҳаво як даста сунбул аз шаби торам.
Ба рӯзи хоксорӣ зери дастам мешавад душман,
Зи хуни сел мегардад нигорин пойи деворам.
Ғубори кулфатам ойинапардози сухан бошад,
Мусаввир сурати тӯтӣ кашад аз ранги зангорам
Ба сар доғи ҷунунам офтоби ҳашрро монад,
Бувад аз ойина субҳи қиёмат тори дасторам.
Ману базме, ки баҳри гирди сар гардидани шамъаш,
Кунад парвоз чун паврона, Шавкат, ранги рухсорам.

*   *   *

Даҳон аз гуфтугӯ бастам, шикоят мухтасар кардам,
Ба лаб ҳамчун садаф муҳри хамӯширо гуҳар кардам.
Ба ҳар ҷо меравам осоишам беш аст, пиндорӣ,
Ки ғурбатро ба худ кардам ватан, дигар сафар кардам.
Ба вақти бехудӣ омад хаёли ӯ ба ёди ман,
Зи шӯхӣ зудам аз дил рафт, то худро хабар кардам!
Надорам толеъи авҷе ба тифли ашк мемонам,
Ки афтодам зи по, то аз гиребон сар ба дар кардам.
Ба вақти гиря кардам ёди ӯ, мондам дар ин хиҷлат,
Ки домони хаёлашро зи оби дида тар кардам.
Суханро қатъ кун, то қатъи роҳи дил тавон кардан,
Ки ман аз қурси муҳри хомушӣ зоди сафар кардам.
Ба худ кардам гуворо талхии айёмро, Шавкат,
Ба ширинӣ даҳони морро тунги шакар кардам.

*   *   *

Шуълаи ҷавволарангам, хоксорат гаштаам,
Чашмаи симобмағзам, беқарорат гаштаам.
Пардаи бодомро монад ба тан пероҳанам,
Баски як чашми сафед аз интизорат гаштаам.
Аз латофат кас ба коми худ намебинад туро,
Ноумедам аз ту, то уммедворат гаштаам.
Ҷойи як мӯ нест холӣ аз нигоҳи ошиқон,
Рӯгоре ҳамчу хат гирди узорат гаштаам.
Дастаи райҳон камар бандад барои хидматам,
То ғуломи хатти сабзи мушкборат гаштаам.
Базми маъшуқ аст, Шавкат, суҳбати равшандилон,
Гаштаам хуршед, то ойинадорат гаштаам!

* * *

Чунон зи шавқи талаб гарми рафтани роҳам,
Ки ошёни Самандар бувад қадамгоҳам.
Ба васли дӯст расидан бувад баҳор маро,
Зи оби коҳрабо сабз мешавад коҳам.
Зи баски гашта ба кӯйи ту хок аҳли назар,
Ба ҷойи гард нигаҳ хезад аз сари роҳам.
Калимаму яди байзо дар остин дорам,
Пур аз табассуми Юсуф бувад лаби чоҳам.
Чу мардумак наравам аз сиёҳхонаи хеш,
Баёзи дида кунад кор партави моҳам.
Нагашта равшани кас сӯзи синаам, Шавкат,
Чароғи рӯз бувад нолаи саҳаргоҳам.

* * *

Шишаро машшотаи рухсори тақвӣ мекунам,
Аз зумуррад вусмаи абрӯи афъӣ мекунам.
Хобгоҳи ноз мехоҳад ҷунуни саркашам,
Пар ба болини худ аз мижгони Лайлӣ мекунам.
Сар ба ҳар оташ намеорад бурун парвонаам,
Риштаи шамъ аз раги барқи таҷаллӣ мекунам.
Баъди мурдан шуълаи овози ман хомӯш нест,
Аз кафи хокистари худ хок чинӣ мекунам.
Чашми биноӣ маро тоқат намеорад ҳадаф,
Новаки худро пур аз мижгони аъмӣ мекунам.
Сарви оҳам хӯрда об аз ҷӯйбори Каҳкашон,
Даври гардунро хаёли тавқи қумрӣ мекунам.
Кӯчаи мисраъ зи ғавғои ҷунунам пур тиҳист,
Хешро девонаи тифлони маънӣ мекунам.

* * *

То тавонам аз пайи ӯ меравам,
З-ин чаман оҳиста чун бӯ меравам.
Раҳ ба чандин зарра аз як зарра аст,
Гар равам ҳар сӯ, ба як сӯ меравам.
Пуд пайдо гашт тори ҷодаро,
Баски аз мастӣ ба ҳар сӯ меравам.
Хонаи Лайлӣ талаб, девонам,
Дар саводи чашми оҳу меравам.
Ҳамчу сурат, к-аз қалам ояд бурун,
Сӯйи ҷонон бар сари мӯ меравам.
Қонеъ аз маънӣ шавам, Шавкат, ба лафз,
Чун суйи ҷаннат аз он кӯ меравам.

* * *

Боз хоки раҳгузар гардидаам,
Нақши поро гирди сар гардидаам.
Рӯз то шаб гирди кӯйи дилситон
Чун фиғони беасар гардидаам.
Ҳукми ман ҷорӣ ба шайхи майкаш аст,
Подшоҳи хушку тар гардидаам.
Чун сари гирдобу пойи гирдоб,
Бесару по баҳру бар гардидаам.
Дидаам то гармии рафтори ӯ,
Хушк чун оби гуҳар гардидаам,
Дар суроғи ёр беш аз пеши худ,
Бештар аз пештар гардидаам.
Ҳалқаи базм аст хилватгоҳи ӯ,
Баски ӯро гирди сар гардидаам.
Рафтанам сӯйи ту бошад омадан,
Ноумед азбаски баргардидаам.
Карда будам, Шавкат, аз ёди касе,
Шуълаи нури назар гардидаам.

* * *

Доим аз марҳам гурезон аст доғи синаам,
Ташнаи хуни намакдон аст доғи синаам.
Хонаи нози сияҳчашмон бувад оғӯши ман,
Сурмаи чашми ғизолон аст доғи синаам.
Чун саводи мардумак, к-аз дида мегардад аён,
Равшан аз чоки гиребон аст доғи синаам.
Нохуне баҳри харошиу̅ намеояд ба кор,
Тоза аз таҳрики мижгон аст доғи синаам.
Сад чаман гул дар дилам аз ёди ӯ бишкуфтааст,
Ошёни андалебон аст доғи синаам.
Мезанад дил аз хаёли рӯйи ӯ мавҷи парӣ,
Хотами дасти Сулаймон аст доғи синаам,
Решаи ман мехурад, Шавкат, зи ҷӯйи лаъл об,
Лолаи кӯҳи Бадахшон аст доғи синаам.

* * *

Имшаб, ки ба ёдаш майи гулфом кашидам,
Тасвири лаби ӯ ба лаби ҷом кашидам.
Мағзам зи ҷунун хушктар аз оби гуҳар буд,
Аз чашми таре равғани бодом кашидам.
Чун соғари хуршед маро соқии гардун
Ҷоме, ки саҳар дод ба каф, шом кашидам.
Умрест, ки чун ранги ҳинои сари нохун
З-ин ғамкада худро ба лаби бом кашидам.
Карда-ст сарангушти маро ғунчаи шаббӯй,
То даст бар он зулфи сияҳфом кашидам.
Сад бӯса зи гулгунии он чашм гирифтам,
Бингар, ки гулоб аз гули бодом кашидам.
Шавкат, пару бол аст маро мавҷи тапидан,
Аз дом чаро миннати ором кашидам?!

* * *

Бе туам хун бувад майи гулфом,
Ҷавҳари теғ бошадам лаби ҷом.
Дили савдопарасти ман дорад,
Шакаробе ба равғани бодом.
Аз парешоннавои булбули мо
Дастаи сунбул аст риштаи дом.
Пеши он чашми сурмадори сиёҳ
Чашми оҳуст сояи бодом.
Базлагӯийист кори томеъи мо,
Чарб дорад забон зи мағзи ҳаром.
Шавкат, имшаб ба соғарам ҷӯшад
Майи оғозу нашъаи анҷом.

* * *

Саводи Ҳиндро майхонаи андеша медонам,
Ҳинои пойсабзонро майи таҳшиша медонам.
Кашад тасвири Ширинро ба лавҳи санг мижгонам,
Нигоҳи гармро барқи забони теша медонам.
Намегӯям ба кас ҳарфе, шароби худ намерезам,
Кушоданҳои лабро ман шикасти шиша медонам.
Зи мадҳушон ҳаворо сафҳаи тасвир мебинам,
Зи бемағзон ҷаҳонро як найистон беша медонам.
Аз ин бустонсаро қатъи тааллуқ чун кунам, Шавкат,
Ба нахли умри худ тӯли амалро реша медонам.

*   *   *

Ёр аст ба ҳар масҷиду майхона, ки рафтам,
Шамъ аст зи як шуъла ба ҳар хона, ки рафтам.
Буд аз гули зикрат гираҳи нақди баҳорӣ,
Чун риштаи тасбеҳ ба ҳар дона, ки рафтам.
Сад майкада кайфият аз он чашми сияҳ дошт,
Чун бода ба ҳар шишаву паймона, ки рафтам.
Дайру Ҳарам ойинаи тавҳиднамо буд,
Ҷуз хеш надидам ба ҳар хона, ки рафтам.
Тоби нигаҳи гарм надорем чу Шавкат,
Хуш бош, ба шамъ, ай пари парвона, ки рафтам.

*   *   *

Суханро қатъ кардан омад аз теғи забони ман,
Замини чарб бошад марҳами захми даҳони ман.
Ниҳолам аз насими дил тапидан бор мерезад.
Париданҳои ранги ман бувад барги хазони ман.
Чунон сӯям сабук ӯ бетакаллуф дӯш меомад,
Ки аз болидан истиқбол мекард устухони ман.
Бувад муҳри лаби ман тукмаи пероҳани Юсуф,
Насими Миср бошад боди домони забони ман.
Зи роҳи рафтаи худ чун дами шамшер баргардам,
Зи кас он қотили бераҳм гар ҷӯяд нишони ман.
Дилам дар сина рӯгардон бувад аз ҳар баду некӣ,
Бувад рӯ бар қафо ойина дар ойинадони ман.
Парам бишкаста азбас нотавониҳо, магар коҳе
Кунад парвоз ранги чеҳраи ман з-ошёни ман.
Чунон аз дидани лабҳои ӯ шуд гиряам рангин,
Ки оби лаъл меҷӯшад зи чашми хунфишони ман.
Ба сӯйи ман намеояд ҳумо аз бими ҷон, Шавкат,
Баёзи синаи боз аст, гӯё, устухони ман.

* * *

Ба гулшан бе ту бошад шабнаме санги аёғи ман,
Зи боди ҷунбиши барги гуле мирад чароғи ман.
Дилам аз ёди лаъли ӯ ба ранге танг шуд имшаб,
Ки як ҷо ҷамъ шуд чун баргҳои ғунча боғи ман.
Ба кунҷи он даҳон чун бӯсаам аз нотавонӣ гум,
Бувад мавҷи табассум ҷодаи роҳи суроғи ман.
Бинои тоқатам вайрон зи мавҷи ранг мегардад,
Фитад аз хандаи гул рахна дар девори боғи ман.
Зи домони ҳаво домони захмам паҳнтар бошад,
Агар барги гуле болад, хурад нохун ба доғи ман.
Шунав, Шавкат, зи мушкинхомаи ман маънии рангин,
Ки резад хуни булбул аз раги минқори зоғи ман.

* * *

Нагардад аз гули уммед рангин шохсори ман,
Ки нахли мотамам бошад мусибат навбаҳори ман.
Зи ман таълим дорад ашки булбул мавҷи бетобӣ,
Чу гул ранги ҳино резад зи дасти раъшадори ман.
Маро имшаб, ки барқи хирмани ором хоҳад шуд,
Ки ранги чашмаи симоб мерезад қарори ман.
Ба сӯйи турбати ман, ай саропо шохи гул, бигзар,
Ки доми булбулон гардад раги санги мазори ман.
Нигоҳам аз сафои оразат шуд, баски нуронӣ,
Гули маҳтоб мерезад зи чашми ашкбори ман.
Намедонам кӣ сайқал дода миръоти замирамро?
Ки ранги хонаи ойина мерезад ғубори ман.
Муҳол аст ин ки аз тадбир бикшояд дилам, Шавкат,
Ки аз нохун гираҳ чун ғунча меафтад ба кори ман.

* * *

Хуни дил аз дидаам мастона меояд бурун,
Сел аз вайронаам девона меояд бурун.
Заъфарони хандаи барқ аст кишти толеъам,
Нахли муми ман зи оташхона меояд бурун.
Духтари раз чун Зулайхо ояд, аз дунболи ӯ
Юсуфи мастам чу аз майхона меояд бурун.
Кардааст азбаски кори бода ашки Кӯҳкан
Лолаҳо аз Бесутун мастона меояд бурун.
Кишти уммеди маро, Шавкат, зи файзи абри ишқ,
Хизр ҷойи барги сабз аз дона меояд бурун.

* * *

Гиряи мо аз дили бетоб меояд бурун,
Сели мо аз чашмаи симоб меояд бурун.
Ҷисм чун гашт аз риёзат, пухта мегардад аён,
Кӯзаи мумӣ зи оташ об меояд бурун.
Дасти афсӯс аз пушаймонӣ чу меорад ба ҳам,
Чун даҳон захме аз ӯ хуноб меояд бурун.
Хонаамро барқи чашми нимрангӣ сӯхта-ст,
Ҷойи дуд аз равзанам маҳтоб меояд бурун.
Карда, Шавкат, баҳрро девона сели ашки ман
Шевани занҷир аз гирдоб меояд бурун.

* * *

Гар саҳар он гул ба гулгашти чаман ояд бурун,
Бӯйи гул аз ғунча чун оҳ аз даҳан ояд бурун.
Баски дорам шавқи дидораш, чу қабрам во кунанд
Чун нигоҳ аз чашму дудам аз кафан ояд бурун.
Домани мо сурмаолуди ғубори хомушист,
Кай садои чоки мо аз пераҳан ояд бурун.
Ҳарфи кам бишнав, ки гардад мояи пур гуфтанат,
Ҳар чӣ ояд аз раҳи гӯш, аз даҳан ояд бурун.
Ҳар кӣ ишрат мекунад, чарх интиқом аз ман кашад,
Мехурад ҳар кас, ки об аз чашми ман ояд бурун.
Кай кашад ориф пайи сайри ҷаҳон ранҷи сафар,
Ғӯта дар хилват занад, аз анҷуман ояд бурун.
Ҳар кӣ дар зулматсарои хонаи ҳастӣ гурехт,
Чун бурун ояд, ба маҳтоби кафан ояд бурун.
Аз нигоҳи гарми ӯ азбас саропоям гудохт,
Чун нафас аз зери обам ҷон зи тан ояд бурун.
Бигзарад он ёсуманпӯш аз сари хокам агар,
То қиёмат аз мазорам ёсуман ояд бурун.
Дар ғубори хотири худ баски, Шавкат шуд ниҳон
Гард бархезад, агар аз хештан ояд бурун!

* * *

Куҷо аз сурмадон миннат кашад чашми сиёҳи ӯ,
Саводи сурма бошад анбари мавҷи нигоҳи ӯ.
Саводи аъзами майхона хуш ободие дорад,
Ки майдони зи худ рафтан бувад як кӯча роҳи ӯ.
Зи тифли кӯчагарде кай тавон қатъи назар кардан,
Ки нақши по ба гардиш ҳамчу чашм ояд ба роҳи ӯ!
Ғубори роҳи он гулгунқабо ранги дигар дорад,
Ба ҷойи гард бархезад парӣ аз ҷилвагоҳи ӯ.
Ғилофи махмали сабзаш бувад мижгони тӯтиҳо,
Ба ҳар ойина афтад акс аз хатти сиёҳи ӯ.
Лаби майгун бувад чашме, ки ӯ гулгунбаёз афтад,
Бувад мавҷи табассум ҷавҳари теғи нигоҳи ӯ.
Надорад эҳтиёҷи болиши пар масти бепарво,
Бувад боли тазарви нашъаи май хобгоҳи ӯ.
Гузар, ай сабр, аз тақсири беоромии Шавкат,
Бувад мавҷи майи хиҷлат забони узрхоҳи ӯ.

* * *

То каям мижгони чашми доғ бошад тири ӯ,
Дидаи захми маро абрӯ бувад шамшери ӯ.
Хомаи Монӣ зи ҷӯши фикр охир пир шуд,
Кард мӯяшро сафед андешаи тасвири ӯ.
Новаке мижгонаш аз захме маро хомӯш кард,
Оҳани пайкон зи санги сурма дорад тири ӯ.
Карда кори равғани гул хуни гарми куштагон
Мешавад равшан чароғ аз шуълаи шамшери ӯ,
Обу рангашро ба як ҷо нест аз шӯхӣ қарор.
Қоғази абре кунад ойинаи тасвири ӯ.
Аз ҳаво гирад париро ҷазби шавқи шишаам,
Мекунад гироии оғӯши ман тасхири ӯ.
Шуълаи шавқам ба зиндоне, ки резад ранги барқ,
Шуълаи ҷаввола гардад ҳалқаи занҷири ӯ.
Уқдаи хотир ба ҳар саҳро, ки резам аз ҷунун,
Риштаи гавҳар шавад тори рами нахчири ӯ.
Аз асириҳои ман он сарвқад тирафкан аст,
Кардаанд аз тавқи қумрӣ ҳалқаи зеҳгири ӯ.
Сояи теғаш ба мижгон сурмаи хобам кашид,
Болиши махмал бувад хобидани шамшери ӯ.
Хонаи ошиқ хароб аз мавҷи сели дӯстист,
Метавон кард аз ғубори хотире таъмири ӯ.
Нест Шавкатро ба базмаш аз ҳаё роҳи сухан,
Мечакад хуни хамӯшӣ аз раги тақрири ӯ.

* * *

Чунон шуд пардаҳои гӯши ман соф аз барои ӯ,
Ки чун ояд ба хотир, бишнавам овози пои ӯ.
Дили зорам ба дасти тундхӯйӣ масту ором аст,
Ки аз шӯхӣ ба мавҷ ояд чу май ранги ҳинои ӯ.
Чунон дорад латофат ёри рӯҳонисиришти ман,
Ки зоҳир мешавад аз пушти пояш нақши пои ӯ.
Надорад аз шаҳодат гӯшагирӣ ишқ парвое,
Бувад аз ҷавҳари шамшер нақши бӯрёи ӯ.
Кадомин оташинрухсор бар дил рафт, кай донам?
Ки аз гармӣ Самандар ошён бандад ба ҷои ӯ!
Зи файзи боди субҳи он бадан шуд вақти он Шавкат,
Гули хуршед гардад ғунчаи банди қабои ӯ.

* * *

Ай китоби хушнигоҳон пур зи ҳарфи нози ту,
Номаи чашми азизон сарбамуҳри рози ту.
Ранги гул оташпарасти шуълаи наззораат,
Бӯйи мушки оҳу гесӯи камандандози ту.
Аз ҳаё зоҳир хамӯшӣ пеши мо, аммо ба дил
Медиҳӣ дашному меояд ба гӯш овози ту.
Мекунӣ шабгардии хуршедрухсорон ба роҳ,
Аз ҳарири субҳ андозанд пойандози ту.
Чун ҳарифи чашмгирият шавад мушти парам,
Хуни гарми сад Самандар мехурад шаҳбози ту.
Пир гардидему шуд аҳди ҷавониҳо туро,
Гаштааст анҷоми мову мешавад оғози ту.
Ҳамдамат чун гашт маънӣ, ганҷи фикре пеш гир,
Бас бувад, Шавкат, найи килк аз ҷаҳон дамсози ту!

* * *

Ман нагӯям, ки сафар кун зи худу танҳо рав,
Дасти ҷонона бигиру ба дари дилҳо рав.
Гӯшагирӣ накунад фориғат, аз халқ гурез,
Мекунад ҷазбаи баҳрат, ба лаби дарё рав.
Мекунад шӯхии мавҷу рами оҳу, раги абр,
Май ба минову ба сар шӯр, суйи саҳро рав.
Хандаи шиша беҳ аз гиряи арбоби риёст,
Зоҳид аз гӯшаи масҷид ба сари мино рав.
Ай, ки аз ҳастии мо ному нишон металабӣ,
Пайи гумномии мо гиру суйи анқо рав.
Набувад офате аз марг сабукрав ҷонро,
Кас нагуфта-ст ҳаворо, ки ту аз дунё рав!
То ба кай банди гарони ту шабу рӯз дуранг,
Сабук аз худ шаву чун бӯйи гули раъно рав.
Натавон аз сафарам манъ намудан, ки нагуфт
Кас ба хуршед, ки имрӯз марав, фардо рав.
Беҳтар аз бахти сияҳ нест матоъе, Шавкат,
Зулфи ӯ бандари Ҳинд аст, пайи савдо рав.

# АЗ ҒАЗАЛИЁТИ ҒАНИИ КАШМИРӢ

## ҒАНӢ ДОДИ СУХАН ДОДА

Аз суханварони форсигӯйе, ки дар шибҳқораи Ҳинду Покистон зода, камол ёфта ва дар суханварӣ маҳбубияти беандоза касб кардаасту дар бораи ҳаёти сипаринамудааш маъхазҳои мавҷуда ба таври бояду шояд маълумоте надодаанд, Муҳаммадтоҳир маъруф ба Ғании Кашмирӣ мебошад.

Ғании Кашмирӣ дар шаҳри Сринигири Кашмир ба дунё омадааст. Соли таваллуди шоирро, дар заминаи ишораи маъхазу сарчашмаҳои мавҷуда ва радду бадали андешаҳои муаллифони онҳо ва муқобалаву муқоисаи суханварони ҳамзамонаш адабиётшиноси тоҷик Абдуллоҷон Ғаффоров соли 1608 муайян намудааст. Мавсуф аз илмҳои замон бархӯрдор буда, дар тазкираи Мирзо Муҳаммадтоҳири Насрободӣ омадааст, ки «Ғании Кашмирӣ дар таҳсили улум саъй намуда» ва дар зикри номи шоир Бобо Фиғонии Кашмирӣ ин ишораро оид ба Ғанӣ сабти тазкирааш менамояд: «Фиғонӣ Кашмирист. Хуштабиат ва суханшинос аст. Ғании Кашмирӣ таълим аз ӯ дорад». Вале ишораи сонӣ дар ҳеч як маъхази роҷеъ ба Ғании Кашмирӣ сухан ронда такрор нашудааст. Баръакс дар «Миръоту-л-хаёл»-и Шерхони Лудӣ, «Таърихи Аъзамӣ»-и Хоҷа Аъзами Дидамирӣ, «Сарви Озод»-и Мир Ғуломалӣ Озоди Балгиромӣ, «Натоиҷу-л-афкор»-и Муҳаммад Қудратуллоҳи Гӯпомӯй, «Гули раъно»-и Шафиқ, «Маҷмаъу-н-нафоис»-и Сироҷалихони Орзу, «Суҳуфи Иброҳим»-и Иброҳималихони Халил, «Шамъи анҷуман»-и Сиддиқ Ҳасанхон омадааст, ки вай шогирди хушзеҳн ва болаёқати Шайх Муҳсини Фонии Кашмирӣ (вафоташ байни солҳои 1671-1672)

мебошаду бо мурури вақт ва камоли комил ёфтан шуҳрати суханвариаш аз устод мегузарад. Дар ин бора Шерхони Лудӣ ин ишораро дорад: «... Ғанӣ шогирди Шайх Муҳсини Фонӣ буд. Ба мадади табъи даррок дар фунун ва улум бар устод чирадастӣ менамуд. Ҳар гоҳ Шайхро масъала мушкил шудӣ, аз вай истифсор намудӣ». Ба ин маънӣ дар «Таърихи Аъзамӣ» омадааст: «Мавлоно Муҳаммадтоҳири Ғанӣ ҳарчанд шогирди Муҳсини Фонӣ буд, аммо иттифоқи арбоби сухан аст, ки дар хиттаи Кашмир, балки дар тамоми иқлими Ҳинд дар он аҳд ҳамчун ӯ хушхаёли нозукбанде барнахоста».

Номи падари шоир дар ҳеч як аз маъхазҳои ёдшуда наомадааст ва роҷеъ ба хонадонаш низ муаллифони сарчашмаҳо лаб фурӯ бастаанд. Танҳо ҳамин қадар дарёфт шуд, ки гузаштагони вай аслан аз Хуросон буда, ба ҳамроҳи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ба Кашмир муҳоҷират менамоянд ва ин кишварро ватани ҳамешагӣ ихтиёр мекунанд. Онҳо минбаъд пушт ба пушт забони модариро барои баъдинагон нигоҳ дошта омадаанд, ки ашъори Ғании Кашмирӣ бо тамоми фасоҳату балоғаташ баёнгари ҳол аст.

Аз ашъори шоир бармеояд, ки вай хеле миёнаҳолона, ҳатто гоҳе дар тангдастию нодорӣ умр ба сар бурда бошад ҳам, вале ба дорое, ҳокиме, сарватманде дасти тамаъ дароз нанамудааст:

*Маро ба хона сафоле зи бенавоӣ нест,*
*Хушам, ки дар кафи ман косаи гадоӣ нест.*

Ва ба ин маънӣ дар мақтаъи як ғазалаш мегӯяд:

*Ғанӣ аз нанг номи зар нагирад,*
*Ки номи зар гирифтан ҳам гадоист.*

Дар китоби Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ «Эрони Сағир ё тазкираи шуарои порсизабони Кашмир» омадааст, ки Ғанӣ ҳар вақте дар хонааш буд, дарро қулф мекард ва чун берун мерафт, дарро кушода мегузашт. Сабаб пурсиданд ва дар ҷавоб гуфтааст: «Дар хона ба ғайр аз худам чизе, ки қобили арзиш бошад, надорам. Модоме, ки дар хона набошам, эҳтиёҷ ба қулф кардан ҳам нест».

Шоир ба ин маънӣ гуфтааст:

*Даҳри ноамн чунон гашта, ки чун мардуми чашм,*
*То дари хона набандам, набарад хоб маро.*

Зиёда аз ин хонааш хурду тангу торик будаасту вайрону ноobод. Ин ҳолати маҳзункунанда баёнгари он аст, ки шояд шоир зану фарзанд ҳам надошт. Умуман, Ғанӣ зиндагиро дар «узлату риёзат ва муҷоҳидат» мегузаронд. Барояш сафарҳои наздик даст дода бошад ҳам, шоир ҳеч гоҳ аз ватан берун рафтанро то охири умр ба гӯшаи хаёл ҳам наовардааст. Мирзо Муҳаммадтоҳири Насрободӣ менависад, ки чун шуҳрати шоирии Ғании Кашмирӣ ба гӯши сулолаи Муғулҳои Бузурги Ҳиндустон мерасад, ӯро ба пойтахт даъват менамоянд: «Аз саҳеҳулқавле масмӯъ шуд, ки шоҳи волоҷоҳи Ҳиндустон ба Сайфхон – ҳокими Кашмир навишт, ки ӯро равонаи пойтахт намояд. Сайфхон ӯро талабида таклифи рафтан ба Ҳинд намуд. Ӯ ибо намуда гуфт, ки арз кунед, ки девона аст. Хон гуфт: – Оқилеро чун девона бигӯям? Ӯ филфавр гиребони худро дарида девонавор равони хонаи худ шуд. Баъд аз се рӯз фавт шуд».

Дар бораи ба дарбори кадом шоҳ ба Ҳиндустон даъват шудани Ғании Кашмирӣ адабиётшинос А. Ғаффоров менависад: «Мумкин аст Ғаниро Шоҳиҷаҳон (1627-1658), ки нисбат ба дигар подшоҳон ба аҳли санъату адабиёт аҳаммият медод, ба дарбори худ даъват карда бошад».

Ғании Кашмирӣ мавриди мусоиди мураттаб сохтани девони ашъорашро наёфта, соли 1668 аз дунё дармегузарад. Ӯро дар мазорушшуарои диёраш, дар паҳлуи қабрҳои Қудсӣ, Салим, Туғро, Илоҳӣ, Фарҳат ва Матин барин суханварони маъруфи асри XVII ба хок месупоранд. Ин ҳодиса се сол пеш аз фавти устодаш Фонии Кашмирӣ рух дода будааст. Таърихи фавти Ғаниро яке аз дӯстонаш Муҳаммадалии Моҳир, ки пас аз марг девони шоирро ҷамъ овардааст, дар қитъае соли 1079 ҳиҷрӣ, баробар ба соли 1668 мелодӣ, зайлан сабт карда, менависад:

*Чу додаш файзи суҳбат шайхи комил Муҳсини Фонӣ,*
*Ғанӣ сарҳалқаи асҳоби ӯ дар нуктадонӣ шуд.*
*Тиҳӣ чун кард базми Шайхро, гардид таърихаш,*
*Ки «огоҳе суйи дорулбақо аз дори фонӣ шуд».*

Соҳиби тазкираи «Дувист суханвар» Назмии Табрезӣ низ ҳамин солро фавти Ғании Кашмирӣ донисат мегӯяд:

*Аз ҷаҳон гарчи Ғанӣ рафт, вале*
*Чӣ асарҳо, ки зи худ нанҳода?*
*Дидаам дафтару девонашро,*
*Дар сухан доди суханро дода.*
*Соли таърихи вафоташ ҷустам,*
*Ақл гуфто: «Ғании озода».*

Девони Ғании Кашмирӣ, ки аз ҷониби дӯсташ Муҳаммадалии Моҳир таҳияву тадвин гардидааст, аз ғазал, рубоӣ, маснавиҳои хурд ва абёти мутафарриқа иборат буда, борҳо нусхабардорӣ шудааст, ки нусхаҳои он дар Кашмир ва мамлакатҳои хориҷ аз он, минҷумла Тоҷикистони мо, маҳфузанд.

Забеҳуллоҳи Сафо менависад, ки «Нусхае аз девони ӯро дар Китобхонаи Миллии Порис ба шумораи 956 ѕирр. дидам, ки перомуни 1300 байт ғазал ва рубоӣ дорад ва онро носих ба Ғании Лоҳиҷӣ нисбат дода… Баъд аз мутолаа маълум шуд, ки он нусхаи дафтарест аз шеърҳои ҳамин Ғании Кашмирӣ». Дар кишвари мо низ се нусха аз девони ӯ дар Маркази мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як нусха дар Китобхонаи Миллии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешаванд. Ин девон соли 1845 дар Лакҳнав ва боз солҳои 1898 ва 1931 дар ҳамин шаҳр нашри сангӣ ва чопӣ шуда будааст. Адабиётшиноси тоҷик Абдуллоҷон Ғаффоров соли 1978 «Мунтахабот»-и Ғании Кашмириро ба чоп расонд.

Бо эҷодиёти Ғании Кашмирӣ ва баландии маъонии ашъораш пеш аз дигарон фахрияҳои худи шоир моро шинос менамояд ва бешак онҳое, ки назарашонро ба сухани шоир иброз доштаанд, маншаъ аз ҳамин фахрияҳо гирифтаанд. Шоир ба офаридаҳои сеҳри қалами худ борҳо ишора намуда мегӯяд:

*Шеъри дигаронро ҳама донанд ба хотир,*
*Шеъре, ки Ғанӣ гуфт, касе ёд надорад.*

*  *  *

*Барнадорем зи ашъори касе мазмуне,*
*Табъи нозук сухани кас натавонад бардошт.*

*  *  *

*Ҳарчанд шуд лабам чу лаби ҷӯ зи шеър тар,*
*Ҳастам ҳанӯз ташнаи ашъори обдор.*

*  *  *

*Ин аҷаб, табъам агар даъвии эъҷоз кунад,*
*Ки ба лутфи суханам нест касеро сухане.*

*  *  *

*Баста шуд ҳарчанд дар як баҳр маъниҳои тар,*
*Маънии мардум ҳубобу маънии ман гавҳар аст.*

*  *  *

*Ҳарчанд Ғанӣ ҳамчу нигин хонанишин аст,*
*Номаш зи дари баста барояд, чӣ тавон кард!*

Абёти фавқ аз ғазалиёти шоир барчида шудаанд ва Ғании Кашмирӣ асосан бо ғазалиёти ғаррои худ шуҳратёр гардидааст. Ӯро аҳли таҳқиқ аз шоирони тавонои порсигӯй дар Ҳиндустон ва аз ҷумлаи саромадони онон дар ғазал хондаанд. Дар «Каламоту-л-шуаро»-и Муҳаммадафзали Сархуш доир ба табъи баланд ва ҳусни баёни Ғанӣ чунин омадааст: «Пояи суханвариро ба дараҷаи камол расонд. Аз хиттаи Кашмир, балки аз иқлими Ҳинд ҳамчу ӯ хушхаёлу нозукбанд ва маъниёб барнахоста».

Дар маъхазҳо омадааст, ки Соиби Табрезӣ чун роҳгузари Кашмир буд, бо Ғанӣ мулоқот дошт ва тавре Сироҷиддинхони Орзу менависад: «Мирзо Соиб дусад байт аз девони ӯ интихоб зада дар сафинаи худ навишт ва то ҳол баёзи мазкур пеши баъзе ҳаст». Минбаъд Соиби Табрезӣ ба ғазалҳои Ғании Кашмирӣ тазминҳо низ бастааст, монанди:

*Ин ҷавоби он ғазал, Соиб, ки мегӯяд Ғанӣ,*
*«Ёди айёме, ки деги шавқи мо сарпӯш дошт».*

Мир Абдурраззоқ дар «Баҳористони сухан»-и худ роҷеъ ба Ғанӣ ва каломи мавзуни ӯ аз муболиға кор гирифта менависад, ки «Тарзи каломаш ҳаловате ва баҳори ашъораш таровате дорад, ки забони қалам ва қалами забон дар баёни он лол аст. Маъонии хос ва мазомини тоза, ки дар ашъори вай, ки бештар ба тарзи ниҳом аст, ёфта мешавад, дар каломи ҳеч як аз мавзунони олификр пайдо нест. Алҳақ ӯ пояи суханвариро ба дараҷаи баланди сухан ба ҷойе расонида, ки мустамандони соҳибкамол дар пайравӣ ва татаббуъи он чӣ қадар арақрезӣ ва саъйе ба кор мебаранд, то худро андаке бад-он ошно месозанд…». Ва ҳақ ҳам ин аст, ки мақоми баланди ӯро дар шоирӣ пазируфта бошем. Ба ғазалиёти Ғанӣ ҳамроҳ бо забони равон, тозабаёнӣ ва корбурди санъатҳои бадеию истифодаи маъонию оҳангҳои ирфонӣ ғолибан ҷилваҳои дилпазиру хотирмон додаанд. Ин ҷо дарёфту дарк ва истифода аз онҳоро ба хонандаи закитабъ ҳавола намуда, мунтахаби ғазалиёташро пешкаши аҳли ниёз мегардонем.

Ин мунтахаби ғазалиёти Ғании Кашмирӣ дар заминаи нусхаҳои қаламии дар Маркази мероси АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфузбуда ва «Мунтахабот»-и дар соли 1978 интишорёфтаи он таҳияву тадвин гардид.

* * *

Ҷунунӣ ку, ки аз қайди хирад берун кашам поро?!
Кунам занҷири пойи хештан домони саҳроро.
Ба базми майпарастон муҳтасиб хуш иззате дорад,
Ки чун ояд ба маҷлис, шиша холӣ мекунад ҷоро.
Агар шуҳрат ҳавас дорӣ, асири доми узлат шав,
Ки дар парвоз дорад гӯшагирӣ номи анқоро.
Ба базми майпарастон саркашӣ бар тоқ неҳ зоҳид,
Ки мерезанд мастон бемуҳобо хуни миноро.
Шикаст аз ҳар дару девор мерезад, магар гардун
Зи ранги чеҳраи мо рехт ранги хонаи моро.
Надорад раҳ ба гардун рӯҳ, то бошад нафас дар тан,
Расоӣ нест дар парвоз мурғи риштабарпоро,
Ғанӣ, рӯзи сиёҳи пири Канъонро тамошо кун,
Ки равшан кард нури дидааш чашми Зулайхоро.

* * *

Маёр, ай бахт, баҳри ғарқи мо дар шӯр дарёро,
Пари моҳӣ магардон бодбони киштии моро.
Либоси мо-сабуксорон тааллуқ барнаметобад,
Бувад ҳамчун ҳубоб аз бахя холӣ пераҳан моро.
Бувад аз шуълаи овози қулқул базми май равшан,
Сарат гардам, макун хомӯш, соқӣ, шамъи миноро.
Дами ҷонбахши ӯ то ранги ҳайрат рехт дар олам,
Зи меҳр ойина дар пеши нафас дидам Масеҳоро.
Агар лаб аз сухангӯйӣ фурӯ бандем, ҷо дорад,
Ки набвад аз назокат тоби бастан маънии моро.
Ғанӣ, соғар ба каф Ҷамшед пеши майфурӯш омад,
Ки шояд дар баҳои бода гирад мулки дунёро.

* * *

Тиҳӣ кун, ай дил, аз парвардаи худ зуд паҳлуро,
Ки охир нофа то куштан бувад ҳамроҳ оҳуро.
Нагардад шеъри ман машҳур, то ҷон дар танам бошад,
Ки баъд аз марги оҳу нофа берун медиҳад бӯро.
Зи осеби сабо осуда то субҳи абад бошад,
Кунад шамъ аз пари парвона гар таъвиз бозуро.
Ба нармӣ ҷон зи дасти сахтгирон метавон бурдан,
Ба зери теғ ҳаргиз кас нагирад хомаи мӯро.
Кунад дар пеши он пойи нигорин саҷдаҳо зулфаш,
Бале, коре беҳ аз оташпарастӣ нест ҳиндуро.
Фалак дар гардиш аст аз баҳри хоби бахти носозам,
Бувад дар ҷунбиши гаҳвора роҳат тифли бадхӯро.
Ғанӣ, аз сустии толеъ шикаст афтад ба бозорам,
Пайи савдо ба каф гирам агар санги тарозуро.

* * *

Тавонад сурате додан хаёлӣ он парирӯро,
Мусаввир гар кунад аз боли анқо хомаи мӯро.
Ҳазорон маънии борик бошад байти абрӯро,
Ба ғайр аз мӯшикофон, кас нафаҳмад маънии ӯро.
Ба нағма дил чу най бастанд камзарфон аз ин ғофил,
Ки ин май охир аз тундӣ кунад сӯрох паҳлӯро.
Миёни куштагон сар аз ҳиҷолат барнамедорам,
Тиҳӣ то чун камон кардем аз тири ту паҳлӯро.
Магар нақле зи рӯйи нусхаи ҳусни ту бардорад,
Ки моҳ имшаб кашад аз ҳола ҷадвал сафҳаи рӯро.
Ғанӣ, то чанд бошад синачок аз дасти урёнӣ,
Ба тори пераҳан дӯзед чоки синаи ӯро.

* * *

Гуфтугӯ якранг набвад ғофилу ҳушёрро,
Дар нафас бошад тафовут хуфтаву бедорро,
Бар тавозуъҳои душман такя кардан аблаҳист,
Пойбӯси сел аз по афканад деворро.
Тифли ашкам гар ба бозӣ рӯ ба саҳро оварад,
Қоғази боде шуморад абри дарёборро.
Дил ба истидлол бастам, мондам аз мақсуд дур,
Нардбон кардам тасаввур роҳи ноҳамворро.
Ҳоли мо аз номаи боли кабӯтар равшан аст,
Мо чӣ бинвисем шарҳи синаи афгорро!
Шишаҳоро муҳтасиб азбаски бар девор зад,
Кард мино кор охир хонаи хаморро.
Аз маҳу анҷум, Ғанӣ, бар аҳли биниш равшан аст,
К-аз сафедӣ нест нуқсон дидаи бедорро.

* * *

Бар замин пайваста мебинем зулфи ёрро,
Кай равад аз сар ҳавои хок берун морро.
То ту рафтӣ, рафт аз каф нақди айш, ай дилнавоз,
Бод дар даст аст доим бе ту мусиқорро.
Сахтдил кай мерасонад пайрави худро ба ком,
Оби пайкон тар намесозад лаби сӯфорро.
Кӯҳкан гар ҷанг бо хоро кунад беваҷҳ нест,
Дар дили ағёр натвон дид нақши ёрро.
То кай, ай бераҳм, чашми хеш мебандӣ зи мо
Тоқати бастан набошад мардуми беморро.
Боданӯшонро, Ғанӣ, аз оташи дӯзах чӣ бок,
Шуъла шохи гул бувад мурғони оташхорро.

*  *  *

Гармрӯ монанди шамсам баски дар роҳи фано,
Дур набвад гар бисӯзад дар кафи дастам асо.
Хонаи мо зери бори миннати наққош нест,
Нест нақше пеши мо хуштар зи нақши бӯрё.
Баски шуд занҷири поям риштаи ҳуббулватан,
Дар сафар доим чу сӯзан чашм дорам дар қафо.
Гар расад дар гӯши ман овози санги кӯдакон,
Меравам аз хонаи занҷир берун чун садо.
Хона холӣ кун зи асбоби тааллуқ чун ҳубоб,
То наёбад роҳ дар кошонаат сели бало.
Пойи мо дар роҳи ишқ азбаски меояд ба санг,
Мерасад дар гӯши ман аз косаи зону садо.
Аз худоройӣ, Ғанӣ, дар банди зинат нестам,
Мепарад чун ранги рӯ аз дасти ман ранги ҳино.

*  *  *

Ба чашмам обу ранге нест хони подшоҳонро,
Ки дорад косаи дарвеш неъматҳои алвонро.
Нигоҳи тез мебинам ба сӯйи ӯ ғизолонро,
Нигаҳ дорад Худо аз чашми бад он тири мижгонро.
Кас аз парвардаи худ дар ҷаҳон тарфе намебандад
Ба тори нол най дӯзад қалам чоки гиребонро.
Магар он шоҳи хубон кард Мисри ҳуснро ғорат,
Ки бошад бар ҷабин доғи ғуломӣ моҳи Канъонро.
Набошад бе сари зулфат сари бӯйидани мушкам,
Ки бӯйи нофа бошад мӯйи бинӣ бедимоғонро.
Зи беақлӣ чу тифли ашк нек аз бад намедонам,
Сари пистон тасаввур мекунам тӯйи гиребонро.
Таваккулпешаро рӯзӣ ба дасти хеш мебошад,
Макад ангушти худ кӯдак, чу набвад шир пистонро.
Ба ҷуз озор аз ҳамсояи бад кас намебинад,
Ғанӣ, истодагӣ дар лаб газидан нест дандонро.

* * *

Ба резиш зери бори худ даровар соддалавҳонро,
Бияфшон симу зар чандон, ки бардоранд домонро.
Зи дастандози душман нест ғам хилватгузинонро,
Ки бими остин набвад чароғи зери домонро.
Ба бедорӣ хаёли зулфи хубон мекунад шабҳо,
Зи бас пайваста бинад чашми ман хоби парешонро.
Бичӯ дурӣ зи ҳамҷинсон, нишоте гар тамаъ дорӣ
Чу мебинӣ, ҷудо аз якдигар лабҳои хандонро.
Барои захми мо аз мушк то созад сияҳтобаш,
Бар оҳу озмояд чашмат аввал теғи мижгонро.
Магар зад партави хуршеди ҳуснат дар ҷаҳон оташ,
Ки бурҷи обии чоҳ аст манзил моҳи Канъонро.
Ғанӣ, то нақши хат гашт аз нигини лаъли ӯ пайдо,
Даҳан шуд хотами ангушти ҳайрат содалавҳонро.

* * *

Даме, ки ёр гузорад қадам ба хонаи мо,
Сазад, ки Каъба шавад санги остонаи мо.
Сазад, ки даъвии ҳамсоягӣ ба мӯр кунем,
Ки саҳни хонаи халқ аст боми хонаи мо.
Дар ин баҳор, ки бо сабза дом ҳамранг аст,
Чу тухми мурғ нагардид сабз донаи мо.
Дил аз хаёли гираҳҳои ёр чун пур аст,
Гуҳар зи муҳраи мор аст дар хизонаи мо.
Зи шумии қадами мо, Ғанӣ, шавад вайрон,
Бувад зи оҳан агар чун калиди хонаи мо.

* * *

Дар маърака сад захм расад гар ба тани мо,
З-он беҳ, ки бувад доғи сипар бар бадани мо.
То сиркаи пешонии дунон начашидем,
Дандони тамаъ кунд нашуд дар даҳани мо.
Умрест, ки ҷуз шикваи мо кор надорад,
Дӯзед лаби гӯр ба тори кафани мо.
Бурданд пас аз мурдани мо маънии моро,
Сад шукр, ки монда-ст ба ёрон сухани мо.
Азбаски заифем ба ёди камари ӯ,
Ҷуз мӯр касе нест, Ғанӣ, гӯркани мо!

* * *

Чашми мо равшан шуд аз хоки дари майхонаҳо,
Рехтанд аз сурма гӯё ранги ин кошонаҳо.
Саъй баҳри роҳати ҳамсоягон кардан хуш аст,
Бишнавад гӯш аз барои хоби чашм афсонаҳо.
Барҳам аз саргармии мо хӯрд базми майкашон,
Оташе гаштему афтодем, дар майхонаҳо.
Дар шаби зулфи ту хоби хуш насибам кай шавад?
Хор мерӯяд зи паҳлӯям ба сони шонаҳо!
Оташи доғи ҷунун аз санг тифлон мекашанд,
Як нафас ғофил наянд аз кори худ девонаҳо.
Рафт умрам дар ғарибӣ бар бисоти рӯзгор,
Гарчи ҳамчун муҳраи шатранҷ дорам хонаҳо.
Баъди мурдан ҳам нагардам сер аз саҳбокашӣ,
Май ба хум пӯшам, чу гардам хок дар майхонаҳо!
Баъди маргам гар хурад афсӯс он саркаш, чӣ суд?
Мегазад ангушт шамъ аз мотами парвонаҳо!
Доим аз мастӣ, Ғанӣ, дар рақс чун дӯлоб бош,
Гар набошад май, тавон кард об дар паймонаҳо!

* * *

Мо – булбулон баланд насозем хонаро,
Хуш кардаем хонаи якошёнаро.
Сангиндил аст ҳар кӣ ба зоҳир мулоим аст,
Пинҳон даруни пунба нигар пунбадонаро.
Шуд санги остонаи дил ҳар буте, ки буд,
Кофир ба ёди саҷда кун ин остонаро.
Дандони мор гарчи ба афсун тавон кашид,
Аз зулфи ӯ ҷудо натавон кард шонаро.
Рӯзе, ки гул зи боғ ба ғорат барад сабо,
Булбул ба бод деҳ сабади ошёнаро.
Сомони дил хаёли гираҳҳои зулф баст,
Гавҳар бувад зи муҳраи мор ин хизонаро.
Андеша гар зи тангии гӯрат бувад, Ғанӣ,
Дар зиндагӣ зи хок баровар хизонаро.

* * *

Шуд хатм бар ҳадиси ту охир баёни мо,
Бошад нигини номи ту муҳри даҳони мо.
Тар ҳамчу осиё нашуд аз об нони мо,
Аз ташнагист хушк забон дар даҳони мо.
Огаҳ нашуд табиб зи дарди ниҳони мо,
Ин набзи мо хамӯштар аст аз забони мо.
Гӯйӣ, ки дар танӯри фалак қаҳти ҳезум аст,
То иштиҳо насӯхт, нашуд пухта нони мо.
Азбаски васфи чашми сиёҳи ту кардаем,
Гардид мисли сурма забон дар даҳони мо.
Аз сайдгоҳи даҳр нагаштем ноумед,
Зоғи камони мост шикори камони мо.
Мӯйи сафеди мост ҳама гарди осиё,
Шуд қути осиёи фалак устухони мо.
Касро зи доми суҳбати мардум наҷот нест,
Анқост гӯшагир, Ғанӣ, дар замони мо!

* * *

Зи нақши пойи ту гулҳо шукуфт қолиро,
Ниҳол сохта сарви қадат ниҳолиро.
Фароғате ба найистони бӯрё дорам,
Мабод роҳ дар ин беша шери қолиро.
Намешавад сухани пастфитратон машҳур,
Баланд нест садо косаи сафолиро.
Зи тахтабандии чӯби қафас шудам муҳтоҷ,
Дигар илоҷ надидам шикастаболиро.
Ғанӣ, агарчи фақир аст ҳиммате дорад,
Фишондааст ба кавнайн дасти холиро.

* * *

Ҷонро ба кӯйи дӯст равон мекунем мо,
Яъне, ки кори ишқ ба ҷон мекунем мо.
Мутриб гар орзуи ту фарёди мо бувад,
Монанди най ба дида фиғон мекунем мо.
Машҳур дар саводи ҷаҳон аз сухан шудем,
Ҳамчун қалам сафар ба забон мекунем мо.
Натвон чу зоҳид аз раҳи хушкӣ ба кина рафт,
Киштӣ ба баҳри бода равон мекунем мо.
Моро чу шамъи марг бувад хомушӣ, Ғанӣ,
Изҳори зиндагӣ ба забон мекунем мо.

* * *

Дар умр бас бувад дами сарде ғизои мо,
Сӯзад зи нони гарм чу субҳ иштиҳои мо.
Дар факр ҳеч кас набувад ошнои мо,
Наншаст ғайри гард касе дар сарои мо.
Аз рӯзгор рӯзии мо ҷуз шикаст нест,
Санги фалохун аст магар осиёи мо.

З-он пештар, ки донаи хирман ҷудо кунанд,
Сӯрохи мӯр шуд даҳани осиёи мо.
Коҳидааст баски тани мо зи қайди ишқ,
Тавқи гулӯи мо шуда занҷири пои мо.
Мушкил бувад гирифтани чизе зи тангчашм,
Нагрифтааст бахя зи сӯзан қабои мо.
То кардаем дар раҳи шавқат қадам зи сар,
Оташ бувад зи доғи ҷунун зери пои мо.
Дар илми фақр ҳар кӣ шуд устод чун Ғанӣ,
Бардошт нусха аз вараҳи бӯрёи мо.

* * *

Ҳоҷат аз ҳад чу равад, даст диҳад истиғно,
Қади хам ҳалқа чу шуд, кор надорад ба асо.
Хун ба ҷӯш омада аз завқи шаҳодат моро,
Беҳ, ки обе бизанад теғи ту бар оташи мо.
Ҳар кас аз ҷой биҷунбад пайи таъзими касе,
Шамъосо раги гардан бувадаш решаи мо.
Баски аз сӯхтагӣ шуд нафасам хокистар,
Метавон аз дами ман ойинаро дод ҷило.
Чун маҳи нав, ки нагардад зи шафақ ҳаргиз сурх,
Нохуни ҳиммати ман ранг нагирад зи ҳино.
Чораи кор ба дасти ману ман бечора,
Банди ангушт ба нохун натавон кардан во.
Баски бе бодаи гулранг диле бардорад,
Кадуи сабз бимонад ба назар шишаи мо.
Гирди худ гард, Ғанӣ, чанд кунӣ тавфи Ҳарам?
Раҳбаре нест дар ин роҳ беҳ аз қибланамо!

* * *

Фурӯғи шуълаи идрок дар пирист кам пайдо,
Бувад ин маънии пинҳон зи шамъи субҳидам пайдо.
Зи хатти лаб намегардад даҳони он санам пайдо,
Ки пинҳон аст мазмун гарчи мебошад рақам пайдо.
Шавад аз хатти пушти лаб даҳони он санам пайдо,
Ба сони маънии пинҳон, ки гардад аз рақам пайдо.
Ба даври он даҳон гардид хатти беқалам пайдо,
Нашуд ҳаргиз чунин хатти хуш аз катми адам пайдо.
Хуш он солик, ки гирад пеши роҳи бенишониро,
Равад бар об, то навбад аз ӯ нақши қадам пайдо.
Қалам бошад ба ҷойи шамъ базми аҳли маъниро,
Бувад ин маънӣ аз торикии пойи қалам пайдо.
Намебошад мухолиф қавлу феъли ростон бо ҳам,
Ки гуфтори қалам бошад зи рафтори қалам пайдо.
Ба даст аз зулфи ӯ то сархати девонагӣ дорам,
Чу килкам шакли занҷир аст аз нақши қадам пайдо.
Ғанӣ, то чанд пурсӣ, дастгоҳи аҳли маъниро,
Ки бошад вусъати он аз ҳисори ҷоми Ҷам пайдо.

* * *

Нашъаи побӯси худ з-ин пеш бигзор обро,
Ай ниҳоли боғи ҳусн, аз хок бардор обро.
Пешбин бар хасм дар тадбир сабқат мезанад,
Хоб то чашмат набандад, беҳ, ки бандӣ хобро.
Соғари баргаштабахтонро насиб аз бода нест,
Нест ғайр аз об дар паймонаҳо дӯлобро.
Мо ба нармӣ ҷон зи дасти сахтгирон мебарем,
Бими суфтан нест чун дур қатраҳои обро.
Дид то саргаштагиҳои маро дар баҳри ишқ,
Об мегардад зи хоҳиш дар даҳон гирдобро.

* * *

Шаб, ки созад ғами оғӯши ту бетоб маро,
Гар бувад фарш зи махмал, набарад хоб маро.
То забон чун қалам аз ком наёмад берун,
Як дам ин чархи сияҳкоса надод об маро.
Сӯйи масҷид надиҳад нафси бадам роҳ ҳанӯз,
Гарчи аз бори гунаҳ сохт чу меҳроб маро.
Оби теғат чу гузар дар дили маҷрӯҳ кунад,
Бахя чун мавҷ шавад захм чу гирдоб маро
Даҳри ноамн чунон гашта, ки чун мардуми чашм,
То дари хона набандам, набарад хоб маро.

* * *

Намояд ҳикматаш чун дар зиёбахшӣ яди байзо,
Гузорад пунбаро бар доғи моҳӣ аз кафи дарё.
Надорад дар ҳавои гарм лутфе оташи саҳбо,
Ҳилоли ид донам, гар раги абре шавад пайдо.
Насибе нест аз аҳли карам баргаштабахтонро,
Ки ҳаргиз пур насозад косаи гирдобро дарё.
Забони най ба овози баланд ин ҳарф мегӯяд,
Ки месозад ба як дам чӯбро соҳибнафас гӯё.
Хушо аҳде, ки мардум одами бесояро диданд,
Ғариб аст, ин замон гар сояи одам шавад пайдо.
Раҳад кам дар ҳисори хат зи уздон маънии равшан,
Куҷо дузди калаф маҳфуз дорад хирмани маҳро.

* * *

Тан сохта пoбанд дар ин марҳила ҷонро,
Сокин кунад омезиши хок оби равонро.
Он шӯх чу дар мактаби бедод дарояд,
Мадди алифе мешумурад тиру камонро.
Шуд равшанам аз шамъ, ки дар базми ҳарифон,
Хомӯш шудан марг бувад аҳли забонро.
Ҷуз обилаи пойи ман имрӯз дар ин дашт,
Ҷарҳе набувад қофилаи реги равонро.
Муфлис набарад баҳра зи паҳлуи тавонгар,
Кай тири пари хеш диҳад зоғ камонро?!

\

* * *

Ҳар кӣ побанди ватан шуд, мекашад озорҳо,
Пойи гул андар чаман доим пур аст аз хорҳо.
Ҳеч гаҳ аз синаи садчоки мо ёде накард,
Гарчи бастам ришта бар ангушти сӯзан борҳо.
То ба рӯйи гул наафтад чашми берунмондагон,
Баст булбул ошён дар рахнаи деворҳо.
Аз ҳисоби ҳосили киште чунин ғофил наям,
Кардам аз ангушти пойи худ шумори хорҳо.
З-он лаби майгун Ғаниро бодае деҳ сар ба муҳр,
К-аз сараш берун равад боди ҳама пиндорҳо.

* * *

Соқӣ, ба ҷом рез майи португолро,
Моҳи тамом соз ба як шаб ҳилолро.
То ризқ худ расад ба даҳонат чу осиё,
Доим хамӯш дор забони суолро.
Набвад гули тавозуъи душман ба ҷуз газанд,
Побӯси теша афканад аз по ниҳолро.
Чашми фалак, ки мепарад аз шавқи абруят,
Бар дида мениҳад пари коҳи ҳилолро.

* * *

Мағзи сарҳо мехурад чун мори Заҳҳок аз ҷафо
Жожхоро гар забон оранд берун аз қафо.
Гашт бо хори муғелон пойи ман ноошно,
Кафшро бар хоки раҳ андохтам чун нақши по.
Дар пайи мушкилкушоён ҳарза гардидан чаро,
Кай гираҳро мекунад сӯзан зи тори хеш во.
Фикри мо берун намеояд зи гирдоби хато,
Мебарад дурҷ аз каду баҳри гуҳар ғаввоси мо.
Хомгӯён баски месозанд маъниҳо шаҳид,
Шуд замини шеър охир чун замини Карбало.
Зулфро бар рӯйи хат баҳри фиреб афкандааст,
Домҳоро бар сари ҳам густурад сайёди мо.
Ҷони ман, аз пеши муштоқон гузаштан саҳл нест,
Гар кашӣ домон зи дастам, хуни ман гирад туро.
Мекунад ҷузви бадан ҳам аз бадан паҳлу тиҳӣ,
Пӯст, оре, оқибат озор мемонад туро.
Ҳар кӣ бошад дар ҷаҳон муштоқи ҳамранги худ аст,
Коҳ дар парвоз меояд чу бинад каҳрабо.
Аз барои сарв ҷойе чун канори об нест,
Об аз машқи ту гаштам, дар канори ман биё!

*   *   *

Рӯзу шаб азбас замингирам зи дарди дасту по,
Пайкари ман мезанад паҳлӯ ба нақши бӯрё.
Қуввати рафтор дорам бо вуҷуди заъфи по,
Чун қадам дар раҳ гузорам, меравад поям ҷудо.
Такя аз заъфи бадан ҳарчанд дорам бар асо,
Барнамехезам зи ҷойи хеш ҳамчун нақши по.
Пушти мо гардид хам, афзуд заъфи тан маро,
Гарчи муҳкам мешавад, чун ришта мегардад дуто.
Гар чунин аз дарди аъзо хушк гардад пайкарам,
Мешавад ангушти поям рафта-рафта хори по.
Дар илоҷи дарди аъзо сахт ҳайрон мондаам,
Кош мекардам зи ҳайрат як нафас гум дасту по.
Мекашидам интиқоми дарди хеш аз осмон,
Кош будӣ дасту по монанди фикри ман расо.
Гаштан аз паҳлу ба паҳлуи дигар меъроҷи мост,
Нардбоне баҳри мо гардид нақши бӯрё.
Баски дар аъзои мо афтода аз хушкӣ шикаст,
Ҳар раги мо гашта мӯйи косаи зонуи мо.
Ҷисми зори мо надорад тоқати муште кунун,
Устухон санге шуд аз баҳри шикасти ранги мо.
Қуввати ҷазби пари коҳе ба дасти мо намонд,
Кош будӣ устухони дасти мо аз каҳрабо.
Рӯзгоре маънии нағзаш нафаҳмидам ки чист?
Оқибат афтод ин маънӣ маро дар пеши по!
Як нафас дастам чаро ғофил зи ёди дард нест?
Гар напечида-ст аз раг ришта бар ангуштҳо.
Дастҳоро баски аз афсӯс барҳам мезанам,
Мепарад чун ранги рӯ аз дасти ман ранги ҳино.
Қисса дар муддат надорад ҳеч сомоне, Ғанӣ,
То ба кай пеши табибон сар кунӣ ин моҷаро.

* * *

Аз шарми тавба дар арақам, ку шароби ноб?
Бояд матои таршударо дод офтоб!
Рафтем сӯйи ёру надидем рӯйи ёр,
Монанди раҳраве, ки равад рӯ ба офтоб.
То кай фиреби ҳастии мавҳум мехурӣ,
Натвон чу акси ойина шуд ғарқ дар сароб.
Дар ҳашр шуд ба аҳли гунаҳ абри раҳмате,
Андохтам чу домани тирро ба офтоб.
Хуш давлатест фақр, ки дар кунҷи инзиво
Фарши ман аст сояи фарроши офтоб.
Ҳар кас, ки дод тан ба бало, эман аз балост,
Вайрон куҷо зи мавҷ шавад хонаи ҳубоб!
Гар хомаро зи ком бароя̄д забон чу дур,
Шуд баҳри шеър хуштар аз ҷадвали китоб.
То барнаёмада-ст зи комам забон, Ғанӣ,
Чархи сиёҳкоса чу килкам надод об.

* * *

Одаме хокӣ зи хомӣ дорад аз май иҷтиноб,
Кӯзаи гил пухта чун гардад, наметарсад зи об.
Ҳар кӣ дар роҳи сабуксорӣ қадам зад чун ҳубоб,
Ҳеч ҷо пояш налағзад, гар равад бар рӯйи об.
Духтари раз аз нигоҳи гарм афтад дар ҳиҷоб,
Кош афтодӣ гули абре ба чашми офтоб.
Ҳаст майли хӯрдани пон гулрухони Ҳиндро,
Ошиқон гӯйӣ, ки аз хуни худаш доданд об.
Нури ҳусн аз дидаи тардоманон пинҳон шавад.
Бенасиб аз партави шамъ аст фонуси ҳубоб.
Ҷойи биноӣ саводи дида бошад, не баёз,
Ҳеч кас дар рӯз файзи шаб намебинад ба хоб.

Аз хиҷолат барнамедорад чу наргис сар ба пеш,
Ҳар киро фасли баҳорон нест дар соғар шароб.
Зоҳиди беобрӯ гар бар лаби дарё равад,
Мешавад мавҷи ҳасир аз зуҳди хушкаш мавҷи об.
Домани мутриб мадеҳ аз даст дар фасли баҳор,
Риштаи гулдастаи айшат бувад тори рубоб.
Сардмеҳрӣ баски дар дилҳои мардум ҷо гирифт,
Рӯйи гарм аз кас намебинем ғайр аз офтоб.
То Ғанӣ кард иҷтиноб аз майпарастон беҳудӣ,
Гашт ақли мо ба ранги нашъа пинҳон дар шароб.

* * *

Ҳар раги гул риштае бошад ба пои андалеб,
Доми дигар нест ҳоҷат аз барои андалеб,
Ҳаст ҳар шохи гуле ишратсарои андалеб,
Бар замин кай мерасад дар боғ пои андалеб.
То вазид аз гулшани кӯйи ту боде дар чаман,
Бошад аз гул оташе дар зери пои андалеб.
Гул ба ранги шуълаи ҳусн аз чаман парвоз кард,
Гарм то дар ошён гардид ҷои андалеб.
Ҳеч тухме нест зоеъ дар замини поки ишқ,
Хандаҳои гул дамид аз гиряҳои андалеб.
Аз садои хандаи гул мешавад равшан, ки нест
Ҳеч савте дилкушотар аз навои андалеб.
Наварӯсони чаман муштоқи дидори туанд,
Ҳаст дар гулзори кӯят гул ба ҷои андалеб.
Шуд замини шеърам аз гулҳои мазмун гулшане,
Ҳаст ҳар байте дар ӯ ишратсарои андалеб.
Боли булбулро ба ҷойи дастаи гул бастаем,
Бурд аз худ баски моро нолаҳои андалеб.

* * *

Сарномаи мактуби ту сарриштаи кин аст,
Сатре, ки дар ин нома бувад, чини ҷабин аст.
Осудаам аз гармии хуршеди қиёмат,
К-аз лутфи ту ҳар номасияҳ соянишин аст.
Бар рӯйи замин ҳеч кас осуда набошад,
Кунҷе бувад ором, ки дар зери замин аст.
Мо зиндагӣ аз дидани рухсори ту дорем,
Охир нигаҳи мо нафаси бозпасин аст.
Парвона ба таъзим барад номи ман имшаб,
Муме магар аз шамъ маро зери нигин аст.
Равшан ба қаноат шавад ойинаи ботин,
Моҳе, ки дилафрӯз бувад, нони ҷавин аст.
Соғар задани сабзхатон бе мазае нест,
Саҳбокашии ришсафедон намакин аст.
Аз марги худам шод, ки он зулми сияҳпӯш
Гардид парешон зи ғаму хокнишин аст.
Гар бому дараш ҳаст яке, кай равам аз ҷо?
Вайронаи ман ҳам чӣ кам аз хонаи зин аст!
Шамъу пари парвона дарояд ба назарҳо,
То пойи нигорини ту дар домани зин аст.
Коре ба фалак мардуми озода надоранд,
Ҳар сарв, ки дидем, Ғанӣ, хокнишин аст!

* * *

Магар бо сурмаат чашм ошноест,
Ки кори чашми хубон сурмасоист?!
Намози порсо бематлабе нест,
Саломи ӯ саломи рустоист.
Ба зулфи ӯ расида дар сиёҳӣ,
Чаро бахтам хиҷил аз норасоист.
Ба гардун гар равад коре бисозад,
Ки оҳи булҳавас тири ҳавоист.

Ба лутфи чарбу нарме равғане ҳаст,
К-аз ӯ равшан чароғи ошноист.
Ба сони ашки шамъ аз тирабахтӣ,
Гурезон чашми ман аз рӯшноист.
Зи домаш кай тавон парвоз кардан?
Парад гар ранги рӯям, бевафоист!
Зи шарм ангушт дорад дар даҳон тифл,
Сари пистон гирифтан ҳам гадоист.
Ҷуз абрӯе намонда дар ҷабинаш,
Зи бас маҳ бар дараш дар ҷабҳасоист,
Набинад файзи шабро рӯз дар хоб,
Баёзи дидаро кай рӯшноист.
Ғанӣ аз нанг номи зар нагирад,
Ки номи зар гирифтан ҳам гадоист.

* * *

Пир шуд зоҳиду аз рози дарун бехабар аст,
Қади хамгаштаи ӯ ҳалқаи беруни дар аст.
Ҳайратам гашт, ки чун аз сари ушшоқ гузашт,
Оби шамшер, ки хунрези маро то камар аст.
Об чун нест, гузорад ба даҳон ташна ақиқ,
Дида бенам чу шавад, моили лахти ҷигар аст.
Заҳри чашми ту чунон кард сироят дар ман,
Ки маро пӯст ба тан сабз чу бодоми тар аст.
Теғи хунрез, ки гардид алам аз камарат,
Ҷонфишонони туро сӯйи адам роҳбар аст,
Гар диҳӣ тан ба бало беҳ, ки надуздӣ паҳлу
Киштӣ аз сел бувад эману пил дар хатар аст.
Новаки нози ту дар дидаи ман ҷо дорад,
Тири мижгони туро мардуми чашмам сипар аст.
Ҳар кӣ пурсад зи Ғанӣ, ваҷҳи шикасти рангам,
Донам аз сангдилиҳои бутон бехабар аст.

* * *

То сурмадон сиёҳии чашми ту дидааст,
Дар чашми хеш мил зи хиҷлат кашидааст.
Сӯзи дилам чу шамъ ба ҷойе расидааст,
К-аз тухми ашки ман гули оташ дамидааст.
Гардид рози ишқ зи пӯшидан ошкор,
Дандони бахя пардаи моро даридааст.
Қавси қузаҳ агарчи ба гардун кашида сар,
Абрӯи ёр дидаву рангаш паридааст.
Як мӯй фарқ нест миёни ду абруят,
Хуш мисрае ба мисраи дигар расидааст.
З-ин бештар ҳаловати шаҳд ин қадар набуд,
Занбӯр, донам, он лаби ширин газидааст.
Афтод гул зи дидаи Яъқуб ҳамчу ашк,
Донам насими Миср ба Канъон вазидааст.
Дар зиндагӣ ба хоб набинад касе, Ғанӣ,
Осоише, ки дил зи паси марг дидааст.

* * *

Болиши хубони дигар аз пар аст,
Шӯхи моро фитна ба зери сар аст.
Пеши лаби ёр, ки ҷонпарвар аст,
Ҳар кӣ занад дам зи Масеҳо, хар аст.
Мурдаам аз ҳасрати оғӯши ӯ,
Ҷони ман имрӯз киро дар бар аст.
Бар лаби хамёзакашон дар хумор,
Бахя агар ҳаст, хати соғар аст.
Бе рухат азбаски надорад сафо,
Ойина гӯё кафи равшангар аст.
Об бувад маънии равшан, Ғанӣ,
Хуб агар баста шавад, гавҳар аст!

* * *

Не чашми масти ӯ ба шакар хоб рафтааст,
Бахти сиёҳи мост, ки дар хоб рафтааст.
То дидаем субҳи баногӯши ёрро,
Аз чашми мо чу чашми гуҳар хоб рафтааст.
Ин нақши пой нест, ки афтод бар замин,
Пойи сулуки мост, ки дар хоб рафтааст.
Ғафлат нагашт маҳрами хилватсарои мо,
Берун зи чашм ҳалқае дар хоб рафтааст.
Чун осиё мапурс зи осоишам, Ғанӣ,
К-аз чашми ман ба гарди сафар хоб рафтааст.

* * *

Маънии соф, ки дар қобили алфози бад аст,
Ҳаст ойинаи софе, ки ниҳон дар намад аст.
Чӣ аҷаб, гар чамани ҳусни туро дорад сабз,
Холи нили ту, ки тухми гули ҳар чашми бад аст.
Гар зи дамсардии ин тирадилон огаҳ нест,
Зи чӣ рӯ ҷомаи ойина қабои намад аст?
То шуд ангуштнамо турраат аз ҳусни қабул,
Шона бар гесӯи хубони дигар дасти рад аст.
Хокро гул бикун аз гиря, Ғанӣ, дар пирӣ,
Ҳалқаи қомати хам қолиби хишти лаҳад аст.

* * *

Мӯйи сар кардам сафед, аммо хаёлат дар сар аст,
Ахтари пинҳон таҳи ин тӯдаи хокистар аст.
Хоби роҳат дар ҳақиқат мояи дарди сар аст,
Ҳар кӣ дорад ин мараз, пайваста соҳиббистар аст.

Аз хадангат мурғи дил паҳлу ба таркаш мезанад,
К-аз дарун як даста пайкон в-аз бурун мушти пар аст.
Гар муҳаббат дар миён омад, такаллуфгӯ мабош,
Шир дар нури ҳаловат бениёз аз шаккар аст.
Кас зи файзи баҳри ҷудаш дар ҷаҳон маҳрум нест,
Пушти пойе бар дирам, мушти садаф бар гавҳар аст.
Баста шуд ҳарчанд дар як баҳр маъниҳои тар,
Маънии мардум ҳубобу маънии ман гавҳар аст.
Нотавон гаштем чандон, к-аз барои қатли мо,
Теғи абрӯи бутонро мӯ ба ҷойи ҷавҳар аст.
Доғ мебошад илоҷи захм, чун носур шуд,
Дарди бедармони моро чора дарди дигар аст.
Бо ту Ширинро насанҷад Кӯҳкан дар дилбарӣ,
Дар тарозу гарчи як сӯ санг, як сӯ гавҳар аст.

* * *

Дар намакзори саводи Ҳинд шодобӣ кам аст,
Гар дар он ҷо сабзае бошад, зи тухми Одам аст.
Мурдадил чун кӯр аз осеби даврон беғам аст,
Ханда бошад бар лабаш, гар оламеро мотам аст!
Гулшани Кашмирро имсол шодобӣ кам аст,
Гар гуле абри намоён аст, он ҳам бенам аст!
Аз баданҳо дар ҳавои гарм меҷӯшад арақ,
Гар бувад хоки рутубатхез, хоки одам аст.
Дар ҷаҳон натвон нишон аз серчашмӣ ёфтан,
Чашмаи хуршед ҳам муҳтоҷи оби шабнам аст,
Гарди ғам шӯяд зи дилҳо, гиря дар базми самоъ
Ҳаст дар фарёд чашми най, ки холӣ аз нам аст.
Зардии рухсораи ушшоқ бар аҳли тамиз
Мекунад равшан, ки ишқ иксири хоки Одам аст.

* * *

То кори ту бедории шабҳои дароз аст,
Чашмат дари файз аст, ки бар рӯйи ту боз аст.
Афтодану бархостани бодапарастон,
Дар мазҳаби риндони харобот намоз аст.
Май нест чу дар коса маро раъша бар аъзо,
Дастам ба назарпанҷаи танбӯрнавоз аст.
Чун бол кушоям, ки дар ин сайдгаҳи даҳр
Аз дом ҳама рӯйи замин синаи боз аст?!
Гар пардаи номуси кас аз нохуни мутриб
Дар базми тараб пора нашуд, пардаи соз аст!

* * *

Чун остин ҳамеша ҷабинам зи чин пур аст,
Яъне, дилам зи дасти ту, ай нозанин пур аст.
Гул карда устухони тан аз чашми доғҳо,
Монам ба коғазе, ки зи нақши нигин пур аст.
Ҳар захми пай зи нағмаи ширин лаболаб аст,
Занбӯрхонаест, ки аз ангубин пур аст.
Ҳар кас ба даргаҳи карамат бурд туҳфае,
Моро зи дасти холии худ остин пур аст.
Ҷуз зери хок ҷойи мани хоксор нест,
Рӯйи замин зи мардуми болонишин пур аст.

* * *

Баски монанди камон пайкарам аз пирӣ кост,
То нагирад камарам кас, натавонам бархост.
Шуд шакар об зи шарми сухани ширинам,
Гар миёни ману тӯтӣ шакароб аст, баҷост!
То насӯзад, накунад майли баландӣ чу сипанд,
Чашми бад дур аз ин ахтари толеъ, ки марост.
Гар касе менахарад, ғам махур, ай бодафурӯш,
Ин матоъест, ки чун кухна шавад, бешбаҳост.
Умр бошад, ки ба гирдоби ҷунун афтодем,
Кафи ин баҳри пурошӯб зи мағзи сари мост.

* * *

Ба сони осиё дар нафъи ман нафъи ҷаҳон бошад,
Ба халқе мерасад рӯзӣ, маро гар обу нон бошад!
Гадо, чун ёфт рӯзӣ, хешро донад Сулаймоне,
Барои мӯр санги осиё тахти равон бошад.
Ба коми дил расонида-ст май аз дӯстӣ моро,
Илоҳо, то дами охир ба коми дӯстон бошад.
Ҳавои боғи гетӣ чун гули шамъам намесозад,
Насими навбаҳорон баҳри ман боди хазон бошад.
Зи дастандози ғоратгар чаро афсурдадил бошам,
Ки моро чун ниҳоли шамъи гулчин боғбон бошад.
Фалак гирад зи ман рӯзиву бар мардум кунад қисмат,
Миёни осиё аз ман, канор аз дигарон бошад.
Чунон шуд бадгумон сайёд аз андози парвозам,
Ки сӯзад гар пари коҳе маро дар ошён бошад.
Кунад бӯйи шаробам маст аз рӯйи тунукзарфӣ,
Ҳубоби бода дар пешам, Ғанӣ, ратли гарон бошад.

* * *

Лаби лаълат чу муқобил ба майи ноб шавад,
Соғари бода зи хиҷлат чу ҳубоб об шавад.
Ошиқ аз орзуи марг чу бетоб шавад,
Зар ба қотил диҳад аз кушта, чу симоб шавад.
Файз чун гурсначашмон набарад кас зи карим,
Оби дарё ҳамагӣ сарф ба гирдоб шавад.
Сари худро агар аз сарв натобад қумрӣ,
Тақв бар гардани ӯ теғи сияҳтоб шавад.
Ҳар тиҳикор дар ин баҳр бувад саргардон,
Ҳалли ин маънии печида зи гирдоб шавад.
Раҳ ба ҷойе набарад ҳар кӣ зи худ бехабар аст,
Нақши пойе бувад он пой, ки дар хоб шавад.
Бахти шӯрам шуда аз баски гулӯгир, Ғанӣ,
Гар чаконӣ ба лабам шири намак, об шавад!

* * *

Кори гираҳкушо нашавад дар замона банд,
Ҳаргиз касе надид дар ангушти шона банд.
Як дам нагашт сайри биёбон насиби ман,
Гаштам чу реги шишаи соат ба хона банд.
Гарми талаб ба васл намонад зи изтироб,
Тире, ки тез ҷаст, нашуд бар нишона банд.
Ай андалеб, баҳри тамошои акси гул,
Бар рӯйи об ҳамчу ҳубоб ошёна банд.
То кай чу гирдоб тавон буд ҳарзагард,
Худро чу нақши пой ба як остона банд.
Охир зи пурхурӣ шикамат чок мешавад,
То чанд чун анор кунӣ дил ба дона банд.
Монанди гул, Ғанӣ, гираҳи киса боз кун,
То чанд зар чу ғунча кунӣ дар хизона банд.

* * *

То ба саҳро ҳар тараф равшан чароғи лола шуд,
Гирдбод аз партави он шуълаи ҷаввола шуд.
Абри толеъро тамошо кун, ки дар фасли баҳор,
Байзаи булбул барои гулшани мо жола шуд.
Баски дар дашти ҷунун дорем оташ зери по,
Ҳалқаи занҷир хобад шуълаи ҷаввола шуд.
Баски афтода-ст бе лаълат гираҳ дар кори ҷашн
Қатраи май бар лаби дарёкашон бутхола шуд.
То дили мо кард сад фарёд дар саҳрои ишқ,
Гунбади гардун, Ғанӣ, пур аз садои нола шуд.

* * *

Шукронаи тире, ки гузар аз дилу ҷон кард,
Аз даври сарам саҷда ба меҳроби камон кард.
Аз теғ гиребони сабурӣ надаридем,
Чун кӯҳ маро захми забон гарми фиғон кард.
Безорам аз он рӯз, ки вобастаи рӯзест,
Чун субҳи маро дидани нон сер зи ҷон аст.
То оби рухи муҳтасиби шаҳр бирезад,
Мо киштии майро натавонем равон кард.
Ҳарчанд Ғанӣ ҳамчу нигин хонанишин аст,
Номаш зи дари баста барояд, чӣ тавон кард!

* * *

Зинда дар гӯр агар гардиши афлок кунад,
Беҳ, ки дар марги азизон ба сарам хок кунад.
Мекунам гиря зи олудагии домани хеш,
Ашк то домани олудаи ман пок кунад.
Бодаи айш нашӯяд зи дилам гарди малол,
Хешро гар хуми афлок таҳи хок кунад.
Ошёнаш гираҳи хотири гулбун бошад,
Андалебе, ки зи гул майл ба хошок кунад.
Ҳар кӣ чун гӯр занад ханда ба мотамзадагон,
Чашм дорам, ки фалак дар даҳанаш хок кунад,
Ошёнбандии булбул ба гулистон ин ҷост,
Магар аз саҳни чаман хору хасе пок кунад?!
Дар шаби васл нишон медиҳад аз шамъ маро,
Парда чун давр зи рухсори арақнок кунад.
Муҳраи мор бувад дар даҳани бодакашон,
Сар бурун донаи ангур чу аз ток кунад.

* * *

Ҳаст аз силсилаи хокнишонон шамшод,
Дасти байъат магар аз шона ба гесӯи ту дод.
Рехт дандон зи даҳан, рафт ҷавонӣ барбод,
Оҳ аз ин жола, ки дар мазраи бахтам афтод.
Шуд маро аз қафаси байзаи булбул маълум,
Ки гирифтории ушшоқ бувад модарзод.
Бе забон бош, агар майли фароғат дорӣ,
Тифли ашк аст зи таклифи дабистон озод.
Шона умрест, ки аз шавқ кунад такрораш,
Мисраи зулфи ту охир ба забонҳо афтод.
Хома ҳарчанд равад, лек ба маънӣ нарасад,
Саъй коре накунад, чун набувад истеъдод!

*   *   *

Чу мурғи дил ба бустон бе ту дар парвоз меояд,
Ба чашмаш саҳни гулшан синаи шаҳбоз меояд.
Бати саҳбо ба дасте косаи танбӯр, дар дасте
Пайи сайди дили риндон ба таблу боз меояд.
Нишоне нест дар хумхонаи хок аз майи ишрат,
Зи ҷоми холии наргис ҳамин овоз меояд.
Ба рақс ояд, чу кор афтад ба сар соҳибтараддудро,
Ки қосид аз пари мактуб дар парвоз меояд.
Фитад чун рахна дар кори ту бикшояд дари рӯзӣ,
Зи санги осиё дар гӯшам ин овоз меояд.
Зи таҳрики забон доим ба ҳар сӯ меравад шеърам,
Чӣ мурғ аст ин, ки аз як бол дар парвоз меояд?!

*   *   *

Булбули шӯхи маро ром насозад сайёд,
То зи тори раги гул дом насозад сайёд.
Ҳамчу гул мушти парам бехабар аз парвоз аст,
Гӯ, қафасро чу сабад бом насозад сайёд.
Накди беқадр бувад нақши пари товусам,
Агараш сикка занад, дом насозад сайёд.
Чун бати май натавонад, ки маро ром кунад,
Домро то зи хати ҷом насозад сайёд.
Мурғи дил шефтаи сабзаи саҳни чаман аст,
Домро хатти лаби бом насозад сайёд.

* * *

Маънии байзаи фӯлод маро равшан кард,
Сахтгире, ки маро дар қафаси оҳан кард.
Шаб, ки парвона ба пеши дили ман ҷуд кашид,
Шамъ овард, саводи алифе равшан кард.
То кунад аз рухи зебои ту дарюзаи ҳусн,
Ҷайбро ғунчаи гул чок заду доман кард,
Ба чаман рафтию аз баҳри нисори ту сабо
Имтиҳони зари гул бар маҳаки савсан кард.
Чун кунам, шиква зи камҳосилии мазраъи хеш,
Ҳаст мӯр он қадар он ҷо, ки тавон хирман кард.
Ҳеч гаҳ дам назад аз дӯхтани чоки дилам,
Ришта ҳарчанд забон дар даҳани сӯзан кард.

* * *

Рухи зарди ман он чашми сияҳро дар назар бошад,
Маҳакро ҳар куҷо бинӣ сару кораш ба зар бошад.
Зи гардидан расад чун осиё дар хонаам рӯзӣ,
Ман аз гардиш чу монам, рӯзии ман дар сафар бошад.
Ба ҳангоми нисор азбас ҷавоҳир рафта дар кораш,
Ба ҷойи рахнаи девор сӯрохи гуҳар бошад.
Бидуздӣ аз бало паҳлу, агар осудагӣ хоҳӣ,
Ки дар селоб киштӣ эману пул дар хатар бошад!
Дили мо шуд дуним аз нола дар ёди гули рӯяш,
Навои булбулони ӯ зи минқори дигар бошад.

* * *

Ба роҳи шавқи ту, ай офтоби оламгир,
Чу ашки шамъ маро умр рафт дар шабгир.
Куҷо зи дашти хаданги ту ҷон барад нахчир,
Парандае зи камонат наҷаст ғайр аз тир.
Тавонгарон нарасонанд нафъ муфлисро,
Ки ҳаст зоғи камон бенасиб аз пари тир.
Гурусна омаду нохӯрда хуни ман бигзашт,
Ҳазор ҳайф, ки он шӯхро надидам сер.
Ба хонақаҳ мабар асбоби майкашӣ, соқӣ,
Ки ҳаст киштии майро хатар зи мавҷи ҳасир.

* * *

Ҳар кӣ кард аз дузабонӣ дили мардум афгор,
Оқибат даҳр кунад дар даҳанаш хок чу мор.
Тани Заҳҳок кашид аз раги гардан озор,
Қиссаи мор, ки машҳур шуд, афсона шумор.
Матлаб аз касрати асбоб нагардад ҳосил,
Як сухан сар бизанад аз дузабонӣ аз мор.
Тарбиятро чӣ асар, гар набувад истеъдод,
Осиё соф чу ойина нагардад зи ғубор.
Нолаам гӯш накардӣ туву ман доғам аз ин,
Пунба аз гӯш бурун ору ба доғам бигузор.
Соя, к-аз сояи кӯҳ аст, сабук мебошад,
Касби тамкин накунад шуъла зи арбоби виқор.
Гашт фарёд баланд аз нафаси сӯхтаам,
Кард гул сӯзи дарунам чу сипанд охири кор.
Кори ман нест, Ғанӣ, чун дигарон худбинӣ,
Наравам то зи худ, ойина ба пешам магузор!

* * *

Мезанад пайваста дам аз ихтилоти зулфи ёр,
Мегазад моро забони шона чун дандони мор.
Аз дукондорӣ наёрад ҳеч кас рӯзӣ ба даст,
Кай ба шоҳини тарозу метавон кардан шикор.
Майкашон гар зинда медоранд шабҳо дур нест,
Кам зи Оби Зиндагӣ набвад шароби хушгувор.
Аз таназзул пастфитратро набошад ҳеч бок,
Бими афтодан набошад, ҳар кӣ бошад найсавор.
Чор девори аносир нест ғайр аз чор мавҷ,
Гашт селоби сиришкам дар ҷаҳон то ошкор.
Нест майли саркашӣ моро бо сони гирдбод,
Хешро чун нақши по кардем фарши раҳгузор.
Баски кӯтоҳ аст даст аз домани давлат маро,
Ҷомаи беостин пӯшидаам фонусвор.
Ҳар куҷо фаръ аст, орад рӯ ба асли худ, Ғанӣ,
Сар ба пойи нахл охир мегузорад баргу бор.

* * *

Дар мизоҷи хушки зоҳид баски афюн кард кор,
Бар мазори ӯ сазад гунбад зи бурҷи кӯкнор.
Хонаамро оқибат гардид бому дар яке,
Баски ҳамчун мӯр гаштам поймоли рӯзгор.
Ишқ афзун мешавад, чун ҳусн мегардад зиёд,
То ту чорабрӯ шудӣ, чашмам зи шавқат гашт чор.
Рӯзи хуш дар ҳарзагӣ ҳаргиз насиби мо нашуд,
Умр дар мотам ба сар бурдем чун шамъи мазор.
Оқибат саркаш ба дасти чун худӣ гардад асир,
Шуълаи оташ кунад кӯтоҳ охир дасти хор.
Гарчи пур шуд чун зиреҳ аз захм сар то пойи ман,
Ҳаст пушти пурдилон аз ман қавӣ дар корзор.
Дар даҳони мо гираҳ гардид чун дандон, Ғанӣ,
Донае гар шуд насиби мо зи кишти рӯзгор.

* * *

Муддаъӣ гар лофи ҷавҳар зад, надорад эътибор,
Ҳамчу шамшере, ки месозанд аз чӯби чинор.
Дар фароғат зиндагонӣ баски бар ман гашт бор,
Теғ доим бар сари худ мекашам чун кӯҳсор.
Баски борад бар сари хасми ту об аз абри теғ,
Шуд зиреҳ бар пайкари ӯ оқибат чун обшор.
Нестам бекор, гоҳе дасту пойе мезанам,
По ба фарқи рӯзгору даст дар домони ёр.
Тан ба мурдан деҳ, Ғанӣ, чун оқибат гардид хам,
Баҳри ин хотам нигине нест ҷуз санги мазор.

* * *

Аз молдор кисаи холист ёдгор,
Гӯяд ба гӯшам ин сухани пӯсканда нор.
Талх аст айши писта зи рашки даҳони ёр,
Ин заҳрхандаро набувад ҳеч эътибор.
Худро аз он чӣ ҳаст намояд зиёдатар,
Чун чашми аҳвалон, ки ба ман мешавад дучор.
Чун ман касе ба боғи ҷаҳон талхком нест,
Паймонаам, зи заҳр шуда пур чу кӯкнор.
Аз заъфи пирияст маро такя бар асо,
Гардам ҳанӯз ҳарза чу тифлони найсавор.
Ҳарчанд шуд лабам чу лаби ҷӯ зи шеър тар,
Ҳастам ҳанӯз ташнаи ашъори обдор.

* * *

Ба маҷлисе, ки бувад бода аз лаби дилдор,
Майи дуоташа бошад ба ҷойи оби хумор.
Диҳад чу бастагие рӯ, мабош дар озор,
Зи банди мо шавад ангушт бо кушоиши кор.
Рабуд дил зи ману шуд рақиб з-ин бедил,
Чӣ хуш бувад, ки барояд ба як карашма ду кор.
Кунад шикастазабонии худ баён тӯтӣ,
Ба пеши килки ман аз тахтабандии минқор.
Гуле начид аз ин боғ ҷуз тиҳидастӣ,
Касе, ки такя кунад бар дирам ба сони чинор.
Гумон барад, ки шаробе зи шиша рехт ба хок,
Кунад нигаҳ ба гулу сарв ҳар кӣ дар гулзор!

* * *

Баски натвонам зи заъфи тан қадам зад пешу пас,
Сайри пойи ман даруни кӯчаи кафш асту бас.
Гар чунин аз санги тифлон рахнаҳо афтад дар ӯ,
Ошёни булбули мо мешавад охир қафас.
Дар биёбони таваккул тӯшае даркор нест,
Зоди ин раҳ донаи дил бас бувад ҳамчун ҷарас.
Ошён то дар чаман бастем саргардон шудем,
Мо магар кардем ҷамъ аз гирдбод ин хору хас.
Ақл гар дорӣ, макун касби камол аз ноқисон,
Кай расад охир димоғат аз шароби нимрас.

* * *

Баски пастиву баландӣ шуд зи шеърам бартараф,
Мешавад ҳар мисраъам бо мисраъи дигар тараф.
Саркашӣ бо зердастон боиси шармандагист,
Обрӯ резад, чу гардад шиша бо соғар тараф.

Охир аз бечавҳарӣ бояд сипар андохтан,
Гӯ, машав ойина ҳар дам бо рухи дилбар тараф.
Иззате дорем дар шаҳри ҷунун, к-аз роҳи дур
Санг меояд ба истиқболи мо аз ҳар тараф.
Сӯзи ишқи мо зи ҳарфи сарди носеҳ кам нашуд,
Гармии оташ намегардад зи сармо бартараф.
Неку бадро имтиёзе нест дар бозори даҳр,
Мешавад дар ҳар тарозу санг бо гавҳар тараф.
Содалавҳонро набояд тарбият кардан, Ғанӣ,
Гашт чун ойина, равшан шуд ба равшангар тараф.

* * *

Нишони ҳарзагардӣ зоҳир аст аз тарзи рафторам,
Бувад саргаштагӣ пайдо зи нақши по чу паркорам.
Маро аз дасти ин мушкилкушоён дил ба танг омад,
Зи нохунҳо гираҳ чун ғунча афтода-ст дар корам.
Диле сӯрох аз дасти фалак дорам, ки чун равзан
Зи поям ришта чун сар зад, кунад таклифи рафторам.
Зи бас дар ҷузв-ҷузвам нақши абрӯи ту ҷо дорад,
Шавад қавси кузаҳ, ҳар гаҳ парад ранге зи рухсорам.
Бар ангушташ бипечам риштаи бориктар аз мӯ,
Диҳад то он тағофулпешаро ёд аз тани зорам.
Маро ҷуз тахтабандиҳо дукондорӣ намебошад.
Шикаст афтод то аз сустии толеъи бозорам.
Дар ин гулшан набошад тӯтии ширинсухан чун ман,
Ба кори найшакар сад уқда афканда-ст минқорам.
Садои гиряи абри баҳорӣ кард маълумам,
Ки оби баҳрро зад бар замин чашми гуҳарборам.
Ғанӣ, аз гулхани гетӣ ба ахгар мезанам паҳлӯ,
Ки аз сӯзи дарун хокистаре шуд ранги рухсорам.

* * *

Сӯзи дови дили мо дафъ нашуд аз марҳам
Гармии шамъ зи кофур намегардад кам.
Ба сафар рафтию аз теғи фироқат пайҳам,
Захм чандон ба ман омад, ки наёяд ба қалам.
Сайри ин ғамкада кардем зи маҳ то моҳӣ,
Ҳеч кас нест, ки бе доғ бувад дар олам.
Кафи дарё нашавад пунбаи доғи моҳӣ,
Беҳ, ки муфлис накунад такя бар арбоби карам.
Назди арбоби тавозуъ ба тавозуъ тан деҳ,
Пеши меҳроб ҳамон беҳ, ки кунӣ худро хам.
Ҳаст рӯяш гули рӯйи сабади боғи вуҷуд,
Гарчи бошад даҳанаш ғунчаи гулзори адам.
Мешавад ноли қалам сӯхта чун риштаи шамъ,
Ҳарфи сӯзи дили худро чу дарорам ба рақам.
Шарафи зот ба тақлид нагардад ҳосил,
Гову харро накунад хӯрдани гандум Одам.
Ҳамчу муме, ки шавад пуршикан аз нақши нигин,
Дид чун захми дилам, чин ба ҷабин зад марҳам.
Ёди он бут кунаду сар занад аз шавқ ба санг,
Ғалат аст ин, ки барад саҷда бараҳман ба санам.
Об чун нест, гузорад ба даҳан ташна ақиқ,
Дидаам лахт ҷигар дорад, агар шуд бенам.
Ҳосили дилшиканӣ ғайри таассуф набувад,
Осиё бесабабе даст насояд барҳам.
Қатъи по кардаам аз баҳри фароғат, аммо
Ба сафар мебарадам оби хуриш ҳамчу қалам.
Давлати зоҳиру ботин шавад аз ман ҳосил,
Хум ривоят зи Фалотун кунаду ҷом зи Ҷам.
Хотами он даҳани танг чу гардад пайдо,
Ҳар кас ангушт гузорад ба даҳан чун хотам.

* * *

Ёр дар базм омаду мо аз ҳаё бархостем,
Чун нигин то нақши мо биншаст, мо бархостем.
Даст мебоист шуст аз обрӯйи хештан,
Мо зи хони аҳли давлат ношто бархостем.
Борҳо бо соя санҷидем худро дар виқор,
Ӯ зи тамкин бар замин биншасту мо бархостем.
Беқарориҳо тамошо кун, ки монанди сипанд
Гарм то дар базми ӯ кардем ҷо, бархостем.
Кас пайи таъзими мо аз аҳли маҷлис барнахост,
Баҳри поси иззат охир худ зи ҷо бархостем.
Нест моро қуввати бетакя истодан, Ғанӣ,
Нақши деворем, ҳамчун соя то бархостем!

* * *

На дори охират, не дори дунё дар назар дорам,
Зи ишқат кор чун Мансур бо дори дигар дорам.
Дару девор во карда-ст чашме дар тамошоят,
Манам, к-аз рӯйи ҳасрат чашм бар девору дар дорам.
Ғубори хотирам аз аҳли олам ҷамъ шуд чандон,
Ки мехоҳам ба пеши рӯйи худ девор бардорам.
Зи шавқи ҳарзагардӣ ҳамчу реги шишаи соат,
Ба манзил то ниҳодам пой, андози сафар дорам.
Ғанӣ, якрангии маъшуқ ошиқ диданӣ дорад,
Нигоҳе бар пари тӯтиву барги найшакар дорам.

* * *

Сар ҳамчу тори сабҳа ба сад дар кашидаем,
Охир расидаем ба худ, орамидаем.

Осудагӣ ба гӯшаи ҳастӣ надидаем,
Ҷон додаему кунҷи мазоре харидаем.

Чун шамъ буд манзили мо зери пойи мо,
Аз по нишастаем, ба манзил расидаем.

Дар олами мисол мисолат набудааст,
Ҳарчанд, к-аз даричаи ойина дидаем!

Ҳар кас кашида орзуи хеш дар канор,
Мо дасти хеш дар бағали худ кашидаем.

Боло гирифт кори ман аз оҳи оташин,
Аз нола чун сипанд ба ҷойе расидаем.

Фориғ наем зи ҳарзадавӣ ҳамчу осиё,
Беҳуда пойи хеш ба доман кашидаем.

* * *

Хилвате дар анҷуман дорам, ки чун мӯйи миён,
Дар миёнам, лек аз ман кас намеёбад нишон.
Баски ҷуз гарди касодӣ нест моро дар дукон,
Медиҳад аз шишаи соат дукони мо нишон.
Гар сухан аз худ надорӣ, беҳ, ки барбандӣ забон,
То ба кай чун хома ронӣ ҳарфи мардум бар забон.
Ҷойи худ чун муҳраи шатранҷ холӣ мекунам,
Душмани мо мешавад дар хонаи мо меҳмон.
Мӯй аз сар чун ҷудо гардад, намегардад сафед,
Айши ғурбат мардро пайваста медорад ҷавон.
Сунбули зулфи ту охир панҷа аз шамшод бурд,
Шона мегӯяд ба гӯшам ин сухан бо сад забон.
Мекунад паҳлу тиҳӣ аз бенавоён осмон,
Дар бағал ҳаргиз нагирад тири бепарро камон.
Ҷустуҷӯ аз баҳри рӯзӣ боиси шармандагист,
З-ин хиҷолат осиё ангушт дорад дар даҳон.
Обрӯйи хештан дар матбахи дунон марез,
Чӯб натвон хӯрд чун оташ ба бӯйи обу нон.
Сӯйи мо бошад нигоҳаш гарчи ёр аз ман гузашт,
Тир аз сӯфор доим чашм дорад бар камон.
Комёб аз ҷоми васлат ғайру ман аз рашк доғ,
Об мегардад маро дар дида, ӯро дар даҳон.
Ҷамъ кардам мушти хошоке, ки сӯзам хешро,
Гул гумон дорад, ки бандам ошён дар гулситон.
Душманаш то зуд аз ҷон бигзарад дар вақти ҷанг,
Баст дасташ пул ба рӯйи оби пайкон аз камон.
Бо сабуксорон, Ғанӣ, пайваста ҳамроҳӣ гузин,
Раҳ ба соҳил мебарад киштӣ ба зӯри бодбон.

* * *

Гар чароғи ҳусни ӯ равшан шавад дар анҷуман,
Дар даҳон ангушти шамъ аз шарм мегирад лаган.
Кай занад паҳлу ба ман Маҷнун, ки дар хоки ҷунун
Санги тифлон шуд маро чун устухон ҷузви бадан.
Аз тағофул ҳарфи мо нашнид, мо шармандаем,
Ёрро ангушт дар гӯш асту моро дар даҳан.
Гар фалак кори туро барҳам занад, аз ҷо марав,
Ҷомаро хайёт созад қатъ баҳри дӯхтан.
Дар муҳаббат ишқбозон мекунанд имдод ҳам,
Санги тифлон баҳри Маҷнун метарошад Кӯҳкан,
Хок безӣ то ба кай чун шишаи соат, Ғанӣ,
Нақди авқоте, ки гум шуд, боз натвон ёфтан!

* * *

Кушоди кори худ натвон тамаъ аз ошно кардан,
Куҷо нохун тавонад банд аз ангушт во кардан.
Тавонгарро назебад лаб ба хоҳиш ошно кардан,
Ки бе дасти тиҳӣ пур баднамо бошад дуо кардан.
Ба истиғно гузаштан аз ҷаҳон осон намебошад,
Бувад душвор қатъи роҳи дур аз пушти по кардан.
Ғарибӣ бар бисоти даҳр ҳамчун муҳраи шатранҷ,
Барои хона то кай ҷанг бо ҳамсояҳо кардан.
Агар бошад, Ғанӣ, ҳамчун калидам хона аз оҳан,
Шавад вайрон, агар хоҳам дар ӯ як лаҳза ҷо кардан.

* * *

Шуд савору доман аз дастам кашид он нозанин,
Рафтам аз худ, баъд аз ин дасти ману домони зин.
Рафтию шуд дар ҳавои диданат, ай нозанин,
Мардуми чашми бутон аз сурма хокистарнишин.
Бо ту наздикам, вале дурам зи файзи оми ту,
Мум дар зери нигин холист аз нақши нигин.
Мешавад чун дона охир сабз дар боғи ҷаҳон,
Нест ғам, гар осмон зад ҳарфи моро бар замин.
Захми дандон баски хӯрд аз ҳасрати лаъли лабат,
Пушти дастамро касе нашносад аз рӯйи нигин…
Мекунам ҳаргиз аз ҷонон нигоҳе илтимос,
Мениҳад бар дида ангушт, илтифоташро бибин.
Эътибори пастфитрат як-ду соат беш нест,
Гардад охир таҳнишин дурде, ки шуд болонишин.

* * *

Ҳаргиз шукуфтагӣ накунад рӯ ба сӯйи ман,
Зардӣ чу ҷоми зар набарад май зи рӯйи ман.
Чун шамъ кас накард сиришкам зи дида пок,
Ҳар қатра ашк обилае шуд ба рӯйи ман.
Аз дида рафт то мижа дар оби дидаам,
Вақт аст оби рафта дарояд ба ҷӯйи ман.
Тори нафас зи риштаи гавҳар нишон диҳад,
Азбаски гиря гашт гираҳ дар гулӯйи ман.
Чун тундии шароб, ки гардад зи оби кам,
Май мебарад итоби лаби тундхӯйи ман.
Дар арзи иштиёқ чӣ ҳоҷат ба ҳарфу савт,
Бошад чу хома гиряи ман гуфтугӯйи ман!
Гар бе ту дил ба сайри чаман мекашад маро,
Во мекунад нигаҳ дари ҳайрат ба рӯйи ман.

* * *

Шаб, ки ахтар шумарад то ба саҳар дидаи ман,
Кори ангушт кунад ҳар мижа бар дидаи ман.
Лашкари заъфи басар тохт магар бар сари ӯ,
Ки зи айнак ба каф овард сипар дидаи ман.
Мижа ҳар лаҳза ба ҳам бар назанам чун мардум,
Дар фироқи ту занад даст ба сар дидаи ман.
Баски бар ёди баногӯши ту бигристаам,
Хушк гардид чу сӯрохи гуҳар дидаи ман.
Ҳаст дар хоби хуши мастии ғафлат шабу рӯз,
Аз мижа ёфт магар болиши пар дидаи ман.
То нигаҳро ба нигоҳи ту намояд пайванд,
Кард аз ҳар ду ҷаҳон қатъи назар дидаи ман.

* * *

Силӣ нахурӣ то зи кафи аҳли замона,
Чун муҳраи шатранҷ марав хона ба хона.
Ҳарчанд тағофул кунад, эмин машав аз хасм,
Пайваста бувад пушти камон сӯйи нишона.
Аз тӯшаи раҳ бигзару саргарми сафар бош,
Чун мӯр манеҳ бар сари по кунда зи дона.
Аз рашк кунад боди сабо бар сари худ хок,
Дар зулфи ту шуд банд магар нохуни шона.
Шамшод кунад шона бурун аз бағали хеш,
То даст ба зулфи ту расонад ба баҳона.

* * *

Ба гулшан бе ту абри дидаи мо рехт бороне,
Ки гардид ошёни андалебон чашми гирёне.
Шавад дар кунҷи фақр ар рахнаҳои бӯрё равшан,
Ки дарди хоксоронро набошад ҳеч дармоне.
Биё, дар дидаам биншин, агар оби равон хоҳӣ,
Ки аз чашми тарам ҷӯйест ҳар чоки гиробоне.
Чӣ хуш болидааст аз гиря бар худ мардуми чашмам,
Фитода дар миёни об гӯё тухми райҳоне.
Нашуд аз чобукиҳо нохуни ман банда дар ҷойе,
Задам чун шона охир даст дар зулфи парешоне.
Дилам чун гирдбод аз кӯчагардиҳо ба танг омад,
Ба рақс оям, чу ёбам рухсати сайри биёбоне.
Ғанӣ, дар фасли гул то кай ба кунҷи хона биншинӣ,
Саре чун хор боло кун зи девори гулистоне.

* * *

Магар суда ҷабини хеш бар хоки раҳи кӯе,
Ки аз пешонии маҳ нест пайдо ғайри абрӯе.
Зи ободӣ намеояд ба мо аз хушку тар бӯе,
Ки мебинем чун киштӣ тиҳӣ аз об ҳар ҷӯе.
Магар хоҳад ба мо санҷид Маҷнунро ҷунун рӯзе,
Ки аз занҷир мебинем дар дасташ тарозуе.
Кабоби оташи ишқам, надорам ҳеч дилсӯзе,
Ки гардонад маро ҳар лаҳза паҳлӯе ба паҳлӯе.
Намебинам, ниҳоле сояафкан бар сари Маҷнун,
Магар гоҳе, ки биншинад ба зери шохи оҳуе.
Ғанӣ, девонаи ишқам, надорам ҳеч сомоне,
Нигаҳ медорам аз сармояи дунё ҳамин мӯе.

* * *

Ёр дар чашми ману равшан аз ӯ анҷумане,
Ӯ чу шамъ аст дар ин маҷлису ман чун лагане.
Буд сармояи ман ҷомаю ҷоне охир,
Ҷон гарав, ҷома гарав карда гирифтам кафане.
Чӣ аҷаб, табъам агар даъвии эъҷоз кунад,
Ки ба лутфи суханам нест касеро сухане.
Баски дар даври ҷамоли маҳи ман гашт сабук,
Юсуфи Миср даромад ба назар пераҳане.
Санг дар кӯчаю бозор камӣ кард, Ғанӣ,
Мани Маҷнун чӣ кунам, гар набувад Кӯҳкане.

* * *

Ҳаст аз хор магар домани саҳро холӣ,
Ки нагардид дили обилаи по холӣ.
Ғурбати шоҳу гадо зери замин яксон аст,
Мекунад хок барои ҳама кас ҷо холӣ.
Чашми таъзим аз ин бехаброн натвон дошт,
Баҳри кас ҷо накунад сурати дунё холӣ.
Шамъи фонус наям, лек зи бесомонӣ,
Шуд миёни ману пероҳани ман ҷо холӣ,
Аз ғамободи ҷаҳон нест ба ҳам айши мудом,
Гашт то ҷом пур аз май, шуда мино холӣ!

* * *

Ҳар гоҳ чу сӯзан биниҳам рӯй ба роҳе,
Меафканадам толеъи баргашта ба чоҳе.
Парвона зи зулмат набарад роҳ ба мақсуд,
Он кист, ки шамъе биниҳад бар сари роҳе!
Бо меҳри рухат баски ба ашкам сару кор аст,
Шуд мардумаки дидаи ман абри сиёҳе.

## ЛУҒОТ ВА ТАВЗЕҲОТ

### А

**Азоимхон –** дуохон, афсунгар.

**Ақд** – паймон, аҳд.

**Амдо** (амдан) – қасдан.

**Анбар** – навъе аз хушбӯйӣ, ки аз аз меъда ё рӯдаи моҳии анбар тайёр карда мешавад.

**Анвор –** ҷ. нур.

**Андалеби Шероз –** ишора ба ғазалсарои маъруфи асри XIV Хоҷа Ҳофизи Шерозист.

**Анқо** – Симурғ; мурғе афсонавӣ.

**Аҳвал** – качбин, олус.

**Аҷмир** – номи шаҳре дар Ҳиндустон.

### Б

**Базлагӯй –** латифагӯй, аксиягӯй, одами шӯхтабиат.

**Баҳром** – ситораи Миррих (Марс) аст, ки ситорашиносони қадим онро барангезандаи фитна ва ҷанг донистаанд.

**Бекайд** – озод аз тааллуқоти дунё.

**Бемоя** – бесармоя, фақир, камбағал; паст хор.

**Бесутун –** номи кӯҳест дар наздикии шаҳри Кирмоншоҳ, ки бар он нақшу нигор ва хатҳои мехии қадими форсӣ ҳаккокӣ ва кандакорӣ шудааст.

**Бисмил** – кушташуда, забҳшуда, сарбурида.

**Бодрум** – беҳуда, абас.

**Бор –** қабул, пазирой.

**Булбули Омул –** яке аз тахаллуси Толиби Омулӣ.

**Бутхола** – холи таб, ки аз хуруҷи ҳарорати қалбӣ бар лаб афтад.

### В

**Вараъ** – порсо, парҳезкорӣ; вараъкешон – порсоён, парҳезкорон.

**Васма** – гиёҳест, ки занону духтарон баргҳои онро фишурда оби сабзи нилгунашро ба абрӯвони худ мемоланд, ӯсма.

**Вахим** – ногувор; носозгор; душвор.
**Волеҳ** – шефта, мафтун.
**Вохост** – бозхост.

## Г

**Гидя –** гадоӣ.
**Гизоф –** ҳарза, дурӯғ.
**Гила –** шиква, шикоят.
**Гом** – як қадам мондан; иқдом, азм.
**Гул** – ба маънии доғ дар чашм афтодан:

Афтод гул зи дидаи Яъқуб ҳамчу ашк,
Донам насими Миср ба Канъон вазидааст.

**Гулгун –** аспи сурхранг, аспи Ширин.
**Гӯшмол** – танбеҳ, ҷазо.

## Ғ

**Ғабғаб –** ғабғаба, гӯшти барҷастаи зери манаҳ.
**Ғабн –** зараву зиён.
**Ғано** – доротавоноӣ, давлатмандӣ.
**Ғизол** – оҳубарра.
**Ғул** – аз рӯйи ақидаи хурофотӣ деве, ки дар шакли одамӣ даромада мардумро аз роҳ мебарорад.

## Д

**Даввор –** даврзананда.
**Дайр –** ибодатхона ва хонақоҳи насрониён ё оташпарастон дар назар аст.
**Даҷла –** номи рудхонаи бузург ва маъруф дар Ироқ, ки номи қадимии он Арванд будааст.
**Доро** – писари Доробшоҳи Каёнӣ, ки дар дувоздаҳ-солагӣ пас аз сари падар ба шоҳӣ расид ва аз румиён бож хост, ки қиссааш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мукаммал омадааст. Искандар, ки ба ривояти «Шоҳнома» писари дигари Дороб буд, аз бож додан даст кашид ва бар ҷанг

хест. Дар ин ҷанг эрониён шикаст хӯрданд. Ду тан аз сардорони Доро, ки вазъи ӯро дигаргун диданд, шабона дашна бар сари ӯ заданд. Хабар ба Искандар расид, бар болини бародар омад ва зорӣ карду бар ӯ фош намуд, ки бародари ӯст. Доро Искандарро ба додгарӣ васият карду ҷон дод. Зории Искандар бар болини Доро аз қисматҳои бисёр муассири «Шоҳнома»-и Фирдавсист. Низомии Ганҷавӣ низ дар «Искандарнома» ҳамин саҳнаро бо шевоии тамом сурудааст. Суханварон, аз ҷумла Ҷомӣ.

**Дарюза** – гадоӣ, садақаталабӣ.

**Дурҷ** – сандуқчае, ки дар он ҷавоҳирот ва зару зевар нигоҳ медоранд.

## З

**Замзам** – номи чоҳе муқаддас ва муборак дар Макка, ки маъруф аст. Оби онро агар бемор хӯрад, шифо ёбад, агар гурусна хӯрад, сер шавад ва агар ташна хӯрад, сероб гардад.

**Заҳҳок** – подшоҳи Эронзамин аст, Ҷамшедро барои манманиҳояш ронда ба ҷойи ӯ нишаст. Арабзода ва шоҳи золим будааст. Баъдтар Фаридун бар ӯ ғолиб меояд ва эронитаборонро аз зулми Заҳҳок наҷот медиҳад, ки ин ҳама дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ муфассал омада.

**Зиндаруд** – номи дарёе, ки аз байни шаҳри Исфаҳони Эрон мегузарад. Дар матн ишора ба худи Калим аст.

**Зуком** – касалии димоғ, ки дар натиҷаи сармохӯрдагӣ ва варами роҳҳои бинӣ пайдо мешавад.

**Зулайхо** – номи аслии ӯро «Роил» ва ба ривояте «Нико» гуфтаанд, ҳамсари Азизи Миср – Қатифар ибни Раҳиб буд, ки дар замони фиръавни Миср Раён ибни Валид мезиста ва чун шаҳвараш Юсуфро аз корвонакие харид, ба ӯ дил баст. Байни Юсуф ва Зулайхо дар ишқ моҷароҳои зиёде гузашта, ки ба таври муфассал дар китоби «Таф-

сири Сураи Юсуф»-и Зайди Тӯсӣ омадааст. Ниёзмандон барои гирифтани маълумоти ҳар чӣ бештар аз қиссаи Юсуф ва Зулайхо метавонанд ба он муроҷиат намоянд.

**Зуннор** – камарбанде, ки зиммиён, пайравони адёни ғайр дар кишварҳои мусулмонӣ бар камар мебастанд. Дар ирфон камари хидмат бар миён бастан ва як лаҳза аз риёзат наосудан аст. Зуннор дар миён бастан дар суннати ирфон нишонаи таслим, вобастагӣ ва маҳрумияти дилхоҳу огоҳона ва вафо ба аҳд аст. Аз ин рӯ, зуннор бастан арзиши отифию муқаддас дорад ва орифи зуннор бар камар бастаро ба мақоме хос мансуб мекунад.

**Зуҳра** – сайёраи Ноҳид, ки онро мутриби фалак меномиданд ва олиҳаи зебоӣ, суруду рақс ва хушию хурсандӣ мешумурданд.

## И

**Ибром** – исрор, истодагарӣ.

**Идбор** – тирабахтӣ, бадбахтӣ.

**Иёр** – меъёр, самти маҳак.

**Иксир** – кимиё, доруи фоиданок.

**Имсок** – хасисӣ, бахилӣ.

**Инон** – лаҷом, ҷилав.

**Инфиол** – шармандагӣ, хиҷолат.

**Ирам** – боғи афсонавӣ дар биҳишт.

**Исо** – писари Марям, яке аз панҷ пайғамбари бузурги пеш аз Муҳаммад(с), ки мусулмонон онҳоро ҳамчун фиристодагони Худо эътироф менамоянд ва Исоро чун зиндакунанда медонанд; барбати Исо, барбате, ки Исо пайғамбар менавохт.

**Исмат** – покдоманӣ.

**Истиғно** – вобасат ва муҳтоҷ будан.

**Истифсор** – пурсидан, хабар гирифтан.

**Истизҳор** – ёрӣ, пуштбонӣ.

**Ихвон** – бародарон.

**Иҳом** – *адш.* овардани калимае, ки ду маъно дорад; яке маънои дурр ва дигаре маънои наздик.

**Иҷтиноб** – парҳез кардан, канорагирӣ кардан.

## К

**Кавдан –** ба маънии кундфаҳм, аблаҳ, аҳмақ.

**Кавсар –** номи ҳавз, ё чашма, ё наҳре дар биҳишт, ки оби он софу гуворо мебошад. Дар адабиёти форсии тоҷикӣ мазҳари гувороию фаровонӣ ва маҷозан бахшандагию сахо таҷаллӣ ёфтааст.

**Қавси қузаҳ** – тиру камон, рангинкамон.

**Кайвон** – сайёраи Зуҳал, Сатурн, ки мувофиқи ақидаи мунаҷҷимони гузашта дар осмони ҳафтум ҳаракат мекунад. Кайвон (Зуҳал) наҳс шуморида мешуд.

**Калаф** – сиёҳии рӯйи моҳ; ҳар гунна сиёҳӣ, доғ.

**Касрат** – бисёрӣ, анбӯҳӣ.

**Катми адам** – олами нестӣ.

**Катон** – суфии канабӣ; матое, ки аз нахи пояи зағер бофта мешавад.

**Каҳрабо** – Қаҳрабо; самғи зардранги сахт ва сангшуда, ки агар онро ба чарм суда ба коҳ наздик кунанд, коҳро ба худ мекашад.

**Каъбатайн –** ду муҳраи сафеду сиёҳ дар бозии нард.

**Кисват –** либос, пӯшок.

**Кӯҳкан –** лақаби Фарҳод, ки гӯё бо хоҳиши Ширин кӯҳро канда, ҷӯй бароварда буд. Аз симоҳои намоёни достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Ширин ва Хусрав»-и Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ мебошад. Алишери Навоӣ(1441-1501) достони худро «Фарҳод ва Ширин» ном ниҳода буд.

## Қ

**Қоим –** рост, устувор.

**Қорун –** номи як пулдори хасис, ки гӯё ба ғазаби Худо ги-

рифтор шуда, бо тамоми доройяш ба замин фурӯ рафтааст.

**Қоқум** – ҳайвонест монанди санҷоб, ки пӯсташ қиматбаҳост.

**Қумош** – газвори абрешим, шоҳӣ.

**Қут** – хӯрданӣ, таом.

## Л

**Лабиб** – оқил, доно.

**Лавм** – маломат, сарзаниш, накӯҳиш.

**Лавн** – ранг, гуна.

**Лайлӣ** – аз симоҳои намоёни достонҳои арабист. Лайлӣ духтаре аз қабилаи Ибни Омир, ки аз кӯдакӣ мавриди алоқа ва ишқи Маҷнун (Қайс) қарор гирифта ва худ низ ба ӯ дил мебандад. Падари Лайлӣ онҳоро аз ҳам ҷудо менамояд ва духтарашро ба Ибни Салом медиҳад. Лайлӣ ҳеҷ гоҳ тани худро ба шавҳар намесупорад ва саранҷом ба некномӣ ҷон медиҳад.

**Лайлуннаҳор** – шабу рӯз.

## М

**Мабру**– гирифтори касалии пес.

**Мавкиб** – гурӯҳи пиёда ва ё саворaи хосси шоҳон; рама, гала.

**Мавоҷиб** – воҷибот, чизҳои зарурӣ.

**Мазоқ** – табъ, табиат.

**Мазраъ** – замин корам, кишт.

**Мансур** – Мансури Ҳаллоҷ дар назар аст.

**Даҷла** – дарёи калоне, ки аз кӯҳҳои Арман сарчашма гирифта аз Туркия, Ироқ ва Сурия мегузараду ба халиҷи Форс мерезад.

**Мардуд** – рондашуда, радкардашуда.

**Масеҳ (Масеҳо)** – наҷотбахш. Лақаби пайғамбар Исо (а), ки гӯё мурдаро зинда мекардааст. Чун рамзи ҷонбахшӣ ва гуворо низ ояд.

**Масеҳодам** – ниг. Масеҳ.

**Масмӯъ** – шунидашуда, ба гӯш расида.

**Маъҷун** – доруи таркибӣ.

**Маҳак** – санги сиёҳе, ки тилло ва нуқраро ба он соида назаррабо менамоянд.

**Маҳзар** – ҳузургоҳ, маҷлисгоҳ; маҷлис.

**Маҳл –** муҳлат, муддат, фурсат.

**Маҷнун** – қаҳрамони асосии достонҳои ишқии адабиёти форсии тоҷикӣ ва дигар халқҳои Шарқ. Дар аввал номаш Қайс буда, ишқи Лайлӣ ба ҷуну (девонагӣ) гирифтораш кардаву номи аслияш аз ёдҳо рафтааст. Маҷнун лақаб мегирад ва бо ин тахаллус шеър ҳам менависад. Адибони форсигӯй номашро хеле зиёд талмеҳ кардаанд. Ниг. ба **Лайлӣ.**

**Мисвок –** дандоншӯяк.

**Миҷмар** – зарфе, ки дар он уд, сипанд ва дигар гиёҳҳои хушбӯйро дуд мекунанд.

**Молихулиё –** бемории димоғӣ, ки боиси хаёлоти ваҳмангез мешавад.

**Монӣ –** номи наққош ва рассоми даврони Шопури аввал, ки модараш мансуб ба хонадони шоҳии Ашконӣ буд ва иддаои пайғамбарӣ дошт. Монӣ барои ин даъвояш кушта мешавад. Китоби маъруфи Монӣ «Шопургон» ном дошт ва китоби «Аржанг» (ё «Артанг»), ки муштамил бар нақшҳо ва тасвирҳои дилкаш буд, ба ӯ мансуб аст. Монӣ дар адабиёти мо бештар бо ҳунари наққошӣ шуҳрат дорад.

**Мувасвис –** васвасакунанда; ба васвасаандозанда.

**Муғелон** – як навъ дарахти хордор, ки дар саҳроҳои Араб рӯяд.

**Муқаддар** – тақдир кардашуда.

**Мул** – май, шароб.

**Мумаййиз** – ботамиз, бофаросат; фарққунандаи неку бад.

**Мунзавӣ** – гӯшанишин, гӯшагир.

**Мунфаил** – ба маънии шармсор, хиҷолатманд.

**Мусталзим** – сабабгор, боис, сабаб.

**Мусҳаф** – ба маънии Қуръон омадааст.

**Мӯсо** – Мӯсии Имрон, аз пайғамбарони мурсал аст. Дар алоқамандӣ бо номи Мӯсо(а) қиссаву ривоятҳое ҳастанд, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ зиёд истифода мешаванд, монанди дар чиҳилсолагӣ чӯпонӣ кардан, дар ин син ба пайғамбарӣ расидан, дар кӯҳи Тури Сино бо Худо роз гуфтан, қиссаи Сомирию гӯсолапарастии ҳамқабилаҳояш, муъҷизавӣ будани асои Мӯсо, яди байзо ва ғ.

**Мувallaҳ** – вола, шайдо, шефта, девона.

**Мукаррар** – такроркардашуда.

**Муқайяд** – гирифтор, пobанд; вобаста.

**Мунфаъил** – шармсор, хиҷолатманд.

**Мусаллас** – хушбӯйии мураккаби аз муш, уд ва анбар сохташуда; навъе аз шароб.

**Мустағнӣ** – бой, доро; бениёз.

**Мустаид** – соҳибистеъдод; лоиқ, сазовор.

**Муътод** – хӯгирифта, одаткарда.

## Н

**Наврӯз** – аз ҷашнҳои бошукӯҳи эронитаборон буда, таърихи қадимӣ дорад ва имрӯз ҳам бо шукӯҳи тамом таҷлил мегардад. Дигар қавму халқиятҳои Шарқ Наврӯзро ба орият гирифта, ҳамакнун ба мо пешвоз ва тантана менамоянд.

**Нағмаи Довуд** – номи оҳанги мусиқӣ дар «Шашмақом».

**Намаксуд** – хӯрокворие, ки ба он намак зада хушконидаанд, монанди гӯшт, моҳӣ, баъзе сабзаҷот ва ғ.

**Нихват** – худпарастӣ.

**Нол** – най, қамиш.

**Носия** – пешонӣ; рӯй.

**Носур** – захми илоҷнопазир.

**Ноҳид** – *ниг.* Зуҳра.

## О

**Оиқ –** монеъ, боздоранда.

**Олам –** ҷаҳон, дунё.

**Ораз –** рухсора, чеҳра.

## П

**Парвин –** номи ситора.

**Пон** – барги сабз, ки мардуми Ҳинду Покистон дар он хӯришҳои дигари хуштаъмро печонида истеъмол менамоянд ва обе, ки аз таркиби пон ҷудо мешавад, монанди хун сурх мебошад.

**Португолӣ –** мансуб ба Португолия.

## Р

**Ратл –** пиёлаи шароб.

**Раъша –** бемории аз тарс пайдошуда; ларзиш.

**Ридо –** болопӯш, ҷома.

**Риҷъат –** боз гашта омадан.

**Ров** – як ронд дар бозии шатранҷ.

**Русто** – деҳ, қаря.

## С

**Сабил –** ҳаракат, роҳ.

**Сайт –** шараф, шуҳрат, некномӣ.

**Сайҳун –** Сирдарё.

**Салосил** – силсила; занҷир.

**Самад –** поянда, ҷовидон; яке аз номҳои сифатии Худо.

**Самак** – моҳӣ.

**Самандар** – ҷонвари калтакалосмонанд, ки ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ зиндагӣ мекунад; ҷонвари афсонавӣ, ки гӯё дар оташ пайдо мешавад ва агар аз оташ барояд, мемирад.

**Санам –** бут; *маҷозан* маъшуқа.

**Сандал** – дарахти ҳамешасабз, ки дар минтақаҳои гарм мерӯяду хушбӯй ва хосияти давоӣ дорад.

**Саъдӣ** – Муслиҳиддин Абӯмуҳаммад Саъдии Шерозӣ (1203-1292 м.) аз ғазалсароёни маъруф ва муаллифи «Гулистон» ва «Бӯстон» мебошад.

**Сидра** – номи дарахти афсонавӣ, гӯё дар биҳишт ва ё дар осмони ҳафтум будааст. Дарахти тануманди баланди сӯзанбарг ва ба дарахи коҷ монанд, ки самғи зиёде аз он ҳосил мешаваду дар тиб ба кор меравад, кедр.

**Сикандар** – Искандар, лашкаркаши бузурги ҷаҳонӣ Искандари Мақдунӣ писари Филқус (Филиппи 2), ки солҳои 356-323-и пеш аз мелод ҳукмронӣ кардааст. Дар Шарқ ӯ чун рамзи шоҳи одил шинохта шуда, дар ҳаққи ӯ достонҳои зиёде навишта шудааст, ки Искандар дар он достонҳо ба Искандари таърихӣ монандие надорад.

**Солик** – раҳрав; пири тариқат.

**Сомирӣ** – номи ҷодугари машҳурест, ки гӯсолаи тилоии сухангӯ сохта, одамонро аз дини Мӯсо-пайғамбар баргардонида будааст.

**Субҳа** – тасбеҳ.

**Судоъ** – дардисар.

**Сулаймон** – яке аз пайғамбарон, писари Довуд пайғамбар(а) аст, ки чун ангуштарии давлат дар ангушт ниҳод, тамоми ҷину инсону ҷонварон ва бод мутеи ӯ шуданд. Вай шавкату шукӯҳи тамом дошта бошад ҳам, ҳар рӯз занбиле бофта мефурӯхт ва аз он нони ҷавине пухта дар Байтулмуқаддас бо дарвешон мехӯрд ва дуояш ин буд, ки «Ё худованд, бо дарвешон дарвешам, бо маликон малик ва бо пайғамбарон пайғамбар, маро раҳм кун, ки ман шукри ин неъмат чӣ гуна тавонам гузорид»? Сулаймон қиссаҳои зиёде дорад, чун меҳмонияш дар назди шоҳи мӯрчагон ва аз пойи малах зиёфат хӯрдан, пайғоми Ҳудҳуд ба мулки Сабо ва малика Билқис, қиссаи Осафу

ангуштарини ӯро рабудани Истахрдев, ки суханварони адаби форсии тоҷикӣ борҳо аз онҳо талмеҳ кардаанд.

**Сурайё** – Парвин, ки аз шаш ситораи ба ҳам наздик иборат аст.

**Сӯфор** – сӯрохии сӯзан, сӯрохӣ.

## Т

**Тааллуқ –** вобастагӣ, алоқамандӣ.

**Таваққуъ** – чашмдошт.

**Тавозуъ** – хоксорӣ, фурӯтанӣ.

**Тавсан –** аспи ҷавони ромнагардида.

**Тағофут** – худро ба нодонӣ задан.

**Тақрир** – муқаррар кардан; сухан гуфтан.

**Талаввун** – бо тезӣ тағйир ёфтани мизоҷ; нопойдорӣ.

**Таматтуъ** – лаззат ёфтан, манфиат бурдан.

**Тарф бастан** – омода шудан, оҳанги чизе кардан.

**Тахти равон** – тахти подшоҳон будааст, ки онро бар дӯш мекашидаанд.

**Тафриқа –** парешон кардан.

**Таҷарруд** – гӯшанишинӣ; тарки дунё кардан.

**Таъвиз** – тӯмор.

**Таяммум** – бо хок ва рег таҳорат кардан.

**Томеъ** – тамаъкор, ҳарис.

**Тунг** – зарфи даҳонялаи об ё шароб.

## У

**Уди қуморӣ** – як навъи уди хуб, ки дар Қумор ном вилояти Ҳиндустон мерӯяд.

**Унноб –** *маҷозан* лаби сурх.

**Уруқ –** қавм, қабила.

**Урфӣ –** шоир Урфии Шерозӣ соли 1556 дар Шероз таваллуд шуда, соли 1591 дар Лоҳури Покистон фавтидааст. Соҳибдевон.

**Уҷб** – худписандӣ, ҳавобаландӣ, ғурур.

## Ф

**Фалотун** – Афлотун, файласуф ва донишманди Юнони Қадим. Ӯ тақрибан байни солҳои 428-348–и пеш аз мелод дар Афина зиндагӣ ва фаъолият кардааст.

**Фалохан** – олати сангандозӣ ё сангпарронӣ.

**Фаранг** – мамлакатҳои Аврупо дар назар аст.

**Фарҳод –** ниг. Кӯҳкан.

**Фаръ –** шохи дарахт, ки аз асл мерӯяд ва тараққӣ мекунад.

**Фатила** – пилтаи чароғ.

## Х

**Ханданг –** тир.

**Хазаф** – сафол, сафолин.

**Халоб –** ботлоқ, ҷойи серлой.

**Халхол** – ҳалқаи тилло ва ё нуқра, ки занон бар пой банданд.

**Хаста –** дона, мағзи дона.

**Хаффош –** кӯршапарак.

**Хашхош –** донаи кӯкнор.

**Хизр / Хизар –** мувофиқи афсона ва ақидаи динӣ номи пайғамбаре, ки гӯё Оби Ҳаёт хӯрда, умри абадӣ ёфтааст.

**Хиссат** – хасисӣ.

**Холи нил** – холи сиёҳ.

**Хотам** – ангуштарӣ, ангуштарии нигиндор.

**Хусрав –** Хусрави дувум, машҳур ба Хусрави Парвиз аз машҳуртарин шоҳони Сосонӣ аст, ки пас аз Ҳурмуз ба салтанат расид ва яке аз айёштарин шоҳон буд ва дӯшизагону бевазанон ва ҳатто занони соҳибавлодеро, ки зебо меёфт, ба ҳарами худ меовард. Дар миёни занони бешумори ӯ Ширин, ҳамсари армании ӯ ҷойе дигар дошт. Ҳадиси ишқи афсонавии Хусрав ва Ширин, бахусус рақобати Фарҳоди Кӯҳкан бо ӯ дар ин миён ва рӯ овардан ба Шаккари Исфаҳонӣ барои инсироф аз ишқи Ширин мавзӯи ҳавасномаи дилкаши Хусрав ва Ширинро

падид оварда, ки Ҳаким Низомии Ганҷавӣ, шоири асри X11, онро ба силки назм кашидааст ва пас аз ӯ шоирони зиёди форсизабон ба роҳи ӯ рафтаю «Хусрав ва Ширин»-ҳои зиёде сурудаанд. Бархе аз ин нигоштаҳо бо ривояти ӯ чандон тафовуте ҳам надоранд. Гузашта аз ин, бисёре аз шуарои дигари форсигӯй бо илҳом аз ин ишқи сӯзон дар шеърашон талмеҳан истифода кардаанд, аз ҷумла, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ.

**Хутан** – аз қадимтарин шаҳр ва вилояти фарҳангӣ дар Туркистони Шарқӣ, наздикии Қошғари Чин ба шумор меравад. Дар аҳди қадим дар ин диёр сакоиҳо мезистанд. Шаҳри Хутан дар ду соҳили дарёи Юрудкаш воқеият дошта, дар асри X1X бо корхонаҳои қолибофӣ, матоъҳои пахтагию пашмӣ ва коркарди қалъагӣ, зумуррад, ёқут, мумё ва ғ. машҳур буд. Аз нофи оҳувонаш мушк ҳосил мекарданд. Соли 1884 м. Хутан ва дигар шаҳрҳои Туркистон Шарқӣ Синтезян ном гирифта, дар музофоти 19-уми Хитой ҷойгир аст.

## Ҳ

**Ҳавдаҷ** – тахти равон, каҷова.

**Ҳаккок** – кандакор, муҳркан, нигинсоз.

**Ҳанзал** – кадуи ёбоӣ.

**Ҳасир** – бӯрё.

**Ҳашв** – сухани зиёде, ки дар миёни ҷумла бошад.

**Ҳашр** – қиёмат.

**Ҳирбо** – бӯқаламун.

**Ҳиҷоб** – парда, ниқоб.

**«Ҳиҷоз»** – номи яке аз оҳангҳои «Шашмақом» аст.

**Ҳоил** – монеа, монеъшаванда.

**Ҳорис** – посбон, нигоҳдоранда.

**Ҳофиз** – ғазалсарои тавоно, лисонулғайб Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ (1325-1389) дар назар аст.

**Ҳур** – ҳур дар арабӣ, ҷамъи аҳвор-сиёҳчашм аст, яъне дӯши-

загони биҳиштӣ, ки дар ҷаҳони дигар ба ҳамсарии некӯкорон дароянд. Муфради ин калима дар форсии тоҷикӣ «ҳурӣ» аст.

## Ч

**Чағз –** қурбоққа, ғук.

**Чамидан –** бо ноз хиромидан; ҳаракат кардан.

**Чарб** – нарм, мулоим.

**Чашм бастан** – чашм пӯшидан; афсун кардан.

**Чашмзахм –** расидани чашми бад.

**Чорабрӯ** – киноя аз маҳбуби навхат, ки сабзаи лабаш нав пайдо шудааст.

## Ҷ

**Ҷабрайил** – ё Ҷабрил, ки ба суратҳои мухталиф дар фарҳангҳо омада. Аслан калимаи арабӣ ва ба маънии «марди Худо» аст. Дар фарҳангҳои арабӣ Ҷабрайил илова бар ин ки паёмгузори Худованд аст, гоҳе ба унвони фариштаи марг ва шоҳзодаи оташ ва тундар ҳам маъруф шудааст. Ҷабрайил бино ба ривоёт бо паямбарон иртибот дошт ва ҳомили ваҳйи Илоҳӣ буд. Ба Одам зироат ва тарзи истифода аз оҳанро омӯхт ва бисту як саҳифа бар ӯ нозил кард.

**Ҷаввола** – печ хӯрда ба ҳаво печидани оташ.

**Ҷайҳун** – дарёи Ому.

**Ҷам –** мухаффафи Ҷамшед. Дар устураҳои эрони-таборон ва ҳамосаҳо подшоҳи сулолаи Пешдодиён ва писари Таҳмурас мебошад. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ва Асадии Тӯсӣ дар «Гаршоспнома» подшоҳии ҳафтсадсолаи ӯро тасвир кардаанд. Ҷамшед ба одамон пӯшидани либосро аз матоъ ёд дод, давлатдориро асос гузошт ва табақаҳои ҷамъиятиро ба вуҷуд овард. Чун шуҳрати Ҷамшед афзуд Аҳриман ба дили ӯ ғурур ва худхоҳиро ҷой дод. Дар замони подшоҳии вай касе нафавтида буд ва

Ҷамшед худро Худо пиндошта, ба ҷазо гирифтор шуд. Бузургони кишвар ӯро аз тахт ронда, ба ҷояш Заҳҳокро хостанд. Заҳҳок ба тахти шоҳии Эрон нишаст ва Ҷамшеди гурезаро пайдо намуда кушт. Дар адабиёти форсии тоҷикӣ номи Ҷамшед ҳамчун шоҳи одилу раиятпарвар ва замони ҳукмронии ӯ чун аҳди заррин тасвир ёфтааст.

**Ҷарҳ** – ҷабр.

**Ҷоми Ҷам** – пиёлаи афсонавии Ҷамшед, ки гӯё аз даруни он тамоми ҷаҳон менамудааст. *Киноя аз* ҷоми май.

## Ш

**Шақ(қ)** – шикоф, дарз.

**Шамома** – бӯйи хуш; хушбӯйӣ, ки аз ягон чизи хушбӯй бӯйида мешавад.

**Шаранг** – ҳар чизи талх, заҳр.

**Шери шарза** – шери жаён; шери хашмгин ва зӯрманд.

**Ширин** – *ниг. ба* Хусрав.

**Шора** – дартдори бузурги нафис ва мунаққаши ҳиндӣ; чодаре, ки занони ҳиндӣ ба сар мекунанд.

**Шугун** – фоли нек.

## Ю

**Юсуф** – аз пайғамбарон ва писари Яъқуб пайғамбар(а), ки аз бародарони дигар назди падар азизтар буд ва шабе хоб дид, ки моҳу ситорагон дар баробараш ба саҷда афтодаанд ва онро барои падар ва бародарон нақл кард. Бародарон бар ӯ ҳасад бурданд ва ба чоҳ андохтанду ба падар бардурӯғ гуфтанд, ки Юсуфро гург хӯрд. Корвоние ӯро аз чоҳ халос карда, ба Миср бурд ва ба Азизи Миср фурӯхт. Минбаъд моҷарои Юсуф бо Зулайхо, вохӯрӣ бо бародарон дар қаҳтсол, огоҳии Яъқуб аз зинда будани Юсуф ва ғ., ки ин дар сураи дувоздаҳуми Қуръон – «Сураи Юсуф» ба таври мукаммал омадааст. Дар адабиёти форсии тоҷикӣ роҷеъ ба қиссаи Юсуф ва Зулайхо осори

манзуму мансури зиёде эҷод шудаанд, ки дар байни осори манзум достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Мавлавӣ Ҷомӣ аз беҳтаринҳост.

## Я

**Яди байзо** – *киноя аз* дасти муъҷизакори Мӯсои пайғамбар(а), ки гӯё агар дасти худро дар бағал карда берун барорад, мисли офтоб медурахшид; *киноя аз* дасти сафеди ёр.

**Ямин** – тарафи рост; муқобили тарафи чап.

**Ямон** – дурахшон, тобон.

**Яъқуб(а)** – падари Юсуф пайғамбар(а). Дар китоби Зайди Тӯсӣ «Тафсири сураи Юсуф» дар бораи Яъқуб пайғамбар(а) маълумоти зиёд ҷой дорад.

# МУНДАРИҶА

## АЗ ҒАЗАЛИЁТИ ТОЛИБИ ОМУЛӢ

**Булбули Омул** ....................................................5
Баски бар бистар гарон шуд ҷисми ғампарварди мо..............10
Худоё, бар сари ноз ор бо мо каҷкулоҳонро ..........................11
Баски вуболи халқ шуд нолаи дардноки мо ...........................12
Аз бода барфурӯз рухи шоҳидонаро .......................................13
Хор дар ҷайби гулистон фиканад гулхани мо........................14
Хизр ҳиммат талабад аз дили овораи мо ...............................15
Шӯри булбул медиҳад ёд аз қадаҳнӯшӣ маро........................16
Ба нигоҳе чу бисӯзанд бутон пайкари мо ...............................17
Шефта шав, дило, яке орази дилфурӯзро ...............................18
Гирад, ки зи гуфтор забони талаби мо....................................19
Бигзашт зи мо хандазанон сарвқади мо..................................20
Ай ишқ, гурез аз дили мо ..........................................................21
Ба тан бӯё кунад гулҳои тасвири ниҳолиро............................22
Ошиқи дардем, пас баред даворо ............................................23
Хӯ карда ба афғон дили беҳавсалаи мо ...................................24
Мастӣ зи кӯйи ишқ бурун мекашад маро ................................25
То чанд биковам дили ғампешаи худро...................................26
Бо чу ман шефтае кинаи афлок чаро? .....................................26
Беҳ, ки имшаб посбони дида созам хобро ..............................27
Ғуборе мерасад з-он раҳгузар, ай дида, ҷо бикшо..................28
Хуш дархур аст вақти саволу ҷавобҳо.....................................29
Ай ба сӯят ақлро андозҳо ..........................................................30
Сайри гулзори ҳавас ҳабси нафас бошад маро .......................31
Ку парешон булбуле, то ҳамнафас бошад маро......................32
Ай оби рух аз нахли қадат ҷилвагариро .................................33
Аз лаб нарафт мояи талхӣ фурӯ маро .....................................34
Дил ба завқи «Нағмаи Довуд» менолад маро..........................35
Мастона раҳи майкада тай мекунам имшаб...........................36
Дар оғӯшам гуле дӯшина ҷо дошт...........................................37

Манам, ки тоири шавқам баландпарвоз аст ........................... 39
Ошиқонро бар ҳарири ноз хуфтан расм нест .......................... 40
Зулфат чу пайи итоб бишкаст ................................................... 41
Ҳар насимеро, ки дар дил ёд зулфи ӯ гузашт .......................... 42
Бе ту базми шароб бенамак аст ............................................... 43
Баҳор омад, ки гардад ҷисму ҷон маст ..................................... 44
Ба ҷонам ҳасрати ҷонон фитода-ст ........................................... 45
Дар ҷаҳоне зодаам, к-он ҷо зи шодӣ ном нест .......................... 46
Зиндагони ишқи ӯро тан якеву ҷон сад аст ............................... 47
Гар бисоти ғам фурӯ чинам, дили ношод кист? ........................ 48
Туро то кор бо теғозмоист ....................................................... 49
Аз он ба майкадаам лаҳза-лаҳза оҳанг аст ............................... 50
Ҳар куҷо ашкест, саргардони домони ман аст .......................... 51
Дар води мо бахт мададгор кӣ дида-ст? ................................... 52
Ҷунун ба сафшиканӣ, ақл дар сафорист .................................. 53
Бозам рух аз пиёла чаман дар чаман шукуфт ........................... 54
Субҳам ба ғаму шом ба кулфат гузарон аст .............................. 55
Дар даври чарх ҷоми ҳарифон тиҳӣ чарост? ............................ 56
Чун насим аз дари гулзор гузаштему гузашт ............................ 57
Навгуле дорам, ки сад ойинарӯ ҳайрони ӯст ............................ 58
Гӯшаи чашми ту нозам, ки ҷаҳон дарҳам аз ӯст ....................... 59
Офият бор дар ин синаи ранҷур наёфт ..................................... 60
Чу гулро парда аз рухсор бархост ............................................. 61
Боз аз табассуме ҷигарам хун намуду рафт .............................. 62
Бозӣ махур, ки оби ҷаҳон ҷуз сароб нест .................................. 63
Зи чашмам то гули ҳасрат ба ҷӯш аст ....................................... 64
Ай даври фалак, қисмати шодиву ғам аз туст ........................... 65
Чист гуфтӣ ба дилам, ғайри таманнои ту чист? ........................ 66
Дард аст сазовори дили зору дигар ҳеч ..................................... 67
Нишот ҳечу тараб ҳечу ҷому соғар ҳеч ..................................... 68
Ай хуш он дил, ки ҳамоғӯши ҷароҳат бошад ............................ 69
Ғамҳои мо ба савту наво кам намешавад .................................. 69
Навбаҳор асту гул аз ҷайби ҳаво меҷӯшад ............................... 70
Дард ку, то ҳашаре бар сари дармон орад ................................. 71

Гоҳе, ки лабат чошнии роз фурӯшад....................................72
Баҳор омад, кунун айш аз ғами дерина мечӯшад ..................72
Ваҳ, чӣ бахт аст ин ки офат низ аз ман мерамад....................73
Дидам гули рӯйе, нигаҳам ранг баровард...............................74
Субҳ аз рухи ӯ туҳфа ба гулзор фиристод..............................75
Рафт ончунон ки гарди рикобаш касе надид...........................76
Пеш аз замони мову ту меҳру вафо набуд...............................77
Охир ба ишвае дили мо метавон харид ...................................78
Чун ба чаман ҷилваи мастона кард .........................................79
Ман парешонам, туро дарди парешонӣ мабод.......................80
Чун ғазаб ранги гулаш бар ёсамин меафканад.......................81
Ҳар узви танат соддатар аз узви дигар буд ...........................82
Зи мо эмин нишин, к-аз оташи мо гул намесӯзад..................83
Онӣ ту, ки субҳи талабат шом надорад .................................84
Сурмаи чашми сабо хоки сари кӯйи ту бод............................85
Худфурӯшон зи пайи гармии бозори худанд .........................86
Дил бе ту ба гулшан зи гулу бед гурезад................................87
Ҳар чӣ дидам, ҷуз лаби ширини ҷонон талх буд ....................88
Нест як дам, ки фалак қимати афзун накунад.........................89
Ту чун маҷлис фирӯзӣ, моҳи нав узалатгузин гардад ...........90
Офият ҷӯяд дилам, андешаи кораш кунед..............................90
Пас аз умре, ки он номеҳрбон бо ман даромезад...................91
Ҳусне, ки зи пай сад дили девона надорад ............................92
Шукр, к-аз зулмати андеша наҷотам доданд..........................92
Зи ҳасрат соғари ишрат ба дастам зор мегиряд .....................93
Шаби гузашта маро шамъи бахт равшан буд.........................94
Хору гул ҳар ду азизанд, ки аз як чamananд..........................95
Зиндонии савдоят бар сарви чаман хандад ............................96
Дар ин раҳ ҳар кӣ бинӣ, бо дили пурдад меояд .....................97
Тифли ишқам, гарму сӯзон чун шарорам зодаанд..................98
Вой, агар пири муғон раҳм ба ҳолам накунад........................99
Наменолам гар имшаб кор бар сад изтироб афтад ...............100
Дарё кашам, ба қатра лабам тар намешавад.........................101
Маро ба ваъдаи ҷаннат фиреб натвон дод ...........................102

Ба рақс он нозанин ҳар гаҳ қадам аз ноз бардорад.............. 103
Сунбули ҷаннату мӯйи ту зи як силсилаанд ........................ 104
Ёр ғофил зи кафам гавҳари имон заду бурд......................... 105
Боз товусхироме суйи мо меояд........................................... 106
Ҳар киро дил гашт раҳбар, дар ҷаҳон овора монд ............... 107
Боз мехоҳад гулобе бар рухи олам занад ............................ 108
Шароби айши мо аз рӯйи хубон соф кай гардад?................. 109
На ҳар тӯтӣ чу ман ширинкалому хушсухан гардад........... 110
Чу ишқ ояд, куҷо осори ақли зуфнун монад ....................... 111
Лаб шӯру нукта шӯру даҳан шӯру ханда шӯр ..................... 111
Шаб аз дил сӯйи гардун нолае кардам равон охир.............. 112
Шӯхчашмо, назар аз наргиси масташ бардор ...................... 113
Ҳаво хуш асту насими гул аз ҳаво хуштар.......................... 113
Маҳест дилбари ман, з-офтоб равшантар............................ 114
Файзи пиёла бахшад обу ҳавои Кашмир ............................. 115
Чӣ метозӣ шитобон умр, бепарво най охир! ....................... 116
Шаҳди лабаш, ки ҳаст зи ҷон бештар лазиз......................... 117
Роҳат ояд ба диёри дилу баргардад боз ............................... 118
Дар суханчинӣ чу тифлон табъро бадхӯ масоз .................... 119
Ба як дил оламе ғам дораму ғамгин наям ҳаргиз................. 120
З-он ғофилӣ, ки ишқ наварзидаӣ ҳанӯз ............................... 120
Чӣ дорӣ бо дилам, ай шаб, намо рӯз!................................... 121
Бирез гул ба гиребону май бинӯш имрӯз ............................ 122
Он қадар беҳуда гардидам, ки гардун гуфт: – Бас............... 123
Чу баргирад ба ноз он нозанин рақс .................................... 124
Биншин нафасе ҳамдами дил, маҳрами ҷон бош................. 125
Зи ғам сад неш дорам, дар ҷигар беш .................................. 126
Май ҳалол аст дар ин фасл, далерона бинӯш....................... 126
Мечамад он сарв, гулзор аз қафо меоядаш .......................... 127
На он мор аст зулфи ӯ, ки густохона гирандаш................... 128
Худ муштарии хешаму худ нархгари хеш .......................... 129
Меравад мастона, гӯё бурда пур паймонааш....................... 130
Карашма нозуку лаб нозуку сухан нозук ............................ 130
Чӣ ғофил хуфтаӣ, бархез, субҳ инак, шароб инак!.............. 131

Ай пеши чеҳраи ту арақнок рӯи гул......................................132
Риштаи меҳру муҳаббат нагсилам з-он дилгусил.................133
В-агар по дар салосил дорам аз ғам ......................................134
Як субҳдам аз айш суроғе нагирифтем..................................135
Сари осудагон ошуфтасомон аз ту мебинам .........................136
Мастам дигар он сон, ки сар аз по нашиносам .....................137
Шуд умру гуле аз чамани айш начидем ................................138
З-он чеҳра гул ба домани андеша мекунам ...........................139
Баландӣ нанги ҳиммат буда, ман бовар намекардам............140
Мо машрабиёни майпарстем .................................................141
Мо бо гули баҳор чу булбул нишастаем................................142
Гули рухсори ту рангаш ба қарор аст мудом ........................143
Ман, ки дар хун дасту пойи сайди бисмил мезанам.............144
Диле аз қайди ин вайронсаро вораста мехоҳам ....................145
Мо душманӣ ба мардуми олам накардаем ............................146
Чӣ хуш болидаӣ, ай нахл, бар болиданат нозам ..................147
Мо дар канори сабзаву сунбул нишастаем............................148
Ёди суҳбатҳо, ки бо ёрони якдил доштем .............................149
Дар ҳар саре чу нашъаи савдо нишастаем............................150
Чу шер ошуфтаам, бо чархи рӯбаҳбоз мекӯшам..................151
Аз ғам чу захмхурда паланге нишастаем..............................152
Ҳаргиз рухи ниёз ба сӯе накардаеам......................................153
Баски дар савдои ӯ худро парешон ёфтам............................154
Мо, булбулон лаб аз талаби ком бастаем .............................154
Мефурӯзӣ базми мо, ай ёр кам ..............................................155
Гоҳ-гоҳе, к-аз ҳуҷуми айш ёди ғам кунам............................155
Рӯзгоре шуд, ки аз ҷому сабӯ бебаҳраем..............................156
Куфр аст дар тариқати мо кина доштан................................156
Чу баҳори ҷилва резӣ ба чаман зи пои рангин.......................157
Ай шуълазори оразӣ ту гулситони ҳусн ...............................158
Шукуфтагӣ накунад навбар анҷуман бе ту ...........................158
То кай халад аз ғам ба дилам хори шикаста..........................159
Фитнаи сарву офати суманӣ ..................................................160
Ай дил, дари фиреб мазан, Аҳриман найӣ ...........................160

Ту ин аҳде, ки бо ман баста будӣ .......................................... 161
Завқи мастӣ ку, ки ҳар соат тиҳӣ созам хуме........................ 162
Лаб лаъл карда, хуни кӣ нӯшидаӣ, бигӯй? ............................ 163
Субҳ асту ҳавои маю ҳангомаи сабӯҳӣ .................................. 163
Ман он наям, ки шикаст оварам ба кори касе....................... 164
На рух зи Каъба, на аз Дайр менамоӣ ту ............................. 164

## АЗ ҒАЗАЛИЁТИ КАЛИМИ КОШОНӢ

**Шоири «хуштарош»-у «хушсадо»**...................................... 165
Фасли гулу рӯйи ту ҷавон сохт ҷаҳонро................................ 171
Дар ин чаман, чу гуле нашнавад фиғони маро ..................... 172
Лаб фурӯ бастам, зиён дорад забондонӣ маро..................... 173
Дар оташ ар фиканам тухми меҳрбониро............................. 174
Чашмат ба фусун баста ғазолони Хутанро............................ 175
Зи теғаш чок шуд дил, чун ниҳон созам ғами ӯро?............. 175
Бе ту аз гулшан чӣ ҳосил хотири афсурдаро ........................ 176
Дило, бар чашми тар неҳ остинро.......................................... 177
Иззате дигар бувад дар домани саҳро маро ......................... 178
Ҳеч дилсӯзе надонад чораи кори маро .................................. 179
Намебинад сарам чун шамъ шабҳо рӯйи болинро ............... 179
Дунболи ашк афтодаам, ҷӯям дили озурдаро ....................... 180
Ашки кавокиб нигар, чархи ғамандудро ............................... 181
Аз он теғе, ки оташ шуст ҷурми куштагонашро................... 181
Ба ҳар манзил фузун дидам зи ҳиҷрон зории дилро ............ 182
Гул дар ин гулшан куҷо дорад сари парвои мо .................... 183
Кӣ харидӣ зи ғами гардиши даврон моро?............................ 184
Ҳар кас ба қиблае кард рӯйи ниёзи худро............................. 184
Турки чашмат мекунад омоҷгаҳ меҳробро ........................... 185
Дӯш гум кардам зи беҳушӣ раҳи кошонаро.......................... 185
Шаҳиди он қади раъно васият кард ҳамдамро...................... 186
Аз он чашме, ки медонад забони безабониро ....................... 187
Чанд аз шарми ту бошад дар ниқоб ....................................... 188

То хонумони мо ҳама барбод дода об ..................................188
Касе, ки монда ба банди либос, зиндонист ...........................189
Навбаҳор омад, дигар дунё хушу дилҳо хуш аст...................189
На ҳамин савдои абрӯят маро девона сохт ............................190
Он сарви равон, то ба гулистон гузаре дошт.........................191
Дил пас аз тавфи Ҳарам бар дари майхона нишаст..............192
Ҳаргиз дилат нишони гузори вафо надошт............................193
Дар оташи ишқи маҳвашон рафт..........................................194
Дил зи новакҳои бедоди ту пайконро гирифт........................195
Абрро дидем, чун мо чашми гирёне надошт..........................196
Дил аз сари кӯйи ту агар пой кашида-ст...............................197
Сабрро аз даҳанат ҳавсала танг омадааст..............................198
Гардун дар оташ аз ҳасади ҷавҳари ман аст..........................199
Сардмеҳриҳои давронро талофӣ аз таб аст ...........................200
Якрангаму дар кӯйи дурангӣ-м ватан нест.............................201
Як шаҳр сангдил агар, як сахтҷон бас аст ............................202
Дил, ки чун наргиси мастат ба шароб афтода-ст ..................203
Ҷилваи печу хам аз мӯйи камар хоҳад рафт...........................204
Субҳи шукуфтагӣ зи шафақ камбаҳотар аст .........................205
Пирӣ расиду мавсими табъи ҷавон гузашт............................206
Дари сад захми ҷафо з-он мижжа бар дил боз аст ................207
Нахли уммед зи бор афтода-ст ..............................................208
Рӯзӣ талаб макун, ту чӣ донӣ, ки он куҷост? .......................209
З-ин чаман ошиқ зи нахли айш ҳаргиз бар надошт ..............209
Он ёр гузин, ки хашмгин нест ...............................................210
Кӯҳкан таълими хоро суфтан аз устод дошт.........................210
Дилам бо чашми тар якранг аз он аст ...................................211
Манам, ки тангдилӣ боғи дилкушои ман аст .......................211
Ба коме хоҳиши мо мубтало нест...........................................212
Зулфи ту, ки тифлони ҳавасро шаби ид аст..........................213
Имшаб гули хуршед ба домони нигоҳ аст.............................213
То ба номи ман забони хомаат гардидаааст...........................214
Тавба кардам, мастӣ аз чашми бутон афтодааст...................215
Чу сохт чашми ту корам, нуҳуфта дидан чист? ...................216

Боғу роғи мани хунинҷигар аст ............................................ 217
Чашми ҳар кас гар ба ёри моҳсимо равшан аст ................... 218
Дигар баҳор чаманро чӣ дилкушо карда-ст ......................... 218
Дида чашми майпарасте дидааст .......................................... 219
Имсол навбаҳор қадам пештар гузошт ................................. 220
Дар тариқи худнамоӣ шеваи дилхоҳ нест ............................ 221
Оқил сипари захми забон гӯши гарон ёфт ........................... 221
Даҷлаи ашк аз баҳори шавқ туғён кардааст .......................... 222
Ҳар кас ба ту, дилрабо, нишинад ........................................... 223
Мутрибе ку, ки ба хуршеди рухаш ноз кунад ...................... 224
Аз ғаме шиква макун, то ғами дигар надиҳанд .................... 225
Абр то барҷост ёрон, бода дар соғар кунед ........................... 226
Халқро дидӣ, дигар хорӣ чаро бояд кашид? .......................... 227
Ба ҳоли бад дил аз чашми тар афтод ..................................... 228
Дил на аз ӯст на зи мо, ёр чу бениқоб шуд ............................ 229
Даст аз соғари уммед кашидан дорад .................................... 230
Сарфароз он сар, ки фориғ аз ғами сомон шавад ................ 231
Дил, ки чандин оҳ аз ҷон мекашад ......................................... 232
Чанд навмед зи кӯйи ту дили зор ояд ................................... 233
Гар сарви қадат ҷилва ба бустон нафурӯшад ....................... 233
Ай дил, чу рози дӯст нахоҳӣ самар шавад ............................ 234
Гар сели фитна хезад, дилро чӣ мушкил афтад ................... 235
З-он чашм надидам, ки нигоҳе ба ман афтад ........................ 235
Нест як шаб, ки сиришкам гули бистар нашавад ................. 236
Дил таманнои дарди ӯ дорад .................................................. 237
Гул агар бо лаби лаъли ту баробар мешуд ............................ 237
Ба дилам ин ҳама пайкони ситам бор набуд ......................... 238
Дар ин гулшан зи бадхӯйӣ гул аз оби равон ранҷад ........... 239
Майхона чу ман ринди накӯном надорад .............................. 239
Чанд дил талхии ғамро шакаристон дорад ........................... 240
Майошоми ғамат паймонаву соғар намедорад ..................... 241
Захмҳои шона аз зулфат фароҳам мешавад .......................... 241
Айём хушдилӣ ба ситамгор медиҳад ...................................... 242
Дасти машшота агар зулфи туро тоб диҳад ......................... 243

На зи май ҳар ҷо тунукзарфе, ки буд, аз по фитод ..............243
Гарам осуда даврон мегузорад ..............................................244
Гар ба таҳрири ситам номаи ҳиҷрон ояд ...............................245
Ҳадисат номаро таъвизи ҷон шуд ..........................................245
Баски ҳарфи қоматат вирди дили девона шуд ........................246
Дорад агар сафое, дил аз шароб дорад...................................247
Хаёли гулшани рӯят ба дил гузор накард................................247
Ҷуз ба май ҳеч дил аз банди ғам озод нашуд .........................248
Вақте, ки бори ҳастӣ чизе ба ҷо намонад ..............................249
Дасти ҳуснат панҷаи хуршеди тобон мебарад .........................249
Риёзи мулкро дигар баҳори дилкушо омад ............................250
Дилам ба мулки қаноат нишон намедонад..............................251
Диле дорам, к-аз ӯ дилҳо бисӯзад ..........................................252
Кай он сайёди бепарво пайи нахчир мегардад.........................252
Кай бувад саргаштагиҳоро дил аз сар во кунад ......................253
Агарчи нахли ҳунарро самар намебошад ................................253
Он раҳравон, ки дар паси зону сафар кунанд..........................254
Бути паймоншикан дам аз вафо зад .......................................255
Шуълаи оташи ҳусни ту чу боло гирад ..................................255
На дар ин гулшан гуле аз ошноӣ бӯ диҳад ..............................256
Мурғи дилам, ки равшан аз ӯ чашми дом буд..........................257
Ай хуш он дам, ки дилат аз сари кин бархезад.........................257
Кай таманнои ту аз хотири ношод равад .................................258
Хуш он замон, ки итобат баҳонасоз набуд ..............................259
Кашиши ӯст, ки моро ба сари кор барад..................................259
Даврон зи кори баста агар укда во кунад ...............................260
Иқлими дил ба зӯр мусаххар намешавад.................................261
Зи тозашохи гуле хонаам гулистон буд ..................................261
Нагӯямат, ки дил аз ҳосили ҷаҳон бардор ..............................262
Чашми ҷодуи ту дар дилҷӯйии аҳли ниёз.................................263
Ниҳоли ишқ, ки баргаш ғам асту бор афсӯс............................263
Чун ашки парешон сафареро чӣ кунад кас?!...........................264
Дидаро кардӣ сафед, аз интизори мо мапурс .........................265
Кӣ дил бар ҷо тавонад дошт пеши чашми шаҳлояш? ..........265

Набвад аҷаб, ки бошад саргашта сад ҳазораш ......................266
Ба хона чанд нишинӣ, саре ба бустон каш ..........................267
Бӯйи кин ҳаргиз касе нашнида аз обу гилам........................267
Дурам аз фитна, ки дар сояи мижгони туам .........................268
Ҳар оҳи ҳасрате, ки ба танҳо кашидаам ..............................269
Ашк ғаммоз аст, хун дар гиря дохил кардаам .......................269
Ба даври хеш зи мино ҳисор мехоҳам.................................270
Оташи деги ҳавас аз дили сӯзон гирам................................270
Дасту дил тангу ҷаҳон танг, Худоё, чӣ кунам?.....................271
Беҷавҳарему даст зи шамшер мебарем................................272
Дӯш дар хоб чу он турраи печон дидам ..............................272
Ман ки дур аз ватанам, айш таманно накунам ......................273
Умрест, ки як мастии саршор надидам................................274
Фурсате ку, ки давои дили ранҷур кунем?! .........................275
Боғбон бемеҳру мо дар асл нахли бебарем ..........................275
Ҳам ҷафои дӯстон, ҳам ҷаври душман мекашам.....................276
Ҳама покони баҳру бар дидам ...........................................277
Дар дастгоҳи муҳташамон по намехурем .............................277
Аз дасти даҳр меҳнати бисёр мекашам ................................278
Бар раги дил гоҳ нохун, гоҳ наштар мезанам .......................279
Ку ҳиммате, ки аз ҳама қатъи назар кунем! ..........................279
Боз ид омад, бағалгирӣ ба мино мекунам ............................280
Мӯшикофиҳо дар он андоми зебо кардаам ...........................281
На сазовори Ҳарам, на лоиқи Бутхонаам .............................281
Толеъи ворун бар он баргаштамижгон бастаем ....................282
Остини гиряро гоҳе, ки боло мезанам .................................283
Гавҳари тоҷам, ки дар дасти гадо афтодаам .........................283
Хокнишинист сулаймониям ..............................................284
Ҳаргиз ошуфта зи бадгардии даврон нашудам.......................285
Ашкрезон дар ғамат чун рӯ ба ҳомун мекунам ....................285
Дило магӯй, ки нагрифт ҳеч кас хабарам .............................286
Меравем аз худ, биё дар анҷуман танҳо нишин ....................287
Сафар некӯст, аммо на зи кӯйи дилситон рафтан .................287
На ҳамин мерамад он навгули хандон аз ман ........................288

Ай сабо, ин дили садчок ба ҷонон бирасон..........................288
Шаби ид аст, мебояд дари майхона во кардан.......................289
Ба яғмо бурд дину дил, ки дастандози ноз аст ин.................290
Бартар аз хуршед шуд кори сухан.........................................290
Ҳусн агар ин аст носеҳ, ҳамчу мо хоҳад шудан.....................291
Чист корам? Захми корӣ ҳар замон бардоштан ....................292
На гул шиносаму на боғу бӯстон бе ту .................................292
Ай кош, сад дил бошадам, ай ҷону дил қурбони ту ............293
Омад баҳору лашкари гул дар рикоби ӯ ...............................294
Зи хиҷлат то дили моро шикаста..........................................294
З-ошуфтагии ҳолам рабт аз сухан бурида .............................295
Наншистани нақши умед, аз нақши бад бисёр беҳ...............296
Асову раъшае дар даст аз пирӣ ба мо монда........................296
Ай дил, ба санглохи ҳавасҳо қадам манеҳ............................297
Ҳавои сайри гулшан мондаасту болу пар рафта...................298
Ҷунун то ба доди асирон расида............................................298
Ту зи рӯйи меҳрбонӣ ба миён магар дарой ...........................299
Зи базме барнамехезад суруди нағмапардозе .......................300
Чӣ некӯ гуфт бо гарданкаше, сардаргиребоне ......................300
Зи теғи ту бар дил дари ошноӣ .............................................301
Сад ранг нола дорад бемори зиндагонӣ................................302
Фузун аз сабри Айюб аст, тоби меҳнати дурӣ......................302
Макун аз талхкомон шиква, гар ширинсухан бошӣ............303
Ҳар дам аз хештан оҳанги рамидан дорӣ .............................304

## АЗ ҒАЗАЛИЁТИ ШАВКАТИ БУХОРОӢ

**Сухангустари нозукдил ва ворастатабиат**........................305
Ба ҳоли худ қаноат гиряи дигар бувад моро .........................310
Ҷамъ гардонад Худо хоби парешони маро............................311
Фурӯзон кард нармӣ шуълаи афсонаи моро.........................311
Девона карда баски ҳавоят баҳорро ......................................312
Шунидаанд бутони Яман каломи маро..................................312
Рамиданҳои ман аз шаҳр чун берун занад худро.................313

Надорам имтиёз аз содагӣ аз дӯст душманро ........................ 313
Мусаххар кардаанд аҳли чунун иқлими ҳомунро ................ 314
Махур баҳри Худо, ай шайх, хуни майпарастонро ............. 315
Гарди хомӯшӣ нагардад пардапӯши рози мо......................... 315
Фузун гашт аз саводи хат фурӯғи ҳусн ҷононро ................. 316
Ҳусн чун орад ба мавҷи ноз баҳри нурро.............................. 316
Бахти бад хоҳад зи душман хуни мо...................................... 317
Чунон дур аз ту дорам базми ранги нотавониҳо .................. 318
Гарчи кунад хаёли хом табъи хирадфузуни мо ..................... 318
Ай зи оби лаъл лабрез аз лабат паймонаҳо ............................ 319
Имшаб аз ҷӯши ҷунун файзи дигар буд маро ....................... 320
Аз бода ранг кардам симои коғазиро...................................... 320
Дуои хоксорон мекунад имдод шоҳонро .............................. 321
Қатъи сухан бувад зи хамӯшӣ баёни мо................................. 322
Хонаи дил, ки шуд аз рӯйи ту равшан ин ҷо......................... 323
Ба ҳар кас во макун банд аз забони арзи матлабҳо ............. 323
Фалак тоқат намеорад нигоҳи гарми мардонро..................... 324
То бахти сияҳ сояфиган шуд ба сари мо ............................... 325
Баски беоромии дил мебарад аз ҷо маро ............................... 325
Ҳазор ранг кунад хоб гул зи бистраи мо ............................... 326
Пур шуд зи заъфи толеъ азбаски маскани мо ...................... 327
Бӯрё бошад гулистон марди узлатгирро................................ 327
Софтинат кай тавонад кард пинҳон розро?........................... 328
Пурваҳшат аст баски дили хоксори мо ................................. 329
Базми ишқ аст, бувад бодаи дигар ин ҷо ............................... 330
Зи саҳро машқи ваҳшат шуд фузун чашми сиёҳашро ......... 330
Надидам баски аз шӯхӣ саманди пуршитобашро................. 331
Бе лабат паймонаҳоро талх бошад комҳо.............................. 332
Берун нарафта ҳайрати мо аз ғубори мо ............................... 333
Ҳанӯз зинда бувад номи мо зи шуҳрати мо ......................... 334
Ҳар ғазал як гулбун аз боғи хирад бошад маро..................... 335
Осмон баргашт аз таҷриди рӯзафзуни мо ............................. 335
Ба доми ҳалқаи аҳбоб бастаанд маро...................................... 336
Дорам аз ёди рухат такя ба насрин имшаб............................ 336

Зи бас гардид об аз ҷӯши ваҳшат пайкарам имшаб.............337
Аз рухат баски арақ сар задааст ............................................338
Саҳро зи лола ғарқ ба гирдоби хуни мост ..............................338
Саҳро тиҳӣ зи водии паймудаи ман аст....................................339
Бе ту ҷомам ба бода дар ҷанг аст............................................339
Вусъати майхонаи ман аз дили танги худ аст ..........................340
Зи савдои сари зулфе зи бас ошуфта шуд оҳат .......................340
Баски рангам зард аз ҳаҷри рухи он бевафост ........................341
Аз баҳори кунҷи хилват медамад бӯйи биҳишт .......................341
Сари мо пур зи нашъаи савдост...............................................342
Бетааллуқ чу шавӣ, хори муғелон чаман аст............................342
Хомушӣ нозукдилонро пардапӯши роз нест............................343
Дилдӯзи нигоҳи ту зи мижгони сиёҳ аст .................................344
Зи оби дидаи ман баски гулситон сабз аст ...............................345
Пеши мо фикри сухан сайри гулистон кардан аст .................346
Дар шоми ғами хеш маро субҳи умед аст.................................347
Ҳавои Дайру Ҳарам нашъаи мудоми ман аст .........................348
Ба шаҳри мо ҳунаре ғайри хомушӣ нанг аст...........................349
Бода иксири ҷоми маҷлиси мост ..............................................350
Маро чӣ мезанӣ, ай боғбон, ба чашм ангушт.........................350
Ҳарфе зи дасти ранги ту, номеҳрбон, гузашт.........................351
Зоҳид, ба сарат ҳавои мул нест...............................................352
Нолаам хасми андалебон аст ...................................................352
Рафтанам сӯйи ту аз худ мушкил аст......................................353
Ба боғ бе рухи соқӣ макаш пиёла абас....................................354
Карда аз тардастии худ гиряам таъмири мавҷ .......................354
Азбаски шудам маҳви сафои бадани субҳ...............................355
Соқӣ, биё, ки домани гул шуд канори шох ............................355
Сабукгулгунқабоям чун пайи рафтан зи ҷо хезад .................356
Нуктаи шӯхи ту маст аз майи ором бувад ..............................357
Вақти он кас хуш, ки худро дар хами кокул кашид .............357
Аз базми бода баски сафо мавҷ мезанад..................................358
Баҳори нашъаи май ғунча шуд, он лаъли майгун шуд.........358
Хуррам касе, ки соғари ваҳдат ба сар кашид .........................359

Аз хадангаш нишон ба худ болад ........................................ 360
Тамошо хатти хубони нигоҳамро парешон кард................. 360
Аз нигоҳ ин шӯхчашмон бодаро хун кардаанд.................... 361
Булбулеро, ки дил аз ёди қафас шод бувад.......................... 361
Хирад осуда аз базми муҳаббат барнамегардад .................. 362
Мавҷи сунбул ба парешонии мо механдад ........................... 362
Бар ҳар гулшан, ки он сарви баландиқбол меояд................ 363
Бе ту имшаб соғари май пуршароби нола буд...................... 363
Куҷо аз модари айём осоиш ҳавас бошад?.......................... 364
Кай тавон аз ҳарфи сарди душманон осуда шуд ................. 364
То ба кай хубон ба ҳоли мо тағолуф сар кунед .................. 365
Девони чунин рахнаи тадбир надорад.................................. 366
Касе имшаб ба болини мани бетоб меояд ............................ 367
З-ойина акси ӯ чу шарар мавҷ мезанад................................. 368
Мастон зи гӯш пунбаи ғафлат кашидаанд ........................... 369
Гар нишоне аз шикор он турки бадхӯ мебарад..................... 370
Дил зи дасти ту шаробе натавонист кашид........................... 370
Хушнигоҳе боз мехоҳам назарбозам кунад ......................... 371
Гули соғар ба базмам ғунчаи дилтанг мегардад.................. 371
Мардумак з-оташи ҳусни ту шакар мегардад ...................... 372
Бе лаби ҷонон бинои дил харобӣ мекунад ........................... 372
Мурғи фиғонам аз ғами матлуб мепарад............................. 373
Чу афрӯзӣ ба боғ аз бода, шамъи арғувон мирад ................ 373
Назокат шеваи килки баҳорафшони ман бошад................... 374
Табъи мастон аз шароби ноб равшан мешавад..................... 374
Дӯшам аз ҳайрат хамӯшӣ душмани фарёд буд .................... 375
Аз тааллуқ бастагӣ дар кор пайдо мешавад ......................... 375
Дар он дарё, ки акси ман ба мавҷи изтироб ояд .................. 376
Ба ҳар саҳро, ки бод он турраи анбарфишон гирад............. 377
Дар он саҳро, ки ваҳшат раҳравонро роҳбар бошад ............ 377
Шаҳди лабаш, ки ҳаст зи ҷон бештар лазиз .......................... 378
Лабаш зи ханда суханпеша мешавад охир ........................... 378
Ай нишони поят аз чашми ғизолон шӯхтар ......................... 379
Майпарастам, мағзи ман аз нашъаи саҳбост пур................. 379

Лабам зи ҳарфи лаби ӯст боданӯш ҳанӯз....................................380
Мекунад навгули ошуфта нигоҳам, ки мапурс ......................380
Ойинахонаи назари поки хеш бош...........................................381
Бувад хандидани гул булбули чоки гиребонаш.....................381
Боз дорад имшабам ҳар мӯй чун парвона рақс .....................382
Шер рам мекунад аз шӯриши девонаи ишқ.............................382
Медавад бода ба сад ҷилваи мастона зи ток .........................382
То оҳувона шӯхии чашми ту дидаам ......................................383
Зи худ то рафтам, аз заъфи бадан тадбирҳо кардам .............384
Тасарруф чун кунад душман ба обу ранги ашъорам............384
Даҳон аз гуфтугӯ бастам, шикоят мухтасар кардам .............385
Шуълаи ҷавволарангам, хоксорат гаштаам...........................385
Чунон зи шавқи талаб гарми рафтани роҳам .........................386
Шишаро машшотаи рухсори тақвӣ мекунам .........................386
То тавонам аз пайи ӯ меравам .................................................387
Боз хоки раҳгузар гардидаам ..................................................387
Доим аз марҳам гурезон аст доғи синаам..............................388
Имшаб, ки ба ёдаш майи гулфом кашидам ...........................388
Бе туам хун бувад майи гулфом .............................................389
Саводи Ҳиндро майхонаи андеша медонам ..........................389
Ёр аст ба ҳар масҷиду майхона, ки рафтам ...........................390
Суханро қатъ кардан омад аз теғи забони ман......................390
Ба гулшан бе ту бошад шабнаме санги аёғи ман ..................391
Нагардад аз гули уммед рангин шохсори ман .......................391
Хуни дил аз дидаам мастона меояд бурун.............................392
Гиряи мо аз дили бетоб меояд бурун .....................................392
Гар саҳар он гул ба гулгашти чаман ояд бурун ....................393
Куҷо аз сурмадон миннат кашад чашми сиёҳи ӯ ..................394
То каям мижгони чашми доғ бошад тири ӯ...........................395
Чунон шуд пардаҳои гӯши ман соф аз барои ӯ.....................396
Ай китоби хушнигоҳон пур зи ҳарфи нози ту .......................396
Ман нагӯям, ки сафар кун зи худу танҳо рав ........................397

## АЗ ҒАЗАЛИЁТИ ҒАНИИ КАШМИРӢ

**Ғанӣ доди сухан дода** ........ 398
Ҷунунӣ ку, ки аз қайди хирад берун кашам поро?! ........ 404
Маёр, ай бахт, бахри ғарқи мо дар шӯр дарёро ........ 404
Тиҳӣ кун, ай дил, аз парвардаи худ зуд паҳлуро ........ 405
Тавонад сурате додан хаёлӣ он парирӯро ........ 405
Гуфтугӯ якранг набвад ғофилу ҳушёрро ........ 406
Бар замин пайваста мебинем зулфи ёрро ........ 406
Гармрӯ монанди шамсам баски дар роҳи фано ........ 407
Ба чашмам обу ранге нест хони подшоҳонро ........ 407
Ба резиш зери бори худ даровар соддалавҳонро ........ 408
Даме, ки ёр гузорад қадам ба хонаи мо ........ 408
Дар маърака сад захм расад гар ба тани мо ........ 409
Чашми мо равшан шуд аз хоки дари майхонаҳо ........ 409
Мо – булбулон баланд насозем хонаро ........ 410
Шуд хатм бар ҳадиси ту охир баёни мо ........ 410
Зи нақши пойи ту гулҳо шукуфт қолиро ........ 411
Ҷонро ба кӯйи дӯст равон мекунем мо ........ 411
Дар умр бас бувад дами сарде ғизои мо ........ 411
Ҳоҷат аз ҳад чу равад, даст диҳад истиғно ........ 412
Фурӯғи шуълаи идрок дар пирист кам пайдо ........ 413
Нашъаи побӯси худ з-ин пеш бигзор обро ........ 413
Шаб, ки созад ғами оғӯши ту бетоб маро ........ 414
Намояд ҳикматаш чун дар зиёбахшӣ яди байзо ........ 414
Тан сохта побанд дар ин марҳила ҷонро ........ 415
Ҳар кӣ побанди ватан шуд, мекашад озорҳо ........ 415
Соқӣ, ба ҷом рез майи португолро ........ 416
Мағзи сарҳо мехурад чун мори Заҳҳок аз ҷафо ........ 416
Рӯзу шаб азбас замингирам зи дарди дасту по ........ 417
Аз шарми тавба дар арақам, ку шароби ноб? ........ 418
Одаме хокӣ зи хомӣ дорад аз май иҷтиноб ........ 418
Ҳар раги гул риштае бошад ба пои андалеб ........ 419
Сарномаи мактуби ту сарриштаи кин аст ........ 420

Магар бо сурмаат чашм ошноест ........................................420
Пир шуд зоҳиду аз рози дарун бехабар аст ..........................421
То сурмадон сиёҳии чашми ту дидааст ................................422
Болиши хубони дигар аз пар аст .........................................422
Не чашми масти ӯ ба шакар хоб рафтааст ...........................423
Маънии соф, ки дар қобили алфози бад аст ........................423
Мӯйи сар кардам сафед, аммо хаёлат дар сар аст................423
Дар намакзори саводи Ҳинд шодобӣ кам аст.......................424
То кори ту бедории шабҳои дароз аст .................................425
Чун остин ҳамеша ҷабинам зи чин пур аст ..........................425
Баски монанди камон пайкарам аз пирӣ кост .......................426
Ба сони осиё дар нафъи ман нафъи ҷаҳон бошад ................426
Лаби лаълат чу муқобил ба майи ноб шавад.........................427
Кори гираҳкушо нашавад дар замона банд ..........................427
То ба саҳро ҳар тараф равшан чароғи лола шуд ..................428
Шукронаи тире, ки гузар аз дилу ҷон кард ..........................428
Зинда дар гӯр агар гардиши афлок кунад.............................429
Ҳаст аз силсилаи хокнишонон шамшод ...............................429
Чу мурғи дил ба бустон бе ту дар парвоз меояд ..................430
Булбули шӯхи маро ром насозад сайёд................................430
Маънии байзаи фӯлод маро равшан кард .............................431
Рухи зарди ман он чашми сияҳро дар назар бошад.............431
Ба роҳи шавқи ту, ай офтоби оламгир .................................432
Ҳар кӣ кард аз дузабонӣ дили мардум афгор.......................432
Мезанад пайваста дам аз ихтилоти зулфи ёр .......................433
Дар мизоҷи хушки зоҳид баски афюн кард кор ...................433
Муддаъӣ гар лофи ҷавҳар зад, надорад эътибор..................434
Аз молдор кисаи холист ёдгор............................................434
Ба маҷлисе, ки бувад бода аз лаби дилдор ..........................435
Баски натвонам зи заъфи тан қадам зад пешу пас ...............435
Баски пастиву баландӣ шуд зи шеърам бартараф................435
Нишони ҳарзагардӣ зоҳир аст аз тарзи рафторам ................436
Сӯзи дови дили мо дафъ нашуд аз марҳам...........................437
Ёр дар базм омаду мо аз ҳаё бархостем ...............................438

На дори охират, не дори дунё дар назар дорам ....................438
Сар ҳамчу тори сабҳа ба сад дар кашидаем ..........................439
Хилвате дар анҷуман дорам, ки чун мӯйи миён ...................440
Гар чароғи ҳусни ӯ равшан шавад дар анҷуман ...................441
Кушоди кори худ натвон тамаъ аз ошно кардан ..................441
Шуд савору доман аз дастам кашид он нозанин ..................442
Ҳаргиз шукуфтагӣ накунад рӯ ба сӯйи ман ..........................442
Шаб, ки ахтар шумарад то ба саҳар дидаи ман ....................443
Силӣ нахурӣ то зи кафи аҳли замона....................................443
Ба гулшан бе ту абри дидаи мо рехт бороне .........................444
Магар суда ҷабини хеш бар хоки раҳи кӯе ...........................444
Ёр дар чашми ману равшан аз ӯ анҷумане............................445
Ҳаст аз хор магар домани саҳро холӣ...................................445
Ҳар гоҳ чу сӯзан биниҳам рӯй ба роҳе .................................445

**Луғот ва тавзеҳот** ..................................................................446

**«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 36**

**Толиби Омулӣ, Калими Кошонӣ,**
**Шавкати Бухороӣ, Ғании Кашмирӣ**

**ЧАҲОРБОҒИ ҒАЗАЛ**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *Рухшона Ализода*

Ба матбаа 30.07.2018 супурда шуд.
Чопаш 07.07.2018 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.